ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Талбак Назаров
Абдунабӣ Сатторзода

ДИПЛОМАТИЯИ МУОСИРИ ТОҶИК

FRIEDRICH EBERT STIFTUNG
ФОНДИ БА НОМИ ФРИДРИХ ЭБЕРТ ДАР ҶТ

ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФОНДИ БА НОМИ ФРИДРИХ ЭБЕРТ
ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Талбак НАЗАРОВ
Абдунабӣ САТТОРЗОДА

Дипломатияи муосири тоҷик

(Ба шарафи 15-умин солгарди
истиқлолияти давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Душанбе
"ИРФОН"
2006

ББК 10.5+13
К-61

Муҳаррири масъул: Р.Ҷ.Ҳайдаров,
номзади илмҳои фалсафа

Муҳаррир: Ҷ.Шарифов

Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода
К-61 Дипломатияи муосири тоҷик, Душанбе, Ирфон, 2006, 224 саҳ.

Дар ин китоб ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти дипломатияи муосири тоҷик баррасӣ шудаанд.

Муаллифон раванди ташаккули дипломатияи миллии тоҷик, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар марҳилаи ҳозира таҳти мулоҳизаи худ қарор доданд.

Нашрия барои мутахассисон ва доираи гуногуни хонандагон пешбинӣ шудааст.

К $\frac{0801000000\text{-}104}{\text{М 501(12)-2006}}$ - 2006 ББК 10.5+13

ISBN 5-667-01492-9

Ин китоб бо маблағгузории Фонди ба номи Фридрих Эберт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

© Т.Назаров, А.Сатторзода, 2006
© ВКХ ҶТ,2006
© Фонди ба номи Фридрих Эберт, 2006

«Баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ дар сиёсати хориҷии мо марҳилаи нав оғоз ёфт. Ҳоло раванди ташаккули самтҳои асосии он идома дорад».

«Дарҳои Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ба рӯйи ҷаҳониён боз аст».

(Эмомалӣ Раҳмонов,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

МУҚАДДИМА

Агарчи истилоҳи «дипломатия», тавре ки маълум аст, бори аввал соли 1645 дар Британияи Кабир истифода шуда буд, дипломатияи тоҷик таърихи хеле қадимтар аз онро дорад. Бо назардошти он ки пайдоиши дипломатия ба сифати «илм дар бораи муносибатҳои мутақобилаи давлатмардон ва давлатҳо» (В.Дал) ба пайдоиши давлату давлатдорӣ вобастагӣ дорад ва таърихшиносон пайдоиши нахустин давлатҳоро дар сарзамини мо ба асрҳои IX-VII пеш аз милод нисбат медиҳанд[1], метавон гуфт, ки дипломатияи тоҷик таърихи беш аз 3000 соларо соҳиб мебошад. Қадимӣ будани дипломатия дар кишварҳои шарқӣ падидаи эътироф гардидааст. Бино бар навиштаи В.И.Попов, муаллифи китоби пуразриши «Дипломатияи муосир. Назария ва амалия», сею ним ҳазор сол пеш аз ин дар Миср шартномаҳои байналмилалиро бо мутобиқати комил ба меъёрҳои ҳунари дипломатии наздик ба замони мо ба имзо мерасонидаанд, ки аз сатҳи баланди он гувоҳӣ медиҳад. Дипломатия дар Ҳиндустон аз он ҳам қадимтар ва пешрафтатар будааст[2]. Бо вуҷуди он гӯиё, бино ба гуфтаи ин донишманди русӣ, «дипломатияи кишварҳои Осиё ва Африқо ба иллати канда будани Шарқ аз Ғарб ба дипломатияи умумидунёӣ таъсири зиёд нарасондааст. Аммо дипломатияи Юнон, Рум ва баъд Византия дигар аст»[3]. Ин иштибоҳи маҳз мебошад. Зеро ба исбот расидааст, ки «одоб ва русуме, ки дар Аврупо барои фиристодан ва пазируфтани сафирон муроҷьот мешавад, «ғолибан аз русум ва ташрифоти рӯзгори импротурии Рум иқтибос шуда буд», ки дар навбати худ «он русуми маъмули импротурии Рум дар асл иқтибос аз ойини сафорати мутадовул дар Эрони қадим будааст»[4].

Донишмандоне, ки таърихи пайдоиши муносибатҳои дипломатиро ба давраи пайдоиши қабилаҳои одамӣ, ба асри сангин (неолит) нисбат медиҳанд, таърихи дипломатияи тоҷикро на кам аз 6000 донистаанд. Академик Н.Неъматов соҳиби рисолаи «Консептсияи таърихи дипло-

1 Б.Ғафуров. Тоҷикон. – Д., 1998, с. 89.
2 В.И.Попов. Современная дипломатия. Теория и практика. – М., 2000, с. 17-18.
3 Асари зикршуда, с.18.
4 Диплумосии амалӣ ва ташрифоти диплумотик. Ҷилди аввал. Гуфторе дар бораи диплумосӣ ва равобити диплумотик. – Теҳрон, 1373, с. 30.

матияи халқи тоҷик» (2004) аз ҷумлаи онҳост. Вай ба хулосае омадааст, ки аз қарни VI то мелод то садаи VI пас аз мелод дар замони мавҷудияти давлатҳои ҳахоманишиҳову Аршакидиён, Кӯшониёну Сомониён, Суғдиёну Тахористониён дипломатияи форсии тоҷикӣ ба пуррагӣ ташаккул ёфта буд.

Дар хусуси он ки дипломатияи тоҷик, дарвоқеъ, таърихи қадим дошта, дар гузашта хеле инкишоф ёфта буд, санади мӯътамади дигар он аст, ки дар байни девонҳои (вазоратхонаҳои) маъмули давлати Сомониён девони махсусе бо номи «Девони амидулмулк ё расоил ва иншо» буд, ки бо муносибатҳои дипломатӣ ва мукотиботи муҳимми давлатӣ машғул буд[1].

Низомулмулк дар «Сиёсатнома» (а.XI) фасли ҷудогонаеро бо номи «Андар маънии аҳволи расулон ва тартиби кори эшон» ба баёни масъалаҳои назарии дипломатия бахшидааст. Мулоҳизаҳои ӯ дар бораи расулон, ки дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ аз онҳо ҳамчунин бо номҳои «фиристода» ё «фиристодагон» ёд оварда мешавад, шахсият ва тартиби кори онҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки институти расулон (фиристодагон) дар дипломатияи тоҷик дар гузашта хеле маъмул буда, ҷанбаҳои амалӣ ва назарии он ба таври мушаххас танзим гардида будаанд.

Ин чизро муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ, таърихномаҳо низ тасдиқ мекунанд, монанди «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ (а.X), «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (а.X), «Таърихи Яминӣ» (а.X-XI), «Таърихи Гардезӣ» (а.XI), «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд (а.XV) ва ғ. Барои мисол, дар дипломатияи тоҷик дар асрҳои миёна муқаррар гардида будааст, ки аз омадану рафтани расулон тарафҳо якдигарро пешакӣ хабар медодаанд, то «бар ғафлат ва хор доштан корҳо»[2] нашаванд. Аз ҷумла гумоштагони сарҳад вазифадор буданд, ки аз «кисту аз куҷо меояд»[3]-и расулон маҷомоти кишвари худро огоҳ намоянд ва одами мӯътабареро ба онҳо вобаста кунанд, то онҳоро ба «шаҳри маъруф бирасонад, ба он ҷо бисупорад ва аз он ҷо гумоштагони

1 Н.Негматов. Таджикский феномен. Теория и история. – Д., 1997, с.167-168.
2 Низомулмулк. Сиёсатнома. – Д., 1989, с. 79.
3 Ҳамон асар, Ҳамон саҳифа.

дигар ҳамчунин бо эшон то ба шаҳру ноҳияти дигар ва ҳам бар ин мисол, то ба даргоҳ ва ҳар куҷо, ки бирасанд, ки ободонӣ бувад»[1]. Ва тавре ки Низомулмулк таъкид менамояд, фармони махсусе будааст, ки мувофиқи он «гумоштагон ва уммолу муқаттаон»[2] вазифадор будаанд, ки расулонро ба ҳар манзиле ки мефароянд, «некӯ доранду ба хушнудӣ гӯсел кунанд»[3]. Чунин муносибат ва пазирой дар ҳаққи расулон маънии онро доштааст, ки ба ин восита эҳтироми подшоҳе, ки фиристода аз ҷониби ӯст, ба ҷо оварда шавад. Соҳиби «Сиёсатнома» таъкид намудааст, ки «ва подшоҳон ҳамеша ҳурмати якдигар доштанд ва расулопро азиз гирифта, ки бад-он қадру ҷоҳ эшонро зиёдат шудааст»[4]. Зеро ба қавли ӯ, расулон касоне мебошанд, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани мухолифат миёни подшоҳон, пеш аз ҳама, ба ёрии онҳо меоянд ва онро рафъ менамоянд. Муаллиф дар замина навиштааст, ки: «Ва агар вақте миёни подшоҳон мухолифате ва ваҳшате будааст ва расулон ба ҳасби вақт омадаанд ва расолат чунон, ки эшонро фармудаанд, мегузоранд, ҳаргиз эшонро наёзурдаанд ва аз накӯдошт ҳеҷ одате кам накардаанд, ки писандида нест»[5].

Тасаввуроти маъмул дар бораи расулон ё фиристодагон он аст, ки онҳо номае, хабареро аз як подшоҳ, аз як кишвар ба подшоҳи дигаре, кишвари дигаре мерасонанд. Аммо дар амал, тавре ки аз «Сиёсатнома» ба таври возеҳ бармеояд, расулон, агар ба таъбири Низомулмулк бигӯем, «сад мақсуду сир»[6] доштаанд. Онҳоро барои таҳқиқ, омӯзиши вазъи кишварҳо, барои гузориш додан, ҷосусӣ кардан низ мефиристодаанд, то дар вақти зарурат подшоҳи кишварашон тадбири муносиб ҷӯяд, ҷавоби муносиб гардонад, рафтори муносиб намояд. «Расулон, - навиштааст Низомулмулк, - бештар айбҷӯй бошанд ва ҳаменигаранду мепурсанд, то дар подшоҳ ва мамлакати ӯ чӣ чиз аст, ки он айбу нуқс аст ва ҳар чиз, ки он ҳунар аст ва ба вақти дигар аз подшоҳон сарзаниш ва маломат расад»[7].

Дар асрҳои миёна ба расулон (фиристодагон) барои

1 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Асари зикршуда, с. 79-80.
4 Асари зикршуда, с. 80.
5 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
6 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
7 Асари зикршуда, с. 82.

он диққати махсус медоданд, ки дарк намуда будаанд, ки онҳо аз мардумони худ, аз кишварҳои худ намояндагӣ мекунанд. Муаллифи «Сиёсатнома» навиштааст, ки «то бад-эшон намуда бошад, ки мардумони мо ҳама чунин бошанд»[1]. Бинобар ба шахсият ва донишу ҳунари ӯ диққати махсус медодаанд. Аз нигоҳи Низомулмулк «ва расулиро марде шояд, ки ӯ хизмати подшоҳон карда бошад ва бар сухан гуфтан далер ва сафари бисёр карда ва аз ҳар донише баҳрае ёфта ва ҳофизу пешбин ва хушқаду некӯманзар»[2]. Мутаассифона, ин чиз на ҳамеша ба назар гирифта мешуд. Тавре ки Аҳмади Дониш шаҳодат медиҳад дар «Наводир-ул-вақоъ», дар сафорати Абдулқодирбек ба муносибати тӯи импиратури Рус Козимбеки тарҷумон ба А.Дониш, ки мирзои сафорат буд, маслиҳат медиҳад, ки чанд байте гӯяд, ки дар он номи духтари подшоҳ ва домодаш ба тариқи мувашшаҳ дарҷ бошад, то ки «баъзе ӯзбекиҳои [сафири] шуморо ҳусни он шеър мепӯшонад»[3]. Аз рӯи гуфтаи А.Дониш Козимбек «ин сухан барои он мегуфт, ки салотини Бухоро дар боби суфаро одамони камтаомул ва бедонишро ихтиёр мекунад ва эътиқоди он ки асрори давлати мо фош нашавад. Ва мегӯянд: «Элчӣ бояд, ки агар суоле кунанд, қодир ба ҷавоб набошад. Агар тавонад ҷавоб гӯяд ва қодир ба тақрир ва таҳрир набувад. Мабодо ки безабтии салтанати мо назди хасм зоҳир гардад». Ҳол он ки [ихтиёри] ин маслак айни безабтӣ ва беназмии давлат мебошад»[4].

Аз як гуфта ва баъзе ишораҳои соҳиби «Сиёсатнома» бармеояд, ки дипломатияи тоҷик дар аҳди қадим ва асрҳои миёна як низоми муайяну мушаххаси ташрифот (протокол), ки онро «одати маҷлиси мулук», «расм дар хонадони қадими хулафо» гуфтааст, мавҷуд будааст. Ӯ менависад: «Ва дигар ҳар як аз нудаморо мартабае бошад ва баъзеро маҳали нишастан бошад ва баъзе аз аҳли истодан бошанд, чунонки аз қадим боз одати маҷлиси мулук будааст ва ҳанӯз он расм дар хонадони қадими хулафо мондааст»[5]. Ба ҳамин монанд маълумотеро пеш аз ин вазири донишманди

1 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоъ.- Д., 1988, с.171.
4 Асари зикршуда, с. 172.
5 Сиёсатнома, с. 77.

Сомониён Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» (а.Х) низ оварда буд. Ӯ фармудааст, ки дар маҷлиси Манучеҳр ал-Малик «ва ҳама райят, ки дар он наздикӣ буд – хурду бузург, биёваранд ва ҳар касро аз меҳтарони сипоҳ ва меҳтарони раоё ба ҷои хеш бинишонанд, то андар мартабати кас тақсире наяфтод. Ва худ бар тахти мулк бинишаст ва тоҷ бар сар ниҳод, мӯбади ҳама мӯбадонро баробари хеш бар тахт нишонд. Мӯбад меҳтари ҳамаи уламову ҳукамои замони эшон буд. Чун донист, ки ҳар касе ба ҷои худ биншастанд, бар тахт бар пой хосту эшонро фармуд, ки шуморо ҳама бар ҷойгоҳи хеш бинишинед, ман аз баҳри он бар пой хостам, то шумо ҳама маро бибинед ва сухани ман бишунавед»[1]. ҳамин муллиф дар ҷои дигар низ ин нуктаро таъкид мекунад: «Пас рӯзи меод ҳама дод ва ҳар касе ба ҷои хеш бинишастанд ва онро, ки расм истодан буд, истод ва Нушервон бар худои таоло шукру сано кард ва маликони пешинро бисутуд»[2].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ дар дипломатияи тоҷик дар аҳди қадим ва асрҳои миёна таҷрибаи бастани аҳдномаҳо ва сулҳномаҳо миёни давлатҳо маъмул будааст. Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз «аҳднома навиштани Хусрави Парвиз ва фиристодан назди Қайсар»[3] ёд овардааст. Ба ҳамин монанд дар «Таърихи Табарӣ» хабар омадааст, ки мувофиқи он Фирӯз ибни Яздҷирд ибни Баҳром ва малики ҳаётила - Хушнавоз «аҳднома бинавиштанд», ки сарҳади якдигарро вайрон намекунанд[4]. Ва вақте ки Фирӯз аҳдшиканӣ мекунад, «Хушнавоз он Сулҳнома, ки Фирӯз навишта буд ва бар худ гувоҳ карда, бар сари найза кард ва ба миёни ду саф даромад ва гуфт: «Эй мардумони Аҷам, битарсед аз худои осмону замин, ки бар худ ӯро гувоҳ кардед бад-ин нома ва андар ин нома аҳд навиштааст. Ва нусхати он Сулҳнома бархонд, то ҳама бишуниданд ва гуфт: «Ман ҷони ӯ бахшидам ва ҷони он ҳазор тан, ки бо ӯ буданд ва он биёбон баромада буданд ва худойро бар ин гувоҳ кард ва савганди он бихӯрда ва имрӯз ғадр карда ва савганд дурӯғ карда ва

1 Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Д., 1992, с. 209.
2 Асари зикршуда, с. 564.
3 Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Д., 1966, ҷ. 9, с. 120.
4 Таърихи Табарӣ, с. 510.

худои таоло, албатта, ӯро ҳалок кунад бар дасти ман андар ҷанг, ки ҳаргиз ҳеҷ малик андар қадим аҳд нашикаст ва ғадр накард, ки ҳалок нашуд… Ва ӯро наздики ман ҳеҷ об набувад ва хуни вай ҳалол аст»[1].

Дипломатияи тоҷик пас аз замони Низомулмулк низ, ки вазири давлати саҷуқиён буд, дар даврони ҳукмронии хонадонҳои ғазнавиён, хоразмшоҳиён, қарохониён, истилои муғул, темуриён, шайбонихониён, манғитиён вуҷуд дошт. Тоҷикон агарчи баъд аз заволи давлати Сомониён дар ҳайати давлатҳое буданд, ки туркону муғулон роҳбарӣ мекарданд, анъанаҳои дипломатии худро ҳифз намуда буданд.

Амир Насрулло ба нияти навиди фатҳи номдори худ ба Императори Русия Александр писари Николай, ки пас аз «шикасти фоҳиш аз давлати Исломбул ва Фаранг» дар Қирим худкушӣ карда буд, сафорате ташкил дод, ки ба он А.Дониш низ ба сифати «мирзо ва имом» ҳамроҳ буд. Дониш супориш гирифта буд, ки вазъи давлати Русияро аз дохил таҳқиқ намояд ва пас аз бозгашт ба Амир Насрулло арз намояд. Раиси сафорат «марди пири хазафшуда ва доим махмуру ҳалқхушк аз ҷиҳати вуруди нашъа» буд. Аз ин рӯ бо вуҷуди он ки ҳам А.Дониш ва ҳам мутарҷими эронии донишманд ба ӯ қабл аз вохӯриаш бо Император маслиҳат дода буданд ва навишта ҳам буданд, ки чӣ гӯяду чӣ монад, аз рӯи «одоби маҷлиси подшоҳи Русия ва сӯҳбати вазир», аз ҷумла маслиҳати аз мулк сухан накардан, вай дар сӯҳбати подшоҳи рус, тавре ки Дониш дар «Рисола» навиштааст, «бе тамҳиде ва муқаддимае дасти амирзодаро гирифта мегуфт:

- Ҳазрати амиралмӯъминин нури чашми худро фиристоданд ба уммеди он ки ҷаноби Импротур вилоятҳои гирифтагиро бозгашт кунанд - аз Тошканд ва Самарқанд ва Диззах»[2]. Бо ин суханони бемавриди элчии нодон масъала беҳал мемонад. Аҳмади Дониш пас аз ин навиштааст, ки «Филвоқеъ агар дар он маврид элчии бомаънӣ мебуд, ба сухан баъзе вилоятҳоро бозгашт менамуд. Агар хомӯш ҳам мебуд, худи вузаро ба қудуми амирзода баъзе вилоятҳоро рад менамуданд. Лоақал аҳдномаи мусаҷҷал мегирифт, ки то сад сол масалан давлати Расиро, бо мо низою ҷидол на-

1 Асари зикршуда, с. 512.
2 А.Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ. – Д., 1976, с. 331.

бошад»[1].

Вақте ки Амир Насрулло аз Дониш пас аз бозгашт аз натиҷаи сафар мепурсад, ӯ мегӯяд, ки «Элчӣ коре ба тариқи қасду амд накардааст, ки хилофи ҷонсупорӣ ва давлатхоҳӣ бошад. Илло он чӣ гуфт ва кард, бамавқеъ набуд - дар ин боб гунаҳкор нест. Гуноҳи ӯ бар зиммаи давлат аст, ки дар аввал чунин касонро бар сари маносиб ва аъмол бардоштааст»[2]. Вазирони русӣ, Козимбеки тарҷумон бо ҳайрат аз Дониш пурсидаанд, ки «Магар дар мамлакати шумо ҷуз ҳамин қисм одами дигаре пайдо намешавад? Ва дар ҳар мартабаи сонавӣ бадтар аз аввал аст. Ё амири шумо бисёр беимтиёз аст, ки оқилу ҷоҳилро имтиёз наметавонад кардан?»[3].

Ин нишони амалан рӯ ба завол овардани дипломатия дар давраи «салотини турк» буд.

Худи ҷараёни омодагӣ ба сафари ҳайатҳои Бухоро баёнгари он аст, ки бе ҳеҷ тайёрӣ ба таври таваккалӣ сурат мегирифт ва одамони тасодуфӣ онро роҳбарӣ мекарданд. Барои ҳамин ҳам натиҷа намедоданд. Хусусан, ки амирони манғитӣ бозиҳои сиёсиро пеш гирифта буданд ва мақсади ниҳой, вазъи воқеиро аз халқи худ пинҳон медоштанд, ҳатто аз ҳайати сафирони хеш. Амир Насрулло дар ҳамин сафорати фиристодааш пинҳонӣ аз ҳайати хеш номаи махфӣ ба номи Императори Русия навишта будааст ва аз мавҷуд будани чунин нома Донишро тарҷумон бохабар намудааст. Дар он номаи махфӣ Амир дар хитоб ба Император гуфтааст, ки «Ман ба ту рафтанӣ ва итоат карданӣ, лекин аз элу улус ва уламои миллат метарсам. Аз қибали худ як нафар фарзанди худро мефиристонам, ки ба хидмати ту истад ва низом омӯзад ва валиаҳд шавад»[4].

Азбаски таърихи ташаккул ва таҳаввули дипломатияи тоҷик дар даврони қадим ва асрҳои миёна то ҳол дуруст ва ҳаматарафа тадқиқ нашудааст, имрӯз дар бораи марҳилаҳои инкишофи он, тамоюлу падидаҳои он чизи мушаххас гуфта наметавон. Гузашта аз ин баъзеҳо чун маводе пайдо нанамуданд, гумони хато кардаанд, ки «тоҷикон дипломатия

1 Асари зикршуда, с. 336.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Асари зикршуда, с. 341-342.
4 Асари зикршуда, с. 342.

надоранд»[1]. Онҳо ҳам ба гузашта ва ҳам имрӯзаи дипломатияи тоҷик бо шубҳа нигаристаанд. Аммо бо такя ба таҷрибаи омӯзиши таърихи дипломатия дар кишварҳои дигар ва қонунмандии умумии он гумони яқин кардан мумкин аст, ки дараҷаи инкишофи дипломатияи тоҷик дар ин ва ё он давраи таърихӣ ба марҳилаҳои инкишофи давлату давлатдории тоҷикон мувофиқат дошт. ҳақ ба ҷониби шодравон Карим Юлдошев аст, ки баъд аз зикри иҷмолӣ ба дастовардҳои фарзандони халқи тоҷик дар соҳаи дипломатияи қадим ва асрҳои миёна ва ном гирифтан аз Аҳмади Дониш ба сифати дипломате, ки дар барқарории муносибатҳо дар байни Аморати Бухоро ва султаи Русия хидмати арзандае гузоштааст, гуфта буд: «Таърихшиносон ва мутахассисони робитаҳои байналмилалиро лозим меояд, ки таҳқиқоти зиёдеро анҷом диҳанд, то ки саҳифаҳои дурахшони таърихи дипломатияи тоҷикро ба мо маълум намоянд»[2].

Омӯзиши дипломатияи тоҷик, хосса таърихи он дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна тамоман ба қарибӣ оғоз гардидааст. Ба истиснои чанд мақолаи башумури таърихшиносон ва шарқшиносони русӣ ва халқҳои дигари шӯравӣ, ки дар онҳо робитаҳои Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чанд асри охир баррасӣ мегардад[3], ва ҳам

1 Ҳайдар Муҳаммад. Дипломатияи тоҷикӣ. – рӯз. «Одаму олам», 24 июни 2004.

2 К.Юлдашев. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. – Д., 2001, с. 4.

3 А.Чулошников. Торговля Московского государства со Средней Азией в XVI-XVII веках. – МИУТТ, 1932; И.И. Умняков. Международные отношения Средней Азии в начале XV в. Сношения Тимура с Византией и Францией. – Тр.УзГУ, вып. 61, 1956; О.И.Смирнова. К истории Самаркандского договора 712 г. – СКИВ, вып. XXXVIII, 1960; Б.Л. Рифтин. Из истории культурных связей Средней Азии и Китая II в. до н.э. – VIII в. н.э. – Проблемы востоковедения, 1960, № 5; Б.Я.Ставиский. Средняя Азия, Индия, Рим (К вопросу о международных связях в кушанский период). – «Индия в древности», М., 1964; Б.А.Литвинский. Таджикистан и Индия (примеры древних связей и контактов). – «Индия в древности». – М., 1964; М.Ю.Юлдошев. К истории торговых и посольских связей Средней Азии с Россией в XVI-XVII вв. – Ташкент, 1964; А.А.Иерусалимская. К вопросу о связях Согда с Византией и Египтом (об одной уникальной ткани из северо-кавказского могильника Мощеная балка). – Народы Азии и Африки, 1967, № 3; З.А.Малаева. Хазарский каганат и Волжская Булгария как центры среднеазиатско-восточноевропейских связей (VII-XIII вв.) – Душанбе, 1980 (тезисы докладов); Ее же: К вопросу о связях Средней Азии и Кавказа в эпоху эллинизма. – Душанбе, 1980 (тезисы докладов); Ее же. К проблеме взаимосвязей между Восточной Европой и Средней Азией в VIII-VII вв. (по нумизматическим данным). – В кн.: Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. – Душанбе, 1981 B&F.

рисолаи ба тозагӣ нашр гардидаи академик Н.Неъматов «Консептсияи таърихи дипломатияи халқи тоҷик»[1], дигар ҳама ба ҷанбаҳои мухталифи дипломатияи муосири тоҷик бахшида шудаанд[2].

---

1 Н.Неъматов. Консептсияи таърихи дипломатияи халқи тоҷик. – Хуҷанд, 2004.

2 Л.Каюмов. В условиях нового мышления. – газ. «Коммунист Таджикистана», 1989, 7 июня; Э.Рахматуллаев. В экстерных, критических ситуациях // Выступление на втором комитете ГА ООН, 12 октября 1990. – газ. «Коммунист Таджикистана», 1990, 18 октября; Дипломатия Таджкистана, - Душанбе, 1994; Р.Алимов, М.Лебедев, Э.Касымов. Таджикистан – ООН: история взаимоотношений. – М., 1995; Таджикистан: геополитика и проблемы международных связей. – Материалы научно- практической конференции. 18-20 октября 1995 г. – Д., 1995; А.Сабуров, З.Саидов. Таджикистан: внешняя политика и массовая информация (1993-1995 г.г.).- Д., 1997; Место Таджикистана в новом международном порядке. – Материалы II международной научно-практической конференции. – Д., 1997; Э.Рахматуллаев. Роль Организации Объединенных Наций в урегулировании межтаджикского конфликта. АКД, М., 2000; Роль России в становлении таджикской государственности (1917-1929). Материалы международной конференции. - Д., 2000; Э.Рахматуллаев. Миротворчество ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии. – М., 2001; ООН. Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы. Автор-составитель Р.К.Алимов. Под общей редакцией акад.Т.Назарова. – М., 2001; З.Ш.Саидов. Внешняя политика Президента Рахмонова (1999-2000). – Д., 2001; Его же: Межгосударственные отношения РТ в двустороннем формате (1992-1998). – Д., 2001; Его же: Межгосударственные отношения РТ в двустороннем формате (1997-1998). – Д., 2001; Э.Раҳмонов. Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ // Э.Раҳмонов. Истиқлолият неъмати бебаҳост. – Д., 2001; 200 лет Министерству иностранных дел России и 10 лет со дня установления дипломатических отношений между Россией и Таджикистаном (материалы научно-практической конференции). – Д., 2002; Стабильность в Центральной Азии в постконфликтный период. Материалы международной конференции. – Ташкент, 2002; Central Asia and the Post-conflict stabilisation of Afganistan. – London, 2002; З.Саидов. Таджикистан – надежный партнер в международных отношениях (2001). – Д., 2003; Изменяющаяся Центральная Азия и региональное сотрудничество. – Д., 2003; А.Сатторов. Кишвари хурдро сиёсати бузург мебояд. – ж. «Меҳвар», № 1, 2003; И.Асадуллаев, Л.Додхудоева. Таджикистан и Соединенные Штаты Америки после 11 сентября (по итогам круглого стола). – Д., 2003; Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Паём, № 1 (4), 2004; Симое аз ҷаҳони имрӯз. – 2004, № 5; З.Саидов, А.Сабуров. Таджикистан на рубеже тысячилетий: реализация национальных интересов на международной арене (1992-2003). – Д., 2005; Проблема безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии. Материалы международной научной конференции. – Д. 2004; Безопасность в Центрально-азиатском регионе: опыт и практика в решении этнополитических конфликтов. Материалы III международной научной конференции. – Д., 2005; Т.Назаров. Таджикистан и Египет – поиски сотрудничества // Интервью газете «Аль-Ахрам» (Араб.Рес.Египет) от 18 января 2005 года – газ. «Бизнес и политика», № 5(593), 3 февраля 2005 ва .

Умед аст, ки дар ояндаҳои наздик ин холигиҳои илмӣ аз тарафи донишмандон, сиёсатшиносон ва аҳли дипломатия пурра карда мешавад.

Муроди мо аз таълифи ин рисола таҳқиқи дипломатияи муосири тоҷик мебошад, ки пайдоиши он ба бунёди Ҷумҳурии худмухтори сотсиалистии Тоҷикистон (1924), Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон (1929) дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ вобаста мебошад. Ин давра оғози ташаккули дипломатияи муосири тоҷик ва муассисаи сиёсати хориҷии он мебошад. Яке аз муҳимтарин марҳилаҳои инкишофи дипломатияи муосири тоҷик, табиист, ки давраи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва аз марҳилаҳои пешин ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ мо боби аввалро ба «Дипломатияи тоҷик дар замони Шӯравӣ», ки аз ду фасл иборат аст, бахшида, бобҳои дуюм ва сеюмро ба баёни «Ташаккули дипломатияи миллии тоҷик» ва «Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира» махсус гардонидем. Диққати асосиро ба баёни фаъолияти дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият додани мо бесабаб нест. Зеро тоҷикон баъд аз чандин аср маҳз дар ҳамин давра имконият ёфтанд, ки сиёсати хориҷии мустақил ва дипломатияи миллии худро ташаккул диҳанд.

Оид ба масъалаҳои гуногуни дипломатияи муосири тоҷик то имрӯз чанд диссертация[1] ва як силсила рисолаву мақолаҳо нашр гардидаанд[2], ки дар таълифи китоби маз-

1 Т.Сангинов. Международные связи Таджикской ССР (1924-1987 гг.). - Автореф. дисс. канд. ист. наук. – М., 1988; Л.К.Мерганова. Урегулирование конфликтов международными организациями на примере Республики Таджикистан. – Автореф. дисс.канд. ист.наук – М., 1998; Н.Мирзоев. Становление и развитие взаимоотношений Таджикистана с сопределными странами Зарубежного Востока (1945-1997). – Автореф. дисс. доктора истор. наук. – Д., 1998; Е.В.Белов. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997 гг.), - Д., 1999; Э.Рахматуллаев. Роль Организации Объединенных Наций в урегулировании межтаджикского конфликта. Афтореф. дисс. канд. полит. наук. – М., 2000.

2 Т.Сангинов. Министерство иностранных дел Таджикской ССР и его место во внешнеполитической деятельности советской дипломатии. – Сбор. раб. аспирантов и слушателей: Актульные проблемы современной международной жизни. – М., 1987, ДА МИД СССР, № 80; Ҳамон муаллиф: Роль Таджикистана во внешнеэкономических связях СССР. – ж. «Коммунист Таджикистана», 1987, № 5; У. Усмонов. Дипломатия Таджикистана. ж. «Международная жизнь», 1988, декабрь; Л.Каюмов. Сегодня таджикской дипломатии. газ. «Коммунист Таджикистана», 1990, 14 октября (интер-
вью) ва F.

кур мо аз онҳо истифода намудем. Аз миёни онҳо рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» (1994)[1], ки ба муносибати 50-солагии бунёди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида буд, асарҳои шодравон К.Юлдошев «Эмомалӣ Раҳмонов - асосогузори дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибихтиёр» (2001)[2] ва Э.Раҳматуллоев «Сулҳофаринии СММ дар Тоҷикистон ва дурнамои дипломатияи превентивӣ дар Осиёи Марказӣ» (2001)[3] ва академик Т.Назаров «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат, ҳамкориҳои байналмилалӣ» (2001), «Тоҷикистон: ҳамкории иқтисодӣ ва амният» (2003) ва «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамоиш ва ҳамкории минтақавӣ» (2004)[4] арзиши хосса доранд.

1 Дипломатия Таджикистана (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). – Д., 1994.
2 К.Юлдашев. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. – Д., 2001.
3 Э.Рахматуллаев. Миротворчество ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии. – М., 2001.
4 Т.Н.Назаров. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Д., 2001; Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность. – Д., 2003; Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничетво. – Д., 2004.

БОБИ АВВАЛ

ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ ШЎРАВӢ

ФАСЛИ ЯКУМ

МАҚОМИ ДИПЛОМАТИЯ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ ҶУМҲУРИИ СОВЕТИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН. ВАЗИФА ВА САЛОҲИЯТҲОИ ОН.

Оғози дипломатияи муосири тоҷик ба замони ба ҳайати давлати навташкили Шӯравӣ шомил гардидани қисмати шимоли Тоҷикистони имрӯза (охири ноябри 1917 то октябри 1918), Бадахшон (охири 1918 - баҳори 1919), бунёди Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Туркистон (30 апрели 1918), ки ба ҳайати маъмурии он аз ҷумла шимоли Тоҷикистон ва Бадахшон шомил буданд, сарнагун шудани Аморати Бухоро (2 сентябри 1920) ва ташкили Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро (8 октябри 1920) вобастагӣ дорад. Тасодуфӣ нест, ки масъалаи дуюми рӯзномаи Қурултои 1-уми намояндагони халқии Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро «Дар бораи авзои байналмилалӣ ва барқарории иттиҳод бо Русияи сотсиалистӣ»[1] ном дошт.

Аммо як нуктаро дар аввал бояд таъкид намуд, ки агарчи дар санадҳои расмӣ «давлати Бухоро Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро соҳибистиқлол эълом гардида буд», тавре ки муаллифони китоби «Таърихи халқи тоҷик» ҳақиқат намудаанд, «аз ҷониби он ягон санадҳои давлатию ҳуқуқии барои рушди сиёсӣ ва иқтисодии ҶХШБ дорои аҳамияти усулидошта бе мувофиқат бо КМ ҲК (б) Р ва ҳукумати РСФСР, бо Туркомисия ва Туркбюрои КМ ҲК (б), ки соли 1922 ба Бюрои Осиёи Миёна табдил ёфт, қабул нашудааст. ҳамаи чорабиниҳоро дар заминаи ин масъалаҳо мақомоти давлатии ҶХШБ мебоист бо Намояндаи мухтори РСФСР дар Бухоро В.В.Куйбишев ҳамоҳанг месохтанд.

Баъдан (дар маи соли 1921), вақте ки ҳукумати ҶХШБ Бухорои Шарқиро ба воҳиди мустақили маъмурӣ ҷудо кард, дар Душанбе Консулгарии РСФР боз гардид, ки бе-

1 История таджикского народа. Том V. – Д., 2004, с. 248.

восита таҳти сарпарастии Намояндаи мухтори РСФСР дар ҶХШБ фаъолият мекард»[1].

Соли 1921 Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро барои танзими Созишномаи байни ҶХШБ ва РСФСР оид ба муносибатҳои иттифоқчигӣ ва иқтисодӣ ҳайати фавқулода ва мухтори хешро ба он кишвар фиристод. Созишномаи мазкур 21 марти ҳамон сол ба тасвиб расид. Ба ҳамин монанд созишномаҳо дар байни РСФСР ва ҳафт ҷумҳурии дигар, аз қабили Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Белорусия, Украина, Хоразм, Шарқи Дур низ баста шуда буд. Бо такя ба ин созишнома ва аҳдномаҳо ҷумҳуриҳои шӯравии онвақта, ба шумули ҶХШБ, ба пеш бурдани фаъолонаи сиёсати хеш шурӯъ намуда, ба барқарор намудани робитаҳои мустақили хеш бо давлатҳои дигар оғоз карданд. Бино ба навиштаи муаллифони «Очеркҳои таърихи Вазорати корҳои хориҷии Русия» онҳо на ҳамеша оид ба ин ва ё он масъалаҳои сиёсию дипломатӣ бо Маскав маслиҳатро раво медонистанд[2]. Аз ин рӯ вазири корҳои хориҷии вақти Иттиҳоди Шӯравӣ Г.В.Чичерин ва ҳамкоронаш хеле ба зуддӣ масъалаи маҳдуд ва пешгирӣ кардан аз ин гуна «худфаъолиятҳои» ҷумҳуриҳои шӯравиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба миён гузоштанд. Чичерин, тавре ки муаллифони «Очерки таърихи Вазорати корҳои хориҷии Русия» дуруст ба мушоҳида гирифтаанд, «пайгирона барои дар оянда мутамарказонидани сиёсати хориҷӣ кӯшиш мекард ва ба таъини намояндагони ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар назди намояндагиҳои мухтор ва тиҷоратӣ зид мебаромад. Махсусан вай бунёди Шӯро аз ҳисоби намояндагони ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба ҳайси мақоми доимоамалкунандаи назди Комиссариати халқии корҳои хориҷиро қотеъона рад мекард. Ӯ дар нома ба И.В.Сталин дар 31 октябри 1922 навишта буд, ки «Агар Коллегияи Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ (КХКХ) ба чизе монанд ба Шӯрои миллии Комиссариати халқии миллӣ табдил дода мешуд, КХКХ тамоман ба як муассисаи ноқулай табдил ёфт»[3].

Натиҷаи ҳамингуна кӯшишҳо ва мавқеъгириҳо буд, ки

1 Асари зикршуда, с. 306-307.
2 Очерки истории Министерства иностранных дел России. Том второй. 1917-2002 гг. – М., 2002, с. 72.
3 Асари зикршуда, с. 72-73.

дере нагузашта бо қарори Кумитаи марказии иҷроияи умумииттифоқӣ Коммисариатҳои халқии ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва намояндагиҳои онҳо дар хориҷа барҳам дода шуда, ҳамзамон дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ Раёсатҳои намояндагони КХКХ-и Иттиҳоди Шӯравӣ бунёд гардиданд. ҳадаф аз ташкили онҳо муайян намудан ва амалӣ гардонидани фаъолияти ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ буд. Вале ин раёсатҳо ба таври кофӣ босамар набуданд ва дар охирҳои солҳои 20-уми асри гузашта фаъолияти онҳо қатъ мегардад[1].

Ин вазъият ва чунин тартиботи кор дар давлатдорӣ, аз ҷумла дар сиёсати хориҷӣ баъд аз таъсиси Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (27 октябри 1924) дар ҳайати Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (16 октябри 1929) низ моҳиятан тағйир наёфт. Зеро Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон агарчи Намояндагии худро 20 декабри 1924 дар Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Ӯзбекистон таъсис дода буд ва Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии соҳибихтиёр ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дохил гардида буд, ҳеҷ яке аз онҳо дар амал ҳаққи ба таври мустақил пеш бурдани сиёсати хориҷиро надоштанд.

Агарчи дар ҳамаи Қонунҳои асосии Иттиҳоди Шӯравӣ (1918, 1924, 1936 ва 1977) ва Қонуни асосии Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (1929, 1931, 1935, 1937 ва 1978) бидуни истисно як нукта таъкид мегардид, ки мувофиқи он ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҳайси давлатҳои соҳибихтиёр «ҳақ доранд» бо давлатҳои хориҷӣ муносибат намоянд, бо онҳо шартномаҳо банданд ва намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ табодул кунанд»[2]. Вале тавре ки В.И.Попов дар китоби «Дипломатияи муосир. Назария ва амалия» ба мушоҳида гирифтааст, «дар гӯшаи гумони ҳеҷ яке аз вазирони корҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ намегузашт, ки моддаи 80-уми Қонуни асосиро ҷиддӣ бигирад ва онро амалӣ гардонад»[3]. Моддаҳои 80-уми Қонуни асосии Иттиҳоди Шӯравӣ ва 16-уми Қонуни асосии

1 Ҳамон асар, с. 73.
2 Конституция СССР, моддаи 80; Конститутсияи Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон, моддаи 16.
3 В.И.Попов. Асари зикршуда, с. 145.

Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон мисли бисёре аз моддаҳои дигари ин конститутсияҳо хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ доштанд ва аслан амалӣ намегардиданд.

Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон аз ҳуқуқи ба таври мустақилона муайян кардани сиёсати хориҷӣ ҳанӯз аз ибтидои ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ, аниқтараш 6 июни соли 1923, маҳрум гардида буданд. Онҳо аз ҳаққи доштани робитаҳои хориҷӣ гӯиё ихтиёрӣ ба фоидаи мақомоти умумииттифоқии Иттиҳоди ҷумҳуриҳои советии сотсиалистӣ - Комиссариати халқии корҳои хориҷии ИҶСС гузашт карда буданд[1]. Комиссари халқии нахустин Чичерин буд, ҳамон нафаре, ки муқобили истиқлоли ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар сиёсати хориҷӣ буд. Мутамарказонида будани сиёсати хориҷии давлати Шӯравиро худи вазирони корҳои хориҷии он, монанди В.М.Молотов ва А.А.Громико эътироф намудаанд. Аввалӣ таъкид намуда буд, ки дипломатияи шӯравӣ, алалхусус дар солҳои 30-40-50-уми асри XX бағоят мутамарказонида буд[2]. Дуюмӣ ошкоро гуфтааст, ки сиёсати хориҷиро дар даврони шӯравӣ на танҳо дар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ ва вазоратҳои марбутаи онҳо, балки ҳатто дар Вазорати корҳои хориҷии ИҶСС низ муайян намекардаанд. Ӯ навиштааст, ки «дипломатияи ҳақиқиро дар Бюрои сиёсӣ мекарданд. Дипломатҳо, аз ҷумла вазирону сафирон, «танҳо иҷроунандагон буданд ва мутобиқи дастурҳои ба онҳо додашуда амал менамуданд»[3]. Бино бар шаҳодати муаллифони китоби «Хадамоти дипломатӣ», «амалан ҳамаи хадамоти дипломатӣ зери назари мақомоти олии ҳизбӣ қарор дошт. Зиёда аз ин, ҳеҷ як иқдоми (актсия) дипломатӣ, ки дар Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ (КХКХ) - Вазорати корҳои хориҷии ИҶСС танзим гардида буд, бе розигии марҷаъҳои олии ҳизбӣ амалӣ карда намешуд»[4]. Аз ин сабаб В.И.Попов дипломатияи замони шӯравиро, барҳақ «дипломатияи роҳбарии ҳизбӣ»[5] номидааст. Гоҳо ба ҳадди ифрот расидани сарпарастии ҳизбӣ ба сиёсати хориҷиро як гуфтугӯе, ки дар миёни Котиби Кумитаи

1 Дипломатический словарь. Т.1. – М., 1985, с. 315.
2 В.И.Попов. Асари зикршуда, с. 93.
3 Ҳамон асар, с. 92.
4 Дипломатическая служба. Учебное пособие. – М., 2002, с. 31.
5 В.И.Попов. Асари зикршуда, с.90.

марказии ҲК ИҶСС Никита Хрушев ва вазири корҳои хориҷии вақти ИҶСС Д.Т.Шепилов сурат гирифта буд, ба хубӣ баён менамояд. Боре Шепилов ҳангоми гузориши навбатӣ ба Хрушев зикр кардааст, ки «муносибати мо бо амрикоиҳо барқарор шуд, барои ҷанҷол зарурате нест»[1]. Баробари шунидани ин суханҳо Хрушев ба шӯр омадааст ва ҷониби вазири корҳои хориҷии вақти ИҶСС гуфтааст: «ҳоло ҳамин тавр гӯй. Ту мехоҳӣ худат сиёсатро муайян кунӣ?»[2]. Леонид Млечин муаллифи китоби «ВКХ. Вазирони корҳои хориҷӣ. Дипломатияи махфии Кремл»[3] ба ин муносибат таъкид намудааст, ки Хрушев мансаби вазирии корҳои хориҷиро аслан муҳим намеҳисобид, онро ба ҳайси як ходим медонист ва барои ӯ нақши мустақилро раво намешуморид. Вай гумон дошт, ки сиёсати хориҷии кишварро худаш муайян мекунад, на вазири корҳои хориҷӣ, дар айни замон Шепилов. Барои ҳамин ҳам охириро моҳи июли 1956 ғайри чашмдошт вазири корҳои хориҷӣ таъин мекунад. Бино ба гуфтаи Л.Млечин, ин таъинот «яке аз иқдомҳои Хрушев дар мубориза барои қудрат буд»[4].

Бояд гуфт, ки чунин муносибат ба Вазорати корҳои хориҷӣ ва вазирони корҳои хориҷӣ, чунин тарзи роҳбарӣ ба сиёсати хориҷӣ пеш аз Хрушев ва баъд аз сари ӯ дар замони Л.И.Брежнев ва М.С.Горбачёв ҳам ба назар мерасид. Вақте ки 4 маи 1939 вазири корҳои хориҷии он вақт М.М.Литвиновро аз вазифа гирифтаанд, В.М.Молотов, ки ба ҷои ӯ таъин шуд, сабаби аз кор гирифтани вазири собиқро чунин шарҳ дода будааст: «Рафиқ Литвинов хатти маши ҳизбӣ, хатти маши КМ-ро дар Комиссириати халқӣ таъмин накард»[5].

Моҳи январи 1944 пленуми КМ ҲКИШ Қонун «Дар бораи ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ додани ваколат дар соҳаи робитаҳои хориҷӣ ва ба ин муносибат табдил кардани Комиссариати халқии корҳои хориҷии умумииттифоқӣ ба иттифоқӣ»-ро ба тасвиб расонид. Пас аз як моҳи он ба Қонуни асосии ИҶШС низ дигаргуниҳо ворид ғардид. Аз ҷумла ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳуқуқ пайдо намуданд, ки

1 Леонид Млечин. МИД. Министры иностранных дел. Тайная дипломатия Кремля. – М., 2003, с. 343.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, с. 335, 361.
4 Ҳамон асар, с. 335.
5 Ҳамон асар, с. 144.

аз нав бо кишварҳои дигар бевосита алоқа барқарор намоянд, созишномаҳо ба имзо расонанд ва ҳатто сафирҳо фиристанд ва консулгариҳо боз кунанд. Аммо тавре ки Л.Млечин мегӯяд, ин дигаргуниҳо «маънои бозгашт ба озодиҳои пешинаро надошт»[1]. Манзури ӯ ин истиқлолияти нисбие буд, ки чанде аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз қабили Украина, Белоруссия, Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро, Ҷумҳурии халқии шӯравии Хоразм, Ҷумҳурии Шарқи Дур ва РСФСР то соли 1923 доро буданд. Он вақт ҳатто Украина ва Белоруссия намояндагиҳои дипломатии мустақил боз намуда буданд ва дар намояндагиҳои шӯравӣ дар Олмон, Лаҳистон ва Чехословакия мушовирони онҳо фаъолият мекарданд, ки дар иҷрои вазифаҳояшон басо мустақил буда, ба кишварҳои худ итоат мекарданд.

Баъд аз ба тасвиб расонидани қонуни мазкур, дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ яке аз паси дигар вазоратҳои махсуси корҳои хориҷӣ ба вуҷуд омаданд. То ин вақт, бино ба шаҳодати яке аз дипломатҳои собиқадори қазоқ М.И. Исиналиев, «дар сохтори ҳукумати ҷумҳуриҳо ҳатто ягон бахше набуд, ки аз он ёд орад, ки ҷумҳуриҳо ягон хел иртиботе бо ҷаҳони беруна доранд»[2]. Қонун «Дар бораи ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ додани ваколат дар соҳаи робитаҳои хориҷӣ ва ба ин муносибат табдил додани Комиссариати халқии корҳои хориҷии умумииттифоқӣ ба иттифоқӣ» (1944) ва Қонуни асосии ИҶШС (1944) ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳо, аз ҷумла Комиссариатҳои халқии корҳои хориҷии миллиро мушаххас сохтанд. Мувофиқи муқаррароти ин ду санад, рисолати «намояндагии ИҶШС дар муносибатҳои байналмилалӣ, бастан, тасвиб (ратификатсия) ва бекор кардани (денонсатсия) шартномаҳои ИҶШС бо давлатҳои дигар, муқаррар намудани тартиби умумӣ дар робитаҳои мутақобилаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо давлатҳои хориҷӣ, ҳамчунин тиҷорати хориҷии мабнӣ бар монополияи давлатӣ» ба зиммаи Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сотсиалистӣ дар симои мақомоти олии ҳукумати давлатӣ ва мақомоти маъмурияти давлатӣ вогузошта шуда, ба мақо-

1 Ҳамон асар, с. 214.
2 М.И.Исиналиев. Страницы истории дипломатичесчкой службы Казахстана. – М., 1998, с. 338.

моти ҷумҳуриҳо хаққи барқарор кардани муносибатҳои бевосита бо кишварҳои хориҷӣ, бастани созишномаҳо, доштани намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ дода шудааст. Қисми «д»-и моддаи 60-уми Қонуни асосии ИҶШС муқаррар намуда буд, ки намояндагии ҷумҳуриҳоро дар муносибатҳои байналмилалӣ Шӯроҳои Олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ муайян мекунанд.

Вале бо таассуф бояд гуфт, ки пас аз қонунан мушаххас гардидани ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ низ вазъият аз рӯи моҳият, чунон ки буд, ҳамон тавр боқӣ монд. Л. Млечин комилан дуруст мегӯяд, «дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ Комиссариатҳои халқии корҳои хориҷии худӣ пайдо шуданд, лекин ба онҳо имконият дода намешуд, ки кореро анҷом диҳанд»[1].

Саволе пайдо мешавад, ки чаро дар айни авҷи Ҷанги бузурги ватанӣ ба таври ногоҳонӣ ва таъҷилӣ чунин Қонун ба тасвиб расид ва ба Қонуни асосии амалкунанда тағирот ворид карда шуд? Вале он на танҳо амалӣ нагашт, балки ба тадриҷ фаромӯш гардид. Бино ба гуфтаи дипломати собиқадори қазоқ С.А.Курмангужин дар даврони шӯравӣ, «гузашта аз ин сар аз соли 1947 тамоюли бо суръат маҳдуд намудани ҳуқуқи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар фаъолияти робитаҳои хориҷӣ ба мушоҳида мерасид. Кӯшиши додани қисме аз ваколатҳои сиёсати хориҷӣ ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз тарафи роҳбарони умумиттифоқӣ карда нашуд»[2]. Муассисаҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ «пойбанди худ буда, аз фаъолияти рӯзмараи ВКХ ИҶШС канда буданд»[3]. Муҳаққиқони дипломатияи даврai шӯравӣ муайян намудаанд, ки иллати ин ҳодиса дар чист. Мувофиқи тадқиқоти онҳо, дар ибтидои соли 1944 аз тарафи роҳбарон ва мақомоти ҳизбию давлатии ИҶШС матраҳ гардидани масъалаи ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ додани ваколат дар соҳаи робитаҳои хориҷӣ ва зарурати таъсис додани муассисаҳои ҷудогонаи сиёсати хориҷӣ дар ҷумҳуриҳо тасодуфӣ набуд. Маълум мешавад, ки айнан дар ҳамин вақтҳо масъалаи бунёди Созмо-

1 Л.Млечин. Асари зикршуда, с. 215.
2 С.А. Кумангужин. 45 лет на дипломатической службе. – Алматы, 2003, с. 9-10.
3 М.И.Исиналиев. Мақолаи зикршуда, с. 343.

ни Миллали Муттаҳид сар зада буд. Ва роҳбарони вақти ИҶШС И.В.Сталин, Котиби генералии ҲК ИҶШС ва В.М.Молотов, комиссари халқии корҳои хориҷии ИҶШС қасд кардаанд, ки «ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравиро ба ҳайати ояндаи СММ шомил гардонанд ва бо ҳамин мавқеи худро мустаҳкам намоянд»[1]. Вақте ки Андрей Громико, сафири ИҶШС дар Амрико, дар маҷлисе бо дипломатҳои амрикой ва англисӣ дар таърихи 28 августи 1944 бо супориши роҳбарияти ИҶШС эълон доштааст, ки «дар ҳайати иштироккунандагони аввали Созмон бояд ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ бошанд»[2]. Он вақт Раиси ҷумҳури онвақтаи Амрико Рузвелт дар ҷавоб гуфта будааст, ки «ин тавр бошад ба ҳайати СММ бояд ҳамаи 48 иёлоти Амрико низ қабул карда шаванд»[3]. Рузвелт дар номаи хусусие, ки ба номи И.В.Сталин 1 сентябри 1944 дар гармогармӣ навишта буд, ёдовар шудааст, ки пешниҳоди мазкури ИҶШС масъалаи бунёди СММ-ро зери хатар мегузорад. И.В.Сталин дар навбати худ ҷавоб додааст, ки масъалаи шомил гардонидани ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҳайати созмони оянда барои кишвараш умумӣ мебошад ва далеле пеш овардааст, ки ҷумҳуриҳои иттифоқие, мисли Украина ва Белорусия «аз рӯи шумораи аҳолӣ ва аҳамияти сиёсиашон аз баъзе давлатҳо афзалият доранд»[4]. Вақте ки дар моҳи феврали 1945 дар Ялта бо иштироки Черчилл ва Рузвелт мавзӯи ҳолати ҷаҳон пас аз ҷанг баррасӣ мегардид, В.М.Молотов пешниҳоди созишкоронае мекунад, ки ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ шомил нагарданд ҳам, бояд сетои онҳо: Украина, Белорусия ва Литва дохил шаванд. Дар протоколи махсуси Конференсияи Қрим ИМА ва Британияи Кабир оқибат розӣ мешаванд, ки Украина ва Белорусия аъзо шаванд.

Аз гуфтаҳои боло барало равшан мегардад, ки дар мавқеъ ва усули роҳбарии мақомоти ҳизбӣ ва давлатии ИҶШС нисбат ба сиёсати хориҷӣ ва муассиса ва ходимоне, ки онро амалӣ мегардонанд, ҳеҷ гуна тағироте ба вуҷуд наомада буд. Онҳо ҳамон «сиёсати Чичеринро» давом медоданд. Мисли пешина Бюрои сиёсии КМ ВКП (б) ва

1 Л.Млечин. Асари зикршуда, с. 215.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
4 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

баъд КПСС ба фаъолияти байналмилалии Давлати шӯравӣ роҳбарӣ мекард.

Мисли пешина комиссариатҳои халқии корҳои хориҷӣ, ки 15 марти соли 1946 ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ табдил дода шуданд, дипломатҳо, аз ҷумла сафирон иҷрокунандагони қатории супоришҳои мақомоти ҳизбӣ ва давлатии хеш буданд. Онҳо имкони хурди мустақилона фаъолият кардан ва мулоҳиза ронданро надоштанд. Аз ин рӯ дипломатияи шӯравиро дар хориҷа дипломатияи якрав ва гарданшах меномиданд ва аз дипломатҳои шӯравӣ бо номи «ҷанобони негӯй» ёд мекарданд.

Бо таъсиси коммисариатҳои халқии корҳои хориҷӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соли 1944, аз ҷумла дар Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон гумон мерафт, ки «акнун масъалаи робитаҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нисбат ба он ки ду даҳсола пеш аз ин дар замони бунёди Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ба таври дигар матраҳ мешавад. Он аз талаботи ҳаётии ҷумҳуриҳо сар зада-аст ва ҳалли онро манфиатҳои давлати умумииттифоқӣ ҳамчун воҳиди ягона тақозо мекунад»[1]. Ба ҳамин умед комиссариатҳои халқии алоҳидаи корҳои хориҷӣ ва вазирони корҳои хориҷӣ таъин мегарданд. Вале, афсӯс ки, тавре ки дар боло ишора рафта буд, ин тавр нашуд. Бинобар ин ҳамагӣ пас аз ду сол вазифаи вазирии корҳои хориҷиро дар ҷумҳуриҳо раисони Шӯрои вазирон ва ё дертар яке аз ҷонишинҳои онҳо ба таври сарборӣ ба вазифаи асосиашон иҷро мекарданд.

Комиссариатҳои халқии корҳои хориҷӣ ва вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, тавре ки шаҳодат медиҳанд, асосан бо иҷрои корҳои ҷузъӣ ва хурду резаи дипломатӣ, аз қабили пешвозу гӯсели ҳайатҳои давлатӣ, ҳукуматӣ, парламентӣ ва рӯзноманигорони хориҷӣ, расмиёти ташрифотӣ (протоколӣ) ва консулгарӣ, табодули ҳайатҳои илмӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ ва варзишӣ машғул буданд.[2] Илова ба онҳо бо супориши мақомоти марказии корҳои хориҷӣ маводи маълумотдиҳанда дар бораи ҷумҳуриҳоро ба Сафоратхона ва Намояндагиҳои шӯравӣ дар хориҷа омода

1 Дипломатия Таджикистана, с.7.
2 К.Юлдашев. Эмомали Рахмонов – основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. – Д., 2001, с.5; Дипломатическая служба Республики Казахстан. Учебное пособие. – Алматы, 2004, с.20.

месохтанд.[1] Чунин маҳдуд будани ваколати вазоратҳои корҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, табиист, ки имкон намедод, ки онҳо сиёсати хориҷии мустақил ва густурдатаре дошта бошанд ва аз манфиатҳои миллии худ дифоъ намоянд. М.И.Исиналиев, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Қазоқистон дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта (1981-1989), шаҳодат додааст, ки вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз фаъолияти рӯзмарраи Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС канда буда, мақомоти марказӣ ба инкишофи дипломатияҳои миллӣ, ба тарбияи дипломатҳои маҳалӣ чандон эътибор намедоданд. Ӯ навиштааст, ки «ходимони Вазорати корҳои хориҷии Қазоқистон амалан ба сафарҳои хидматии дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати хориҷӣ намерафтанд, наметавонистанд, ки барои таҳсил дар Академияи дипломатии Маскав қабул шаванд»[2], «Механизми интихоб ва фиристодани касони сазовор ба хидмати дипломатӣ дар хориҷа ба танзим надаромада буд. Дар дастгоҳи марказии Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС ба ин чандон таваҷҷӯҳ надоштанд»[3]. Гумони яқин он аст, ки чунин вазъият дар сиёсати хориҷӣ на танҳо дар Қазоқистон, балки дар ҳамаи ҷумҳуриҳои боқимонда, аз ҷумла Тоҷикистон вуҷуд дошт. Инро як гуфтаи Л. Қаюмов, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар солҳои 80-ум, дар як мусоҳибааш бо мухбири рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» (1990, 14 октябр) тасдиқ мекунад: «Аҳли ҷомеаи мо савол медиҳанд, ки барои чӣ Тоҷикистон дар дастгоҳҳои муассисаҳои сиёсати хориҷӣ ва иқтисоди хориҷӣ хеле бад намояндагӣ мекунад?... Ман дар ин хусус дар маҷлиси коллегияи ВКХ ИҶШС гуфтам, ки он аз ҷониби ҳамкасбонам дар Марказ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дастгирӣ ёфт»[4]. Барои мисол дар тӯли тамоми замони ҳукумати Шӯравӣ, бино ба шаҳодати К.Юлдошев, ки дар низоми муассисаи сиёсати хориҷии Шӯравии собиқ кор кардааст, аз миёни тоҷикон ва тоҷикистониён ҳамагӣ на зиёда аз 10 нафари шумурда ба кори дипломатӣ дар дастгоҳи марказӣ ё муассисаҳои хориҷии он ҷалб гарди-

1 М.И.Исиналиев. Мақолаи зикршуда, с. 342.
2 Ҳамон мақола, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон мақола, ҳамон саҳифа.
4 Л.Каюмов. Сегодня таджикской дипломатии. – газ. «Коммунист Таджикистана», 1990, 14 октября.

да буданд, ки ғолибҳн ходимони хизбӣ ва давлатии собиқ буданд ва асосан вазифаҳои дуюминдараҷаро иҷро мекарданд[1]. Аз ҷумла Мирзо Раҳматов ба ҳайси сафири ИҶШС дар Ҷумҳурии Арабии Яман (1966-1972) ва Ҷумҳурии исломии Мавритания (1972-1975), Ҷаббор Расулов ба сифати сафири ИҶШС дар Того (1960-1961), Яъқуб Исломов ба ҳайси консули кул дар Ҷумҳурии халқии деамократии Яман, Лақим Қаюмов ба ҳайси консул дар ш.Александрияи Миср ва Орани Ҷумҳурии халқии демократии Алҷазоир, Абдураҳмон Додобоев ба ҳайси котиби якуми сафорат дар Афғонистон, Карим Юлдошев ба сифати котиби якуми сафорати Шӯравӣ дар Мавритания ва Либия (1967-1984), Эркин Қосимов ба ҳайси котиби сеюми консулгарии кул дар ш. Басраи Ироқ, Мирафзал Миршакаров ба сифати атташеи сафорат дар Миср, Нурмаҳмад Холов ба сифати консули кул дар ш. Ҳалаби Сурия ва Фарҳод Маҳкамов ба сифати котиби сеюм, котиби дуюм ва ноиби консул дар Сафоратхона ва Консулгарии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон кор кардаанд. М.Раҳматов дар хотироташ «Дар мансаби дипломатӣ» аз як нафар тоҷикистонӣ ба исми У.Юлдошев ҳам зикр намудааст[2]. Ба навиштаи К.Юлдошев, «Институти робитаҳои байналмилалии Маскав, ки баргузида ва маъруф буд, амалан барои ҷавонони Тоҷикистон дастнорас буд. Дар тамоми даврони ҳукумати Шӯравӣ ин мактаби олии «марказӣ» ҳамон миқдор аз намояндагони Тоҷикистонро тайёр кард, ки метавон бо ангушт шуморид»[3]. Ё ин ки Ҳайдар Муҳаммад дар мақолаи «Дипломатияи тоҷикӣ» навиштааст, «ба ягон тоҷик муяссар нашуд, ки ба ҳайси дипломат дар кишварҳои Ғарбу Амрико, ҳатто Чину Ҷопон кор кунад»[4]. Онҳо «асосан дар сафоратхонаҳои Шӯравӣ дар мамолики Шарқ хидмат ба ҷой овардаанд»[5].

Чунин вазъият дар сиёсати хориҷӣ, метавон гуфт, моҳиятан бидуни тағйир то замони Бозсозӣ, яъне то солҳои охири ҳаштодуми асри XX идома дошт. Дар даврони Бозсозӣ ва Ошкорбаёнӣ аз нав масъалаи мушаххас сохтани ваколат ва салоҳиятҳои ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ

1 К.Юлдошев. Асари зикршуда, с. 10.
2 М.Рахматов. На дипломатическом посту. – Д.1991, с.97.
3 К.Юлдошев. Асари зикршуда, с.10-11.
4 Ҳайдар Муҳаммад. Дипломатияи тоҷикӣ. – газ. «Оламу одам», 24 июни 2004.
5 Мақолаи зикршуда.

дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба миён омад. Аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС 10 январи соли 1991 пешниҳод карда буд, ки «танзими курси сиёсати хориҷӣ ва назорат бар татбиқи он аз салоҳиятҳои мақомоти олии ҳукумати давлатии Иттиҳод, яъне Шӯрои Олӣ, Президенти ИҶШС, Шӯрои Федератсия ва Шӯрои амнияти ИҶШС дар ҳадди салоҳиятҳои он боқӣ мемонад. Ҷумҳуриҳо дар таъини самтҳои асосии сиёсати хориҷии Иттиҳод, пеш аз ҳама, ба воситаи Шӯрои Олии ИҶШС ва Шӯрои Федератсия иштирок хоҳанд кард»[1]. 15 феврали ҳамон сол Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ШВКХ ва ҶИ) ба ҳайси механизми иштироки ҷумҳуриҳо дар танзим, татбиқ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сиёсати хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис дода шуд. Ба идомаи он дар моҳи ноябри 1991, аз ҷумла бо талаби Президенти Русия Б.Н.Елтсин, як қатор қарорҳои куллӣ оид ба фаъолияти ВКХ ИҶШС ва бозсозии он қабул карда шуд, ки дар ҳамаи онҳо рӯи нуктаи зарурати таҳкими ҳамоҳангсозӣ ва тақсими салоҳияту ваколатҳо дар байни ВКХ ИҶШС ва муассисаҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳо сухан мерафт. Иқдомоте ки дар замони Бозсозӣ ва баъд дар роҳи густариши ҳуқуқи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар Иттиҳод бардошта шуда буд, агар боз ҳам маҳдуд дар ҳаҷм, соҳа ва самтҳо буд, ба гармӣ истиқбол меёфт. Л.Қаюмов бо изҳори қаноатмандӣ аз чунин иқдомот, ҳамзамон зикр намудааст, ки корҳои аз ин бештарро бояд анҷом дод, то ки ба вазоратҳои корҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳуқуқҳои воқеӣ дода шавад ва аз имкониятҳои айнии онҳо истифода бурда шавад[2].

Мувофиқи хабари рӯзномаи «Сухан» аз конфронси матбуотии вазири корҳои хориҷии вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон Л.Қаюмов «ҳангоми тақсимоти ваколатҳо Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон чунин мансабҳоро талаб намудааст: дар 3-4 давлат сафир, якчанд мушовири сафир, консули генералӣ, котиби 1 сафорат, ки асосан дар мамлакатҳои ҳамсарҳад, аз қабили Афғонистон, Муғулистон, Хитой, Эрон, Туркия, Покистон ва чанде аз давлатҳои

1 Очерки истории министерства иностранных дел России. Т.I. – М.. 2002, с.437.
2 Л.Каюмов. Сегодня таджикской дипломатии. – газ. «Коммунист Таджикистана» 1990, 14 октября.

араб мебошад, инчунин як намоянда дар Созмони Миллали Муттаҳид»[1]. Афсӯс, ки ин ҳама тадбирҳои дермонда мисли нӯшдорӯе буданд, ки баъд аз марги Сӯҳроб - пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ дар 8 декабри 1991 расиданд ва табиист, ки ба дарди касе дармон нашуданд.

1 И.Алиев. Гуфтушуниди тоҷикон бо «тоҷикон». – рӯз. «Сухан», 22 ноябри 1991.

ФАСЛИ ДУЮМ
ТАЪРИХИ БУНЁДИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. СОХТОР, ВАЗИФА ВА САЛОҲИЯТҲОИ ОН.

Муассисаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки дар ибтидо Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ ном дошт, 12 майи соли 1944 таъсис ёфта буд. Баъзе аз муаллифон таърихи таъсиси онро 29 июни соли 1944 зикр кардаанд, ки иштибоҳ аст.[1] Зеро маҳз 12 маи соли 1944 Иҷлосияи VII Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон Қонун дар бораи ташкили Комиссариати халқии иттифоқӣ-ҷумҳурии корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистонро қабул намуда буд. 29 июни соли 1944 таърихи мувофиқи Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон таъин гардидани нахустин Комиссари халқии корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон мебошад.

Ташкили Комиссариати халқии корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон, тавре ки дар фасли аввал зикре рафта буд, ба қабули Қонун «Дар бораи ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ додани ваколат дар соҳаи робитаҳои хориҷӣ ва ба ин муносибат табдил кардани Комиссариати халқии корҳои хориҷии умумииттифоқӣ ба иттифоқӣ» аз тарафи пленуми КМ ҲКИШ дар моҳи январи 1944 ва ҳам ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни асосии он вақт амалкунанда (феврали 1944) вобастагӣ дошт. Бо вуҷуди он ки қабули Қонуни мазкур хусусияти конъектурӣ (ибнулвақтӣ)-ро дошт ва моҳиятан дар сиёсати хориҷии ҳукумати Шӯравии вақт ва ҷумҳуриҳо дигаргунии матлубе ворид насохт, то андозае таконе ба шакл гирифтани муассисаҳои сиёсати хориҷӣ ва оғози фаъолият намудани онҳо дар ҷумҳуриҳо гардид.

Аз таърихи ташкили муассисаи махсуси сиёсати хориҷӣ дар Тоҷикистон то ба имрӯз ҳамагӣ 62 сол сипарӣ шудааст ва ин дар таърих мӯҳлати чандон тӯлоние нест, мутаассифона, тавре ки масъулони нашри рисолаи «Дипломатияи тоҷик» (1994) дуруст зикр намудаанд, «дар бойгониҳо дар бораи фаъолияти вазорат (манзурашон Комиссариат аст.

1 А. Имомов. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Д., 1977, с. 91.

– Т.Н. ва А.С.) дар солҳои аввал маълумоти каме маҳфуз мондааст».[1] Лозим медонем илова намоем, ки на танҳо дар бойгониҳо, аз ҷумла бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ низ маълумотеро дар бораи фаъолияти муассисаи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ пайдо намудан душвор аст.

Аз ин ҷиҳат ташаббус ва кӯшиши нахустини нашрони рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» (Рашид Олимов, вазири корҳои хориҷии ҶТ, Э. Раҳматуллоев, муовини аввали вазири корҳои хориҷии ҶТ, М.С. Лебедев ва Ҷ.Б. Шарифова, ходимони вазорат) шоистаи ёдоварӣ ва қадрдонист. Онҳо дар доираи имконияти мавҷуда маълумотро дар бораи Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ва фаъолиятҳои он дар соҳаи сиёсати хориҷӣ аз манбаъҳои гуногун зарразарра гирд овардаанд. Мо дар ин фасл бо такя ба кори арзишманде, ки онҳо анҷом додаанд ва ҳам бо ҷалби санаду маълумоти тозаи солҳои охир таърихи бунёди Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, сохтор, вазифа ва салоҳиятҳои онро баён намуданием.

Иҷлосияи VII Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон даъвати 1-ум, ки дар он Қонун "Дар бораи ташкили Комиссариати халқии иттифоқию ҷумҳурии корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон" қабул ва Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶССТ таъсис ёфта буд, 10 маи соли 1944 соати 8 бегоҳӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ дар Хонаи Армияи Сурх оғоз гардида буд. Масъалаи «Дар бораи ташкили Комиссариати халқии мудофиа ва корҳои хориҷии иттифоқию ҷумҳурӣ» аз тарафи Шӯрои комиссариатҳои халқӣ пешниҳод шуда буд, дар рӯзномаи Иҷлосия дуюм буд. ҳам дар гузориши раиси Шӯрои комиссариатҳои халқии ҷумҳурӣ ва ҳам дар суханрониҳои иштироккунандагон ва меҳмонони Иҷлосияи VII, аз ҷумла устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ як нукта таъкид меёфт, ки густариши ваколати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ кори басо пурифтихор ва муҳим буда, масъулияти олиро тақозо менамояд. Онҳо дарк карда буданд, ки ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бисёр эҳтиёҷи хоси хоҷагидорӣ ва мадание доранд, ки онҳоро ба пуррагӣ ҳукумати умуми-

1 Дипломатия Таджикистана, с. 8.

иттифоқӣ дар сиёсати хориҷӣ наметавонист фаро гирад, аз ҷумла дар шартнома ва созишномаҳо бо кишварҳои дигар. Онҳо таъкид мекарданд, ки ин чиз на танҳо ба манфиати ин ва ё он ҷумҳурии иттифоқии ҷудогона, балки ба манфиати кори равнақи тамоми робитаҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкории давлати умумииттифоқӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Иштироккунандагони Иҷлосияи VII бовар ба он доштанд, ки дигаргуниҳои пешниҳодшуда зоҳирӣ набуда, усулӣ мебошанд ва як иқдоми нав дар ҳалли мусбати масъалаи миллӣ ба шумор мераванд.

Ин рӯҳияи хушбинӣ ва хушбоварии иштироккунандагони Иҷлосияи VII ба муаллифони рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» низ таъсир кардааст. Чунончи онҳо пас аз баёни мӯҳтавои Иҷлосияи мазкур ба хулосае омадаанд, ки «чорчӯбаи пешинаи умумииттифоқӣ сахтгирии пешинаи худро гум кард, ҷумҳуриҳо моҳиятан давлатҳои иттифоқии ҳақиқӣ шуданд. Барои онҳо шароити ҳамкорӣ бо хориҷа ба вуҷуд оварда шуд. Замина барои муносибатҳои мутаносиби бештари марказ бо ҷумҳуриҳо эҷод гардид».[1] Афсӯс, ки ин хушбинию хушбоварӣ ва умеду ормонҳои онҳо ба асли воқеияти он давра мувофиқат намекард. Тавре ки дар фасли аввал ишора рафта буд, матраҳ гардидани масъалаи густариши ваколат ва салоҳиятҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва таъсиси Комиссариатҳои халқии корҳои хориҷӣ ангезаи даргузори сирф сиёсӣ (конъектурӣ) дошт, бинобар ин дар давраҳои баъдина натиҷаҳои дилхоҳ надод.

Дар Қонун «Дар бораи ташкили Комиссариати халқии иттифоқию ҷумҳурии корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон», ки 12 маи соли 1944 дар рӯзи сеюми Иҷлосияи VII Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон даъвати 1–ум қабул гардида буд, зикре рафтааст, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Шӯрои Олии ИҶШС «Дар бораи додани ваколат дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ба ин муносибат табдил намудани Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ аз умумииттифоқӣ ба Комиссариати халқии иттифоқӣ ва ҷумҳурӣ» қарор мекунад, ки Комиссарӣ халқии иттифоқию ҷумҳурии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон таъсис дода шавад ва ба

1 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

Қонуни асосии ҶСС Тоҷикистон чанд тағйироту иловаҳо ворид карда шавад. Аз он ҷумла мувофиқи Қонуни мазкур ба Қонуни асосии ҶСС Тоҷикистон моддаи 16–ум илова мегардад ба ин мазмун: «Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки бо давлатҳои хориҷӣ робитаи бевосита барқарор намояд, бо онҳо созишнома бандад ва намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ табдил диҳад». ҶСС Тоҷикистон ҳаққи «барқарор намудани намояндагии ҶСС Тоҷикистон дар робитаҳои байналмилалӣ» (банди «Э»–и моддаи 15), «Таъин ва бозхонди намояндагиҳои дипломатии ҶСС Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ» (банди «И»–и моддаи 28), «Қабули устуворнома ва номаи фарохонии намояндагони гуморидаи дипломатии давлатҳои хориҷӣ» (банди «К»–и моддаи 28), «Роҳбарӣ дар соҳаи робита бо кишварҳои хориҷӣ … бо назардошти тартиби умумии дар Иттиҳоди ҶСС муқарраргардидаи робитаҳои мутақобилаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо кишварҳои хориҷӣ» (банди «Ж»–и моддаи 44) пайдо мекунад.

Пас аз дуним моҳи ташкил ёфтани Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон 29 июли соли 1944 Фармони Президиуми Шӯрои Олии ҶСС Тоҷикистон дар бораи ба вазифаи Комиссари халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон таъин гардидани Алӣ Алиевич Аҳмедов бо имзои Раиси Президиуми Шӯрои Олии ҶСС Тоҷикистон М. Шогадоев ва Котиби Президиуми Шӯрои Олии ҶСС Тоҷикистон А. Асроров чоп мешавад.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда, риштаи тахассусии нахустин Комиссари халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон муҳандиси обрасон буда, то ин вақт дар мансаби Комиссари халқии хоҷагии оби ҷумҳурӣ буд. Гумон меравад, ки ӯро барои қобилияти ташкилотчигиаш ба сифати роҳбар ва забондониаш ба вазифаи масъуле чун роҳбари аввали муассисаи сиёсати хориҷӣ пешбарӣ кардаанд.

Мувофиқи маълумоте, ки дар рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» омадааст, «аз рӯи баст ба Комиссариати халқии навтаъсис 42 ходим пешбинӣ шуда буд. Ин баст дар зарфи ду сол шакл гирифт ва аз 31 нафар иборат буд. 11 ҷой холӣ боқӣ монда буд. Ғайр аз комиссари халқӣ ва ҷонишини ӯ, ҳамчунин котибони онҳо, ба комиссариати халқӣ шӯъбаҳои зерин шомил будан: сиёсӣ, махфию рамзгузорӣ,

протоколию консулӣ, кадрҳо ва раёсати хоҷагидорӣ».[1]

Ҳайати ходимони Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон маъмулан аз иштироккунандагони собиқи ҷанг, онҳое, ки дар давраи ҷанг ба ҳайси тарҷумон дар сафоратхонаҳои шӯравӣ дар Эрон, Афғонистон ва кишварҳои дигар ифои вазифа намудаанд, иборат буданд: Қодир Наимӣ, референти масъули шӯъбаи сиёсӣ, ҳилол Карим, муовини Комиссариати халқӣ, Ғулом Алиев, мудири шӯъбаи протоколу консулӣ, Қамариддин Маъруфӣ, муовини мудири шӯъбаи протоколу консулӣ, Маҳмудбек Нарзибеков, муовини мудири шӯъбаи махфию рамзгузорӣ, Фирс Вагин, котиби дуюм, Насриддин Исломов, референти калон, Мӯҳсин Нӯъмонов, саркотиби Комиссариати халқӣ. Барои он ки собиқадорони ҷангу меҳнат дипломат шаванд, дар назди Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон солҳои 1944-1947 курсҳои махсусе боз шуда буданд.

Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон дар бинои ҳозираи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буд.

Тавре ки санадҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҷумҳурӣ аз ибтидои фаъолияти худ вазифаи асосии худро иборат аз муаррифӣ намудани ҷумҳурӣ ва дастовардҳои он дар хориҷ аз кишвар, махсусан дар кишварҳои Шарқи хориҷӣ мешуморидааст. Бо ташаббуси Комиссариат ин солҳо як силсила китобу рисолаҳо дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба алифбои арабию форсӣ ба табъ расида буданд. Ходимони шӯъбаи протоколию консулии Комиссариат дар ҳайати Комиссияи шӯравию афғонистонии нишонагузории сарҳад саҳм мегиранд. Ва Афғонистон ҳамкори хориҷии Тоҷикистон барои солҳои тӯлоние мешавад. Зимнан ҷои зикр аст, ки бино ба навиштаи шодравон К. Юлдошев, собиқ мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дипломати собиқадор, «ҳамаи фаъолияти Комиссариат самти шарқӣ дошт, ба сухани дигар, ин муассиса мебоист асосан бо кишварҳои Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, Афғонистон ва Эрон кор кунад».[2] Зеро «самтҳо ва хусусияти фаъолия-

1 Асари зикршуда, с. 9.
2 Асари зикршуда, с. 10. Т. Саигинов. Международные связи Таджикской

ти дипломатияи ҷумҳуриро аз бисёр ҷиҳат худвежагиҳои ҷуғрофӣ ва фарҳангию қавмии Тоҷикистон, наздикии он ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна муайян мекард».[1] Чунин маҳдудиятгузориҳо, тавре ки вазири корҳои хориҷии ҶТ У. Усмонов шаҳодат додааст, «солҳои тӯлонӣ доираи фаъолияти муассисаи нав ба сабаби ба дастгоҳи давлатии онвақта хос будани мутамарказонии аз ҳад зиёд маҳдуд буд. Он вақт масъалаҳои муносибатҳои мо бо кишварҳои хориҷӣ, ҳатто хурдтарини онҳо, ба воситаи Маскав ҳал мешуданд».[2]

Боиси таассуф аст, ки ин оғози нек дар сиёсати хориҷӣ дар солҳои баъдина идома наёфт. Пас аз соли 1946 фаъолияти Комиссариати халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон тадриҷан маҳдуд ва сафи ходимонаш сол ба сол кам мешавад. Барои мисол, 21 июли соли 1946 нахустин Комиссари халқии корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон Фиристодаи дараҷаи 2 А.А. Аҳмедов бо баҳонаи рухсатии меҳнатӣ аз кор меравад ва дигар барнамегардад. Уро дар Иҷлосияи VIII Шӯрои олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон аз вазифааш сабукдӯш менамоянд. Дар соли 1948 басти расмии Вазорати корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон аз 42 ҷой то 7 ҷой ихтисор мегардад. Ин «бозсозӣ» табиист, ки ба фаъолияти муассисаи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ бе таъсир намонд.

Муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон» оғози умедбахш ва анҷоми ноталуби муассисаҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, дар айни маврид, Тоҷикистонро «асроромез»[3] номидаанд. Ҳамаи асрор дар ин падида дар сиёсати мутамарказонидани қудрати сиёсии низоми худкомаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва конъектураи сиёсии роҳбарияти вақти кишвар дар замони ҷанги ватанӣ буд. Аз ин хусус мо дар фасли аввал ва фасли мазкур низ пеш аз ин мулоҳиза ронда будем. Бинобар ин аз такрори он шарҳу тавзеҳот худдорӣ менамоем.

Роҳбарӣ ба сиёсати хориҷӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба зиммаи Шӯроҳои вазирон ме-

1 У. Усмонов. Дипломатия Таджикистана. – Ж. «Международная жизнь», 1988, декабрь, с. 37.
2 СССР (1924–1987). – Акд. – М., 1988, с. 2.
3 К.Юлдошев. Асари зикршуда, с. 15.

гузарад. Раисони Шӯрои вазирони Тоҷикистон, ё яке аз муовинони онҳо вазифаи вазири корҳои хориҷиро ба таври сарборӣ ба вазифаи ассосиашон иҷро мекарданд. ҳамин тавр, дар Тоҷикистон пас аз А.А. Аҳмедов (1944–1946), Ҷаббор Расулов, раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1946–1955), Турсунбой Ӯлҷабоев, раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1955–1956), Назаршо Додхудоев, раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1956–1961), Абдулаҳад Қаҳҳоров, раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1961–1973), Раҳмон Набиев, раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1973–1981), Рустамбек Юсуфбеков, ҷонишини Раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1981–1984), Усмон Ғаниевич Усмонов, ҷонишини Раиси Шӯрои вазирони ҶСС Тоҷикистон (1984–1989) ба навбат вазифаи вазири корҳои хориҷиро иҷро кардаанд. Таваҷҷӯҳ намоед, ки агар дар солҳои охири чилум, панҷоҳум, шастум ва ҳафтодуми асри гузашта ба муассисаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон раисони Шӯрои вазирон сарпарастӣ мекарданд, дар солҳои ҳаштодум ин вазифаи сарбориро ба ӯҳдаи муовинони онҳо вогузоштаанд. Воқеан ҳам, ҳақ ба ҷониби муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон» аст, ки он вақт Вазорати корҳои хориҷӣ, ки ғолибан 6-7 ва гоҳо аз он ҳам камтар коргар дошт, ба яке аз «бахшҳои Шӯрои вазирон»[1] табдил ёфта буд. Ва ин ҳолати таассуфангез, ба қавли К. Юлдошев, «то замони бозсозӣ, яъне то охири солҳои 80–ум давом кард».[2] «Бо овезаи ҷиддӣ «ВКХ ҶСС Тоҷикистон», – навиштааст У.Усмонов, – ҳамагӣ 7 нафар, ба шумули вазирро дошт».[3]

Вазифаи Вазорати корҳои хориҷӣ дар ин фосила аз ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратхона ва муассисаҳои ҷумҳурӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва эҷодии он дар соҳаи робитаҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангию ҳунарӣ ва ғайра бо кишварҳои хориҷӣ, таъмини риояи шартнома ва созишномаҳои байналмилалии Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, иҷрои расмиёти консулӣ ва ташрифотӣ, легализатсия ва нотариати санадҳо, мукотиба бо сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ва мақомоти марказии сиёсати хориҷии умумииттифоқӣ, пешвозу гӯсели

1 Асари зикршуда, с. 16.
2 К. Юлдошев. Асари зикршуда, с. 10.
3 У.Усмонов. Дипломатия Таджикистана, с. 42.

ҳайатҳои гуногуни хориҷӣ буд. Солҳои шастуми асри гузашта бино бар зарурати амалӣ раёсати консулгарии Вазорати корҳои хориҷии ИҶСС розӣ шудааст, ки қисме аз корҳои омода сохтани санадҳои сафари шаҳрвандони шӯравӣ ба кишварҳои аъзои СЭВ, касоне, ки аз роҳи СММ ба хориҷа рафтанӣ буданд, ҳамчунин тарҷумонҳое, ки барои кор дар хориҷ интихоб шуда буданд, ба ихтиёри муассисаҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳо дода шавад. Табиист, ки ин қабил «лутфу марҳаматҳое», ки аз ҷониби муассисаи марказии сиёсати хориҷии ИҶШС ба вазоратҳои корҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ баъд аз солҳои шастум то замони Бозсозӣ гоҳ-гоҳе рух медоданд, моҳиятан чизеро дар ваколат ва салоҳиятҳои муассисаҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳо тағйир намедоданд. Охириҳо мисли пешина дастнигари мақомоти умумииттифоқӣ буданд.

У. Усмонов бар он ақидааст, ки «аз нимаи дуюми солҳои 50–ум барқарор намудан ва рушди воқеии алоқаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ оғоз мегардад. Он вақт, маҳз дар давраи Гармои баъди шахсиятпарастӣ, кӯшишҳои аввалини ғайримарказонидани дастгоҳи давлатӣ, додани истиқлоли бештар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ карда шуданд».[1] Вале воқеият тавре буд, ки шарҳаш дар боло рафт. Пайдо шудани майли додани истиқлоли бештар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла дар сиёсати хориҷӣ, бешак, ба мушоҳида мерасид, онро наметавон инкор кард. Аммо инсоф он аст, ки онро наметавон рушди воқеии робитаҳои ҷумҳуриҳо бо кишварҳои хориҷӣ донист.

Бозсозӣ дар ҷомеаи шӯравӣ як падидаи сиёсию иҷтимоии басо мураккаб ва печдарпече буд. Аз ин сабаб то имрӯз, агарчи аз он давр то ба имрӯз беш аз бист сол гузаштааст, дар арзёбии он фикри ягонае вуҷуд надорад. Тоифае онро оғози фурӯпошии давлати як замон муқтадири Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигаре онро оғози дигаргуниҳои куллӣ ва, пеш аз ҳама, бунёди ҷомеаи демократӣ мешуморанд. Аммо ҳамаи онҳо ба як чиз мутафиқанд, ки он водор намуд, ки сиёсати шӯравӣ дар нисбати ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, дигар шавад. Бино бар шаҳодати М.С. Горбачев, ташаббускори даврони Бозсозӣ

1 У.Усмонов. Асари зикршуда, с. 38.

ва Ошкорбаёнӣ, сиёсати хориҷӣ дар ин марҳила демократӣ кунонида шуд. Аз ҷумла ба ҳодисаи аз мавқеи султагарой нигаристан ба сиёсати хориҷӣ хотима дода шуда, ҷавҳари тафаккури нав дар сиёсати хориҷӣ пазируфтани афзалияти арзишҳои умумибашарӣ буд.[1] Агарчи ин раванд нотамом монд, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо истифода аз ин фурсати муносиби таърихӣ қадам ба сӯи истиқлол дар сиёсати хориҷии худ бардоштанд. Дарвоқеъ «Бозсозӣ барои дипломатияи ҷумҳуриҳо уфуқҳои тозаеро боз намуда»[2], «имкониятҳои нави иштироки дипломатияи ҷумҳуриро дар ҳаёти байналмилалӣ ошкор сохт».[3]

Муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон» дуруст ба мушоҳида гирифтаанд, ки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон, сарфи назар аз ҳама маҳдудият ва монеаҳои мавҷуда, аз нимаи дуюми солҳои 80–уми асри XX «қадам ба қадам аз муассисаи ташрифотию консулӣ, ки ғолибан ба назари атрофиён чунин мерасид, худро ба ҳайси муассисаи дипломатӣ фаъолтар нишон медод»[4]. Чунончи Вазорати корҳои хориҷӣ ба таъмини робитаҳои мустақими Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ оғоз мекунад. Махсусан дар кори барқарор намудани робита бо кишварҳои ҳамсарҳад, аз қабили Афғонистон, Эрон ва Покистон бештар комёб мегардад. У.Ғ. Усмонов, ки дар он солҳо ҷонишини Раиси Шӯрои вазирони ҷумҳурӣ буд ва иҷрои вазифаи вазири корҳои хориҷии Тоҷикистонро низ ба ӯҳда дошт, баъдтар эътироф намудааст, ки «мо бори нахустин ба таври мустақил бо ҳамкорони хориҷиамон дар сатҳи давлатӣ дар соли 1988 иртибот гирифтем. Он вақт сафар ба Афғонистон шуд, ки ҳадаф аз он гуфтугӯй дар бораи инкишофи минбаъдаи робитаҳои мустақим миёни Тоҷикистон ва ҳамсояи ҷанубии он буд».[5] Вазир махсусан ба як нукта таъкид кардааст, ки «Ҷумҳурии мо дар миёни аввалин ташаббускорони барқарор намудани чунин шакли ҳамкориҳо ва дастгириҳои байналмилалӣ бо Ҷумҳурии

1 М.С. Горбачев. Перестройка и новое мышление для нашей страны и для всего мира. – М., 1987, с. 140, 149, 164. Т. Сангинов. Асари зикршуда, с. 3–4.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
4 Дипломатия Таджикистана, с.23.
5 Ниг.: Асари зикршуда, с. 24.

Демократии Афғонистон ҳанӯз дар соли 1985 буд».[1] Ташаббуси Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар соли 1986 оид ба барқарор намудани робитаҳои мустақим бо Ҷумҳурии мардумии Чин, аз ҷумла бо ноҳияи худмухтори Синтсзяну Уйғур, аз тарафи вазорати умумииттифоқӣ дастгирӣ меёбад ва дар ҳамин замина масъалаи ҳамоҳанг кардани ҳамкориҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Чин матраҳ мегардад. Заминаи ҳамкориҳои густурдаи имрӯзаи Тоҷикистону Эрон низ маҳз дар ҳамон солҳо гузошта шуда буданд. Маҳз дар ҳамон солҳо, аниқтараш ҳангоми сафари сафири вақти Эрон дар ИҶСС дар соли 1988 ба Тоҷикистон сухан дар бораи ба ҳалқаи асосии силсилаи робитаҳои Эрону Иттиҳоди Шӯравӣ бадал шудани ҷумҳурӣ рафта буд. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ба нияти амалӣ гардонидани мӯҳтавои ин сӯҳбатҳо, тавре ки муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон»[2] гувоҳӣ медиҳанд, пешниҳодҳои созандае карда буд, аз қабили эҷоди намояндагии ҶСС Тоҷикистон дар Сафоратхонаи ИҶШС дар Теҳрон ва боз намудани Консулгарии Ҷумҳурии исломии Эрон дар ш. Душанбе ва ғ. Заминаи имзои Меморандум дар бораи ҳамкории ҳамаҷонибаи байни Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон дар таърихи 21 ноябри соли 1990 низ аз ҳамон даврон сарчашма мегирад.

Т. Сангинов дар рисолаи номзадиаш «Робитаҳои байналмилалии ҶСС Тоҷикистон (1924–1987)» (1988) ба нияти муқаррар намудани давраҳои асосии таҳаввул ва такомули фаъолияти байналмилалии ҶСС Тоҷикистон дар тӯли 63 сол онҳоро чунин муқаррар намудааст:

«Давраи якум (1924–1944) – давраи ташаккули сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва чорабиниҳои вобаста ба он барои ташаккули мавқеъ дар сиёсати хориҷӣ.

Давраи дуюм – давраи нисбатан фаъолтар ва мустақилонатар ворид гаштани Тоҷикистон ба арсаи амалияи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ буда, аз ҷиҳати замонӣ давраи аз соли 1944 то нимаи соли 1980–ро дар бар мегирад. Инкишофи робитаҳои байналмилалии Тоҷикистони Шӯравӣ дар ин марҳила дар худ осори давраи гузариш – аз робитаҳои якдафъай ва ғолибан рамзӣ ба марҳилаи муносибати мус-

1 Ҳамон рисола, ҳамон саҳифа.
2 Ҳамон асар, с. 25.

тақим ва бевосита бо кишварҳои хориҷиро дошт.

Давраи сеюм бояд марҳилаи ҳозира – гардиши инқилобии ҳозира, раванди бозсозӣ ва демократикунониро шумурид, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи шӯравиро дар бар гирифта буд».[1] Ба бовари ин муаллиф, «Анҷумани XXVII ҲКИШ дар ин марҳила дар назди дипломатияи ҷумҳуриявӣ вазифаҳои нави ҷиддиеро гузошта, аҳамияти фаъолияти сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқро ба сатҳи сифатан наве бардошт. Нақши вазоратҳои корҳои хориҷии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ афзун мегардад. Мутаносибан салоҳияти ВКХ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар ҳалли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ дар маҳалҳо дигар мешавад».[2]

Дар ин даврабандӣ агарчи асосан ҷиҳатҳои зоҳирии раванди таҳаввул ва такомули дипломатияи тоҷик ва эълони ниятҳои мақомоти ҳизбию давлатӣ ба инобат гирифта шудаанд ва ин чиз дар илми сиёсатшиносии замони шӯравӣ як кори маъмулӣ буд, нуктаи қобили таваҷҷӯҳ он аст, ки сиёсати хориҷии тоҷик сарфи назар аз маҳдудиятҳо дар аз пайи таҳаввул ва такомул буд.

Солҳои ҳаштодуми асри гузашта муносибатҳои Тоҷикистон на танҳо бо кишварҳои ҳамсояи хеш, балки бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, монанди Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои ҷудогонаи он низ густариш меёбад. Пеш аз ин, барои Тоҷикистон, тавре ки И. Усмонов навиштааст, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ имконнопазир буд. «Он вақт, – гуфтааст ӯ, – кишвари мо баъзан метавонист як нафарро дар ҳайати намояндагони ИҶСШ ба Иҷлосияи СММ фиристад, он ҳам ба сифати иштироккунанда.

Дар бораи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии дигар, хусусан барқарор кардани робитаҳои мустақим бо онҳо, ҷои гап ҳам набуд».[3] Соли 1986 ҷонишини Раиси Шӯрои вазирон, вазири корҳои хориҷии ҶСС Тоҷикистон У.Усмонов дар ҷаласаи Иҷлосияи 41–ум, соли 1989 вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Л. Қаюмов дар Иҷлосияи 44–

1 Т. Сангинов. Асари зикршуда, с. 14–15.
2 Ҳамон асар, с. 15.
3 И.К. Усмонов. Роль международных организаций в развитии мирного процесса в Таджикистане.// Материалы III Международной конференции. – Д., 1997, 1–3 октября.

ум ва соли 1990 муовини вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Э. Раҳматуллоев дар маҷлиси Кумитаи 2–уми (масъалаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ) Иҷлосияи 45–уми Маҷмаи умумии СММ иштирок мекунанд. Л. Қаюмов вобаста ба иштирокаш дар Иҷлосияи 44–ум Маҷмаи умумии СММ таассуроташро чунин иброз доштааст: «Душвор аст баёни он ҳиссиёте, ки ман ҳангоми ба минбари Иҷлосияи 44–уми Маҷмаи умумии СММ баромадан доштам. Охир ман нахустин намоянда дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол будам».[1] Дар он солҳо бо иштироки фаъоли Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон Шӯъбаи ҷумҳурии тоҷикистонии Иттиҳодияи Шӯравии мусоидат ба СММ (1989) таъсис гардида, бо Маркази ҳамоҳангсозии Барномаи СММ оид ба расонидани мадади гуманитарӣ ва иқтисодӣ ба Афғонистон дар ш. Термиз ва ЮНЭСКО робитаи наздик барқарор мешавад. Моҳи октябри соли 1990 дар ш. Душанбе семинари байналмилалии «Робитаҳои таърихию фарҳангӣ ва иртиботи маънавии Ғарбу Шарқ дар Шоҳроҳи абрешим» баргузор мегардад, ки дар он донишмандони тоҷик фаъолона иштирок менамоянд.

7 ноябри соли 1989 пас аз зиёда аз 45 сол дар таърихи дипломатияи муосири тоҷик бори дуввум вазири корҳои хориҷии мустақил таъин мешавад. Вазири нав Лақим Қаюмов аз ҷумлаи он дипломатҳое буд, ки дар низоми сиёсати хориҷии шӯравӣ ба ҳайси консул собиқа дошт. Ин чиз, агарчи ҷузъист, аз он гувоҳӣ медод, ки Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои иттифоқии дигар бо истифода аз фурсати муносибе, ки дар даврони Бозсозӣ ба вуҷуд омада буд, ҳуқуқи истиқлол доштан дар сиёсати хориҷиро дубора ба худ баргардонӣ шудааст. Як масъалаи доғе, ки ин вазирро аз оғози фаъолияташ ба ташвиш оварда будааст, нарасидани мутахассисони ҳирфавии дипломатӣ будааст. Вай иллати ин ҳолатро дар он дидааст, ки марказ то ба ҳамин наздикиҳо ҳуқуқи ҷумҳуриҳои иттифоқиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ нодида мегирифт. Ва барои ҳамин ҳам дар ҷумҳуриҳо, аз он ҷумла дар Тоҷикистон «тарбияи мутахассисони ҳирфавии дипломатиро қатъ карда буданд».[2] Ӯ таъкид намудааст,

1 Л. Каюмов. Сегодня таджикской дипломатии. – газ. «Коммунист Таджикистана», 1990, 14 октября.
2 Л. Каюмов. Внешняя политика: проблемы, перспективы. – ж. «Коммунист Таджикистана», 1990, № 6.

ки онҳое, ки аз миёни тоҷикистониён Институти давлатии робитаҳои байналмилалии Маскав (МГИМО), Академияи дипломатии ВКХ ИҶШС, Академияи олии иқтисоди хориҷӣ ва дигар донишгоҳҳои махсусро хатм карда бошанд, ангуштшумор буданд.[1]

1 Мақолаи мазкур, ҳамон нашрия.

БОБИ СОНӢ

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

ФАСЛИ ЯКУМ

ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ НАВИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Баъзе озодиҳои нисбӣ ва ваколату салоҳиятҳое, ки дар анҷоми фаъолиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар даврони Бозсозӣ ба ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода шуда буд, умедро барои расидан ба истиқлоли бештаре дар чаҳорчӯбаи ИҶШС ба вуҷуд оварда буд, аз ҷумла дар Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон. Баъзе аз нерӯҳои сиёсии ҷумҳурӣ, ки он вақт рӯи саҳнаи сиёсӣ омада буданд, дар барномаашон пешниҳод карда буданд, ки ҳадафи онҳо «ба даст овардани истиқлол ва соҳибихтиёрии комили сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати Конфедератсияи давлатҳои мухтор»[1] мебошад. Талоши нерӯҳои сиёсӣ ва мақомоти расмии Тоҷикистонро барои соҳиби истиқлол шудан ҳодисаҳои сиёсие, ки дар охирҳои солҳои ҳаштодум ва аввали навадум дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ рух доданд, аз қабили аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ баромадани Ҷумҳуриҳои Лаби Балтик, шиддат гирифтани рӯҳияи ҷудоталабӣ дар баъзе аз ҷумҳуриҳо, ба вуҷуд омадани вазъи номаълуми сиёсӣ ва талошҳои худхоҳонаи халқҳои аз нигоҳи нуфуз бузургтар дар нисбати ҷумҳуриҳои иттифоқии дигар[2] ва ғ. суръат бахшид. Чун натиҷа Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон лоиҳаи «Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶСС Тоҷикистон»–ро барои баррасӣ ба Иҷлосияи II Шӯрои Олии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон пешниҳод намуд ва он 24 августи соли 1990 қабул карда шуд. Лозим ба таъкид аст, ки дар ин Эъломия Шӯрои

1 Ҳизби демократи Тоҷикистон (Санадҳо: дирӯз, имрӯз ва фардо). – Д., 2000, с. 36.
2 И. Усмонов. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Хуҷанд, 2003, с. 57.

Олии ҷумҳурӣ ҷои Тоҷикистонро дар чаҳорчӯбаи ИҶШС навшуда медид ва бовар бар он дошт, ки «пайванди озодона ва баробарҳуқуқии миллатҳои шӯравӣ дар чаҳорчӯбаи ИҶШС навшуда ба инкишофи ҳаматарафаи онҳо кафолат медиҳад».[1] ҳатто Эъломияи алтернативие низ, ки 17 август дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чоп шуда буд ва онро гурӯҳи ҳуқуқшиносон таҳия намуда буданд, тавре ки И. Усмонов шаҳодат медиҳад, «Тоҷикистонро чун ҷузъи давлати шӯравӣ медид».[2] Эъломияи расмӣ бо вуҷуди он, ки истиқлолияти давлатии кишварро эълом дошт, боз ҳам эътироф мекард, ки қисме аз салоҳиятҳои худро ихтиёрӣ ба Иттиҳоди ҶШС вомегузорад.[3] Зимнан, дар ин вақт дар доираҳои мақомоти марказии ИҶШС лоиҳаи Шартномаи умумииттифоқӣ омода мегардид. Бинобар он дар банди 19 «Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶСС Тоҷикистон» (24 августи соли 1990) омадааст, ки: «Эъломияи мазкур заминаест барои танзими Конститутсияи нави ҶСС Тоҷикистон ва бастани Шартномаи умумииттифоқӣ».[4] Нокомил будани истиқлолияти Тоҷикистон мувофиқи Эъломияи 24 августи 1990 дар он ҳам зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди дар он эълон доштани он ки «ҶСС Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ робитаи бевосита мекунад, бо онҳо шартномаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ мебандад, намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ табодул мекунад»,[5] дар ҳамин банди 15 Эъломияи мазкур зикре рафтааст, ки «дар зарурат метавонад дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ширкат намояд».[6]

Эълони истиқлолияти комил ба Тоҷикистон ба таври ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт ба «шарофати» ҳодисаи ГКЧП дар 18–21 августи соли 1991 дар Маскав насиб гардид. Ин ҳодисаи табадуллоти давлатӣ, тавре ки И. Усмонов дуруст мегӯяд, нишон дод, ки «пайванди сиёсии байни миллатҳои шӯравӣ амалан коста шудааст, роҳбарияти нави Россия ҳавасманди идома додани ин Иттифоқ нест ва дар саросари кишвар нерӯи сиёсӣ ва ё ҳизби обрӯманде мавҷуд

1 Д. Назриев, И. Саттаров. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1991–й (хроника событий). – Д., 2002, с. 211.
2 И. Усмонов. Асари мазкур, с. 58.
3 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, с. 213.
4 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
5 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
6 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

нест, ки ин ягонагиро қудрати нигаҳдорӣ дошта бошад».[1] Бинобар ин Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶСС Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 чанд санади тақдирсозеро қабул намуд, монанди «Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Эъломия дар бораи истиқлоли ҶСС Тоҷикистон», «Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Изҳорот дар бораи амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳз дар ҳамин санадҳо асоси ҳуқуқии истиқлолияти давлатии комили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла дар соҳаи сиёсати хориҷии он гузошта шуд. Чунончи, банди 15-уми Эъломияи 24 августи 1990 ба тариқи зайл таҳриру такмил карда шуд, ки аз пешинааш сифатан фарқ мекунад. «Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, бо кишварҳои хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ, консулӣ, иқтисодӣ ва ғайра барқарор менамояд, бо онҳо намояндагони мухтор табодул мекунад ва созишномаҳои байналмилалӣ мебандад».[2] Махсусан, аз моддаи 4-уми Эъломияи пешина партофта шудани ибораҳои зайл «ба истиснои онҳое, ки вай ихтиёрӣ ба Иттиҳоди ҶСС медиҳад», аз комилан мустақил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷиаш гувоҳӣ медиҳад. Ин нукта, махсусан дар тағироту иловаҳое, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боби 4-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Фаъолияти сиёсати хориҷӣ ва ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3] ном дорад, ворид кардааст, таъкид ёфтааст.

Ин тағйиру иловаҳое, ки ба Эъломияи - 4 августи соли 1990 ва Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 дохил карда шуданд, аз оғози сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак доданд. Ба шарофати ба таври расмӣ эълон гардидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи

1 И. Усмонов. Асари мазкур, с. 59.
2 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, с. 214.
3 Асари зикршуда, с. 217.

ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо меафзояд. Ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ аз сентябри 1991 то ноябри 1992 – аз эълони истиқлолият то баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии исломии Эрон бо сарпарастии Раиси кулли департаменти Вазорати умури хориҷии ҶИЭ Муртазо Бонк (16-18 октябри 1991), бо сарпарастии вазири умури хориҷии ҶИЭ Алиакбари Вилоятӣ (1-2 декабри 1991), Ҷумҳурии исломии Покистон бо сарпарастии вазири иқтисоди он кишвар Сардор Асиф Алӣ (2-4 декабри 1991), Бунёди байналмилалии асъор бо сарпарастии мудири бахши Департаменти аврупоии Бунёди байналмилалии асъор Ишан Капур (8 декабри 1991), Ҷумҳурии мардумии Чин бо сарпарастии вазири робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва савдои беруна Ли Лантсин (4 январи 1992), Котиби давлатии ИМА Ҷеймс Бейкер (13 феврали 1992), Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо сарпарастии вазири корҳои хориҷии он кишвар шоҳзода Сауд ал-Файсал (20 феврали 1992), Давлати Кувайт бо сарпарастии вазири молия Носир Раудан (28 феврали 1992), Ҷумҳурии мардумии Бангладеш бо сарпарастии вазири давлатӣ Абдул Маннон (29 феврали 1992), Ҷумҳурияти Туркия бо сарпарастии вазири корҳои хориҷӣ ҳикмат Четин (1 марти 1992), Фаронса ба сарпарастии Котиби давлатии он кишвар оид ба робитаҳои хориҷӣ Ален Вивен (2 марти 1992), Витсе-президенти Иттиҳодияи байналмилалии ҳизбҳои сотсиал-демократии Олмон ҳантса-Йоҳан Фогел (7-8 марти 1992), Ҷумҳурии исломии Покистон бо сарпарастии вазири молия ва робитаҳои иқтисодии он кишвар Сартоҷ Азиз (28 марти 1992), Руминия бо сарпарастии вазири корҳои хориҷии он кишвар Андреан Нэсмасе (июли 1992), вобастаи низомии сафорати Олмон дар Маскав генерал Вилфрид Отто-Шоффер (18-21 августи 1992), намояндаи Малайзия, масъули ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи коммуникатсия дар Осиё Мартин Линдсэя Хадлоу (4 сентябри 1992) баргузор гардиданд. Дар ҳамин фосила сафоратхонаҳои Ҷумҳурии исломии Эрон (8 январи 1992), Ҷумҳурии мардумии Чин (13 марти соли 1992), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (16 марти 1992), Ҷумҳурияти Туркия (22 марти 1992) ва Ҷумҳурии исломии Покистон (6 июни 1992) ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба Протоколи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил «Дар бораи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳод» (декабри 1991, Маскав) имзо гузошта, ба созмони байналмилалии Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (СБСЕ) (26 феврали 1992), Созмони байналмилалии тандурустӣ (ВОЗ) (апрели 1992), Ассотсиатсияи байналмилалии байторӣ (МАВ) (октябри 1992), Созмони Милали Муттаҳид (2 марти 1992) аъзо шуд. Танҳо дар зарфи як соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 48 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд, чунончӣ: Чин (4 январ), Эрон (9 январ), Мексика (14 январ), Дания (21 январ), Туркия (29 январ), Ҷопон (2 феврал), Ҷумҳурии мардумӣ-демократии Корея (5 феврал), Лаҳистон (11 феврал), ИМА (14 феврал), Арабистони Саудӣ (22 феврал), Финляндия (26 феврал), Олмон (28 феврал), Кипр (феврал), Бангладеш (1 март), Фаронса (3 март), Фаластин (6 март), Малайзия (11 март), Утриш (25 март), Куба (25 март), Филиппини (25 март), Исроил (26 март), Сурия (29 март), Русия (8 апрел), Муғулистон (24 апрел), Украина (24 апрел), Ҷумҳурии Корея (27 апрел), Белгия (29 апрел), Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ (5 май), Италия (15 май), Люксембург (22 май), Озарбойҷон (29 май), Словакия (5 июн), Чехия (5 июн), Покистон (6 июн), Маҷористон (2 июл), Ветнам (14 июл), Руминия (20 июл), Нидерландия (27 июл), Испания (4 август), Португалия (4 август), Таиланд (5 август), Ҳиндустон (28 август), Зеландияи Нав (август), Юнон (сентябр), Ӯзбекистон (22 октябр), Шветсия (9 декабр), Арманистон ва Латвия.[1]

Вале афсӯс, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он имконияту шароити мусоиде, ки баъд аз дарёфти истиқлолияти сиёсӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ пайдо гардида буд, натавонист, ки ба таври бояду шояд истифода намояд. Зеро бо истифода аз ҳарҷу марҷи сиёсие, ки дар ИҶШС баъд аз апрели 1985, яъне пас аз эълони марҳилаи «Бозсозӣ» ба вуҷуд омад, зӯҳури ҳарчи бештари нерӯҳои марказгурез дар қаламрави Шӯравии собиқ (Ҷумҳуриҳои Лаби Балтика ва ғ.), нооромиҳо ва низоъҳои миллӣ дар Ёқутистон

1 Д.Назриев, И.Саттаров. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й (хроника событий). Т.II. – Д., 2005, с.661-662.

(аввали 1986), Олмати (декабри 1986), Қаробоғи Кӯҳӣ (1987), Сумгаит (1987), Олмалиқи Ӯзбекистон (15-17 апрели 1989), Сухуми (апрел-июли 1989), Ашқобод (1-2 майи 1989), Боку (январи 1990), Ӯш (июни 1990), Тамбов (22 июли 1988), Тува (июли 1990), Челябинск (22-24 августи 1990), Намангон (2 декабри 1990), Москва, Гурҷистон, Украина, Тоҷикистон, Исфара (1989 ва ғ.), заиф гардидани нуфузи мақомоти марказии умумииттифоқ, ҳамчунин бесалоҳиятии роҳбарони баъзе аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон боиси ба майдони сиёсӣ қадам гузоштани нерӯҳои сиёсӣ ва мардумие гардид, ки аз ин ё он минтақа ва ё маҳал намояндагӣ мекарданд. Ин падида махсусан пас аз ба вуқӯъ омадани ҳодисаи ГКЧП (19-21 августи 1991), эълони истиқлолияти давлатӣ дар 24 август ва 9 сентябри 1991 ва алалхусус бекор кардани Созишномаи таъсиси ИҶШС дар 8 декабри ҳамон сол аз ҷониби роҳбарони Русия, Украина ва Белорус бештар зуҳур намуд. Дар натиҷаи он сохторҳои давлатии Тоҷикистон шурӯъ аз Шӯрои Олӣ, мақомоти иҷроия, аз он ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ фалаҷ гардиданд. Низоъҳои пинҳонӣ, захмҳои кӯҳнае, ки миёни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ҷой доштанд, рӯй заданд. Ин низоъ ва талоши нерӯҳои қудратталаби маҳаллӣ ва дахолати нерӯҳои беруна боиси дар моҳи маи 1992 сар задани оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. «... Истиқлолият ба мо басо осон ва сабук насиб шуд, - гуфта буд Э.Ш.Раҳмонов дар суханрониаш дар маҷлиси ботантана бахшида ба 4-солагии Истиқлолияти ҶТ, - шояд барои ҳамин бошад, ки мо ба қадри ин ҳадяи тақдир нарасидем ва Тоҷикистон ба ҷанги хонумонсӯзи ҳамватанӣ кашида шуд».[1]

Табиист, ки ин вазъияти нооромии сиёсии ҷумҳурӣ, ки аз охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-ум сар шуда, баъд аз эъломи истиқлолият дар солҳои 1991 ва 1992 идома дошт, ба фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бад расонд. Тавре ки муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон», ки худ шоҳиди бевоситаи он рӯзҳои вазнин буданд, шаҳодат додаанд, дар бинои вазорати корҳои хориҷии ҶТ ҳам «садои тир меомад, хун ҳам рехт. Вазорат

1 Э.Ш.Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Д.,1995, с. 155.

ғорат шуд. Фаъолияти он фалаҷ шуда буд. Бойгонии бисёр санадҳои муҳимтарини дипломатӣ нобуд шуд».[1] Бар асари шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми 1992 сафоратхона ва намояндагиҳои баъзе аз кишварҳои хориҷӣ, ки дар Душанбе боз гардида буданд, миқдори ходимони худро ва фаъолияти хешро маҳдуд намуда, баъзеашон қатъи фаъолият намуда, ҷумҳурии моро тарк гуфтанд[2]. Ва ин ҳама ба робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонда, суръат ва манфиати онро ба маротиб коҳиш дод. Ва ин ба дараҷае буд, ки муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон» ба хулосае омаданд, ки «ҷумҳурӣ дар як вақти муайян ба минтақаи байналмилалии «бероҳа» монанд шуда буд»[3]. Онҳо гуфтаанд, ки «ҳамсоягон фаъолияти қудрати сиёсати хориҷии худро афзун гардонида, робитаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷонибаи худро инкишоф дода, ба таври назаррас мавқеи сиёсии худро дар минтақа тақвият доданд. Вале Тоҷикистонро бо идомаи ҷанги шаҳрвандӣ хатари дар тангкӯчаҳои ҳаёти байналмилалӣ афтодан таҳдид мекард».[4] Ҳақ ба ҷониби онҳост, ки навиштаанд: «Оғози раҳоии ҷумҳурӣ аз ҷанг, бунбаст, аз ҷумла аз бунбасти сиёсати хориҷиро Иҷлосияи XVI ҶТ гузошт».[5]

1 Дипломатия Таджикистана, с. 30.
2 А.Сабуров, З.Саидов. Таджикистан: внешняя политика и массовая информация (1993-1995 гг.). – Д., 1997, с. 5-6.
3 Дипломатия Таджикистана, с. 31.
4 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
5 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

ФАСЛИ ДУЮМ

ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИК ДАР РОҲИ ДАРЁФТИ СУЛҲ ВА ОШТИИ МИЛЛӢ

Профессор И.Усмонов дар рисолааш «Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» аз хусуси «воқеаи муҳиму сарнавиштсоз» будани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда, воқеъбинона ва дуруст навиштааст, ки «анҷоми Иҷлосия анҷоми ҷанг ва шурӯи сулҳ набуд, балки он гардише барои муайян кардани роҳи сулҳ гардид».[1] Ин гуфта асоси воқеӣ дорад. Дарвоқеъ, Э.Ш.Раҳмонов ҳамагӣ пас аз як рӯзи ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданаш, яъне 20 ноябри соли 1992 ба номи Дабири кулли СММ Бутрос Бутрос-Ғолӣ нома фиристод ва дар он ба Тоҷикистон фиристодани ҳайати нозирони СММ-ро барои мусоидат намудан ба ҳалли низои тоҷикон талаб намуд.

23 декабри 1992 дар маҷлиси Шӯрои амнияти СММ Дабири кулли СММ Бутрос-Ғолӣ расман эълон кард, ки дар бораи ба Тоҷикистон фиристондани ҳайати нозирон ба муддати се моҳ қарор қабул шуд ва ба он мутахассисони сиёсӣ, низомӣ ва башардӯстӣ шомиланд. Дар оғози соли 1993 ҳайати начандон калони ходимони СММ ба Душанбе омад ва 21 январи ҳамон сол ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон (ҲНСММТ) ба фаъолият оғоз намуд. 26 апрели 1993 Сафир Исмат Киттанӣ Намояндаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон таъин гардид.

Муроҷиатномаи Шӯрои Олии ҶТ ба кишварҳои ИДМ, ки рӯзи 19 ноябр пас аз раиси он интихоб шудани Э.Раҳмонов вакилон қабул карда буданд, ва ҳам кӯшишҳои пайгиронаи СММ дар роҳи ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақаро водор намуд, ки 22 январи 1993 дар рӯзи дуюми оғози фаъолияти ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон дар ш. Минск дар ҷаласаи Сарони Иттиҳоди давлатҳои мустақил Қарореро бораи ба эътидол овардани вазъ дар марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон ба тасвиб расонанд. 28 июли хамон сол фармони Президенти Русия Б.Н.Елтсин дар бо-

1 И.Усмонов. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, с.88.

раи танзими вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон баромад. Ва ҳамагӣ пас аз ду рӯзи он, яъне 30 июл, мулоқоти маҳрамонаи Е.М.Примаков, сарпарасти онвақтаи Хадамоти иктишофоти хориҷии Федератсияи Русия бо роҳбари оппозитсияи тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Кобул ва 31 июл бо мақомоти расмии Ҷумҳурии исломии Эрон дар Теҳрон баргузор гардид. Сафари андак пештар ба вуқӯъ пайвастаи собиқ ҷонишини аввали вазири корҳои хориҷии Русия А.Л.Адамишин ба Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (июни 1993) ва диду боздидҳои баъдинааш бо роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оппозитсияи тоҷик (марти1994) дар Душанбе ва Теҳрон низ гувоҳӣ бар он медиҳад.

Дар тӯли фаъолияти ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон (21 январи 1993 – 15 майи 2000 намояндагони тақрибан 30 кишвари дунё дар раванди сулҳи тоҷикон саҳм гирифтанд. Махсусан, саҳми фиристодаҳои вижаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон, аз қабили Левиу Бота, Исмат Киттанӣ, Рамиро Нерес Баллон, Дарко Шилович, Герд Дитрих Меррем, Ян Кубиш ва Иво Петров, ҳамчунин роҳбарони ҳайати нозирони низомӣ ҳасан Аббаза (Урдун), Болислав Изидорчик (Лаҳистон), Тенгку Ариффрин (Малайзия) ва Ҷон Хвидегард (Дания) бағоят бузург мебошад.

Ба ҳайати Гурӯҳи тамос, ки дар ҷараёни Музокироти сулҳи тоҷикон бо хоҳиши тарафҳои тоҷик барои назорат ба иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон таъсис ёфта буд ва ба он Фиристодаи вижаи Дабири кулли СММ сарпарасти мекард, намояндагони кишварҳои кафил – Русия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Покистон ва Афғонистон ғолибан дар сатҳи сафирони он кишварҳо шомил буданд.

Иҷрои яке аз вазифаҳои душвортарин дар қазияи Тоҷикистон ба ҷои зисти доимиашон баргардонидани гурезагони иҷборӣ ва дохилӣ буд, ки онро Раёсати Комиссариати олии умумри паноҳандагони СММ (УВКБ ООН) бо сарварии хонума Садако Огата ба ӯҳда дошт. Намояндаи УВКБ ООН-ро дар Тоҷикистон дар вақтҳои гуногун Пер Франсуа Перло (Белгия), Ганг Ли (ҶМЧ) ва Таслимур Раҳмон (Бангладеш) сарварӣ мекарданд.

Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон аз соли 1994 фаъолият дошт ва ба Намояндагии он ҷанобон Висапаа (Финляндия), П.Лембо (Италия) ва М.Кахане (Шотландия) роҳбар буданд. Дар дарёфти сулҳу оштӣ ва барқарор намудани Тоҷикистон нақши Бунёди байналмилалии асъор, Бунёди кӯдакони СММ, бонкҳои рушди байналмилалии Осиё ва исломӣ ва ғайра низ хурд нест. Дар раванди дарёфти сулҳу оштӣ дар баробари СММ ва муассисаҳои гуногуни он, созмонҳои дигари байналмилалӣ, ҳамчунин нақши Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ОБСЕ), ки Намояндагии худро дар Тоҷикистон соли 1993 боз карда буд, бузург мебошад. Ба он Оливе Рау (Фаронса), Ганчо Ганчев (Булғория), Георгий Николайшвили (Гурҷистон), Дмитрий Манджавидзе (Гурҷистон), Марина Бухоара (Руминия), Марк Жилберт (Фаронса) роҳбарӣ мекарданд.

14-15 сентябри 1992 дар Стокголм Иҷлосияи Шӯрои машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (СБСЕ) дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ баргузор шуд ва дар он масъалаи вазъи Тоҷикистон баррасӣ ва қарор қабул гардид. Дар ин санад аз ҷумла зикре рафта буд ки «вазирон аз вазъи бӯҳронии Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқан изҳори нигаронӣ карданд. Онҳо аз ҳамаи тарафҳои даргир даъват намуданд, ки ба мубориза хотима диҳанд ва муколимаи созандаро, ки заминаи ягона ба ҳалли сиёсӣ дар Тоҷикистон аст, оғоз бикунанд. Онҳо изҳори хоҳиш намуданд, ки ҳамаи кишварҳои аъзои МАҲА дар кӯшишҳои башардӯстона дар Тоҷикистон, хусусан иллати ҷо доштани бӯҳрони гурезагон дар ин мамалакат, саҳми худро гузоранд. Вазирон аз кӯшишҳои сулҳхоҳонаи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба хотири қатъи хунрезӣ ва мусоидат ба раванди гуфтугӯ ёдовар шуданд. Вазирон лозим медонанд, ки ин санад аз тарафи Кумитаи мансабдорони калон дар асоси баробарӣ ва бо назардошти зарурати ҳамкории наздик бо кӯшишҳои СММ баррасӣ гардад».[1]

Кишварҳои аврупой, аз ҷумла Шоҳигарии Нидерландия 1 миллион гулден барои харидани озуқа, либос ва дору барои гурезагон ва шаҳрвандони зарардида аз хазинаи давлатӣ ҷудо кард. Ва онро ба Ҷамъияти ҳилоли аҳмари Тоҷикистон дод. Бори башардӯстонае, ки бо се ҳавопай-

1 Д.Назриев, И.У.Саттаров. Асари зикршуда, ҷ. 2, с. 483.

мои швейтсарӣ аз тарафи ҳилоли аҳмари байналмилалӣ омада буд, ба Қурғонтеппа расонда шуд.

Илова бар ин дар раванди дарёфти сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон Неруҳои муштараки ҳофизи сулҳи ИДМ саҳми муассир доштанд, ки дар ҳайати он ҷузъутомҳои Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон буданд. Кишварҳои зикршуда на танҳо бо ҳузури низомиашон, балки бо кӯмакҳои иқтисодӣ ва башардӯстонаашон дар мӯътадил гардонидани авзоъ дар Тоҷикистон саҳм гирифтанд. Онҳо баробари муроҷиати роҳбарияти ҶТ хӯрокворӣ, доруворӣ, сӯзишворӣ, ғалла ва ғ. фиристоданд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо шаҳодат бар он медиҳанд, ки дар раванди дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон кишварҳои зиёд, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии зиёд, шаҳрвандони зиёди хориҷӣ ба ин ва ё он шакл ҷалб гардида буданд ва мехостанд, ки қазияи Тоҷикистон шиддат нагирад ва аз роҳи мусолиматомез ҳаллу фасл гардад.

Табиист, ки вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо, созмондиҳиҳои диду боздидҳо, вохӯриҳо ва амалиётҳои онҳо ба дӯши муассисаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳо ва сафоратҳои он дар хориҷи кишвар, мушовирони Президенти ҶТ оид ба сиёсати хориҷӣ афтод. Аз рӯзҳои аввали раванди Музокироти сулҳи тоҷикон намояндагони дипломатияи тоҷик иштироккунандагони бевоситаи он буданд. Аммо корашон на ҳамеша бобарор ва созанда буд, хусусан дар давраҳои аввали Музокирот. Чунончӣ, Намояндаи доимии ҶТ дар СММ 16 декабри 1994 дар суханрониаш дар баробари зикри ҷонибдории ҳукумати Тоҷикистон аз лоиҳаи тасмими Шӯрои амният дар бораи таъсиси ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон аз ҷониби кишвараш тақозои зиёд кардани шумораи намояндагонро кардааст ва аз омода будани ҳукуматаш ба бастани созишнома дар бораи мақоми ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон хабар додааст. ҳамчунин, ӯ аз мавқеи роҳбарияти ҶТ ва кӯшишҳои ҳамаҷонибаи он дар бораи давом додани гуфтушунид барои дарёфти оштии миллӣ ёд кардааст. Валэ дар баробари ин намояндагони ҷомеаи ҷаҳониро бовар кунонданӣ шудааст, ки оппозитсияи оштинопазир хилофи Созишномаи оташбаси муваққатӣ амал мекунад ва дар муҳорибаҳо аз

ҷониби оппозитсия зархаридони хориҷӣ иштирок мекунанд. Чунин кӯшишҳо натиҷаҳои баръакс медоданд ва табиист, ки ба раванди Музокироти сулҳ таъсири манфӣ мерасониданд.

Тавре ки мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати хориҷӣ шодравон К.Юлдошев шаҳодат додааст: «Пас аз он, ки якчанд даври раванди музокирот дар бунбаст қарор гирифт, ҳаққи идомаи музокироти аз ҷониби ҳукуматро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба зимаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Н.Назаров гузошт ва ба ӯ муяссар гардид, ки раванди музокиротро бомуваффақият ба охир расонад»[1].

Нахустин кӯшишҳо барои дарёфти сулҳ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар гармогармии муқовиматҳои сиёсӣ ва оғози ҷангҳои дохилӣ аз тарафи худи тоҷикон сурат гирифта буд. Вале, мутаассифона, он вақтҳо мулоқоту муколимаҳои байни тоҷикон, оши оштихӯрданҳо ва протоколҳои созиш имзокарданҳо, аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе (14 феврали 1990, 22 апрели 1992 ва 7 майи 1992), Хоруғ (26 июли 1992) ва Қӯрғонтеппа (20 июни 1992) натиҷаҳои дилхоҳ надоданд. Зеро тарафҳои даргир, тавре ки аз ҷараёни баъдинаи ҳодисаҳои он рӯзҳо бармеояд, эътимоди комил бар он доштанд, ки тарафи муқобили худро бо зурӯ тавоне, ки доранд, ҳатман мағлуб хоҳанд кард. Онҳо ҳар як такя ба зӯрӣ ва зӯроварӣ доштанд ва ягона роҳи ҳалро дар он медиданд. Ба ин кор ва ба ин эътимод онҳоро неруҳои манфиатдори хориҷӣ низ ташвиқ менамуданд. ҳақ ба ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов аст, ки моҳи августи соли 1997 дар ҷавоб ба саволҳои хабарнигори ВВС бо назардошти ҳодисаҳои солҳои 90 дар Тоҷикистон гуфта буд: «Моҳиятан ин на танҳо муборизаи неруҳои дохилии даргир, балки хориҷӣ ҳам буд»[2].

Фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар он солҳо дар Тоҷикистон тарафҳои даргир ва ҳимоятгарони дохилию хориҷиашон чунон сохта буданд, ки касе агар аз сулҳу салоҳ сухан оғоз мекард, ё хоин эълон мешуд ва ё кушта мегардид. Дар майдонҳои гирдиҳамоӣ гӯши шунаво ва дидаи бинае намонда буд. ҳама ташнаи муқовимат ва ҷанги тан ба тан буданд. Ва лоф аз неруву лашкари сафдари хеш

1 К.Юлдошев. Асари зикршуда, с. 8.
2 Э.Рахмонов. Долгий путь к миру.- Д.,1998, с.79.

зада, дар кӯчаву хиёбонҳо намоишкорона реҷа мерафтанд ва ошкоро ба ҳамлаву задухӯрдҳои рӯёрӯй омодагӣ мегирифтанд. Рашван буд, ки дар он рӯзҳо нерӯҳои сулҳхоҳ дар муқобили тарафдорони муқовимат ва задухӯрд хеле заиф буданд.

Танҳо пас аз шиддат гирифтани оташи ҷанги дохилӣ, расидани хисороти ҷонию молӣ, афзоиши беҳади гурезаҳои дохилӣ ва берунӣ ва маълум шудани он, ки на танҳо ҳеҷ яке аз тарафҳои даргир на дар танҳоӣ ва на дар ҳамдастӣ бо дигарон ба ғаразҳояш нахоҳад расид, балки бо идомаи муқовимати мусаллаҳона хавфи аз миён рафтани Тоҷикистон ва давлатдории он ҳар лаҳза бештар мегардад, дубора гапи зарурати сулҳу оштӣ ва гуфтугӯ дар миёни тарафҳои даргири тоҷик ба миён омад.

Э.Ш.Раҳмонов ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нутқе, ки 11 марти соли 1996 дар Иҷлосияи махсуси Маҷлиси Олии ҶТ, ки қарор буд дар он роҳбарияти Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик (ИНОТ) ҳам иштирок кунанд, аз чӣ гуна оғоз гардидани гуфтушунидҳои байни тоҷикон ва заминаҳои он ёд оварда, аз аввалин қадамҳое, ки ҳукумати нави Тоҷикистон дар ҷараёни Иҷлосияи Хуҷанд ва баъд аз он дар роҳи расидан ба сулҳ ва оштӣ бардоштааст, зикр намудааст. Аз ҷумла, қабули қонун «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир карданд» (25 ноябри 1992) «аз аввалин ва хеле муҳимтарин қадам ба сӯи оштии миллӣ буд»[1]. Бо супориши бевоситаи роҳбари нави ҳукумати ҷумҳурӣ «ҳанӯз аз охирҳои соли 1993 муовини Раиси Шӯрои Олӣ Қозидавлат Қоимдодов, вазири меҳнат Шукурҷон Зуҳуров, муовини вазири амният Баҳодур Абдуллоев бо намояндагони алоҳидаи мухолифин гуфтугузор оғоз намудаанд»[2]. ҳукумати нав ҳанӯз 2 марти соли 1993 эълом дошта буд, ки омода ҳаст «бо ҳама тарафҳое, ки хоҳиши ҷумҳуриро зудтар аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ баровардан доранд, мусоҳиба кунад».[3] Раиси Шӯрои Олӣ таъкид кардааст, ки танҳо ба хотири амалӣ

1 Э.Раҳмонов. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин.-Д., 1996, с.256.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

гардидани ҳадафи олии «ватанро аз таъну маломат раҳо сохта, онро ободу шукуфон гардонидан, зиндагии шоистаро барои мардум муҳайё сохтан»[1] ҳукумати нав якҷоя бо ҷониби дигар тайёр аст, ки «хатоҳои гузаштаро ба ислоҳ оварад, захмҳои дили мардумро шифо бахшад, кинаҳоро аз дили мардум барорад, миллатро сарҷамъ ва саришта кунад»[2] ва барои ҳамин ҳам аз рӯзи аввали барқарор сохтани ҳукумати конститутсионӣ тасмим гирифтааст, ки гуфтушунидро бо мухолифон оғоз кунад[3]. Ба тасдиқи гуфтаҳои боло ҳаминро бояд гуфт, ки вазири нави корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рашид Олимов, ки 2 декабри 1992 ба ин вазифаи масъул таъин гардида буд, хеле фаъолона ва ташаббускорона ба кор оғоз намуд ва дар як муддати кӯтоҳ бо Сафири Фақуллода ва Мухтори Федератсияи Русия М.Сенкевич (18 декабри 1992), консули Давлати исломии Афғонистон Муҳаммад Умар Асир (21 декабри 1992), Сафири Фақуллода ва Мухтори Ҷумҳурии исломии Эрон А.М.Шабистарӣ (23 декабри 1992), Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурии мардумии Чин Си Чжао Мин (29 декбари 1992) вохӯрд ва аз ҷумла масъалаи авзои ҷумҳурӣ ва зарурати гуфтушуниди ҷонибҳои тоҷикро баррасӣ намуд. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши Раиси Шӯрои Олии ҶТ Э.Раҳмоновро ба Дабири кулли СММ дар бораи фиристондани ҳайати нозирони СММ ва мусоидат ба робитаи ҷониби ҳукумат ва мухолифонро фиристод. Яке аз вазифаҳое, ки ҳукумати ҶТ ва муассисаи асосии сиёсати хориҷии ҶТ дар ин давра аз паи иҷрояш буд, таъмини амният дар сарҳади кишвар бо Афғонистон буд. Дар изҳорот ҳукумати Тоҷикистон диққати ҳукумати Афғонистонро ба ҳодисаҳои вақтҳои охир такроран вайрон кардани сарҳади давлатии ҶТ аз тарафи нерӯҳои низомии зиёде, ки он ҷо ғун шудаанд, ҷалб намуда, аз рух додани онҳо изҳори таассуф кардааст. Ҷониби Тоҷикистон изҳори умед намудааст, ки ҳодисаҳои сарҳадшиканӣ такрор намешаванд. ҳукумати Тоҷикистон дар охири изҳороти хеш ҳушдор додааст, ки дар акси ҳол маҷбур аст ба давлатҳои аъзои СШАД мурочиат намояд.

В. Горяев - котиби иҷроия ва мушовири доимии ҳамаи

1 Асари зикршуда, с. 257.
2 Ҳамон ҷо.
3 Ҳамон ҷо.

фиристодагон ва намояндагони вижаи Дабири кулли СММ дар Музокироти сулҳи тоҷикон дар як ҷамъомади илмие, ки ба «Сабақҳои раванди сулҳ дар Тоҷикистон» (21-22 июли 2001) бахшида шуда буд, эътироф кард, ки «СММ якуним солро барои ба музокира ва сулҳ розӣ кунондани тарафҳои даргири тоҷик сарф намуд»[1]. Лозим ба таъкид аст, ки дар ин ҳамоҳангсозии мавқеи ҷонибҳои тоҷикӣ дипломатияи тоҷик иштироки бевосита ва фаъолона дошт.

Тоҷикистон яке аз он 5-6 кишварест, ки амалиёти сулҳҳоҳонаи СММ дар тӯли фаъолияти беш аз 50-солааш ба самар расидааст. Амалиёти сулҳҳоҳонаи СММ дар Тоҷикистон 16 декабри 1994 бо Қарори Шӯрои амният шурӯъ гардида буд, агарчи амалан СММ фаъолиятҳояшро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз охири соли 1992 сар карда буд[2]. Аз ин рӯ, тамоман табиист, ки сарпарасти Бюрои СММ оид ба мусоидат ба сулҳсозӣ дар Тоҷикистон Иво Петров бо қаноатмандӣ изҳор дошта буд, ки «Тоҷикистон бо раванди сулҳи худ ба СММ дар Соли Фарҳанги дунё тӯҳфае бахшид»[3].

Иллати аслии барори фаъолияти СММ дар Тоҷикистон дар он аст, ки талошҳои сулҳҳоҳонаи саривақтии СММ ба манфиатҳои миллии худи тоҷикон ва кишварҳои зидахл ва манфиатдори қазияи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Русия ва Эрон созгор омад. Идомаи муқовимати мусаллаҳона на танҳо ба манфиати тарафҳои даргири тоҷик набуд, балки ба манфиатҳои геополитикии Русия, Эрон ва кишварҳои минтақа ҳам рост намеомад. Дар ин бора Е.М.Примаков, ки барҳақ яке аз поягузорони асосии Музокироти сулҳи тоҷикон ба шумор меравад, дар китобаш «Солҳое, ки дар майдони сиёсати бузург будам», дар фасли ҷудогонае зери унвони «Роҳҳои ҳалли оштии тоҷикон (Аз Аҳмадшоҳ то ба Нурӣ)» ба таври фошофош бо овардани далелҳои мӯътамади мантиқӣ таъкид намудааст, ки «идомаи минбаъдаи вазъи номӯътадил дар Тоҷикистон ҳам барои Русия ва ҳам барои Эрон манфиат надошт ва ба ҷуз аз музокирот чораи

1 В.Горяев. Роль стран-победителей и международных организаций в таджикском конфликте.- Подготовительная встреча уроки мирного процесса в Таджикистане», Д., 21-22 июня, 2001.
2 Э.Рахматуллаев. Роль ООН в урегулировании межтаджикского конфликта. Автор.кан.дисс., М., 2000, с.3.
3 Иво Петров. Интервью с корреспондентом газ. «Азия плюс», 2001.

дигаре набуд»[1]. Бино ба гуфтаи ӯ, Русия манфиатдор ба он буд, ки:

а) Амният дар сарҳадоти ҷанубӣ, ки ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои худи Русия ва ҳам барои ИДМ муштарак меҳисобид, таъмин намояд;

б) Нуфузашро дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз даст надиҳад;

в) Пеши роҳи густариши афкори ҷудоиталабӣ (сепаратизм)-ро бигирад;

Эрон манфиатдор ба он буд, ки:

а) Нуфузи худро дар минтақа ҳифз намояд. Эрон аз суст шудани мавқеаш дар Афғонистон баъд аз шикасти тарафдоронаш –ҷомеаи шиамазҳабон нигаронӣ дошт;

б) Бо истифода аз фурсати муносиб робитаашро бо Русия таҳким бахшад ва бо ҳамин аз таҳримоти сиёсӣ дар миқёси байналмилалӣ берун барояд;

в) Мақоми Афғонистонро ба ҳайси як давлати мустақил ва якпорча нигоҳ дорад. Тарафи эронӣ бар он ақида буд, ки қаробати мухолифони тоҷик бо Иттиҳоди шимоли Афғонистон, бо роҳбарони тоҷиктабори он Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд, боиси ба бахшҳои ҷудогона қисмат шудани Афғонистон мегардад»[2].

Ҷонишини аввали вақти вазири корҳои хориҷии Русия А.Л.Адамишин қазияи бо ҳам як шудани Шимоли Афғонистон ва Тоҷикистонро дар мусоҳибааш бо хабарнигори «Независимая газета» (20 июли 1993) масъалаи кайҳо ҳалшуда ва як кори техникӣ номида, ба вуқӯъ пайвастани онро ба сифати фалокати сиёсӣ ва як манбаи вазъи муташанниҷ дар сартосари дунё муаррифӣ мекунад[3]. Бо нияти доман задан ба оташи ин иғво хабарнигори рӯзномаи «Красная звезда» 4 ноябри 1994 аз забони генерали ӯзбектабор Дӯстум навишта буд, ки «дар Афғонистон нерӯҳое ҳастанд, ки мехоҳанд Тоҷикистонро ба он ҳамроҳ намоянд, барои ҳамин ҳам ба оппозитсияи тоҷик ёрӣ мерасонанд»[4].

Мақомоти расмии Русия ва Эрон, агарчи ба таври расмӣ изҳор надоштаанд, аммо комилан равшан буд, ки намехос-

1 Е.Примаков. Годы в большой политике. – М., 1999, с.184.
2 Асари зикршуда, с. 184-185.
3 Ниг.: В.Портников. Адамишин в Центральной Азии. - газ. «Независимая газета», 20 июля, 1993.
4 А.Пельц. Прямой дороги к миру нет. – газ. «Красная звезда». 4 ноября, 1994.

танд дар Тоҷикистон ва дар минтақа бо истифода аз вазъияти баамаломада Амрико ва иттифоқчиёнаш– Покистон, Арабистони Саудӣ ва Туркия нуфуз пайдо намоянд. Ва гумони ғолиб меравад, ки дар кори ба ҳам наздик шудани мавқеи онҳо ин чиз на танҳо бетаъсир набуд, балки муассир буд.

Баъзе аз сиёсатшиносон, чунончи Елена Ригаччи Хей, ки ёвари ҳайати миёнҷии СММ дар Музокироти байни тоҷикон буд, ҷое, ки аз сабабҳои Музокироти сулҳи тоҷикон сухан меронад, гуфтааст, ки «иллати дигаре, ки тарафҳоро маҷбур намуд сари мизи гуфтушунид нишинанд, дигаргуниҳо дар Шимоли Афғонистон буд»[1]. Ин қазия тасҳеҳталаб аст. Зеро то замони тағйири вазъ дар Шимоли Афғонистон баъд аз ҳамлаи Толибон аллакай се даври Музокирот дар Маскав (апрели 1994), Теҳрон (июли 1994) ва Исломобод (октябр-ноябри 1994) гузашта, вохӯрии нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари оппозитсияи тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ моҳи маи 1995 дар пойтахти Давлати исломии Афғонистон дар ш. Кобул баргузор гардида буд. Аз ин сабаб далели мазкурро наметавон қобили қабул донист. Вале фикри муаллиф дар бораи ин ки дигаргуниҳо дар Шимоли Афғонистон - задухӯрдҳои Толибон бо Иттиҳоди Шимол дар наздикиҳои сарҳадоти мо, наздик гардидани алоқаҳои роҳбарони Давлати исломии Афғонистон – Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд бо ҳукумати Тоҷикистон ва Русия ба хотири дарёфтани аслиҳа, муҳимот, сӯзишворӣ, хӯрокворӣ ва алоқаи нақлиёт бо ҷаҳони беруна ва ғ. ангезае барои дарёфтани сулҳи тоҷикон гардид, беасос нест.

Вақте ки сухан аз нуфузи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар сулҳи тоҷикон меравад, саволе пайдо мешавад, ки кадоме аз онҳо муассиртар ва асосӣ буданд. Мо тарафдорони онем, ки чунин масъалагузорӣ накунем. Чунки дар раванди сулҳи тоҷикон ин омилҳо на дар алоҳидагӣ ва ба сари худ мустақил, балки дар якҷоягӣ ва дар маҷмӯъ ҷой доштанд. Аз ин рӯ, наметавон якеро бар дигаре тарҷеҳ дод ва якеро асосӣ ва дигаре ҷузъӣ ё дуюмдараҷа донист. Вале дар байни он ҳама омилҳои дохилию хориҷии фаровоне, ки Музокироти сулҳи тоҷиконро ба натиҷа расониданд, муҳимтар аз

1 Елена Ригаччи Хей. Методология межтаджикского переговорного процесса. - Accord. Вып.10, 2001, с. 50.

ҳама омили дарки зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз ҷониби тарафҳои даргир ва дохили қазия буд.

Тавре ки профессор Иброҳим Усмон - яке аз иштирокдорони бевоситаи раванди сулҳ дуруст мегӯяд, ки «ҷои баҳс нест, ки агар худи тоҷикон намехостанд, ... дар Тоҷикистон сулҳ барқарор намешуд»[1]. Хусусан, ки барои идомаи муқовимати мусаллаҳона бо боварӣ метавон гуфт, ки ҳам баҳона ва ҳам воситаву васила пайдо мешуд. Хушбахтона, тарафҳои даргири тоҷикон ба шарофати ақлу фаросати мероснашон саривақт дарёфтанд, ки ҷанг роҳи ҳалли мушкилашон нест, балки нафоти миллат, кишвар ва давлаташон дар сулҳу оштӣ ва дар ҳамдигарфаҳмию якпорчагист. ҳам тарафи ҳукумат ва ҳам ҷониби Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик (ИНОТ) ба хулоса омаданд, ки «тоҷикон худашон бояд ҳамаи масъалаҳои марбут ба Тоҷикистонро аз роҳи муколима ва гузаштҳои дутарафа ҳал намоянд»[2]. Агарчи ҳам барои Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов ва ҳам барои роҳбари ИНОТ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ осон набуд, ки тарафдоронашон махсусан фармондеҳони низомиашонро розӣ ба музокирот ва сулҳ намоянд. Барои ин вақти зиёд ва заҳмати зиёд сарф гардид. Онҳо барои ин ки мақомоти давлатӣ ва мухолифонро ба Музокирот ва сулҳу оштӣ розӣ намоянд ва онҳоро ба натиҷаҳои мусбати он бовар кунонанд, ҳар як дар замина корҳои зиёдеро анҷом доданд. Аз ҷумла, борҳо бо доираҳои мухталиф, гурӯҳҳои ҷудогонаи давлатӣ ва оппозитсионӣ маслиҳату машваратҳо оростанд.

Дар натиҷа тарафи ИНОТ ба таври расмӣ танҳо 7 декабри1993 он ҳам пас аз чандин маслиҳату машварат дар шаҳрҳои ҷудогонаи Афғонистону Покистон ва бори охир пеш аз оғози Музокирот дар Теҳрон пас аз вохӯрӣ бо ҷонишини аввали онвақтаи вазири корҳои хориҷии Русия А.Адамишин дар таърихи 6 декабри 1993 рӯзи дигар ба ҳам нишаста, ба ифоқа расиданд ва санади «Пешниҳодҳо барои ҳалли мусолиҳатомези низои ҳарбию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба вуҷуд оварданд. Тарафи ҳукумат дар навбати худ, агарчи аз рӯзи аввали барқарорӣ нияти оғози гуфтушунид бо мухолифонро доштааст[3], тасмими

1 Иброҳим Усмон. Сулҳнома.- Д., 2001, с.3.
2 Э.Ш.Рахмонов. Долгий путь к миру. - Д.,1998, с. 21.
3 Э.Ш. Раҳмонов. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин.- Д., 1996, с. 257.

ниҳоии иштирок дар музокироти ояндаро танҳо дар моҳи марти соли 1994 гирифта буд[1]. Аз ин баъд ҳукумати ҶТ ва муассисаҳои хориҷии он пайваста аз ҷонибдор будан ба гуфтушунид, сулҳ ва оштӣ ҳарф заданд. Чунончӣ, 16 декабри 1994 Намояндаи доимии ҶТ дар СММ Л.Қаюмов дар суханрониаш дар СММ иброз дошт, ки «ҳукумати Тоҷикистон бори дигар тасдиқ мекунад, ки тамоми кӯшишҳоро барои идомаи гуфтушунид ба хотири дарёфти оштиро мекунад».

Далели он, ки тарафҳои даргири қазияи Тоҷикистонро маҳз дарки зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба сулҳу оштӣ ва Музокирот водор сохта буд, ин аст, ки дар муҳимтарин санадҳое, ки дар ҷараёни Музокироти тоҷикон ба имзо расонидааст, як нукта гаштаю баргашта таъкид ёфтааст, ки тарафҳо «барои таъмини риояи манфиатҳои олии халқи тоҷик азми қатъӣ доштаанд»[2], «бо дарки хатари ҳалокатбори муқовимати низомию сиёсӣ ва масъулияти бузурги худ барои ояндаи халқ ва давлати тоҷик... ба созиш расидаанд»[3]. «Мо, - гуфтаанд Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов ва Раиси ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон С.А.Нурӣ дар Изҳороти муштаркаи худ дар Кобул рӯзи 19 майи соли 1995, - манфиатҳои олии мардуми тоҷик ва мамлакати азиаткашидаамонро ба инобат гирифта, ба хотири ноилшавӣ ба сулҳу ризоият дар Тоҷикистон, муҳайё сохтани шароити мусоид барои ободонию шукуфоии ҳақиқии Ватан... мулоқот доир сохтем»[4].

Рамзист, ки нахустин санаде, ки тарафҳои Тоҷикистон дар Музокироти сулҳ ба имзо расонданд, Изҳороти якҷояи иштироккунандагони Музокироти байни тоҷикон «Дар бораи масъалаи ҳифзи маъмунгоҳи «Бешаи палангон» дар таърихи 19 апрели 1994 буд. Ин худ шоҳиди равшани он аст, ки миллати тоҷик табиатан ва таърихан ободгар аст, на вайронгар. Он вақт тарафҳои тоҷикӣ ҳанӯз намедонистанд, ки кай сулҳу оштӣ ба даст меояд, аммо онҳо ғами онро мехӯрданд, ки як гӯшаи ободу зебои диёрашон хароб нагардад. Ингуна масъулиятро танҳо касоне дарк мекунанд,

1 И.Усмонов. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир. - Д., 1999, с.9.
2 Пайки оштӣ. – Д., 1998, с.6.
3 Маҷмӯаи зикршуда, с.14.
4 И.Усмон. Сулҳнома. с. 135.

ки дар назди ватани худ, халқи худ масъулият доранд.

Манфиатҳои милии ҶТ дар арафа ва рафти Музокироти сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама, аз ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон, тамомияти арзӣ ва давлатдории тоҷикон иборат буд. Зеро дар он вақт, дарвоқеъ, хатари ҷиддии аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ва тозабунёди Тоҷикистон, халалдоршавии тамомияти арзии он, ба минтақаву маҳалҳои ҷудогона қисмат шудани он таҳдид мекард. Гап-гапи ташкили Ҷумҳурии Бадахшон, кӯшиши танзими Қонуни асосии Бадахшон, бастани роҳҳо ва тарконидани пулҳо дар самти шимол, ҳамлаи мусаллаҳона ба вилояти Суғд, эълони Ҷумҳурии исломии Ғарм ва ғ. далел бар ин мебошад. Дар замн як гуфтаи Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов дар рӯзи 26 июли 2004 дар арафаи ҷашни Ваҳдатро зикр мекунем. Ӯ аз мавҷуд будани нақшаи ба се бахш тақсим кардани Тоҷикистон: 1) Ҷумҳурии Бадахшон; 2) Ба ном минтақаи озоди Хуҷанд ва 3) Қисмати ҷануби Тоҷикистон дарак дода буд, ки он ҳам қазияи болоро тасдиқ менамояд. Ба татбиқи нақшаи мазкур нерӯҳои муайяни дохилӣ ва хориҷӣ манфиатдор буданд ва дар ҳамин роҳ пайгирона фаъолият менамуданд.

Музокироти суҳи тоҷикон, ки даврааи аввалаш дар 5 апрели 1994 дар Маскав оғоз гардида, даври охиринаш 27 июни 1997 дар ҳамон ҷо анҷом ёфта буд, яксон ва ҳамвор набуд. Бисёр воқеъ шудааст, ки раванди Музокирот ва баъдтар фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ба бунбасте медаромад ва ҳайатҳои музокиракунанда ва аъзои КОМ гумон мекарданд, ки муқовимату мухолифат аз сар гирифта мешавад. Вале, хушбахтона, роҳбарони ҷонибҳои сулҳи тоҷикон Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов ва роҳбари ИНОТ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, муассисаҳои масъули сиёсати хориҷии тарафҳо бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил сари вақт ҳозиру нозир мешуданд, гуфтугӯ мекарданд ва душвортарин мушкилотро бо як нишаст ҳаллу фасл намуда, тамоми масъулиятро бар дӯши худ мегирифтанд. ҳалли саҳмияи 30%, имзои Протоколи сиёсӣ, иҷозаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсии бар асоси динӣ ва ғ. масъулияти сангине буд, ки гумон аст, ки ба ҷуз шахсияти миллии фавқулодае, монанди Э.Ш.Раҳмонов каси дигаре онро ба зима мегирифт. То ин, ки ҷиддӣ будани ин қазия

то андозае равшан шавад, лаҳзае тасаввур намоед, ки агар сулҳи тоҷикон барор намегирифт, чӣ тӯҳмату маломатҳое ба сари ӯ намерехт ва чӣ гуноҳҳои сағираю кабирае ба ӯ нисбат дода намешуд. Вақте ки раванди сулҳ барор гирифт, касони зиёде худро ба он шарик гардонданд. Вале он вақт на ҳама аз Президент ва тасмими гирифтааш ҷонибдорӣ мекарданд. «Бо мақсади такон бахшидан ба ҷараёни гуфтушунид, - гуфта буд Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов соли 1996, - худам ба Кобул ва Теҳрон сафар карда, бо роҳбари мухолифони мусаллаҳи исломӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ гуфтугӯ кардам. ҳамчунон роҷеъ ба ҳамин масъала борҳо бо роҳбарияти Афғонистон, Эрон, Покистон, Русия, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо мулоқот доштам»[1].

1 ноябри соли 1999 ҳангоми вохӯрии Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов бо Дабири кулли СММ Кофе Аннан таъкид шуд, ки дар Тоҷикистон СММ дар кори ҳалли низоъҳо таҷрибаи нодире пайдо кард. Ва ин таҷриба ҳам аз нигоҳи тарзи дахолат, усул ва роҳҳои ҳалли танзими вазъ ва ҳам аз ҷиҳати ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои молиявӣ дар истиқрори сулҳ ва оромӣ дар «нуқтаҳои доғ» шоистаи омӯзиш мебошад[2].

Таҷрибаи бобарори сулҳи тоҷикон ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар расидани он дастоварди бузурги дипломатияи муосири тоҷик ба шумор меравад. ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки мақомоте, ки сиёсати хориҷии ҳукумати ҶТ ва роҳбарияти онро амалӣ мекарданд, давраи ташаккулро аз сар мегузаронидаанд. Чунончӣ, дар воқеъ, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ «амалан дар ҷои холӣ ба вуҷуд омада буд. Аммо ба он муяссар гардид, ки дар кӯтоҳтарин фурсат ҳайати дастгоҳи марказии вазоратро пурра намояд[3].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои сиёсати хориҷии он бо сарварии Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов на танҳо сиёсати сулҳу оштии миллиро дар мамлакат пеш гирифтанд ва онро бомуваффақият амалӣ гардонданд, балки ба субут ҳам расониданд, ки ме-

1 Э.Ш.Раҳмонов. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин.- Д., 1996, с.256-257.
2 Т.Назаров. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Д., 2001, с. 153-154.
3 Асари зикршуда, с.228.

тавонанд бо мухолифони сиёсиашон дар шароити низоми бисёрҳизбӣ ва парламонӣ дар идораи ҳукумат ҳамкорӣ намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Осиёи Марказӣ ягона кишварест, ки Конститутсияи он эҷоди ҳизби сиёсии мабнӣ бар динро иҷозат медиҳад. Таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон исбот кард, ки душвортарин масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро метавон аз тариқи муколимаву музокира ва бо роҳи мусолиматомез ҳал кард.

ФАСЛИ СЕЮМ

ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ – ПОЯГУЗОРИ ДИПЛОМАТИЯ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Тавре ки дар ду фасли пешина ишора карда будем, агарчи аввалин кӯшишҳои додани истиқлоли бештар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта дар замони Гармои хурушёвӣ оғоз гардида, дар даврони Бозсозии горбачёвӣ идома ёфта буд, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо пас аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ мустақил шуд.

Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 сентябри 1991 чанд санади тақдирсозро қабул намуд, аз ҷумла Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағироту иловаҳо ба Эъломия дар бораи истиқлоли ҶСС Тоҷикистонро, ки онҳо асоси ҳуқуқии истиқлолияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи сиёсати хориҷии онро гузошта буданд. Чунончӣ, дар банди 15 Эъломия дар бораи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри 1991) омадааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, бо кишварҳои хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ, консулӣ, иқтисодӣ ва ғ. барқарор менамояд, ба онҳо намояндагони мухтор табодул мекунад ва созишномаҳои байналмилалӣ мебандад.» Ин нукта дар тағироту иловаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боби 4-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Фаъолияти сиёсати хориҷӣ ва ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, таъкид ёфтааст. Вале афсӯс, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин имкониятҳои нав ва шароити мусоиде, ки баъд аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ фароҳам омада буд, натавонист, ки ба таври бояду шояд истифода намояд. Зеро, чунонки гуфта будем, бо истифода аз ҳарҷу марҷи сиёсие, ки дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ пас аз эълони марҳилаи Бозсозӣ ва Ошкорбаёнӣ ва дар оғози солҳои 90-ум ба вуҷуд омада буд, нерӯҳои манфиатдори дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ҷанги

шаҳрвандиро созмон доданд.

Ва табиист, ки ин муқовимати сиёсию низомие, ки панҷ сол идома кард, ба сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва фаъолияти муассисаҳои он, ба робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ таъсири манфӣ расонда, сатҳи онҳоро паст кард. Бар асари шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми соли 1992 сафоратхона ва намояндагиҳои баъзе аз кишварҳои хориҷӣ, ки дар Душанбе амал мекарданд, миқдори ходимони худро коҳиш дода, фаъолияташонро маҳдуд намуда, баъзеи дигар қатъи фаъолият карда, ҷумҳуриро тарк гуфтанд.

Марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар ш. Хуҷанд сар шуд. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов дар «Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт. Ва чун натиҷа дар як фосилаи нисбатан кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 100 давлати хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Роҳбари Давлат ва ҳукумат дар нахустин муроҷиатномааш ба мардуми ҷуҳурӣ ҳангоми баршумурдани масъалаҳои ҳаётии муҳиме, ки дар назди ҳар як давлати соҳибистиқлол меистад, баъд аз зикри он, ки бояд «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст[1], ҳамчунин пас аз таъкиди зарурати «таъсис додани артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифоъи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[2], аз чанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Он масъалаҳо аз рӯи тартибе, ки дар Муроҷиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

1. Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

2. Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо

1 Э.Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. - Д., 1995, с. 8.

2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;

3. Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;

4. Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;

5. Дар асоси усули баробарӣ, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико;

6. Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ[1].

Тавре ки мебинем, дар ин масъалагузорӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ усул ва самтҳои асосии он ба таври куллӣ баён гардидааст. Инкишофи баъдинаи онро дар суханронӣ, гузориш, изҳорот, муроҷиатнома, мусоҳиба ва нишастҳои матбуотии сершуморе, ки пас аз ин Э.Ш. Раҳмонов кардааст, мебинем. Чунончӣ, дар Муроҷиатнома ба муносибати солгарди ба узвияти СММ қабул шудани ҶТ (марти 1993), дар маҷлиси фаъолони вилояти Бадахшон (13 июни 1993), дар Иҷлосияи XVII-уми Шӯрои Олии ҶТ (26 июни 1993), дар ифтитоҳи таҷлили ҷашни истиқлоли ҷумҳурӣ ва Анҷумани дуюми тоҷикони ҷаҳон (8 сентябри 1993), дар посух ба саволҳои сармуҳаррири редаксияи маркази иттилоотии «Ховар» дар арафаи ҷашни дуюмин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон (сентябри 1993), дар маъракаи яксолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ (15 ноябри 1993), дар Иҷлосияи XVII Шӯрои Олии ҶТ (28 декабри 1993), дар машварати ҷумҳуриявии намояндагони коллективҳои меҳнатӣ ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон (28 феврали 1994), дар Иҷлосияи 40-уми Маҷмаи умумии СММ (октябри 1994), дар Барномаи пешазинтихоботӣ ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (октябри 1994), дар нахустин Иҷлосияи Маҷлиси Олии ҶТ (7 апрели 1995), дар таҷлили ҷашни 4-солагии истиқлолият (8 сентябри 1995), дар Иҷлосияи 50-уми

1 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

Маҷмаи умумии СММ (24 октябри 1995), дар суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба рӯзи истиқлолият (8 сентябри 1996), дар суханронӣ дар Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (12 ноябри 1998), дар маҷлиси умумиҷумҳурии ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ (9 феврали 1999), дар маҷлиси роҳбарони сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҶТ (4 августи 1999), дар суханронӣ бахшида ба иди истиқлол ва 1100-солагии давлати Сомониён (8 августи 1999), дар муроҷиат ба ҷомеаи байналмилалӣ аз тариқи радиои СММ (25 сентябри 1999), дар мақолаи «ҶТ: дар остонаи а. XXI. Рафтори воқеъбинона алтернатива надорад» (газ. «Независимая газета», 8 декабри 2000), дар Наём ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони МО ҶТ (30 апрели 2001), дар суханронӣ бахшида ба 10-солагии истиқлолияти ҶТ (8 сентябри 2001), дар мулоқот ба зиёиён (20 марти 2002), дар Паём ба МО ҶТ (22 апрели 2002), дар ҷавоб ба саволҳои мухбири «Независимая газета» (14 майи 2002) ва ғ.

Инкишофи босуръати робитаҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва ҳам зарурати ҳарчи зудтар ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пайдо намудани ҷои муносиби худ дар радифи халқу кишварҳои ҷаҳон доштани Консептсияи сиёсати хориҷиро тақозо мекард. Бинобар ин Э.Ш.Раҳмонов ҳанӯз 28 декабри соли 1993 ҳангоми суханрониаш дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҶТ дар ин замина масъалагузорӣ кард, гуфта буд: «... Моро дар аввал лозим аст, ки як консептсияи томи сиёсати беруниро дар даст дошта бошем, то равшаи тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаъолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад»[1]. Роҳбари Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурӣ дар суханрониаш на танҳо таъкид ба зарурати танзими консептсияи сиёсати хориҷӣ кардааст, балки ишора ба баъзе аз нуктаҳои умдаи он ҳам намудааст. Аз ҷумла, ӯ тавсия додааст, ки ҳангоми таҳияи консептсияи хориҷӣ ин нукта ба назар гирифта шавад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи

1 Э.Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлоли ҶТ ва худшиносӣ. - Д., 1995, с. 78.

геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

ҳавзаи якум - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

ҳавзаи дуввум - Осиёи Марказист...;

ҳавзаи саввум - фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст...;

ҳавзаи чахорум – доираи нуфузи давлатҳои мусулмонишини Шарқ аст...;

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум – ҷомеаи байналмалилалист»[1].

Нуктаи дигаре, ки Э.Ш.Раҳмонов ба эътибор гирифтани онро ҳангоми таълифи консептсияи сиёсати хориҷӣ таъкид намудааст, «дарёфти баланси оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост»[2]. Ӯ ҳалли ин масъаларо махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ба қавли ӯ, «ҳамагӣ ду сол боз ба майдони муносибати ҷаҳонӣ ворид шудааст, дар бахши фаъолияти байналхалқӣ - чӣ сиёсату чӣ тиҷорат – таҷрибаи кофӣ надорад», зарур мешуморад ва мегӯяд, ки «бинобар ин, ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷиамон, хусусан аввалияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳое, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил намегузорем»[3] ва маҳз аз ҳамин мавқеъ роҳбари Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон суханрониаш усули муносибат бо Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро шарҳ додааст.

Омодагӣ ба танзими Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 дар Вазорати корҳои хориҷӣ сар шуда буд ва як тарҳе бо номи «Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба вуҷуд омада буд. Ва вақте ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар Паёми соли 2000 худ ба Маҷлиси Олӣ вазифаи танзими Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нав ба миён гузошт, 18 июни соли 2001 бо қарори Коллегияи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корие дар ҳайати А.Сатторов (муовини вазир, роҳбар), М.Раҷабов (сардори Раёсати таҳлил ва тадқиқи стратегӣ), И.У. Сатторов (сардори Раёсати итти-

1 Асари зикршуда, с.79.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

лоот), Э. Қосимов (сардори Раёсати созмонҳои байналмилалӣ) ва А. Юлдошев (сардори Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқо) таъсис ёфт. Дертар ба ҳайати мазкур С. Имомов (сардори Раёсати ҳуқуқ ва шартнома), Н. Шамсов (сардори Раёсати созмонҳои байналмилалӣ ва М. Лиқоев (сардори Раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегӣ) илова гардиданд. Гурӯҳи корӣ дар тӯли бештар аз 6 моҳ тарҳи мазкурро такмилу тасҳеҳ дод ва ба ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод кард, ки он 24 сентябри 2002 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бахшҳои «Нуктаҳои умда», фаслҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои байналмилалӣ», «Аввалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон» ва «Танзим ва татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иборат мебошад. Асоси ҳуқуқии онро Конститутияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии дигаре, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ танзим мекунанд, усул ва меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Консептсияи сиёсати хориҷӣ онро сифатан нав кард, миллӣ намуд. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик дар Консепсия чунин муқаррар шудааст:

- Ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти марзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;
- Таҳкими эътидоли сиёсӣ ва оштии миллӣ;
- Муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи некӯаҳволии халқ, амнияти иқтисодӣ ва экологии мамлакат;
- Бунёди ҷомеаи демократӣ бар асоси усули иқтисоди бозоргонӣ;
- ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, шараф ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва берун аз он;
- Ташаккули камарбанди ҳамсоягии нек дар марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Инкишофи муносибатҳои боэътимод, дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо;
- Таҳкими имиҷи мусбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дунё;
- Мусоидат ба ҷомеаҳои тоҷикӣ дар кишварҳои дигар дар чаҳорчӯбаи муқаррар намудаи қонунгузории онҳо.

Ба такя бар манфиатҳои миллии мо дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ҳадафҳои аслии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарозмуддат иборат аст аз омода ва ҳифз намудани шароити берунаи мусоид барои идомаи муваффақонаи ислоҳот дар дохили кишвар, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳайси давлати мустақил, пайдо намудани заминаҳои мувофиқати манфиатҳои мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар раванди ҳалли вазифаҳое, ки ба сифати афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон муайян шудаанд. ҳадафҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кӯтоҳмуддат барои таъмин ва тақвияти ҷои муносиби кишварамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бунёди иқтисоди бозоргонии босамаре, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини амнияти миллӣ, суръат бахшидан ба равандҳои ҳамоишӣ дар минтақа ва ҷаҳон, ташаккули низоми муносибатҳои шарикӣ ва иттифоқӣ, ки ба такмили шаклҳо ва усули ҳамкории Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд, нигаронда шудааст.

Ҳамаи ин гувоҳи равшани он аст, ки Роҳбари Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти муассисаҳои он аз аввалин рӯзҳои ба сари қудрат омаданаш диққати фавқулода медиҳад. Ва ин бесабаб нест. Зеро муайян нашудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии ҶТ ва роҳбарӣ кардан ба фаъолияти рӯзмарраи муассисаҳои он, ҳамчунин татбиқи амалии он на танҳо вазифаи конститутсионии ӯ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ дар аввал ва Президенти ҶТ дар марҳилаҳои баъдӣ мебошад, балки ӯ ба хубӣ дарк намудааст, ки имрӯз дар дунё ҳеҷ кишваре бе сиёсати дурусти хориҷӣ наметавонад пеш равад. Пешравиҳо дар татбиқи сиёсати дохилӣ, чунон ки маълум аст, аз бисёр ҷиҳат ба фароҳам овардани шароити мусоид ва фазои муносиб дар хориҷ аз кишвар вобастагӣ дорад.

Роҳбари нави ҷумҳурӣ дар Иҷлосияи таърихии Хуҷанд ба мардуми Тоҷикистон ва ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчунин эълом дошта буд, ки дар Тоҷикистон сулҳу осоишро барқарор хоҳад кард: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам»[1]. Ва ҳамин тавр ҳам кард. Ӯ аз ҳамон Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда, роҳи гуфтушунид бо рақибони сиёсии худро пеш гирифт ва то ба охир содиқ монд. Дарёфти сулҳу оштиро ба яке аз рукнҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дод.

Мо аз хусуси нақши муассири дипломатияи навбунёди тоҷик бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ, ташкил ва баргузории Музокироти сулҳи байни тоҷикон ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, хосса фаъолияти босамари Гурӯҳи тамос, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва ғ. дар фасли «Дипломатияи тоҷик дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ» сухан ронда будем. Аз ин рӯ, дар ин ҷо аз такрор худдорӣ намуда, бо зикри он нукта иктифо мекунем, ки аз оғози соли 1994 сар карда масъалаи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ ба тадриҷ ба масъалаи марказии фаъолияти густурдаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ мубаддал мегардад. Масъалаи мазкур дар мулоқоти ӯ бо Дабирони кулли СММ Бутрос-Ғолӣ (17 майи 1996) ва Кофе Аннан (1 октябри 1999), бо Намояндагони вижаи Дабири кулли СММ дар Музокироти сулҳи байни тоҷикон Рамиро Перес Баллон (14 январи 1994; 9 августи 1995), Герд Дитрих Меррем (26 сентябр, 24 октябр ва 18 ноябри 1996; 21 апрел ва 4 июни 1997), Ян Кубиш (19 июни 1998, 27 январ, 4 май, 27 май, 2 июни 1999) ва Иво Петров (11 октябр, 15 октябри 1999), Сарварони Гурӯҳи нозирони низомии СММ дар Тоҷикистон ҳасан Аббаза (11 январи 1995) ва Дарко Шилович (30 марти 1995), Дабири кулли САҲА Вилгелм Хойнк (24 феврали 1994), сардори Миссияи САҲА дар Тоҷикистон Марина Бухоара (14 апрел ва 20 октябри 1999), вазирони корҳои

1 Ҳамон асар, саҳ. 9.

хориҷии кишварҳои вакил – Эрон Алиакбари Вилоятӣ (11 августи 1995) ва Камол Харрозӣ (15 сентябри 1999), Туркманистон Борис Шихмуродов (31 августи 1995), ИМА Мадлен Олбрайт (2 октябри 1997), Утриш Ферреро Вайлднер (26 ноябри 1999), Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов (15 майи 1999), сафирони ИМА Грант Смит (31 июли 1995), Олмон Матиас Майер (1 апрели 1997), Федератсияи Русия Е.Белов (23 майи 1997), Эрон Саидрасул Мӯсавӣ (17 майи 1999), Чин Фу Тсюан Чжан (3 августи 1999), аъзои Гурӯҳи тамос (2 март; 25 май ва 16 октябри 1999), дар номааш ба унвони Дабири кулли СММ Бутрос-Ғолӣ (9 январи 1995), дар ҷараёни сафарҳои корӣ, расмӣ, давлатӣ ва дӯстонаш ба Италия (13 ноябри 1996), Ветнам (18 январи 1999), Ҳиндустон (22 январ 1999), Федератсияи Русия (15 апрели 1999), Утриш (12 апрели 2000) ва ғ. мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифта буд.

Агар як рукни асосӣ ва фарқкунандаи сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов сиёсати дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ бошад, рукни дигари он ба кор гирифтан аз дипломатияи иқтисодист. Чунин сиёсатро худи вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии онвақтаи кишвар, ки нав ба истиқлолияти давлатӣ расида буду робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он бо кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ бо фурӯпошии султаи Шӯравӣ ба якборагӣ қатъ гардид ва аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хисороти молию ҷонии ҳангуфта бардошта буда, тақозо мекард. Хизмати бузурги Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон дар он аст, ки ин тақозои ҷомеаашро саривақт дарк намуд ва онро асоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи тақдирсози он қарор дод ва фаъолона пеш бурд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 6 августи соли 1999, пас аз зиёда аз ду соли ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар 27 июни соли 1997, ҳангоми қабули эътиборномаи Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бахтиёр Урдашев бо ишора ба роҳи пешгирифтаи кишвараш дар сиёсати хориҷӣ тасдиқ карда буд, ки «дар шароити амиқ рафтани раванди сулҳ ҳукумати Ҷумҳурӣ бо ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустақиман

машғул мешавад»[1]. Дарвоқеъ баробари амиқ рафтани раванди сулҳ ва истиқрори боварӣ ба Тоҷикистон раванди ташаккули фазои инвеститсионии нисбатан муносиб сурат мегирад. Маҳз ба шарофати ҳамин дигаргуниҳост, ки баъзе аз ширкатҳои англисӣ, канадагӣ, кореягӣ, чинӣ, итолиёвӣ, эронӣ, русӣ ва ғайра ба баъзе аз соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ нахустин маблағгузориҳо карданд.

Ҳоло Тоҷикистон дар ихтиёри худ маҷмӯи созишнома ва шартномаҳоро дорост, ки бо бисёре аз кишварҳои хориҷӣ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, қарз, сохтмони воҳидҳои саноатӣ ва инфраструктурӣ, бунёди корхонаҳои муштарак ба имзо расонидааст. Барои ба вуҷуд овардани фазои инвеститсионӣ як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шудаанд, ки ба ҷалби сармояҳои инвеститсионӣ мусоидат менамоянд. Бо чанде аз мамлакатҳо дар асоси робитаи дуҷониба созишнома дар бораи худдорӣ аз андозбандии дукарата ва ҳифзи инвеститсия баста шуд. ҳоло дар ҷумҳурӣ савдои берунӣ ва дарунӣ, нарх, амалиёт дар бозори арз озод буда, расмиёти квотадиҳӣ, литсензиягирӣ ва маҳдудият ба содирот бекор карда шудаанд. Чораҳои дигар ба таъмини ҳифзи баробари ҳуқуқ, манфиат ва дороии субъектҳои фаъолияти инвеститсионӣ, сарфи назар аз шакли моликият, нигаронида шудаанд.

Мувофиқи санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориҳои хориҷӣ милликунонида намешаванд, ба сармоягузорони хориҷӣ кафолати табдили даромади онҳо, ки қонунӣ ба даст овардаанд, ба арзи хориҷӣ дода мешавад. ҳамин тавр, тадриҷан шароите, ки ба инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, ба вуҷуд оварда мешавад. Аз он ҷумла, миқдори зиёди барнома ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба соҳаҳои афзалиятдори иктисод, ки метавонанд заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ гарданд, танзим дода мешаванд. Ба муҳимтарин самтҳои афзалиятдори ҳамкориҳои иқтисодӣ метавон соҳаҳои гидроэнергетика, саноати кӯҳканӣ ва коркарди он, истихроҷ ва коркарди сангҳо ва маъданҳои рангаи қиматбаҳо, истеҳсоли маводи сохтмонӣ, коркарди масолеҳи кишоварзӣ (пахта, ангур, сабзавот, меваҷот, тамоку ва ғ.)-ро дохил намуд.

1 Нит.: З. Саидов. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. - Д., 2006, с. 92.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ба саҳҳомӣ гардонидани муассисаҳо имконият медиҳад. Қисме аз саҳмияҳои онро метавонанд сармоягузорони хориҷӣ харидорӣ кунанд. ҳамкории иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр соҳаҳои дигар низ судовар мебошад, ба мисли саноати бофандагӣ ва сабук, истеҳсоли хӯрокворӣ ва қаннодӣ, тиб ва доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, телекоммуникатсия, сохтмони ниҳодҳои истироҳатӣ ва туристӣ, ҳамкориҳои илмию техникӣ ва таълиму тарбияи мутахассисон дар соҳаҳои иқтисодиёт, молиёт ва фаъолияти бонкӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори густариш ва амиқ гардонидани муносибатҳои дутарафа ва бисёрҷониба бо кишварҳоест, ки қудрати сармоягузориро ба иқтисоди кишвар доранд. Агар сухан аз имкониятҳои содироти Тоҷикистон равад, агарчи имрӯз як андоза дар чаҳорчӯбаи фурӯши нахи пахта, алюминийи нимтайёр, контсентрати корхонаҳои кӯҳканӣ ва баъзе маҳсулоти хоми дигар маҳдуд аст, дар дурнамо имконияти васеи афзоиш додани ҳаҷми гардиши мол барои савдои хориҷӣ аз ҳисоби маҳсулоте, монанди маводи шаробӣ, меваи хушк, пӯст ва маҳсулоти пӯстин, пашм, маҳсулот аз маъдан ва сангҳои қиматбаҳо мавҷуд мебошад.

Барои вусъат бахшидани ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муҳимтарин ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ ба нияти истифодаи имкониятҳои ҳамоишии онҳо барои рушди устувори кишвар ва бунёди механизмҳои зарурии бозорӣ бо инфраструктураи пешқадами муосир аҳамияти калон дорад. Аз ин ҷиҳат Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти худ ба ҳайати созмонҳои зерин афзалияти бештаре медиҳад: Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони иқтисодии аврупоию осиёӣ (СИАО – ЕврАзЭС), Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ – ШОС), Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (СҲИ – ЭКО), Созмони Конфронси исломӣ (СКИ-ОИК). ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои номбаршудаи минтақавӣ ва зерминтақавӣ (субрегионалӣ) имкон медиҳад на танҳо робитаҳои бисёрҷонибаи ҷумҳурӣ густариш ёбад, балки заминаҳои мусоид барои амиқ гардонидани ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба ба вуҷуд оварда шавад. Аммо ин ба он маъно нест, ки Тоҷикистон набояд

барои бахши дигари ҷаҳон боз набошад. Ҷустуҷӯи роҳҳои вусъат бахшидани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА, минтақаи Осиёю Уқёнуси Ором, махсусан ба Ҷопон муҳим мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар баробари пурра сафарбар намудани имкониятҳои дохилӣ барои фаъол гардонидани иқтисоди кишвар ҳамчунин ба мусоидат кардан ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва воситаву имкониятҳои институтҳои молию қарзие, мисли Бунёди байналмилалии асъор (ББА – МВФ), Бонки рушд ва истиқрори Аврупо (БРИА – ЕБРР), Бонки Умумиҷаҳонӣ (БУ – ВБ), Бонки Осиё (БО – АБ) ва Бонки рушди исломӣ (БРИ – ИБР) диққати хосса медиҳад. Бо роҳбарон ва намояндагони ин созмонҳо ва ташкилотҳои дигар чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷи он вохӯриву гуфтугӯҳои зиёде мегузаронад[1]. Натиҷаи ҳамин кӯшишҳои пайгиронаи Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон буд, ки ин муассисаҳои молию қарзии соҳибқудрати умумидунёӣ ва минтақавӣ шарики Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд ва ба ҷумҳурӣ дар кори дастгирии баланси пардохт, барқарорсозӣ ва бо воситаҳои ҳозиразамон таҷҳизонидани як қатор ниҳодҳои ҳаётан муҳимми соҳаи иҷтимоиёт ёрӣ мерасонанд. Дар маҷмӯъ соли 2004 дар Тоҷикистон ба воситаи ҳукумат дар ҳаҷми 463 млн. доллари амрикоӣ лоиҳаҳои гуногун, аз он ҷумла 27 лоиҳаи муштарак ба маблағи 422 млн. доллари амрикоӣ, амалӣ карда шуданд.

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ масъалаи суръат бахшидан ба раванди ҳамоиши иқтисодии кишвар ба низоми байналмилалии хоҷагидорӣ аҳамияти фавқуллода муҳимро касб мекунад. Ба ҳамин муносибат ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи узвият дар Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат (СУТ – ВТО), ки дар соли 2000 ба ҳайси мушоҳидагар пазируфта шуд, диққати ҷиддӣ медиҳад. Бо ҳамин мақсад 30 августи соли 2001 Комиссияи байниидоравӣ оид ба масъалаҳои шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат таъсис ёфт. Ва дар чаҳорчӯбаи

1 Ниг.: Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. - Д., 2006, с. 45, 49, 57, 58, 66, 70, 72, 80, 87, 100, 110, 117, 137, 139, 144, 213, 218, 223, 226, 260, 286, 305, 306, 307, 314, 316, 317, 319, 321, 339, 343, 346, 354, 356, 384, 385, 420, 471, 473, 475, 479, 496, 503, 517, 518, 525, 526.

ҳамкорӣ бо ин созмон аз 9 то 13 ноябри соли 2001 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардории вазири корҳои хориҷии кишвар Т.Назаров ба ҳайси мушоҳидагар дар кори Маҷлиси вазирони давлатҳои иштирокдори СУТ дар давлати Қатар ширкат варзид. ҳамчунин бо мақсади тезонидани ҷараёни узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУТ ҳукумат санади Ёддошти тафоҳум дар бораи тартиби тиҷорати беруниро омода сохт ва дар моҳи феврали соли 2003 ба муҳокимаи Котиботи умумии СУТ ва давлатҳои иштирокдори ин созмон фиристод. Аммо ба сабаби он, ки давраи такмили расмиёти узвият ба СУТ хеле тӯлонӣ ва душвор ҳам мебошад, он ҳанӯз ба охир нарасидааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти ин созмон пазируфта нашудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд корҳои омодагиро ба анҷом расонад. Пеш аз ҳама, бояд масъалаи иқтисодро ба воситаи татбиқи механизми бозорӣ дар ҳадде, ки самаранокии истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат дар бозори умумиҷаҳонии молро таъмин намояд, ҳалу фасл намуд. Барои он ки ин масъала дар сатҳи макроиқтисодӣ бомуваффақият ба иҷро расад, бояд кори такмили низоми молию бонкӣ ва гумрукию андозбандиро давом дод, танзими раванди хусусигардонӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои амалӣ кардани рақобати солим дар соҳаи истеҳсолот ва гардиши мол, танзими таносуби нархҳои давлатӣ ва бозорӣ, беҳтар гардонидани таносуби ҳаҷми мол ва маҷмӯи пул, ба мақсад мувофиқ гардонидани робитаҳои иқтисодии берунӣ, аз он ҷумла тиҷоратиро давом дод. Зеро мувофиқи талаботи СУТ иқтисоди давлатҳои иштирокдори он бояд бо технологияи олӣ муҷаҳҳаз бошад, то ки маҳсулоти он аз рӯи сифати хеш ҷавобгӯи талаботи бозори умумиҷаҳонӣ бошад. Иҷрои ин вазифаҳо кори чандон осоне нест. Аммо бояд кӯшиш намуд, ки роҳҳои ҳалли онҳоро дар наздиктарин солҳо пайдо кард. Тоҷикистонро лозим меояд, ки барои иҷрои ин масъалаҳо аз имконоти кишварҳое мисли Чин, Амрико ва ғ. истифода намояд. Узвият дар ин созмони бонуфуз ба кишварҳои узви он имтиёзҳои зиёде медиҳад, барои онҳо роҳро ба бозорҳои тиҷоратии умумиҷаҳонии мол ва сармоя боз мекунад ва боиси густариши ҳарчӣ бештари ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва тиҷоратии онҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад. Зеро СУТ ба рушди ҳамкориҳои

тиҷоратию иқтисодӣ дар сатҳҳои глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ таъсири бузурге дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба хотири тақвият ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар вохӯриҳояш бо намояндагони он давлатҳо ва дар баёнияю гузоришҳояш дар ҷамъомадҳои гуногун бештар сари як нукта таъкид менамуд, ки ҳоло замони гузаштан аз расонидани кӯмакҳои башардӯстона ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ расидааст. Чунончӣ ин нукта дар мулоқоти ӯ бо муовини аввали Котиби давлатии ИМА Строуб Тэлботт (22 апрели 1999), Котиби давлатии ҷумҳурии Утриш Ферреро Вайлднер (26 ноябри 1999), намояндаи раиси ояндаи САҲА Константин Эне (Руминия) ва сардори Миссияи доимии Руминия дар САҲА Левиу Бота (17 октябри 2000), Сафири Фавқуллода ва Мухтори Федератсияи Русия М.Пешков (21 октябри 2000), вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии федеративии Олмон Йошка Фишер (20 октябри 2001), Шоҳзодаи вориси Арабистони Саудӣ Абдуллоҳ бен Абдулазиз (9 декабри 2001), раиси САҲА, вазири корҳои хориҷии Руминия Мирча Ҷоанэ (7 июни 2001), ёвари Котиби давлатии ИМА оид ба масъалаҳои Аврупо ва Евразия сафир Элизабет Ҷоунс (26 январи 2002), муовини аввали вазири корҳои хориҷии Эрон Мӯҳсин Аминзода (2 феврали 2002), Раиси ҷумҳури Ҷумҳурии исломии Эрон Сайид Муҳаммад Хотамӣ (30 апрели 2002), Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин (13 майи 200), соҳибкорони Фаронса (6 декабри 2002), Президенти Форуми Кранс-Монтана Жан Пол Картер (28 июни 2003), ҳамчунин суханрониаш дар ҷаласаи Шӯрои Сарони давлатҳои ИДМ (1 июни 2001), мусоҳибааш бо мухбири рӯзномаи русии «Общая газета» (1-7 марти 2001) ва ғ. таъкид ёфтааст.

Ба маврид аст зикр намоем, ки маҳз бар асари таъкид ва исрори пайвастаи Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ки асосан бо таъмини ҳуқуқи башар, интихоботи озоду шаффоф ва амният машғул буд, ба омилҳои иқтисодӣ ва ғайринизомии таъмини амният таваҷҷӯҳ зоҳир намуд ва дар рушди иқтисодии кишварҳои дорои иқтисоди давраи гузариш ва дар марҳилаи барқароршавии баъдинизоӣ қарор дошта

саҳм гирифт.

Аммо иқрор бояд шуд, ки ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ моил намудани мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов чандон ба осонӣ ва дар як фурсати кӯтоҳ ба даст наомадааст.

Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон 30 апрели соли 2004 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз робитаҳои ҳасанаи кишвараш бо Федератсияи Русия дар тӯли даҳсолаи охир ёд оварда, бо таассуфи зиёд зикр карда буд, ки «сарфи назар аз кӯшишҳои пайгиронаи мо, ки ман ба он борҳо дар давоми 13 сол таъкид карда будам, дараҷаи ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон ва Русия ба талаботи замон ва манфиатҳои ҳарду мамлакат ҷавобгӯ нест». Ин заруратро дар худи Русия ҳам дарк мекарданд. Чунончӣ Дабири куллии ЕврАзЭС Г. Раппота дар мусоҳибааш бо мухбири рӯзномаи «Красная Звезда» дар таърихи 7 июли 2004 гуфта буд, ки «то ба ҳамин наздикиҳо Душанбе борҳо ба Маскав пешниҳод мекард, ки дар соҳаҳои коркарди конҳои нуқра, тилло, сурма, барқарории саноати кимиё ва бофандагӣ сармоягузорӣ кунад. Хусусан ки ҷониби тоҷикӣ омода буд, ки ба Русия зиёда аз 50 % саҳмия ва табиист, ки даромадро низ доданӣ буд. Аммо бизнеси русӣ ин пешниҳодҳоро напазируфт. ҳоло дар Тоҷикистон сармоягузорони хориҷӣ фаъолона кор мекунанд. Тамоми саноати бофандагӣ дар дасти кореягиҳо, тилло азони англисҳо, сурма азони амрикоиҳо, семент азони чехҳо буда, Эрон пешниҳоди ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетикаро дорад. Баъд аз ин ҳама дар мо дар Русия дар бораи дигар шудани афзалиятҳои Душанбе ҳарф мезананд. Магар ин аз рӯи инсоф аст? Дар Тоҷикистон соҳаи калидӣ, ки дар худ имконоти бузурги иқтисодӣ дорад, энергетика мебошад. Ман умед мекунам, ки бизнеси русӣ ин ҷойро ишғол хоҳад кард».

Хушбахтона, ин мушкил пас аз вохӯриҳои президентони Тоҷикистон ва Русия дар шаҳрҳои Маскав ва Сочи (июн ва июли 2004) ва сафари расмии В.В.Путин ба Душанбе дар моҳи октябри 2004 ҳаллу фасл шуд. Ширкатҳои гуногуни Федератсияи Русия изҳори омодагӣ карданд, ки дар чанд соли оянда ба маблағи 2 млрд. доллари амрикой ба иқти-

соди Тоҷикистон маблағгузорӣ хоҳанд намуд. Президенти Русия дар як мусоҳибаи матбуотие, ки дар ҷараёни ин сафари расмиаш дошт, эътироф намуд, ки «мо ба ин қарорҳо пас аз панҷ сол расидем. Шумо худатон мефаҳмед, ки ин лоиҳаҳо аз рӯи рақамҳояшон низ калон мебошанд. Бинобар ин барои он ки чунин қадам бардошта шавад, бояд ба хубӣ тайёр мешуд. ҳамаи ин муддат мо тайёрӣ медидем».

Вазъи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии мо бо Ҷумҳурии исломии Эрон низ аз бисёр ҷиҳат дар замина ба робитаҳои Тоҷикистон ва Русия шабоҳат дошт. Солҳои сол муносибатҳои дуҷонибаи мо дар чорчӯбаи ёриҳои баШардӯстона ва фаъолиятҳои фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон маҳдуд мегардид. Ҷониби Эрон аз ҳамкориҳои густурдаи иқтисодӣ бо кишвари мо худдорӣ мекард. Тавре ки дар Паёми мазкури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, «дар натиҷаи вохӯриҳои мунтазами сарони ҳарду давлат», ҳамчунин таъкиду талқини роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Теҳрон муносибатҳо бо Эрон ба дараҷаи сифатан нави ҳамкорӣ расид. Ҷумҳурии исломии Эрон нахустин кишваре шуд, ки бо мамлакати мо созишномаи ҳамкориро дар бунёди истгоҳи барқии Сангтӯдаи 1 имзо кард. Пас аз он Федератсияи Русия ба он тавоҷҷӯҳ зоҳир намуд ва дар натиҷаи гуфтушунидҳои сетарафа ҷонибҳо ба ифоқа расиданд, ки Русия бунёди Сангтӯдаи 1 ва Эрон бунёди Сангтӯдаи 2-ро ба ӯҳда мегиранд. Коршиносон бар он ақидаанд, ки ба ҳамкориҳои иқтисодӣ рӯ гардонидани Русия чанд ангезаи дигаре ҳам дошт, аз ҷумла якбора боло рафтани нархи алюминий дар бозори Лондон ва афзудани талабот ба он (танҳо бозори Чин афзоиши ҳамасолаи истеҳсоли алюминийро то 10-15% тақозо дорад), арзон будани нархи барқ ва қувваи кори дар Тоҷикистон, нақшаҳои нави геополитикии НАТО дар Осиёи Марказӣ ва ғ.

Ҳоло бо қаноатмандӣ бояд гуфт, ки ҷанбаи иқтисодии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол тақвият меёбад. Ба таври назаррас афзудани ҳаҷми додугирифти мол дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Белорус, Федератсияи Русия ва ғ. ба он шаҳодат медиҳад. Баррасии вазъи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисо-

дии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар 15 соли охир як чизро ошкор сохт, ки дараҷаи ҳамкориҳои мо дар замина аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи фаъолияти Коммиссисияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ вобастагӣ дорад. Дар ҷое, ки механизми муносиб ва санҷидашудаи ҳамкориҳо мавҷуд аст ва ҷаласаҳои он мунтазам баргузор мешаванд, болоравии сатҳ ва ҳаҷми ҳамкориҳои иқтисодии судманд ба мушоҳида мерасад. Ва баръакс дар ҷое, ки Комиссияи мазкур фаъол нест ва ҷаласаҳои он номунтазам баргузор мешаванд ва ё умуман баргузор намешаванд ва аз ин сол ба соли дигар мононда мешавад, ҳеҷ гуна пешравие ба назар намерасад. Ба маврид аст, ки бигӯем, ки самараи кори Комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтсодӣ ва иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолият ва муносибати худи мо вобаста мебошад. Вазорат ва идораҳои далхдор, ҳамчунин шахсони масъуле, ки ба кори ин Комиссияҳо аз ҷониби Тоҷикистон вазифадоранд, бояд ба таври пайгирона ба рафти иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Комиссияҳои мазкур назорат баранд ва дар татбиқи онҳо саҳм бигиранд. Афсӯс, ки дар амал ин тавр нест. Маъмулан ҷаласаҳо ва қарорҳои онҳо фаромӯш мешаванд ва танҳо вақте ба хотирашон мерасад, ки замони баргузории ҷаласаҳои нави Комиссияҳо наздик мешояд. Дар натиҷа бе тайёрии ҳаматарафа ва пухта ба ҷаласаи навбатии Комиссия мераванд. Табиист, ки дар ин ҳолатҳо масъалаҳо аз сол ба сол ҳалли худро намеёбанд. Зарур аст, ки санадҳои дар ҷаласаҳои Комиссияҳои мазкур ба имзо расида ба таври ҷиддӣ бозрасӣ шавад ва сабабҳои аз ҷониби тарафҳо иҷро нашудани онҳо муайян карда шаванд. Аммо бозрасии онҳо набояд танҳо ба хотири бозрасии маҳз, балки ба мақсади пайдо намудани роҳҳои татбиқи онҳо бошад.

Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 200 корхонаи муштарак фаъолият мекунад. Онҳо асосан дар заминаи саноати тиллобарорӣ, сабук ва хӯрокворӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷуд омадаанд. Бештари онҳо бо фаъолияти тиҷоратӣ ва савдогарӣ машғул мебошанд. ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ дар соли 2004 60 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки назар ба солҳои пешина хеле зиёд мебошад. Аммо ин ҳаҷми истеҳсол ҳанӯз ҳам ба

дигар кардани вазъи иқтисодии кишвар таъсири назаррас расонад наметавонад.

Дар асри XXI сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ бояд ба рушди робитаҳои мутақобилан судманд ба ҳамаи кишварҳои дунё ва сохторҳои «хоҷагидории» байналмилалии ҳамоишӣ нигаронда шавад. Ин чиз ба хотири таъмини ҳарчӣ бештари шароити мусоиди берунӣ барои эҳёи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ бағоят муҳим мебошад.

Мо аз ду рукни асосии сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ёдовар шудем: 1) Дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар; 2) Пешбурди дипломатияи иқтисодӣ. ҳоло аз рукни дигари сиёсати хориҷии ӯ - муносибат бо Афғонистон сухан гуфтанием. Зеро Афғонистон дар тӯли 15 соли охир ҳамеша дар маркази диққати хоссаи роҳбарияти Тоҷикистон буд ва табиист, ки дар сиёсати хориҷии мо ҷойгоҳи хоси худро дошт. Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини ба сари қудрати сиёсӣ омадани хеш ташаббускори ҷалби диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вазъи фалокатбори Афғонистон, мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодии он, хатари режими асримиёнагии «Толибон» ба минтақа ва ҷаҳон буд.

Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо истифода аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалии гуногун, солҳо пеш аз ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 дар шаҳрҳои Нюйорк ва Вашингтон дар Амрико аз нахустин суханрониаш дар Иҷлосияи Маҷмаи умумии СММ дар таърихи 30 сентябри 1993 сар карда, борҳо аз хатари рӯзафзуни режими Толибон дар Афғонистон, масъалаҳои марбут ба маводи мухаддир, терроризми байналмилалӣ, ифротгароии диние, ки аз ин кишвар таҳдид мекард, гаштаю баргашта ҳушдор медод. Аммо боиси ҳайрат ва афсӯси зиёд он буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла СММ ва САҲА вокуниши муносибе нашуд. Инро дертар худи намояндагони ин созмонҳо ва кишварҳои аъзои онҳо эътироф карданд. Чунончӣ, дар семинаре, ки САҲА дар мавзӯи «Фаъолияти пешгиронаи САҲА: таҷриба, имконот, вазифаҳо» дар ш. Киев 8-9 сентябри 2001 баргузор намуд, бисёре аз иштирокунандагони ин ҷамъомад қоил шуданд, ки ба ҳушдорҳре,

ки аз Осиёи Марказӣ дода мешуданд, вокунише аз худ нишон намедоданд ва чунин вонамуд мекарданд, ки ё чунин масъалаҳо аслан вуҷуд надоранд, ё ин ки бошан ҳам, чандон муҳим нестанд. Гумони ғолиб он аст, ки то рух додани фоҷеа дар ИМА бисёре аз кишварҳои дунё, ба шумули ИМА, чунин мешумориданд, ки низое, ки дар як кишвари дурдасти шарқӣ, мисли Афғонистон сар задааст, ба ҳеҷ ваҷҳ ба онҳо дахле надорад.

Гузашта аз ин сарфи назар аз он, ки хатари терроризми байналмилалие, ки аз Афғонистон ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва давлатҳои аъзои Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (СШАД - ОДКБ) бевосита таҳдид мекард ва бо мурури замон хусусияти хатарноке ба худ мегирифт, сарфи назар аз он, ки қазияи Афғонистон борҳо мавриди баррасии ҳаматараф дар ҷаласаҳо ва машваратҳои гуногуни СШАД қарор гирифта буд, кишварҳои минтақа ва давлатҳои аъзои СШАД натавонистанд, ки дар замина мавқеашонро ба ҳам як гардонанд. Бар хилофи ин баъзе аз давлатҳои иштирокдори СШАД ва минтақаи Осиёи Марказӣ бо суръат бо режими Толибон робитаҳои иқтисодӣ ва ғ. баста, омода буданд, ки режими мазкурро ба расмият шиносанд. Ягона давлате, ки дар тӯли ин солҳо мавқеашро нисбат ба режими Толибон дигар накард, ҳамоно Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дертар - 24 январи соли 2002 Сардори Идораи муваққатии Афғонистон ҳамид Карзай дар ҷараёни сафари кориаш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гуфтугӯи хеш бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо ишора ба мавқеи устувор ва усулии ӯ дар масъалаи Афғонистон изҳори сипос намуда буд. Се гуфтаи ҷолиби роҳбарони тирози аввали Фаронса ва Амрико низ дар замина шаҳодат бар сиёсати хориҷии собит, устувор ва боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд: Жак Ширак, Президенти Фаронса фармудааст: «Мардуми Фаронса ҳеҷ гоҳ мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба фарҳнаги ғанӣ ва бузурги сиёсиву маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш нахоҳад кард.»; Ален Ришар, вазири дифои Фаронса гуфтааст: «Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов мавқеи дурбинона ва ҷасурона зоҳир намуд, ӯ аввалин шуда дар бораи хатаре, ки дар ин қитъаи ҷаҳон ҷой дошт, изҳори ташвиш намуд»; Чозеф Либерман,

раиси Кумитаи Сенати Амрико бо таъкид овардааст, ки «Сардори Давлати Тоҷикистон пештар аз роҳбарони бисёр давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла ИМА хатари режими Толибонро барои минтақа ва ҷаҳон дарк намуд, ба онҳо баҳои дуруст дод ва вобаста ба ин масъала чандин дафъа аз минбарҳои баланди форуми байналмилалӣ изҳори нигаронӣ кард».

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки он, ки Толибон ҳомили исломи қоҳир (ҷангҷӯй), мазҳабиҳои сахт мутаассиб ва паштунгароёни гузаро буда, на танҳо барои Афғонистони бисёрмиллат, ба давлатҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Русия, Кафқоз, Шарқи Миёна, ба як сухан, ба тамоми ҷаҳон – аз Кашмир то Балкон таҳдид мекунанд, ва ғояи содироти инқилоби исломиро дар рӯи ҷаҳон тарғиб менамуданд ва нияти бунёди халифати исломии байналмилалиро доштанд ва ҳам бо назардошт, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба сари қудрат омада буданд, аз аввал то ба охир аз ҳукумати қонунии Президенти ин кишвар проф. Бурҳониддини Раббонӣ пуштибонӣ мекард. Ва ин ягона мавқеи дуруст ва созандае буд, ки дертар аксарияти мутлақи мамлакатҳои дунё аз он ҷонибдорӣ намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов аз ибтидо дар заминаи қазияи Афғонистон дар он мавқеъ буд, ки «бӯҳрони Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад, онро фақат бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ - бунёди ҳукумати фарогири сиёсӣ ва миллӣ дар Афғонистон бартараф кардан мумкин аст»[1]. Ин нукта дар мулоқоти ӯ бо ҷонишини Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Чин Тсзян Тсичэн (7 июни 1999), бо Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурии мардумии Чин дар Тоҷикистон Фу Тсюан Чжан (3 августи 1999), вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон Камоли Харрозӣ (15 сентябри 1999), Дабири кулли СММ Кофе Аннан (1 октябри 1999), намояндаи вижаи Дабири кулли СММ оид ба Афғонистон Франсес Вендреал (8 феврали 2000), Раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Тсзян Тсзэмин (4 июли 2000), ва ғ. такрор ва таъкид шудааст. Барои ҳамин ҳам Тоҷикистон иштироккунандаи фаъоли Гурӯҳи кишварҳои «6+2» шуд ва барои бо роҳи

1 Сӯҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.Каримов, 21 июли 1999, - Дар кит.: Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. – Д., 2006, с. 87.

мусолиматомез ҳал кардани низои Афғонистон кӯшишҳои зиёде намуд. Лекин, мутаассифона, раванди ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон дар чаҳорчӯбаи Гурӯҳи кишварҳои «6+2» ба кундӣ пеш мерафт ва натиҷаи матлубе надод. Иллати аслии ба нобарорӣ рӯбарӯ шудани ин раванд дар он буд, ки кишварҳои иштирокдори Гурӯҳи «6+2» натавонистанд, ки манфиатҳои худро ба ҳам мувофиқ гардонанд. Гумони ғолиб он аст, ки агар ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 дар ИМА рух намедоданд, вазъият дар Афғонистон минбаъд ҳам бетағйир боқӣ мемонд.

Тоҷикистон дар ҷумлаи аввалин давлатҳое буд, ки аз Иттиҳоди байналмилалии зиддитеррористӣ бидуни чунучаро ва манфиатҷӯйӣ тарафдорӣ кард ва дасти ёрӣ ба мардуми ҷабрдидаи афғонистонӣ дароз намуд. Ин ҷо як гуфтаи бисёр ҷолиб ва мунсифонаи дипломати норвегӣ ба ёд мерасад. Вай сафири Норвегия дар САҲА мебошад, ки гуфтааст: «ҳанӯз маълум нест, ки кӣ ба кӣ ҳамроҳ шудааст: Тоҷикистон бо коалитсия ва ё коалитсия ба Тоҷикистон, ки бо терроризм ва ҳамаи хатарҳое, ки аз Афғонистон меояд, зиёда аз 7 сол мубориза мебарад. Гумони ғолиб он аст, ки мо бо тоҷикон ҳамроҳ шудем.»

Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов баробари оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон вохӯриҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон ва Тоҷикистону Русия ва сеҷонибаи Тоҷикистону Русияю Эрон (22 октябри 2001) баргузор гардиданд. Ва ӯ рӯи як нуктаи умда таъкид дошт, ки бо анҷоми амалиёти зиддитеррористӣ қазияи Афғонистон ба анҷом нахоҳад расид, барои он ки танзими қазияи Афғонистон бомуваффақият ба анҷом расад, бояд муваффақ ба он гардид, ки дар ин мамлакат ҳукумати фарогири миллӣ таъсис ёбад, ки шомили намояндагони тамоми қавму миллатҳои сокини он бошад. Зеро низоъ дар Афғонистон аз аввал асосан хусусияти байниқавмию байнимиллӣ дошт, на сиёсӣ ё мазҳабӣ. Аз ин сабаб ҳангоми ҳалли қазияи Афғонистон бояд манфиат ва таносуби воқеии ҳамаи қавму миллатҳои онро ба эътибор гирифт. Вагарна ҳатто агар ба манфиати камшумортарин қавму миллатҳои ин кишвар осебе расад, ба таври ҳатмӣ аз худ дарак хоҳад дод. Хусусан агар нақзи ин асл ба хотири баровардани манфиатҳои геополитикии

давлатҳои муайяне карда шавад, оқибатҳои ногуворе ба бор хоҳад овард. Ба воситаи фишор ё зӯрӣ метавон ин ва ё он ҳукуматро ташкил дод ва дар сари он гумоштаи худро гузошт, аммо бо ин масъала ҳал нахоҳад шуд. Он танҳо як роҳи ҳалли муваққатӣ мебошад.

Роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирона кӯшиш доранд, ки низоъ дар кишвари ҳамсоя ба пуррагӣ рафъ гардад ва иқтисоди харобгаштаи он барқарор шавад. Бо ҳамин ният вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров дар кори Конфронси Бонн оид ба бунёди баъдазнизоии Афғонистон (сентябри 2002) ва Конфронси вазирони корҳои хориҷии кишварҳои ҳамсояи Афғонистон (декабри 2002) ва Конфронс оид ба рушди Афғонистон дар Кобул (апрели 2005) ширкат варзид.

Кори дигаре, ки дар робита бо масъалаи Афғонистон маҳз бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов сурат гирифт, он аст, ки ин кишвар ба кори созмонҳои минтақавие, мисли Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ ва ғ. ҷалб карда шуд. Дар кори Ҷаласаи саронии давлатҳои узви Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, ки моҳи октябри соли 2004 дар Душанбе баргузор гардид, аз Афғонистон ҷаноби ҳамид Арсало, ноиби вақти раиси ҷумҳури он кишвар намояндагӣ дошт. Ҷалби Афғонистон ба САҲА низ аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфта шуд.

Ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва онро як рукни асосии сиёсати хориҷии кишвараш дар даврони истиқлолият қарор додани ӯ чанд сабаб дорад. Аввалан, барои он аст, ки Афғонистон яке аз наздиктарин ҳамсояҳои Тоҷикистон буда, бо ин кишвар моро умумияти фарҳангӣ, забонӣ, таърихӣ ва арзишҳои динӣ мепайванданд ва дар он бештар аз 10 млн. тоҷикон сукунат доранд. Сониян, хатарҳои асосие, ки ба Тоҷикистон таҳдид менамоянд, монанди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва интиқоли маводи мухадддир маҳз аз Афғонистон мебошад. Ва ниҳоят, таҷрибаи нодири сулҳи бобароре, ки Тоҷикистон дорад, тақозо менамояд, ки он дар ҳалли низои тӯлонии Афғонистон истифода шавад.

Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, бунёдгарой, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории фавқулмиллии муташаккилона, интишори ғайриқонунии аслиҳаи қатли ом ва қисмҳои таркибии он, ки ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳдид мекунад, ҳамеша таваҷҷӯҳи махсус медиҳад. Соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори ҳамаи 12 Конвентсияи СММ гардида, се шартномаи байналмилалиро барои интишор нагардидани аслиҳаи қатли ом ба тасвиб расонид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимод бар ин он дорад, ки имрӯз танҳо тавассути саъю кӯшишҳои якҷоя метавон дар баробари хатарҳои замони муосир истодагарӣ намуд. Ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили Иттиҳоди байналмилалии зидди маводи мухаддир, ки созмон додани низоми ягонаи мубориза бо маводи мухаддирро на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми дунё дар назар дорад, аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад ва он ҳарчӣ бештар аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ меёбад. Ташаббуси бисёр муҳимми дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи 58-уми Маҷмаи умумии СММ аз тарафи Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов эълон гардид, танзими ҳамкории фарогир дар мубориза бо хатари маводи мухаддир мебошад, ки ба рӯйхати номгӯи «Ташаббусҳои бағоят муҳимми соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» дохил шуд. Ба ҳайати яке аз мақомоти Комиссияи СММ оид ба маводи мухаддир пешниҳод гардидани намояндаи Тоҷикистон баёнгари эътирофи саҳми ҷумҳурӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар миқёси ҷаҳон мебошад.

Ба шарофати кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов мавзӯи «об» ба рӯзномаи байналмилалии масъалаҳои ҳалталаб ба таври доимӣ дохил гардид. Фаромӯш набояд кард, ки ин ташаббуси наҷиб аз ҷониби кишвари хурди шарқие сар задааст, ки ба тозагӣ узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ шуда буд. Маҷмаи умумии СММ пас аз натиҷагирӣ аз Соли байналмилалии оби тоза, ки он ҳам бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буда, бар асоси иттифоқи назар ба тарафдории 141 кишвар, яъне аз се ду ҳиссаи аъзои СММ

Қатънома дар бораи «Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти «Об барои ҳаёт» (2005-2015)»-ро бидуни баррасӣ қабул намуд. Ба хотири амалӣ гардонидани он бо пешниҳоди ҷумҳурии мо моҳи майи соли 2005 дар Душанбе Конфронси байналмилалии «ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар» гузаронида шуд.

Сабаби чунин дастоварди нодир ва фавқулодаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дарки саривақтӣ ва дурусти тақозои давру замон, мушкилиҳои он, аз ҷумла масъалаи таъмини мардум бо оби тоза ва ҳам дар мавридаш ба миён гузоштани он мебошад. Ва бо ҳамин мо ба оламиён исбот кардем, ки тоҷикон миллати ташаббускор, созанда, бунёдгар ва бо фарҳанги қадимӣ мебошанд.

Дар тӯли 15 соли истиқлолияти давлатӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти он Э.Ш. Раҳмонов марҳилаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввулро аз сар гузаронида, марҳила ба марҳила фаъол, мутавозин, воқеъбинона, ҳадафмандона, босамар, фарогир ва бисёрсамтӣ шудааст. Ин сифатҳо аз фаро расидани марҳилаи сифатан нав дар сиёсати хориҷии мо, яъне аз марҳилаи такомули он дарак медиҳанд ва эътимоди моро ба он зиёд мекунад, ки дипломатияи тоҷик имрӯз ба иҷрои вазифаҳои муҳимтар ва бузургтар омода аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15 соли даврони истиқлолият, ки дар назди таърих муддати кӯтоҳе мебошад, тавонист, ки заминаи густурдаи ҳуқуқию шартномавии робитаҳои давлатиашро бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ба вуҷуд биёрад. Имрӯз он аз тарафи 128 кишвари ҷаҳон эътироф гардида, бо 111-тои он муносибатҳои дипломатӣ дорад. Тоҷикистон ҳоло узви комилҳуқуқи қариб тамоми созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз расман ба 171 конвентсияи асосии байналмилалӣ шарик гардидааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳои пешрафтаи дунё, давлатҳои минтақа бештар аз пештар дар симои он шарики боэътимод, устувор ва дилпурро мебинанд.

Феълан дар шаҳри Душанбе 17 сафорат ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ва зиёда аз 20 дафтари созмонҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд. Имрӯз миқдори сафоратхона, намояндагӣ ва консулгариҳои Тоҷикистон сарфи на-

зар аз мушкилоти зиёди молиявӣ ва кадрие, ки ҷумҳурӣ дорад, дар хориҷ ба 18-то расидааст. Ин шумора, табиист, ки бо гузашти айём афзоиш хоҳад ёфт.

Душанбе - пойтахти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба яке аз марказҳои асосии сиёсӣ ва дипломатии минтақа ва ҷаҳон табдил ёфта, дар он як қатор маъракаҳои муҳимми сиёсӣ ва илмӣ баргузор шудаанд. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ, дар зарфи 15 соли истиқлолияти давлатӣ, дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ нуфуз ва эътибори қобили мулоҳиза пайдо намудани кишвари хурде, мисли Тоҷикистон ва он ҳам пас аз ҷанги шаҳрвандӣ барои бисёриҳо ғайричашмдошт ва ҳайратоваре аст. Омилҳои асосии комёбиҳои фавқулодаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз дуруст муайян намудани самтҳои асосии он аз аввал аз тарафи Президенти кишвар Э.Ш. Раҳмонов ва ҳам аз он рӯз то ба ҳол собит, устувор ва боэътимод боқӣ мондани он мебошад.

Густариши ҳарчи бештари доираи робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Амрико, Аврупо, Эрон, Чин, Ҷопон, Туркия, Афғонистон ва ғ. дар зарфи 15 соли истиқлолияти давлатӣ бори дигар дурустии сиёсати «дарҳои кушод»-и Сарвари давлат ва ҳукумати Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ тасдиқ кард. Обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ то рафт бештар ба сифати давлате, ки мехоҳад бо ҳамаи мамлакатҳои дуру наздики хориҷӣ робитаи ҳасана ва ҳамкориҳои наздик дошта бошад, афзоиш ёфт.

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ ВА НАМОЯНДАГИҲОИ ОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Тавре ки дар фасли дуюми боби аввали ин китоб ишора намуда будем, 7 ноябри соли 1989 пас аз зиёда аз 45 соли таваққуф, бори дуввум дар таърихи дипломатияи муосири тоҷик дар ҳайати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири корҳои хориҷии мустақил таъин карда мешавад ва ӯ Лақим Қаюмов буд. Муаллифони солномаи соли 1991 Давлат Назриев ва Игор Сатторов аз он хабар додаанд, ки вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Лақим Қаюмов рӯзи 15 ноябри ҳамон сол конфронси матбуотие оростааст ва аз гуфтугӯи ҳайати афғонистонӣ бо вазири корҳои хориҷии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар он намояндагони РСФСР, Украина, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон ҳузур доштанд, натиҷагирӣ кардааст ва дар поёни он мусоҳибаи матбуотиаш ба иштироккунандагон аз сохторҳои оянда-ии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои он маълумот додааст[1]. Мутаасисифона, тафсири ин гуфта дар ҳеҷ яке манбаъҳои зери назари мо пайдо нагардид. Танҳо дар рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» омадааст, ки «штати вазорат дар тӯли даҳсолаҳои зиёде дар охири соли 1989 тақрибан ду бор афзоиш дода шуд»[2]. Бо назардошти он ки даҳсолаҳо миқдори ходимони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-7 нафар беш набуд, агар дар ҳудуди ду бор афзоиш ёфта бошад, ба 12-13 нафар расидагист.

Пас аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ зарурати доштани робитаҳои бевоситаи дипломатӣ, консулӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва намояндагии доимӣ дар СММ то рафт бештар мегардад. Ва Президенти вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев дар суханрониаш дар Иҷлосияи X Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 2 декабри 1991 аз ин заррурат ёдовар шудааст[3].

10 январи соли 1992 сохтори нави Девони вазирони

1 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, г. 1, с. 120.
2 Дипломатия Таджикистана, с.28.
3 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, с.250.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Вазорати корҳои хориҷӣ ба Вазорати робитаҳои хориҷӣ табдили ном кард. Бо таъсиси ҳукумати муросои миллӣ дар таърихи 11 майи 1992 намояндаи нерӯҳои оппозитсионии вақт Х. Холиқназаров ба ҷои Л. Қаюмов вазири робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст. Фармон дар бораи вазирии ӯ 24 июли 1992 содир гардидааст. Вазири собиқ аввал 17 июл Кордори муваққат ва баъд 27 августи ҳамон сол Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА таъин мешавад ва дар ин вазифа то 14 ноябри 1992 кор кардааст.

20 июли 1992 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев «Дар бораи такмили сохтори мақомоти роҳбарикунандаи робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад. Дар фармони мазкур аз ҷумла гуфта шудааст, ки: «Вобаста ба барқарорӣ ва рушди муносибатҳои дипломатӣ, густариши робитаҳои хориҷии иқтисодии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо бисёр мамлакатҳои хориҷӣ ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ба мақсади такмили минбаъдаи сохторҳои мақомоти роҳбарикунанда ба ин масъалаҳо дар ҷумҳурӣ фармон медиҳам:

1.Табдили Вазорати робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи матлаб донист. Вобаста ба ин дар заминаи табдили Вазорати робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода шавад:

а) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.

2. Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори дастгоҳҳои марказии Вазорати корҳои хориҷӣ ва Кумитаи давлатӣ оид ба робитаҳои иқтисодии хориҷиро муқаррар намояд ва барои фаъолият кардани онҳо маблағгузории зарруриро ҷудо кунад»[1]. Девони вазирон ба хотири татбиқи фармони мазкур дар бораи масъалаҳои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон 27 августи 1992 қарор қабул намуда, мувофиқи ин қарор сохтори дастгоҳи марказии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 40 нафар буд, ки ба он аз ҷумла ходимони ёрирасон ҳам шомил

1 Д. Назриев, И.Саттаров. Асари зикршуда, г. 2, с. 263.

буданд. Сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ дар он қарор чунин муқаррар шудааст. 1. Роҳбарият (вазир, муовини аввал ва ду муовин). 2. Котиботи умумӣ. 3. Шӯъбаи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба. 4. Шӯъбаи созмонҳои байналмилалӣ, робитаҳои ҳарбию сиёсӣ ва фарҳангӣ. 5. Шӯъбаи ташрифоти давлатӣ. 6. Шӯъбаи консулгарӣ. 7. Шӯъбаи хоҷагидорию маъмурӣ[1].

Тақрибан як моҳ пеш аз фармони мазкур ва ду рӯз пеш аз қарори болоии Девони вазирон 25 августи 1992 фармони дигари Президенти Тоҷикистон Р. Набиев «Дар бораи кушодани сафорат ва консулгариҳои кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакатҳои хориҷи» нашр шуд. Мувофиқи ин фармон кушодани сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати исломии Афғонистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии исломии Покистон, Шоҳигарии Белгия, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурияти Туркия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Олмонӣ федералӣ ва Консулгарии кул дар ш. Деҳлӣ (Ҳиндустон) дар назар буд[2].

19 ноябри 1992 дар Иҷлосияи XVI-ум дар Хуҷанд сохтори нави Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. 2 декабри ҳамон сол Р. Олимов вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуд. Пас аз ду соли расо 2 декабри соли 1994 академик Т. Назаров вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, Р. Олимов ба сифати Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ ба Ню-Йорк рафт.

Зуд-зуд тағйири ном кардани муассисаи асосии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва иваз шудани вазири корҳои хориҷии он дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, тавре ки муовини аввали вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он солҳо Э. Раҳматуллоев дар як мусоҳибааш бо мухбири рӯзномаи «Тоҷикистон» дар таърихи 9 апрели 1993 гуфтааст, «ба воқеаву ҳаводиси сиёсии кишвар тавъам аст»[3].

Дар воқеъ, агар, аз як тараф, тез-тез раду бадал шудани авзои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ ва шиддат гирифта-

1 Асари зикршуда, с. 323.
2 Ҳамон асар, с. 321.
3 Нашояд шуълае будан, ки сӯзад хонумонро, рӯз. «Тоҷикистон», 9 апрели 1993.

ни он дар он солҳо боиси зуд-зуд иваз шудани роҳбарони Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон гардида бошад, аз тарафи дигар, чунин ҳолат аз раванди ноҳамвори ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаи асосии он дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ гувоҳӣ медиҳад.

Сарфи назар аз вазъи ноустувори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ раванди ноҳамвори ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муасиссаҳои он дар солҳои аввали даврони истиқлолияти давлатӣ дипломатияи тоҷик тавонист ба анҷоми баъзе корҳои қобили зикр муваффақ гардад, мисли узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ - Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (26 феврал 1992), Созмони Милали Муттаҳид (2 марти 1992), Бунёди байналмилалии асъор (1992), Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (1992), дар шаҳри Душанбе боз шудани сафоратхонаҳои Ҷумҳурии исломии Эрон (8 январи 1992), Ҷумҳурии мардумии Чин (13 марти 1992), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (16 марти 1992), Ҷумҳурияти Туркия (22 марти 1992), Федератсияи Русия (4 майи 1992), Ҷумҳурии исломии Покистон (6 июни 1992), ташрифи ҳайатҳои ҳукумати Эрон (16-18 октябри 1991; 1-2 декабри 1991; 17-18 июни 1992), Покистон (2-4 декабри 1991; 28 марти 1992), Чин (4 январи 1992), котиби давлатии ИМА Ҷеймс Бейкер (13 феврал, 12-14 апрели 1992), Арабистони Саудӣ (21 феврали 1992), Кувайт (28 феврали 1992), Бангладеш (29 феврал, 2 марти 1992), Туркия (18 январ, 1 марти 1992), Фаронса (3-4 марти 1992), витсе-президенти Иттиҳоди байналмилалии ҳизбҳои сотсиал-демократии Олмон ҳатс-Иоҳан Фогел (7-8 марти 1992), Руминия (21-22 июли 1992), Қирғизистон (22-23 сентябри 1992), созмонҳои Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (15-18 марти 1992), Бунёди байналмилалии асъор (декабри 1991; 19-28 августи 1992), СММ (18 сентябри 1992), Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар (3-4 ноябри 1992), имзои созишномаву шартномаҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ бо Ҷумҳурии Молдово (16 ноябри 1991), Украина (23 ноябри 1991), Эрон (1 декабри 1991), Куба (16-17 январи 1992 ва ғайра). Дар ин муддат ҳамчунин сафарҳои расмӣ ва корӣ Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев ва ҳайати ҳукумати он ба Финляндия барои имзо кардани Аҳдномаи ниҳоӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (25-27 феврали 1992), Ҷумҳурии исломии Эрон (28-30 июни 1992), Ҷумҳурии исломии Покистон (30 июн - 2 июли 1992), Давлати исломии Афғонистон (14-15 июли 1992) ва ғайра сурат гирифт. Дар Муроҷиатномаи Президенти вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки 7 феврали 1992 дар матбуоти даврӣ ба чоп расидааст, омадааст, «ки имрӯз давлати мустақили Тоҷикистонро 83 давлати ҷомеаи ҷаҳонӣ расман эътироф намудаанд. Дар байни онҳо ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Чин, ҳамаи аъзои Шӯрои амнияти СММ ҳастанд.

Давлатҳои зиёде пешниҳоди бо мо барқарор намудани робитаҳои дипломатии бевосита дар сатҳи сафоратхона ва консулгариҳоро карданд»[1].

Ҳангоми арзёбии фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои он дар хориҷа дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ҳаминро бояд дар назар дошт, ки ташаббускори аксарияти кулли корҳое, ки дар ин давра дар соҳаи сиёсати хориҷӣ амалӣ шудаанд, худи муассисаҳои сиёсати хориҷии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ буданд. Онҳо бештар талош доштанд, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тозагӣ ба истиқлол расида буд, робитаи дипломатӣ барқарор намоянд ва ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун оғоз кунанд. Махсусан таваҷҷӯҳи Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳури мардумии Чин, ИМА ва ғайра зиёд буд. Дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аз ҳама пештар боз шудани сафоратхона ва консулгариҳои Афғонистон, Эрон, Туркия, Федератсияи Русия, Амрико ва Покистон худ гувоҳи он мебошад.

Фаъолияти банизом ва ҳадафманди вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз расидан ба истиқлолият, пас аз Иҷлосияи XVI-ум сар шуда, баробари пеш рафтани раванди сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар густурдатар ва пурмӯҳтавотар гардид. Агарчи бино ба шаҳодати шоҳидони воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта, дар

1 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, ҷ.2, с. 41.

Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти муассисаи ассосии сиёсати хориҷӣ ва сохторҳои он таъсири манфӣ расонд. Бинобар гуфтаи масъулони нашри «Дипломатияи Тоҷикистон» дар замони ҷанги шаҳрвандӣ Вазорат ба ғорат рафт. Фаъолияти он фалаҷ гардид, бойгонии нодири ВКХ амалан гум шуд, бисёр санадҳои дипломатии муҳим несту нобуд карда шуданд[1]. Ташаккули дипломатияи нави давлати соҳибистиқлоли тоҷик ба маънии томи ин сухан амалан дар ҷои холӣ сурат гирифт. Лозим омад, ки кор аз такмили ҳайати ходимони ҳозираи Вазорат ва сохторҳои он оғоз гардад. Соли 1993 дар сохтори Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду бахши нав илова шуд: яке - Департаменти иттилоот ва дигаре - Раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегӣ[2]. Дипломатҳои касбӣ ва соҳибтаҷрибаю донишманд дар ҳайати ходимони вазорат ангуштшумор буданд. Дар тарбияи дипломатҳои тоҷик дар қадамҳои аввал идораҳои корҳои хориҷии Британияи Кабир, ИМА, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Утриш, Шоҳигарии Нидерландия, Федератсияи Русия вағайра ёрӣ расонданд. Ходимони Вазорат дар курсҳои кӯтоҳмуддати дипломатӣ таълим гирифтанд. Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия дар зарфи ду сол нӯҳ нафарро аз Тоҷикистон пазируфт. Чунин таҷрибаи тайёр намудани мутахассисони соҳаи дипломатия дар солҳои баъдина низ идома кард. Солҳои охир ходимони Вазорат ба таври мунтазам ба курсҳои дипломатӣ ба Голландия, Ҷопон, Фаронса, Ҷумҳурии Олмони федералӣ, Швейтсария, Финландия, Ҷумҳурии Корея, Миср, Малайзия вағайра фиристода мешаванд. Ва дар он ҷо сатҳи дониши забонӣ ва сиёсию касбии худро баланд мебардоранд. Чанд сол аст, ки ҳукумати Федератсияи Русия барои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия ҳамасола панҷ ҷой (квота) ҷудо мекунад. Ҳамчунин барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ имконият дода шудааст, ки бо конкурс ба Институти давлатии муносибатҳои байналмилалии Маскав қабул шаванд. Бо вуҷуди он ҳанӯз ҳам дипломатҳои соҳибихтисос намерасанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки устоди донишгоҳи Ҳанновери Ҷумҳурии Олмони феде-

1 Дипломатия Таджикистана, с 30.
2 Асари зикршуда, с. 32.

ралӣ, ки соли 1997 ба Душанбе омада будааст, ба хулосае омадааст, «ходимони ВКХ ҶТ хеле камтаҷрибаанд»[1]. Боиси таасуф он аст, ки солҳои охир сатҳи умумӣ ва касбии хатмкунандагони Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия ва Институти давлатии муносибатҳои байналмилалии Маскав низ хеле поён рафтааст. Бисёрии онҳое, ки аз ҷумлаи шаҳрвандони Тоҷикистон он муассисаҳои таълимиро хатм намудаанд, коршоям нестанд. Дар бораи дараҷаи савод ва малакаи кордонии хатмкунандагони шӯъба ва факултаҳои муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ҳочати гап нест. Зеро солҳои охир бо истифода аз ҳарҷу марҷе, ки солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвар ҷой дошт ва набудани назорати лозима аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ даркору нодаркор ихтиссосҳои марбут ба муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқи байналмилалӣ, иқтисоди байналмилалӣ, журналистикаи байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра) боз шудаанд. ҳол он ки аксари ин донишгоҳу донишкадаҳо барои таълиму тарбияи дипломатҳои оянда заминаи таълимию илмӣ ва моддию техникӣ надоранд. Ба миқдори зарурӣ китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасони таълимӣ, профессорҳо ва устодони баландихтисос надоранд.

Бо назардошти вазъи зикршуда роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон он солҳо ба масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси дипломатӣ диққати ҷиддӣ дод. Аз роҳи озмун ба кор қабул кардан сар шуд ва ҳамасола ду маротиба аз рӯи нақшаи муайян аттестатсияи (тарфеъ) ходимони дастгоҳи марказии Вазорат ва намояндагиҳои он дар кишварҳои хориҷӣ гузаронида мешавад. Солҳои охир ба низоми муайян даромадани ротатсияи ходимони Вазорат низ ба сатҳи дониши касбии онҳо таъсири мусбате расонд. Таҷриба нишон дод, ки кор дар дастгоҳи марказӣ ва баъд дар сафорату намояндагиҳои хориҷӣ ва баръакс механизми бисёр муассир ва санҷидашуда мебошад.

Феълан Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 110 баст буда, дар он 13 раёсат ва 1 комиссияи

1 Ахмад Махрад. Вопросы углубления таджикско-европейских отношений. – Материалы III научно-практической конференции, 1-3 октября 1997, Д.,с.124.

миллӣ амал мекунад:

1. Раёсати Иттиҳоди давлатҳои мустақил.
2. Раёсати кишварҳои Аврупо ва Амрико.
3. Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқо.
4. Раёсати созмонҳои байналмилалӣ.
5. Раёсати ташрифоти давлатӣ.
6. Раёсати консулгарӣ.
7. Раёсати хадамоти дипломатӣ.
8. Раёсати иттилоот.
9. Раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегӣ.
10. Раёсати шартнома ва ҳуқуқ.
11. Раёсати кадрҳо.
12. Раёсати корҳои идорӣ.
13. Раёсати асъор ва молиявӣ .
14. Комисияи миллии ЮНЕСКО.

Имрӯз Тоҷикистон дар хориҷа 18-то сафоратхона, намояндагӣ ва консулгариҳо дорад. Самтҳои асосии фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунинанд:

1. Рушд ва густариши робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои ИДМ, Осиё, Африқо, Аврупо ва Амрико,
2. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;
3. Фаолияти таҳлилӣ ва тадқиқи стратегӣ;
4. Корҳои шартномавию ҳуқуқӣ;
5. Консулгарӣ;
6. Ташрифоти давлатӣ;
7. Таъмини иттилоотии сиёсати хориҷӣ;
8. Кор бо ходимон ва санадҳо;
9. Таъмини маъмурию хоҷагидорӣ;
10. Фаъолити арзию молиявӣ;
11. Хизматрасонӣ ба ҳайати дипломатӣ;
12. Намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа.

Вазорати корҳои хориҷӣ, ки мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳукумати иҷроия мебошад ва идораи давлатиро дар соҳаи робитаҳои хориҷӣ бо мамлакатҳои хориҷи ва созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мегардонад, бевосита сиёсати хориҷиро татбиқ менамояд ва фаъолияти мақомоти давлатии ҳукумати иҷроияро оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ҳам дар дохили кишвар ва

ҳам дар хориҷ аз он ҳамоҳанг ва назорат мекунад. ҳамаи сохторҳои давлатӣ робитаҳои хориҷии худро ба воситаи Вазорати корҳои хориҷӣ анҷом медиҳанд.

Вазорати корҳои хориҷӣ ба сифати муассисаи асосии татбиқи сиёсати хориҷии кишвар баробари ташаккул ва пешрафти муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ шакл гирифтааст ва густариш ёфтааст. Бинобар ин комилан табиист, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи он бо давраҳои ташаккул ва инкишофи сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ як мебошад.

Ба назари мо, дар соли 2001 як давраи бисёр муҳимми инкишофи ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар тӯли он ба ҳайси давлати соҳибистиқлол ба арсаи байналмилалӣ шомил гардида буд, мантиқан ба охир расид. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият марҳилаи ташаккули худро (9 сентябри 1991-2001) паси сар намуда, ба сифати унсури ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар шароити комилан нави таърихӣ қотеъона эътироф гардид.

Соли 2001 аз ҷиҳати бо суръати тамом инкишоф ёфтани раванд ва анъанаҳои умумидунёӣ низ муҳим буд. ҳодисаҳои террористии 11-уми сентябр дар ИМА таносуби нерӯҳои геополитикиро дар дунё ба таври назаррас дигар карданд. Кишварҳои пешқадами ҷаҳон ба таври куллӣ ба сиёсати хориҷии худ таҷдиди назар намуда, пеш аз ҳама, қувваҳои худро ба сӯи фаъол гардонидани мубориза бо терроризми байналмилалӣ самт доданд. Воқеаҳое ки дар Афғонистон рух доданд, ба вазъи геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир расонида, онро дигар карданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази тавоҷҷӯҳи зиёди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт ва он боиси афзоиши нақш ва эътибори байналмилалиаш гардид. Дар як муддати кӯтоҳ, яъне аз моҳи октябр то охири сол он қадар сафарҳои расмӣ ва ғайрирасмии намояндагони кишварҳои хориҷӣ дар сатҳҳои гуногун ба ҷумҳурӣ шуд, ки дар зарфи даҳ соли охир нашуда буд, аз ҷумла саронӣ муассисаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Олмони федералӣ, Утриш, Белгия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Руминия, Қирғизистон, Раи-

си феълии САҲА, Намояндаи вижаи Раиси феълии САҲА оид ба Осиёи Марказӣ, раиси Ассамблеяи САҲА, Директори бюрои минтақавии БР СММ оид ба кишварҳои Аврупо ва ИДМ, ёвари Дабири кулли СММ, президентҳои ФР, Ҷумҳурияти Туркия, Давлати исломии Афғонистон, котиби Шӯрои амнияти ФР ва бисёр дигарон.

Афзоиши шумори шаҳрвандони хориҷӣ низ, ки хоҳиши дидани Тоҷикистонро карданд, аз он шаҳодат медиҳад. Мувофиқи маълумоти Раёсати консулгарии Вазорати корҳои хориҷӣ, соли 2001 Вазорат дар маҷмӯъ 12893 раводид додааст, аз он ҷумла ба намояндагони созмонҳои байналмилалӣ. ҳол он ки дар соли 2000 ин миқдор ҳамагӣ 5123- то буд. Соли 2001 2345 нафар рӯзноманигори хориҷӣ аз 50 мамлакати дунё гуморида (аккредитатсия) шуданд. Ҳамчунин дар ин сол тақрибан дар як вақт намояндагиҳои дипломатии Британияи Кабир, Фаронса, Консулгарии Швейтсария дар ш. Душанбе боз шуда, сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро аз нав шурӯъ намуд.

Ниҳоят, ҳодисаҳои дохилии Афғонистони ҳамсоя тамоман ошкоро ба оламиён дурустии муносибат ва мавқеи устувор ва ивазнашавандаи роҳбарияти Тоҷикистонро оид ба масъалаи ҳалли низоъ дар он кишвар ба субут расониданд, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар омади гап ёдрас мешавем, ки Раёсати таҳлил ва тадқиқи стратегии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ҳанӯз хеле барвақт аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА дар шумораи вижаи моҳи октябри соли 2000 «Хулосаҳои таҳлилӣ» зери унвони «Толибон: устура ё воқеият» ба забонҳои русӣ ва англисӣ мавқеи расмии роҳбарияти сиёсии кишвар ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосноқ карда буданд. Чопи ин маводи таҳлилӣ дар моҳномаи Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии Вазорати умури хориҷии Эрон оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ ва Қавқоз «Амударё» тасодуфӣ набуда, аз афзоиши эътибори муасиссаи сиёсати хориҷии кишвар гувоҳӣ медиҳад. Дигаргуниҳои куллие, ки пас аз амалӣ кардани амалиёти террористӣ дар Афғонистон ба вуҷуд омада буд ва ҳам мавқеъе, ки Тоҷикистон оид ба танзими низои Афғонистон дошт, ба инкишофи робитаҳои ҷумҳурӣ

бо мамлакатҳои амрикоӣ ва аврупоӣ таъсири мусбат расонданд. Ба рафти инкишофи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо, сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров ба Фаронса дар моҳи марти 2001 ва вохӯриҳои ӯ дар Душанбе (ноябри 2001) бо вазирони корҳои хориҷии Фаронса ва Шоҳигарии Белгия, сафарҳои кории вазири Ҷумҳурии Фаронса оид ба корҳои ҳамкорӣ, вазири корҳои хориҷии Утриш ва дигарон ба Тоҷикистон низ таъсири мусбат расониданд. Бешубҳа, ҳодисаи назарраси сол сафари вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вена ва иштироки ӯ дар кори Шӯрои доимии САҲА мебошад.

Ҳодисаи басо назарраси дигар дар фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ дар соли 2001 баргузории ҷаласаи 11-уми Шӯрои вазирони Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) дар ш. Душанбе дар моҳи май буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бори нахуст раиси СҲИ шуд.

Таҳлил ва баррасии рафти инкишофи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соли 2001 нишон дод, ки аввалан, густариши ҷанбаи иқтисодӣ дар сиёсати хориҷӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ меъёри муаянкунандаи ҳолати воқеии муносибатҳои мо ва самаранокии он шудааст. Сониян, дараҷаи робитаҳои хориҷи аз бисёр ҷиҳат ба мавҷуд будани заминаҳои мустаҳками шартномавию ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ниҳоят, Комиссияҳои байниҳукуматӣ, гурӯҳҳои корӣ ва машваратҳои байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар амал исбот намуданд, ки заруранд ва воситаи муассири ҳамоҳанг сохтани кӯшишҳо барои татбиқи созишнома ва протоколҳои ба имзо расида ва танзими лоиҳаҳои нав мебошад.

Тағйирот дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали 1966 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шахрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Вазорати корҳои хориҷӣ имконият дод, ки дар доираи салоҳиятҳои худ тартиботи мавҷударо мутамарказ намояд ва кори назорат бар раванди вуруд ва хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷумҳуриро осон гардонад. Вазорат ҷонибдори он аст, ки ба хотири татбиқи босамартари сиёсати хориҷии кишвар

ҷорӣ кардани тартиби содаи расмӣ гардонидани раводид ва додани раводид ба шаҳрвандони баъзе аз кишварҳои Аврупо ва Амрико, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои ба ҳам наздик ва фаъоли сиёсӣ ва иқтисодӣ доранд, зарур мебошад.

Дар ҷумлаи дастовардҳои аз ҳама муҳим ва ҷолиби дипломатияи тоҷик дар соли 2002 метавон аз инкишофи ҳамкориҳои дутарафа ва бисёртарафаи ҷумҳурӣ бо давлатҳои пешқадами Ғарб, монанди ИМА ва Фаронса ёд овард. Тақвияти самти ҳарбии сиёсати хориҷии Тоҷикистон тақозои эҳтиёҷоти дохилии он буда, ба пуррагӣ ба стратегияи шарикии бисёрҷониба ва баробар бо ҳамаи кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ мутобиқат дорад.

Сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Фаронса ва ИМА аз комёбиҳои бузурги дипломатияи тоҷик шаҳодат медиҳад. Нухбагони марказҳои байналмилалии бонуфуз дар сатҳи сиёсии баландтарин сиёсати сулҳҷӯёнаи робарияти ҷумҳурӣ ва нақши муҳимми онҳоро дар таъмини амният ва эътидоли минтақа ва дунё эътироф ва дастгирӣ намуданд. Моҳи марти 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаи НАТО «Шарикӣ барои сулҳ» шомил гардид ва роҳбарони кишвар дар мулоқоти НАТО дар Прага (ноябри 2002) иштирок карданд.

Як падидаи ҷолиби дигар дар сиёсати хориҷии мо дар ин сол он буд, ки робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Олмон бо суръат инкишоф ёфтанд. Ҷумҳурии Олмони федералӣ ба кишвари мо мақоми давлати шарики худро муносиб дид. Ин маънии ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо Тоҷикистонро дорад ва ба ҳолати муносибатҳои ҷумҳурии мо бо мамлакатҳои дигари Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, САҲА ва НАТО таъсири мусбат мерасонад. Дастоварди дигари муҳимми дипломатияи муосири тоҷик дар ин давра баргузории муваффақонаи мулоқоти Сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ (СҲОМ) ва Бунёди байналмилали наҷоти Арал (ББКА) дар ш. Душанбе буд, ки обурӯю эътибори кишварро хеле боло бурд ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишоф ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии хеш содиқ мебошанд.

Ҳалли ниҳоии масъалаи сарҳад бо Ҷумҳурии мардумии Чин низ пас аз имзои Созишномаи иловагӣ дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Чин дар ҷараёни сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар моҳи майи 2002 аз комёбиҳои назаррасии дипломатияи тоҷик ба шумор меравад.

Яке аз дастовардҳои муҳим ва қобили мулоҳизаи Вазорати корҳои хориҷии мамлакат танзими «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд, ки онро 24 сентябри 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов тасдиқ кард. Қабули ин санади бисёр муҳим, ки усули асосӣ ва назари роҳбарони кишварро оид ба вазифаҳои калидии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва мақоми он дар дунёро дар бар дорад, ҳамчунин аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидани Қонун «Дар бораи хадамоти дипломатӣ» аз он дарак донанд, ки марҳилаи ташаккули доктринаи муосири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба охир расид.

Соли 2003 дар сиёсати хориҷии мамлакат аз ҷиҳати инкишофи фаъолонаи муносибатҳои шарикӣ ва мутақобилан судманд бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва созмонҳои байналмилалии минтақавӣ фарқ мекард.

Бомуваффақият ва дар сатҳи баланди сиёсиву ташкилӣ гузаронидани як қатор чорабиниҳои бузурги байналмилалии сиёсӣ, ба монанди мулоқоти вазирони корҳои хориҷии ИДМ, Сарони давлатҳои Иттиҳоди иқтисодии аврупоию осиёӣ (ИИАО) ва аъзои Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (США) ва Форуми байналмилалии соли оби тоза, бешубҳа, аз комёбиҳои муҳимми идораи сиёсати хориҷӣ ба шумор мераванд. ҳамкории Вазорати корҳои хориҷӣ бо Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ, ҳамчунин сари вақт ҳал намудани масъалаҳои марбут ба иштироки васеи ҳайатҳои давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд босамар буд.

23 декабри 2003 Маҷмаи кулли СММ солҳои 2005-2015-ро бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов «даҳсолаи байналмилалии амалиёти «об барои ҳаёт» эълон намуд. Қабули қатъномаи мазкур аз тарафи Маҷмаи кулли СММ бо иттифоқи оро (консенсус) нақши Тоҷикистонро ҳамчун пешкори эътирофшуда дар яке аз

масъалаҳои аҳамияти байналмилалӣ дошта ва ҳамоҳанг гардида - оби тоза тасдиқ мекунад.

Дар натиҷаи раванди гуфтугӯҳои пайгирона бо Иттиҳоди Аврупо лоиҳаи Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ дар байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои имзо омода гардид.

Соли 2003 дар таърихи дипломатияи тоҷик соли фаъолтар гардидани сиёсати хориҷии кишвар дар самти давлатҳои Ҷанубу Шарқи Осиё ба шумор меравад. Сафарҳои ҳайати ҳукуматӣ бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Ҷопон барои иштирок дар кори Форуми сеюми оби тоза дар Киото, моҳи октябр ба Индонезия ва моҳи ноябр ба Малайзия барои иштирок дар мулоқоти 10-уми Сарони давлатҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ ва ба Чин барои иштирок дар Форуми Боао ба барқарор ва тавсиа бахшидани муносибатҳои дӯстӣ бо давлатҳои минтақаи мазкур мусоидат намуданд. Ин кишварҳои аз лиҳози мавқеи геополитикии афзалиятнок, иқтидори иқтисодии зиёд ва нуфузи сиёсӣ, таҷрибаи васеи ҳамкории минтақавӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ, қувваи корӣ, техналогия ва иттилоот барои Тоҷикистон дорои манфиатҳои муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Соли 2003 инчунин бо тавсиаи асосии шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ кард. Агар дар соли 2002 шумораи шартномаҳои баимзорасида 60-то ва конвентсияҳои байналмилалии тасдиқгардида ба 9-то расида бошад, дар соли 2003 ин нишондод мутаносибан 90 ва 24-торо ташкил дод. Ва шаҳодат аз воридшавии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, тавсиа ёфтани ҷуғрофияи ҳамкориҳои он бо давлатҳои шомили ҷомеаи ҷаҳонӣ медиҳад.

Соли 2003 метавон ҳамчун соли ривоҷи бобарори ҳамкориҳои Тоҷикистон бо САҲА арзёбӣ кард. Боздидҳои Сафири вижаи Раиси феълии САҲА оид ба Осиёи Марказӣ Марти Ахтисаари (март, май), сафирҳои САҲА (Фаронса, Булғория, Шветсия, Ирландия ва Норвегия (май), Раиси феълии САҲА Яап де Хуп Шеффер (июл) ва Комисари олии САҲА оид ба кори ақаллиятҳои миллӣ Ролф Экеус (июл) аз Тоҷикистон, аз таваҷҷӯҳи ҷиддии ин Созмон ба

масъалаҳои ҷумҳурӣ ва ҳавасманд будан ба ҳалли онҳо гувоҳӣ медиҳад. Баҳои баланди ходимони масъули САҲА ба Тоҷикистон нуфузи онро ҳамчун шарики боэътимод бағоят мустаҳкам намуд. Ходимони масъули САҲА таъкид карданд, ки ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кишварҳои дигари минтақа намуна мебошад. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов Шӯрои доимии САҲА ба Афғонистон мақоми кишвари шарикро дод ва ин чиз роҳро ба гуфтушуниди мунтазами сиёсӣ миёни ин кишвар ва САҲА боз кард. Моҳи декабри соли 2003 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров дар ҷаласаи 11-уми вазирони корҳои хориҷии САҲА дар зимни ибрози мавқеи Тоҷикистон оид ба санади асосии ин созмон – стратегияи САҲА барои мубориза бар зидди таҳдид ба амният ва пойдории вазъият дар асри XXI масъалаҳои ҳамкорӣ дар таъмини амният дар минтақа ва танзими вазъи Афғонистонро низ ба миён гузошт. Вай ҳамчунин мавқеи кишварашро оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамкории муштараки Аврупо ва Атлантика(ШҲМАА-и НАТО) (4-5 декабри 2003, Мадрид- Брюсел) матраҳ намуд.

Вазорат барои таъмини иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардории Президенти кишвар Э.Ш. Раҳмонов дар мулоқоти даҳуми Сарони кишварҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ, ки 16-18 октябри 2003 дар Куала Лумпури Малайзия барпо гардид, кори зиёди ташкилӣ ва сиёсиро анҷом дод. Дар ин ҷаласа қарори №27/10-Е «Дар бораи расонидани ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон» қабул гардид. Мувофиқи он давлатҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ ва Бонки исломии рушд кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои рафъи мушкилоти иқтисодӣ ва амалӣ гардонидани барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ хоҳанд кард. Баргузории конфронсҳо ба хотири ҷалби сармояи кишварҳои аъзои Бонки исломии рушд дар ш. Душанбе дар таърихи 28-29 сентябри 2003 аз иқдомоти нахустин дар ин роҳ буданд. Натиҷаи ниҳоии конфронси мазкур тасвиби мувофиқатнома дар бораи таъсиси холдинги сармоягузорӣ

бо сармояи оинномавӣ ба маблағи 200 млн.$ ИМА шуд.

Як падидае, ки аз баррасии фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳо ва бахшҳои дастгоҳи марказии он, сафоратхона ва намояндагиҳои он дар соли 2004 ба назар мерасад, он аст, ки сиёсати хориҷии кишвар ва муассисаҳои хориҷии он нисбат ба ҳамаи солҳои пешина ба таври чашмдид фаъол, гӯё, гиро, босамар, боташаббус ва комилтар гардидаанд. Агар дар чанд соли охир ин сифатҳо дар фаъолияти сохтор ва бахшҳои ҷудогонаи вазорат ба мушоҳида мерасиданд, ҳоло ранги умумӣ пайдо намудаанд. Ин сифатҳо, бидуни шак, аз фарорасидани марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дарак медиҳанд. Кӯшишу қадамҳое, ки Президенти кишвар, роҳбарони Вазорати корҳои хориҷӣ пайгирона дар тӯли 4-5 соли охир дар ҷодаи сиёсати хориҷӣ мекарданд ва мебардоштанд, ниҳоят самари дилхоҳ дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири корҳои хориҷии кишвар солҳои охир таъкид менамуданд, ки ҳоло дар татбиқи сиёсати хориҷӣ вақти диққат додан ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ расидааст, зеро масъалаи муваффақ гардидан ба пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ аз масъалаҳои муҳимтарини рӯз ба шумор меравад ва ба ҳалли он бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Хушбахтона, ҷанбаи иқтисодии сиёсати хориҷии кишвар сол ба сол тақвият меёбад. Ин чиз аз ҷумла дар соли 2004 нисбат ба солҳои пешина бештар ба назар мерасад. Ба таври назаррас афзудани ҳаҷми додугирифти мо дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (100%), Ҷумҳурии Қирғизистон (110,3%), Ҷумҳурии мардумии Чин (ду баробар), Беларус (319%) ва ғ. ба он шаҳодат медиҳад. Дар ин кор, бешубҳа, сафоратхонаҳои мо дар ин кишварҳо, ҳамчунин раёсатҳои дахлдори Вазорат саҳм доранд. Аз рӯи он ки соли 2004 аз 68 созишномаи дутарафае, ки байни Тоҷикистон ва мамлакатҳои дигар баста шуд, 21-тоаш ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дахл дошт, аз ояндаи нек дарак медод. Ташаббуси аз тарафи Раёсати консулгарӣ танзим ва омода намудани санади ҳуқуқии муҳим – «Низомномаи тартиби содаи раводиди рафту омади Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони

хориҷӣ», бешубҳа ба он мусоидат намуд. Қабули ин санад имконият дод, ки ҳамкорони иқтисодии мо аз 22 мамлакат ба ҷумҳурӣ оянд ва маблағгузорӣ намоянд.

Ба имзо расидани Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар моҳи октябри 2004 дар Люксембург дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ва вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Т. Назаров ва дар моҳи августи ҳамон сол боз шудани Намояндагии доимии Комиссияи Иттиҳоди Аврупо дар ш. Душанбе аз таваҷҷӯҳ ва эътимоди рӯзафзуни давлатҳои аврупоӣ ба кишвари мо гувоҳӣ медиҳад.

Баргузории сафарҳои гуногуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ва вазири корҳои хориҷии он Т. Назаров ба Покистон (январ-май), Таиланд ва Сингапур (феврал), Либия (март), Ҷумҳурии Чехия, Шоҳигарии Белгия ва Люксембург (октябр) ва ғ. бори дигар механизми хеле муносиб дар густариш ва инкишофи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба будани худро ба исбот расониданд ва самари хубе доданд.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005 низ корҳои зиёдеро барои вусъати минбаъдаи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва боз ҳам фаъол гардонидани он, таҳкими асоси шартномавӣ ва ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо бештари мамлакатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ анҷом дод. Дар натиҷа алоқамандии сиёсию иқтисодии кишварҳои хориҷӣ ба барқарор сохтани муносибатҳои шарикии баробар ва судманд бо Тоҷикистон афзуд. Ба ҷумҳурӣ беш аз 150 ҳайат дар сатҳҳои олӣ, баланд ва корӣ боздиди расмӣ карданд, ки гувоҳи динамикаи инкишофёбандаи ҳамкориҳои мутақобил мебошад.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои гуманитарию фарҳангӣ бо созмонҳои дахлдори байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бо ЮНЕСКО ҳамчун самти муҳим эътибор дорад. Гузаронидани рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Париж дар доираи иштироки Президенти Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар кори ҷаласаи сиюсеюми Конфронси умумии ЮНЕСКО гувоҳи возеҳи рушди ҳамкориҳои мо бо ин созмон аст. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон тасмим гирифтаст, ки минбаъд таваҷҷӯҳи ин созмони мӯътабарро

ба масъалаҳои ниҳодҳои иҷтимоию фарҳангии кишвар бештар ҷалб намояд. Вазорати корҳои хориҷӣ ва сохторҳои дастгоҳи марказӣ ва сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои онҳоро зарур аст, ки аввалан бо ҳифзи дастовардҳои солҳои пешин ва барои боз ҳам афзун кардани онҳо сиёсати хориҷии фаъолона ва ҳадафмандонаи босамар, гиро, динамикӣ, бисёрпаҳлӯ ва санҷидашударо давом диҳанд ва ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Паёмҳои ҳамасолаи президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ аст, муваффақ шаванд. Густариши минбаъдаи робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам овардани шароит ва фазои муносиби хориҷӣ барои бомуваффақият гузаронидани ислоҳот дар дохили кишвар, махсусан дар соҳаи иқтисоди он, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Сониян, бояд аз имкониятҳое, ки воқеияти геополитикии имрӯзаи давр барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё сохтааст ва дар оянда хоҳад сохт, истифода кард. Яке аз ин гуна имкониятҳо ҳамкории ҳамаҷонибаи мо ба кишварҳои хориҷӣ дар заминаи барқарорсозии Афғонистон мебошад.

БОБИ СЕЮМ

САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ ҲОЗИРА

Дар таъини самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва аввалиятҳо дар он ба назар гирифтани махсусиятҳои мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим аст.

Дар дунё имрӯз кишваре нест, ки танҳо ба пои худ бидуни муносибат бо кишварҳои дигар арзи ҳастӣ намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин истисно намебошад. Аз рӯи ин гуфта агар Тоҷикистонро дар маркази доирае қарор диҳем, давродаври онро се ҳалқаи давлатҳо печонидаанд.

Халқаи аввал – ҳалқаи давлатҳои ҳамсояи наздик ва ҳамmarзи он, хосса Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон буда, ҳалқаи дувум аз давлатҳои ба истилоҳ ҳамсояи девордармиён, аз қабили Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон иборат мебошад. Ва ниҳоят ҳалқаи охиринро кишварҳои манфиатдоре, мисли Федератсияи Русия, Ҷумҳурияти Туркия, ИМА, Арабистони Саудӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

Сардори Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар суханронии хеш дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 28 декабри соли 1993 зимни зарурати танзими консептсияи сиёсати хориҷии кишвар таъкид намуда буд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба 5 ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

Хавзаи якум – Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

Хавзаи дуввум – Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

Хавзаи саввум – Фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро нафақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурна-

мои воқеии рушди миллӣ бо ҳам ҷазб мекунанд.

Ҳавзаи чаҳорум – Доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум – ҷомеаи байналмилалист, ки ҷамъбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд».[1]

Дар маркази доираи диққати кишварҳо ва минтақаҳои номбаршуда қарор гирифтани Тоҷикистон се иллати асосӣ дорад: иқтисодӣ, низомӣ ва сиёсӣ. Диққати он кишварҳоро, пеш аз ҳама, сарватҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии Тоҷикистон – тилло, нуқра, пахта, арзиз, мис, оҳан, ураниум, ҳамчунин мавқеи стратегии он ва равандҳои сиёсию иҷтимоие, ки солҳои охир дар сарзамини мо ба вуҷуд омаданд, ба худ ҷалб намудааст. Илова бар ин Тоҷикистон барои бисёрии ин кишварҳо бозори муносибу мувофиқи фурӯши молҳояшон мебошад. Махсусан барои он кишварҳое, ки молҳояшон дар бозори ҷаҳонӣ ба рақобати сахти кишварҳои ғарбӣ ва давлатҳои пешрафтаи шарқӣ рӯбарӯст. Аз ин сабаб ҳамаи онҳо кӯшиш доранд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфуз дошта бошанд, то хостҳои сиёсию иқтисодӣ ва низомиашонро бароварда бисозанд.

Ва азбаски кишварҳои гуногун дар нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон хостҳои гуногун, манфиатҳои гуногун доранд ва аксар хостҳои онҳо бо хостҳо ва манфиатҳои давлатҳои диғар дар тазод мебошад, байни ин кишварҳо рақобате вуҷуд дорад.

Ва ин рақобати онҳо ба вазъи Тоҷикистон бе таъсир нахоҳад буд. Чунончи, Покистон ва Эрон хоҳони онанд, ки дар Афғонистон ҳукумате дар сари қудрат бошад, ки бо истифода аз он манфиатҳояшонро на танҳо дар худи он мамлакат, балки дар Тоҷикистон низ ҳарчи тамомтар бароварда созанд.

Ва барои ҳамин ҳам ба ин ва ё он неруи сиёсию низомӣ ва қавмию миллии дар Афғонистон буда таваҷҷуҳ доранд. Дар навбати худ ба Покистон, Эрон ва Афғонистон

1 Э. Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Д., 1995, с. 79.

кишварҳои дигари дунё, ба таври мушаххас ИМА ва баъзе аз давлатҳои Араб умед мебанданд, то манфиатҳои хешро аз тариқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз намоянд.

Дар чунин вазъият роҳи дуруст ва савоб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки дар ин ҳалқаҳои пурпечутоби муносибат бо кишварҳои дигар истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва низомии хешро ҳифз намояд ва бо ҳамаи он кишварҳо муносибати ҳасана дошта бошад. Дар акси ҳол худро ба сифати давлати мустақил гум хоҳад кард ва ҳайсияти хешро аз даст хоҳад дод.

Ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии худ такя мекунад. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ба қарори зайл аст:

1. Ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;
2. Таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ;
3. Таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, амнияти иқтисодӣ ва экологии мамлакат;
4. Бунёди ҷомеаи демократӣ мабнӣ бар усули иқтисоди бозорӣ;
5. Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, ҳайсият ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он;
6. Эҷоди камарбанди ҳусни ҳамсоягии нек дар марзҳои кишвар;
7. Инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ҳамаи мамлакатҳои дунё;
8. Таҳкими чеҳраи матлуб ва мусбати ҷумҳурӣ дар олам;
9. Мусоидат ба тоҷикон дар кишварҳои дигар.

Афзалиятҳо дар сиёсати хориҷӣ доимӣ ва бетағйир буда наметавонанд, онҳо ба сатҳ ва мӯҳтавои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ва ё он кишвар, фазои умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии минтақа ва ҷаҳон айният доранд.

Мавқеи геополитики Ҷумҳурии Тоҷикистон, таркиби қавмию миллии он, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, амалигаро ва мутавозину мутаносибро тақозо мекунад. Барори сиёсати хориҷии ин ва ё он кишвар вобаста ба риояти таносуби ҳадафҳои миллӣ ва имкониятҳои воқеии он мамлакат мебошад.

ФАСЛИ ЯКУМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: доштани робитаи ҳасанаи наздик ва собит ба кишварҳои ҳамсоя – Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин ва минтақа – Ҷумҳурии Қазоқистон, Туркманистон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии исломии Покистон ва Ҳиндустон ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯли марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз аввалиятҳо ба шумо меравад.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеш гирифта, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, ба шумули масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҳама гуна зурӣ ва фишор худдорӣ намуда, ба роҳи ҳалҳои мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунидҳо афзалият диҳад. Гузашта аз ин вай бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоӣ иқдом мекунад ва саҳм мегирад.

Бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ҳамсояи дарбадари мост ва бо вай марзи тӯлоние дорем, доштани муносибати ҳасанаи ҳаматарафа ва устувори иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба манфиати миллӣ ва давлатии мо мебошад. Зеро на танҳо марз, оби мо, барқи мо, роҳҳои мо муштарак аст, балки дар ҳайати аҳолии кишварҳои мо миқдори зиёди намояндагони миллатҳои мо зиндагӣ мекунад.

Дар муносибатҳои мо бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчунин умумияти таърихии қавму миллатҳои сарзаминҳои имрӯзаи мо, пайвандҳои хешу таборӣ омилҳои муайянкунанда буда, доштани ҳамкориҳои судманди баробар ва устуворро тақозо мекунанд. «Барои мо, тоҷикон,-гуфтааст Сардори Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов,-муносибати дӯстона, мустаҳкам ва тӯлонӣ бо Ӯзбекистон ҳам тақозои таърихӣ ва ҳам ниёзи марду-

мист».[1]

Тоҷикон ва гузаштагони миллати ӯзбек асрҳои аср паҳлӯи якдигар, дар ҳайати низомҳои сиёсии гуногун зиндагӣ мекарданд. Дар давраи Шуравӣ агарчи ба ном ҷумҳуриҳои мустақил шуда буданд, боз ҳам дар ҳайати як давлат буданд. Бо назардошти ҳамин чиз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.А.Каримов 27 декабри соли 2001 дар ҷараёни нахустин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Тошканд таъкид карда буд, ки: «Халқҳои ду мамлакати мо таърихи умумӣ доранд ва асрҳо паҳлӯи ҳамдигар мезистанд... бо ҳам будан сарнавишти мост ва мо бояд бо кӯшишҳои якҷоя ин мушкилиҳое, ки мардумони кишварҳои мо бо онҳо рӯбарӯ омадаанд, бартараф намоем»[2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон тақрибан дар як вақт соҳиби истиқлол гардидаанд: Ӯзбекистон дар таърихи 1 сентябри 1991 ва Тоҷикистон дар рӯзи 9 сентябри ҳамон сол. Протоколи барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ байни ин ду кишвари ҳамсоя, агарчи ҳанӯз 22 октябри соли 1992 ба имзо расида, Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 1993 боз шуда, 4 январи 1993 «Шартномаи ҳаматарафа оид ба дӯстӣ ва ёрии ҳамдигарӣ», ки дар зоти худ беназир буд, баста шуда буд, сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Душанбе танҳо дар моҳи июли соли 1998 ба фаъолият сар кард, яъне пас аз як солу як моҳи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни 1997).

Солҳои зиёд аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сатҳи нисбатан поён нигоҳ доштани робитаҳои дипломатӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи он буд, ки кишвари ҳамсоя аз вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта сахт дар ташвиш буд. Ва тасодуфӣ нест, ки вазири корҳои хориҷии он мамлакат 6 ноябри 1992 дар Иҷлосияи 47-уми Маҷмаи кулли СММ изҳор дошта буд, ки: «Хатари асосӣ барои Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар

1 Э. Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ – Д., 1995, с. 81.
2 Внешняя политика Республика Таджикистан на современном этапе, с. 277.

вақти ҳозира низои Тоҷикистон мебошад»[1]. Инсоф он аст, эътироф намоем, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷумла президенти он кишвар И. Каримов, дар кори ба эътидол овардани вазъи сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли мусолиматомези он нисбат нақш дорад. Нахустин мактубро ба номи Дабири кулли СММ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон фиристода буд. Ин давлат дар ҷумлаи кишварҳои кафили сулҳ дар Тоҷикистон ва узви Гурӯҳи тамос мебошад.

Вале паст будани сатҳи робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои дигар низ бошт. Таҳлилу баррасиҳои ҳаматарафаи он солҳо шаҳодат бар он медиҳанд, ки роҳбарони кишвари ҳамсоя хоҳони он буданд, ки дар сари қудрати сиёсӣ намояндагони нерӯҳои сиёсии барояшон матлуб бошанд. Дар солҳои аввали ба сари қудрат омадани ҳукумати феълии Тоҷикистон Тошканд гумон дошт, ки нуфузи худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маротиб афзоиш хоҳад дод. Бинобар ин ба кишвари мо таваҷҷӯҳи зиёде дошт. Аммо дере нагузашта вақте диданд, ки роҳбарони нави Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мустақилеро пеш гирифтанд, «писари гапдаро» нашуданд ва ҳар чизе, ки аз Тошканд барояшон мегуфтанд, «бечуну чаро» иҷро накарданд[2], тавре ки муаллифони «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира» дуруст мушоҳида намудаанд, «бо ташабуси тарафи узбекӣ ба таври якҷониба ҳамкориро амалан дар тамоми самтҳо қатъ доданд»[3]. Дар натиҷа, дар марзҳои хеш бо ҷумҳурии мо режими сахти муҳофизатро ҷорӣ карданд, ки амалан ба бастани тамоми роҳҳои нақлиётӣ сабаб гардид. Аз тарафи Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷониба ҷорӣ кардани режими раводидӣ (майи 1999) низ ба сатҳи робитаҳои мо бо ин кишвар бе таъсир намонд.

Ҷониби Ӯзбекистон ин ҳама амалҳои яктарафаи худро ба зарурати таъмини амнияти миллии хеш ва афзоиши хатари терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ, аз ҷумла густариши «ҳизби таҳрир» ва фаъол гардидани ҳаракати исломии Ӯзбекистон дар хориҷ ва дохили он кишвар марбут медонад. Ва борҳо даъво дошт, ки гӯё дар хоки Тоҷикистон урдугоҳҳои нерӯҳои зидди ҳукумати Ӯзбекистон вуҷуд дошта, мусаллаҳҳои ҲИУ аз тариқи хоки мамлакати мо дохили он кишвар мешаванд. Ҷониби Тоҷикистон борҳо он ки бе бунёдии ин гуна даъвоҳои кишвари ҳамсоя ошкор гардад, ба сафири ин кишвар замина муҳайё сохт, ки аз минтақаҳои гумонбар дидан кунад. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, то ҳол ҳеҷ манбае иттилоъ надодааст, ки нафаре аз террористон ва ё ифротгароён аз минаҳои дар марз хобондаи ҷониби ӯзбекӣ таркида ё ба ҳалокат расида бошад. Вале миқдори шаҳрвандоне, ки аз ҳарду ҷониб аз он минаҳо таркиданд, ба садҳо мерасад. ҳамчунин касе надидааст, ки нафаре аз террористон ва ифротгароёнро дар марзҳои ин кишвар бездошт карда бошанд. Ҷониби Ӯзбекистон ҳамчунин бисёр воқеъ шудааст, ки ташаббусҳои тарафи Тоҷикистонро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, мисли ИДМ, Иттиҳоди гумрукии ИДМ, Созмони ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ, ЮНЕСКО ва ғ. дастгирӣ намекунанд. Мутассифона, Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибатҳояшро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр ҳолатҳо бо сиёсат омезиш медиҳад. Аз ин сабаб, кишвари мо гирифтори нозунузҳои геополитикии он мешавад. Дар ин кишвар паноҳ ёфтани М. Худойбердиев ва ҷанғиёнаш ва аз он ҷо дар моҳи августи 1997 ҳамла оварданаш ба вилояти Ленинобод далели он мебошад. Ҷониби Тоҷикистон сарфи назар аз ин ҳама то ин рӯз ҳеҷ иқдоме накардааст, ки боиси заиф гаштани робитаҳояш бо ин кишвари ҳамсоя гардида бошад. Баръакс, ҳамеша кӯшиши зиёде ба харҷ медиҳад, ки шиддати муносибатҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар паст шавад ва ҳамвор ва мӯътадил ва ба нафъи ҳарду кишвари ҳамсоя ҷараён гирад. Маҳз бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила сафарҳо ва вохӯриҳои ҷонибҳо дар сатҳҳои гуногун барои пайдо намудани роҳи ҳалли масъалаҳои мавҷуда баргузор гардиданд. Нахустин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 8 октябри соли 1994 сурат гирифта буд, ки дар ҷараёни ин сафар «Эъломия дар бораи таъмиқи ҳаматарафаи ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба имзо расида буд. Сарвари Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон

1 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, г. 2, с. 396.
2 Э. Раҳмонов. Исёни Ленинобод таҷовузи Ӯзбекистон ба Тоҷикистон аст // Суханронӣ дар Иҷлосияи X Маҷлиси Олии ҶТ, 12 ноябри 1998.
3 Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе, с. 25.

ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бори дуюм 4 январи соли 1998 ва бори сеюм 27 декабри соли 2001 сафари расмӣ дошт. ҳайатҳои расмии ҳукумати Тоҷикистон (феврали 2001, декабри 2002, майи 2003, январи 2004, феврали 2005) қариб ҳар сол ба Тошканд барои ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба нафту газ, неруи барқ, об, ҳисобу китоби боркашонӣ, транзити мол, убури нақлиёт, шаҳрвандон ва ғайра сафар мекунанд. Мутаассифона, дар ҳалли ин гуна масъалаҳо ҷониби узбекӣ майлу рағбат нишон намедиҳад. Бинобар ин бисёре аз ин масъалаҳо солҳои сол ҳал нашуда боқӣ мемонанд, монанди баҳси моликияти хатҳои барқ (ЛЭП) ва баъзе муассисаҳо ва ниҳодҳо, барқарор кардани роҳи ҳавоӣ ва ғайра.

Хушбахтона, аз соли 1998 сар карда дар муносибатҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти мусбате ба назар мерасад. Ин муносибатҳо андак бошад ҳам фаъолтар ва пурмӯҳтавотар гардидаанд. Сафарҳои расмӣ ва кории ҳайатҳои баландрутбаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ш. Душанбе бештар гардид, мисли сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон У. Султонов (феврали 1998 ва августи 2002), вазири корҳои хориҷии он кишвар А. Комилов (15 майи 1999), вазири корҳои дохилии он З. Алматов (16 майи 2000) ва ниҳоят сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Каримов (июни 2000) ва ғ. Маҳз дар ҷараёни сафари роҳбари кишвари ҳамсоя «Созишнома оид ба дӯстии ҷовидона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба имзо расид, ки он ҳам дар зоти худ беназир мебошад ва миёни мамлакати мо ва ҳеҷ ягон кишвари дигаре то имрӯз чунин санад ба имзо нарасидааст. Дар моҳи июли соли 1998 дар пойтахти Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намудани Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, фаъол гардидани кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва Комиссияи муштарак оид ба сарҳад ва имзо шудани «Созишнома оид ба сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» (июли 2000), баргузории рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон (29 июн-5 июли 1998) низ қазияи фаъол гардидани муносибатҳои ин ду кишвари ҳамсояро тасдиқ мекунад. Дар сатҳи баланд баргузор гардидани нахустин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис-

тон Э. Ш. Раҳмонов дар 27 декабри 2001 ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳам далели дигаре бар он мебошад.

Ин падида умеди моро ба сатҳи матлуб ва бояду шояд баромадани робитаҳои дипломатии байни кишвари мо ва ҳамсояи наздикаш Ҷумҳурии Ӯзбекистон бештар мегардонад.

Марзҳои ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон вақте бе хавф мегарданд, ки агар дар **Ҷумҳурии исломии Афғонистон**, ки бо он зиёда аз 1400 км сарҳади тулонӣ дорем, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ ба пурраги ба эътидол ояд ва ҳукумати он кишвар тавоноӣ пайдо намояд, ки пеши роҳи интиқоли маводи мухаддирро гирифта тавонад ва дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ тавфиқ ёбад.

Мо дар фасли сеюми боби сонӣ зикр карда будем, ки Афғонистон дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгаҳи хосса дорад, рукни асосии он гаштааст. Аз ин сабаб аз такрору тафсили дубораи онҳо худдорӣ намуда, диққати асосиро ба дурнамои робитаҳои мо бо ин кишвари ҳамсоя медиҳем.

Ба ақидаи мо, ҳоло марҳилае фаро расидаст, ки мо бояд муносибатҳоямонро бо ин кишвари ҳамсояамон рангу намуди тозае диҳем ва нисбат ба солҳои пеш фаъолтар бошем. Зеро Афғонистон барои мо на танҳо кишварест, ки бо он сарҳади тӯлонӣ дорем ва аз ин ҷиҳат зарурати таъмини амнияти миллиамон тақозо мекунад, ки бо он робитаи ҳасанаи ҳамсоягӣ дошта бошем, балки дар он ҷо дар ҳудуди 10 млн. ҳаммиллатони мо – тоҷикон ва чандин милёни дигар халқҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги мо зиндагӣ мекунанд ва мо ба тақдири ояндаи онҳо бетараф буда наметавонем. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, таърих барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконе додааст, ки дар раванди барқарорсозии Афғонистон бо нерӯи инсонӣ ва имкониятҳои муносиби табиӣ ва моддие, ки дар ихтиёр дорад, саҳми бевосита бигирад ва кишвари асосии интиқолдиҳандаи кӯмакҳои ҷаҳонӣ ба Афғонистон шавад. Агар мо аз ин имконият истифода карда тавонем, ҳам ба бародарони афғонистониамон ва ҳам ба худамон кӯмак хоҳем кард. Илова бар ин ба шарофати чунин ҳамкории судманд иқтисодамон пеш рафта, шаҳрвандонамон ҷои кори иловагӣ пайдо хоҳанд

намуд ва аз ҳама муҳимаш нуфузамонро дар ин кишвар ҳифз хоҳем кард. Дар навбати худ Афғонистон ба сифати роҳрави трансмиллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба самти ҷанубӣ кишвари хеле муҳим мебошад.

Феълан кишварҳои ҳамсоя, мақомоти онҳо, аз ҷумла хадамоти амниятиашон пешдастиҳо карда, ҳадафмандона бар зидди манфиатҳои мо ва кишварҳои бо мо наздик ба фаъолият оғоз намуданд. Онҳо ошкоро ният доранд, ки нуфузи моро кам гардонанд ва ба мо имконият надиҳанд, ки фаъолият намоем. Чунончи, солҳои охир роҳбарон ва фаъолони ҳизби миллатгарои «Афғон миллат» кӯшиши фарогире кардаанд, ки афкори умумро рӯҳияи зидди тоҷикӣ диҳанд. Бо ҳамин ният дар рӯзномаҳо, мулоқоту ҷамъомадҳояшон мақомоти Тоҷикистонро ба додани яроқ ба шаҳрвандон ва қумондонҳои Афғонистон ва алоқа доштан бо қочоқбарони маводи мухаддири он кишвар муттаҳам карданӣ шудаанд. Бо қавли онҳо, гӯё «майли тоҷикмаобӣ ва эронимаобӣ доштаи элитаи сиёсии Афғонистон ба эҳёи забони пашту ва ҳифзи афзалияти паштунҳо халалеро расонад». Ва гӯё забони тоҷикӣ (дари)-ро ба Афғонистон Нодиршоҳи Афшори эронӣ ҳамагӣ 200 сол пеш оварда бошад[1].

Бо назардошти он чи гуфта шуд, ба ақидаи мо танзими барномаи махсуси ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи ҳукумати Тоҷикистон ва Афғонистон бисёр зарур аст. Соҳаҳои муҳимми ҳамкориҳои ин ду кишвари ҳамсоя иборатанд аз тиҷорат, нақлиёт (сохтмони роҳҳо ва пулҳо, комуникатсияи нақлиётӣ), нерӯи барқ (барқарор ва бунёди инфрастуктураи энергетикӣ, сохтмони истгоҳҳои обии барқӣ, интиқоли трансформаторҳои нерӯӣ), кишоварзӣ (аз худ кардани заминҳои бекорхобида, барқарор ва сохтмони системаи обёрӣ ва обрасонӣ), саноат (барқарор ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ), алоқа (гузаронидани хатҳои телефонӣ, барқарории системаи пахши барномаҳои телевизионӣ), маориф (таълим ва тарбияи мутахассисони баландихтисос, табодули устодон ва шогирдон), тандурустӣ (табодули мутахассисони соҳаи тиб), ҳифзи сарҳад, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, терроризм, ифротгарои динӣ, амнияти минтақа ва ғайра. Барои ин сохторҳои

1 Забони пашту зери ситам. – рӯз. «Машъали демократӣ», феврали 2004.

дахлдори ҷумҳурии моро зарур аст, ки дар раванди бозсозии Афғонистон ба мақсади бунёди корхонаҳои нав, барқарорсозии корхонаҳои пешина, амалӣ гардонидани лоиҳаҳои муштарак, ҷалби муассисаҳои гуногуни сохтмонӣ ва роҳсозӣ, институтҳои лоиҳакашӣ ва ғайра ҳам аз роҳи имзои қарордодҳои дуҷониба ва ҳам аз роҳи иштирок дар тендерҳо саҳм бигиранд.

Татбиқи барномаи махсуси ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи ҳукумати Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон тақвияти ҳузури дипломатии кишвари мо дар мамлакати ҳамсояро тақозо мекунад. Моро лозим меояд, ки сафоратамон дар Кобул ва консулгариямонро дар ш. Мазори Шариф ҳам аз ҷиҳати ҳайат ва ҳам аз ҷиҳати дараҷаи касбӣ густариш диҳем ва дар вилояти Бадахшони Афғонистон консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз намоем. Зимнан, консулгарии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар шаҳри Хоруғ фаъол аст. Дар Афғонистон ба кор шурӯъ намудани намояндагиҳои Вазорати саноат, Агентии муборизаи бо маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ фоли нек мебошад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар мусоҳибаи матбуотии муштараке, ки дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии исломии Афғонистон Ҳамид Карзай ба Душанбе (26-27 июли 2006) таъкид дошт, пешрафт ва оромии Афғонистон пешрафт ва оромии Тоҷикистон мебошад.

Ҷумҳурии мардумии Чин аз бузургтарин ҳамсояҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар минтақа ва дунё нуфузи муассире дорад. Нуфузи вай марҳила ба марҳила бо болоравии иқтисодиаш ва иқтидори низомиаш афзоиш меёбад. Бинобар ин бо Чин дошгани муносибати дипломатии устувор, ҳамкориҳои густурдаи тиҷоратӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ба манфиати Тоҷикистон буда, пеши роҳи ҳама гуна хавфу хатари эҳтимолиро хоҳад гирифт. ҳамроҳ шудани ҷумҳурии мо ба «Созишнома дар бораи тадбирҳои таҳкими боварӣ дар соҳаи низомӣ дар ноҳияҳои сарҳадӣ» байни Чин, Русия, Қирғизистон ва Тоҷикистон (апрели 1996)», «Созишнома оид ба маҳдуд кардани нерӯҳои мусаллаҳи тарафайн дар ноҳияҳои сарҳадӣ (24 апрели соли 1997)» ва ҳам ба имзо расидани «Созишнома

байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой» (1999) ва дар моҳи майи соли 2002 ба пуррагӣ ҳал гардидани он бо имзои «Созишномаи иловагӣ оид ба сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Чин» аз аҳамияти бағоят калоне бархурдор буда, аз муҳимтарин дастовардҳои дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият ба шумор меравад. Зеро мо на таниҳо бо Чин дар тӯли 500 км. ҳамсарҳад ҳастем, балки мушкилоти марзӣ низ доштем. Чин дар байни давлатҳои ҳамсояи Тоҷикистон ягона давлате буд, ки даъвои марзиашро ба таври расмӣ эълом доштааст.

Дар ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ ва таъмини амният ташаббус нишон додани Чин сабаб дошт. Ин кишвар солҳо аз паси ҳалли мушкилоти марзии худ бо Иттиҳоди Шуравӣ буд, аммо ба он муваффақ нагардида буд. Дар солҳои 80-90-уми асри XX дар муносибатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Чин дигаргунии куллие ба вуҷуд омад. Ҷои баҳсу талошҳои беҳударо гуфтушунидҳои созанда гирифт ва ин ду кишвар аз сиёсати мухолифат ба ҳамсоягии нек моил шуданд. Чун натиҷа дар моҳи майи соли 1989 Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии мардумии Чин дар замина Коммюнике ба имзо расонданд, ки дар он тарафҳо изҳор намуданд, ки ба ҳалли мусолиматомези тамоми масъалаҳои баҳсталаб, аз он ҷумла танзими масъалаҳои сарҳадӣ омода ҳастанд.

Аммо фурӯпошии босуръати Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳодисаҳои номатлубе, ки дар давлатҳои ҳамсояи Чин дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рух додаанд, мисли низоъҳои қавмию миллӣ ва мазҳабӣ, зуҳури бунёдгароии динӣ ва кӯшишҳои ҷудоталабӣ (сепаратизм) ин кишварро сахт ба ташвиш оварда буданд. Тарси Чин аз он буд, ки ҳодисаҳои мазкур боиси авҷи тамоюлҳои ҷудоихоҳӣ дар дохили ин кишвар, махсусан дар ноҳияҳои автономии Синтсзиян-Уйғур ва Нинтсия-Хуэй хоҳанд гардид. Барои ҳамин ҳам бо ташаббус ва пешниҳоди ҷониби чинӣ ва такя ба таҷриба ва корҳое, ки он дар замина бо меросхӯри асосии Иттиҳоди Шуравӣ – Федератсияи Русия дошт, Комиссияи муштараки ҳукуматҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон таъсис ёфт. Ба Комиссияи мазкур намояндаи Федератсияи Русия

сарпарастӣ мекард ва салоҳияти бурдани гуфтушунид бо ҳукумати Чинро ба ӯҳда дошт. ҳадафи аслии таъсиси созмони «Панҷгонаи Шанхай» низ аз ҳамин иборат буд.

Ба ҳамин тариқ, пас аз пош хӯрдани «ногаҳонии» Иттиҳоди Шӯравӣ барқарор кардани муносибат ба давлатҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии мардумии Чин табдил ёфт. Ва тибқи ин сиёсат вай дар як муддати нисбатан кӯтоҳ бо ҳамаи онҳо робитаҳои дипломатии худро барқарор намуд ва сафоратхонаҳои худро боз намуд. Аз ҷумла бо Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 январи 1992 робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, пас аз як моҳ 12 марти ҳамон сол Кордори муваққати он кишвар дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд. Ва тавре ки Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар гузориши худ дар Иҷлосияи XVII Шӯрои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 23 июни соли 1993 шаҳодат медиҳад: «Дар як муддати начандон тӯлонӣ, баъд аз барқарор сохтани муносибатҳои дипломатӣ бо хоҳишу кӯшишҳои тарафайн ба он муваффақ шудем, ки байни Тоҷикистону Чин заминаи хуби муносибатҳои умедбахш ба вуҷуд оварем».[11] Ва маҳз ҳамин «заминаи хуби муносибатҳои умедбахше», ки аз оғоз дар байни Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин ба вуҷуд омада буд, боиси он гардид, ки роҳбари ҷумҳурӣ нахустин сафари расмии давлатии худро ба Чин баргузор намояд. Ин нишонаи ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои миллии ин ду кишвар буд.

Ҳусни тафоҳум ва муносибати дӯстонае, ки дар байни Сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва Раиси Шӯрои давлатии Ҷумҳурии мардумии Чин Тсзян Тсзэмин аз нахустин дидорашон ба вуҷуд омад, дар рушд ва густариши муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳояшон нақши муассире гузошт. Роҳбари Тоҷикистон баъд аз ин дар моҳи сентябри 1996, 11-14 августи 1999 ва майи 2002 ба Чин сафари расмӣ кардааст. Сафари расмии ҷавобии раиси Шӯрои давлатии Ҷумҳурии мардумии Чин ба Душанбе 3-5 июли 2000 сурат гирифт. Илова бар ин онҳо дар чорчӯбаи вохӯриҳои Сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ва ғайра

1 Э. Ш. Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ.-Д., 1995, с. 48.

зуд-зуд ба ҳам мулоқот ва диду боздид доштанд. Аз замони нахустин сафари расмии Э.Ш. Раҳмонов (марти 1993) ба Пекин то нахустин сафари ҷавобии Тсзян Тсзэмин ба Душанбе (4 июли 2000) онҳо 12 мулоқот ва машварат доштанд. Муносибатҳои дӯстонаи онҳо баъди аз сари қудрати сиёсӣ рафтани Тсзян Тсзэмин ҳам давом дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 19 марти 2003 дар бозгашт аз сафари худ ба Ҷопон дар Пекин таваққуф намуд ва бо Раиси собиқи Шӯрои давлатии Ҷумҳурии мардумии Чин мулоқоти самимона дошт.

Ҷиҳати фарқкунандаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин он мебошад, ки аз оғоз ҳамвор ҷараён дошта, марҳила ба марҳила рушд ва густариш меёбанд. ҳарду кишвари ҳамсоя ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодии судманд манфиат доранд. Бо бунёд ва ба истифода дода шудани шоҳроҳи мошингарди «Душанбе–Кӯлоб–Хоруғ–Мурғоб–Кулма» ва боз гардидани гузаргоҳи Қаросу (25 майи 2004) монеаи асосӣ набудани роҳ аз миён бардошта шуд. Ва чун натиҷа ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ байни ду кишвари ҳамсоя якбора афзоиш ёфт. Дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Чин, ки рӯзҳои 18-25 июли 2004 баргузор гардид, нақшаи мушаххаси бунёди корхонаҳои муштарак барои истеҳсоли молҳои саноатӣ ва коркарди маводи хом, ҷалби сармояи чинӣ ба соҳаҳои афзалиятдори иқтисоди Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар гидроэнергетика ва саноати кӯҳӣ, танзим гардид. Ҷумҳурии мардумии Чин ба ворид гаштан ба бозори минтақаи Осиёи Марказӣ ва роҳ ёфтан ба манбаъҳои маводи сӯхти он, яъне нафту газ ва неруи барқ, аз ҷумла Тоҷикистон сахт ниёз дорад. Инро саноати бо суръат пешравандаи ин кишвар тақозо мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷӯҳи хоси Ҷумҳурии мардумии Чин ба давлатҳои Осиёи Марказӣ дар дурнамои наздик коҳиш нахоҳад ёфт, балки сол ба сол тақвият хоҳад гирифт. Ва рӯзе фаро хоҳад расид, ки зарурати таҷдиди назар кардан ба муносибатҳоямон бо ҳамсояи бузургамон пеш хоҳад омад. Барои ин ки дарки чунин зарурат бароямон ногаҳонӣ набошад, мо ҳоло бояд ғами онро бихӯрем, ки зери фишори иқтисодӣ, сиёсӣ, низомӣ, фарҳангии ин

кишвар қарор нагирем. Аз ҳозир бояд заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодию фарҳангии ҳамкориҳои худро бо ин ҳамсояи бузургамон барои худ дақиқан мушаххас намоем, то ба ҳамкориҳои судманди мо дар оянда халал нарасонад. Коршиносони корҳои байналмилалӣ тахмин мекунанд, ки баъди ба анҷом расидани мӯҳлати Созишномаи Созмони ҳамкории Шанхай, ки Чин дар он нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозад, дар 31 декабри 2020 (бо имкони тамдид барои 5 соли дигар), яъне дар мӯҳлати эҳтимолии ба маркази байналмилалии қудрат табдил ёфтани ин кишвар «барҳӯрди Чин пас аз ба охир расидани ин мӯҳлат гумони ғолиб, бағоят сахт хоҳад шуд»,[11] нисбат ба кишварҳои минтақа, аз ҷумла ба Тоҷикистон. Дар сурати шадид нагаштани барҳӯрди Ҷумҳурии мардумии Чин нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ зарурати пешакӣ андешидани табдирҳои лозима барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ аз ҳамагуна фишори беруна ва дахолати хориҷӣ боқӣ хоҳад монд.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии мардумии Чин шиори «ҳамсояҳои нек ва шарикҳои хуб» маъмул мебошад. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвари ҳамсоя бояд ҳамеша ба он мувофиқат намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 15 феврали 2001 ҳангоми пазироии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии мардумии Чин ба муносибати ба итмом расидани хидмати дипломатиаш бо қанотмандии комил аз сатҳи робитаҳо ва ҳамкориҳо бо Чин сухан ронда, як нуктаро низ таъкид карда буд, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин на танҳо дар чорчӯбаи муносибатҳои дуҷониба, балки дар қолаби муносибатҳои бисёрҷониба низ, махсусан Форуми Шанхай басо босамар буданд.[2] Гузашта аз ин 5 апрели 2001 дар сӯҳбат бо фиристодаи Раиси Шӯрои давлатии Чин Лю Гучан дар арафаи ҷаласаи ҷашнии Сарони давлатҳои иштироккунандаи Форуми Шанхай дар иртибот ба нақши он арз намуда буд, ки «раванди Шанхай, ки дар замонаш асосан барои ҳалли

1 Х.А. Додихудоев. Таджико–китайские отношения в рамках национальных интересов Республики Таджикистан. – Таджикистан и современный мир, Вестник ЦСИПРТ, №1(2), Д., 2003, с.78.
2 Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе, с. 280

масъалаҳои сарҳадӣ дар байни давлатҳои иштироккунанда ба вуҷуд омада буд, ҳоло ба омили муассири таъмини амният ва эътидол дар минтақа табдил ёфтааст. Инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ имкон дорад танҳо дар шароити сулҳ ва оромии минтақа сурат гирад ва дар ин нақши муҳимро Форуми Шанхай хоҳад бозид».[1]

Созмони ҳамкории Шанхай дар заминаи «Панҷгонаи Шанхай» дар қолаби «4+1» (Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон + Ҷумҳурии мардумии Чин) ташкил ёфтааст. Дар мулоқоти Сарони давлатҳои аъзои «Панҷгонаи Шанхай», ки дар июли 2000 дар ш. Душанбе баргузор гардида буд ва дар он бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номи «Форуми Шанхай»-ро гирифта буд, санади бисёр муҳиме «Эъломияи Душанбе» қабул шуд, ки дар он бори нахуст аз зарурати густариш ва таҳкими ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи созмони мазкур сухан мерафт. Бо дарк ва баррасии анъанаи рушди ҷаҳонӣ шудани (глобализатсия) иқтисод ва низоми амниятӣ зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои эҳтимолии тағйири қолаби ин Созмон, нақши амалӣ ва вазифаҳои он пеш омад. Қадами нахустин дар ин самт қабули Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сифати мушоҳидагар дар «Панҷгонаи Шанхай» буд. Муассисони ин Созмон барои бори нахуст аз асли умумияти сарҳад даст кашиданд. Инкишофи созмони «Панҷгонаи Шанхай» бо роҳи таъсиси сохторҳои институтии он, монанди Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ва Шӯрои ҳамоҳангсозони он ҷараён гирифт.

Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳайси муассис дар Шанхай 15 июни соли 2001 эъломияро дар бораи бунёди «Созмонии ҳамкории Шанхай» ба имзо расониданд, ки дар он ҳадафҳои асосии ин созмон чунин муайян шудааст:

1. Таҳкими эътимод, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек дар байни давлатҳои иштироккунанда;
2. Дастгирии ҳамкории судманди миёни онҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иҷтимоӣ, илмию техникӣ,

1 Асари зикршуда, с.281-282.

фарҳангӣ, маърифатӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, экологӣ ва ғ.;

3. Кӯшишҳои муштарак барои ҳифз ва таъмини сулҳ, амният ва оромӣ дар минтақа, бунёди низоми нави байналмилалии демократӣ, одилона ва оқилонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ.

Ташкили СҲШ аз оғози марҳилаи нави ҳамкориҳои давлатҳоиштироккунандадаракдода, ҷавобгӯйитамоюлҳои замони муосир, воқеияти минтақа ва манфиатҳои аслии халқҳои ҳамаи кишварҳои аъзо мебошад. Мақомоти кории СҲШ Котиботи он дар Пекин ва Сохтори минтақавии зиддитерористӣ дар Тошканд мебошанд. ҳайати ин сохторҳо аз ҳисоби мутахассисони давлатҳои иштироккунанда аз рӯи нисоб (квота) ташкил ёфтааст.

Таваҷҷӯҳ ба СҲШ аз тарафи як қатор давлатҳои минтақа, аз қабили Муғулистон, Эрон, Ҳиндустон ва Покистон зиёд гардид ва имрӯз онҳо ба ҳайси давлатҳои мушоҳидагар пазируфта шудаанд. Чанде аз ин кишварҳо аз хоҳиши узви комилҳуқуқ шудани хеш эълом доштанд. Як иллати ба созмони мазкур майл намудани давлатҳои номбаршуда эҳсоси хатар аз афзоиши нуфузи сиёсӣ ва махсусан низомии ИМА ва давлатҳои аъзои НАТО дар минтақаи Осиёи Марказӣ нас аз шурӯи амалиёти байналмилалии зиддитерористӣ дар Афғонистон мебошад. Ин нигарониро ҳам Ҷумҳурии мардумии Чин, ҳам Федератсияи Русия, ҳам Ҷумҳурии исломии Эрон доранд. Коршиносон бар он ақидаанд, ки ҳавопаймоҳои қувваҳои ҳарбии ҳавоии ИМА дар пойгоҳҳои низомии он дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Қирғизистон ва Афғонистон) тамоми дастгоҳҳои нерӯҳои стратегии ядроии Чин ва кишварҳои дигари минтақаро зери назорати пурраи худ доранд ва ба манфиатҳои миллии онҳо таҳдид мекунанд.[1] Қисме аз давлатҳое ки мехоҳанд бо суръат ба узвияти ин созмон пазируфта шаванд, мисли Эрон, ки бо ИМА муносибати хуб надорад, умед ба он мебанданд, ки дар симои Чин ва Русия барои худ пуштибоне пайдо намоянд ва бо ҳамин восита худро аз фишорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии Амрико ва тарафдоронаш ҳимоят кунанд. Таваҷҷӯҳи Ҳиндустону Покистон

1 В.А. Ниятбеков. Национальные интересы Республики Таджикистан и новые геополитические ориентации Китая в Центральной Азии.–Таджикистан и современый мир, Вестник, №2, 2003, с. 87.

ангезаҳои дигаре дорад. Покистон намехоҳад ки рақиби вай Ҳиндустон бо гирифтани ҳаққи узвияти аслӣ дар СҲШ афзалият пайдо намояд. Агарчи СҲШ ба низоъҳое, ки дар нимаи аввали 2005 дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон рух доданд, ҳеҷ вокунише аз худ нишон надод.[1]

Дар иртибот ба ҳузури низомии ИМА дар минтақа инсоф он аст бигӯем, ки амнияти на танҳо давлатҳои минтақа, балки ҳамиттиҳодҳои онҳо низ ба маротиб тақвият ёфт. Вазъият дар минтақа аз лиҳози амният хеле беҳтар гардид. Маркази терроризми байналмилалӣ – режими «Толибон» несту нобуд шуд, сари роҳи интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир ба ҳадди мақдур гирифта шуд ва раванди муҳоҷирати ғайрирасмӣ зери назорат даромад. Гузашта аз ин ҳузури қисмҳои низомии давлатҳои аъзои НАТО дар минтақа, бино бар ақидаи қобили эътимоди муовини раиси Кумитаи дифоъи Думаи давлатии ФР Алексей Арбатов, «хатари мустақими низомӣ ... эҷод намекунад». Гумони ғолиб он аст, ки масъалаи ҳузури низомии ИМА ва муттаҳидонаш дар минтақаро ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ дар асоси дуҷониба ва бо назардошти манфиатҳои геополитикии ҳамсояҳо ва иттифоқчиёнашон, аз ҷумла давлатҳои аъзои СҲШ ҳал хоҳанд кард. Мисли он ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон масъалаи будани пойгоҳи низомии Амрикоро дар хокаш аз ҳамин роҳ ҳаллу фасл намуд.

Ҳеҷ як аз давлатҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаргиз манфиатдори он нест, ки омили ҳузури «кишварҳои сеюм» дар минтақа хатари нав ба амнияти миллии он шавад. Роҳбарияти сиёсии давлатҳои минтақа ҳаргиз роҳ нахоҳад дод, ки Осиёи Марказӣ ба саҳнаи бархӯрдҳои манфиатҳои геополитикии «кишварҳои сеюм» ва давлатҳои манфиатдор табдил ёбад.

Созмоне ки қисми бузурги қаламрави Евразияро фаро гирифтааст, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ вокунишҳои мухталиферо ба вуҷуд овардааст. Қисме аз мамлакатҳо зуҳури СҲШро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун омили таъминкунандаи субот дар минтақа ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод ва рушди иҷтимоӣ қабул намуданд, қисми дигаре онро иттиҳоди давлатҳое меноманд, ки ба қаламрави Евразия

1 Г. Майтдинова. ШОС – НАТО: проблемы и перспективы сотрудничества, региональной интеграции в Центральной Азии: проблемы и перспективы. Материалы международной конференции, 2006, с. 46.

хатар доранд. ҳақиқат он аст, ки СҲШ ба муқобили ҳеҷ яке аз кишварҳои дигар, ба истилоҳ кишварҳои сеюм нигаронида нашудааст ва чунин ҳадаф ва вазифа ба зимаи ҳеҷ яке аз сохторҳои маъмурии он вогузор нашудааст. Бо ин ҳама дари созмони мазкур барои ҳамаи кишварҳо боз аст. Феълан ба сифати мушоҳидагар ва шояд дар дурнамо ба мақому манзалати дигаре ҳам расанд.

Давлатҳои аъзои СҲШ бар он бовараанд, ки як роҳи муқобилат бо хатару таҳдидҳои нав хунсо гардонидани сабабҳои зуҳури онҳо мебошад. Ба ҳамин муносибат барои вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмию техники, гуманитарӣ ва ғайраҳо дар минтақа табдирҳо андешида мешавад. Чунончи, 23 сентябри 2003 дар шаҳри Пекин Сарони ҳукуматҳои кишварҳои аъзои СҲШ қарорро дар бораи суръат бахшидан ба татбиқи барномаҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба оид ба соҳаҳои гуногун дар 20 соли наздиктарин қабул карданд. Аз ин ҷиҳат ба эҷоди Бунёди рушди СҲШ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ин Бунёд ба ҳайси бонки созмон дар дурнамо метавонад дар маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои муҳимтарини ҳамкориҳои иқтисодӣ ширкат варзад. ҳамчунин дар назар аст, ки Форуми соҳибкорони СҲШ таъсис дода шавад ва он ҳамчун форуми ғайриҳукуматии сохторҳои муассисоти доираҳои саноатию тиҷоратии кишварҳои аъзои СҲШ амал кунад ва фаъолияти утоқҳои тиҷоратию саноатии кишварҳои аъзои Созмонро ҳамоҳанг созад.

Ҳамкории ҳамаҷониба бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар чаҳорчӯбаи фаъолияти СҲШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муносибест барои гирифтани таҷрибаи мусбат ва пешқадами он кишвар дар ислоҳоти иқтисодӣ ва идории он. Барои Ҷумҳурии мо ба омӯхтани таҷрибаи рушди макроиқтисодии иқтисоди Ҷумҳурии мардумии Чин, истифодаи техникаи нав ва технологияи пешқадам дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва хизматрасонӣ ва ниҳоят, низоми амалӣ гардонидани бозсозии сохтори иқтисод ва реструктуризатсияи мақомоти молиявию қарзии ин мамлакат омӯзанда мебошад.

Кишвари чаҳоруме, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман бо он ҳамсарҳад аст, **Ҷумҳурии Қирғизистон** мебошад. Ин ду кишвар на танҳо ҳамсарҳад, балки аз ҷиҳати

шароити ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, имконот, аҳолӣ, захираҳои табиӣ ба ҳам монанд мебошанд. Чунончи, Тоҷикистону Қирғизистон агарчи аз захираҳои нафту газ бой нестанд ва эҳтиёҷоти худро пурра намебароранд, қисми асосии захираҳои обию барқии минтақа дар дасти онҳост. Ин умумияти марзӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, дороиҳои табиӣ ва инсонӣ муносибати байни онҳоро таърихан вижагиҳои хоссе додааст. Онҳо сиёсати хориҷии ба ҳам шабеҳ ва мавқеъҳои ба ҳам монанд доранд. Дар замони воқеаҳои солҳои 90-ум дар Тоҷикистон, Қирғизистон ягона кишваре буд, ки гурезаҳои тоҷик ва тоҷикистониро бо оғӯши боз пешвоз гирифт ва ҳаққу ҳуқуқи онҳоро таъмин сохт. Ва комилан тасодуфӣ набуд, ки нахустин ҳайати расмие, ки аз минтақа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар кард, ҳайати қирғизӣ бо сардории Ноиби президенти он мамлакат Ф.Қулов буд. Ин ҳайат, ки бо ташаббуси Президенти Қирғизистон А.Акаев фиристода шуда буд, дар зарфи ду рӯз 22-23 сентябри соли 1992 дар айни авҷи муқовимати сиёсию низомӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ ба хотири шиносоии бевосита бо вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон ба вилоятҳои Қӯрғонтепа, Ленинобод ва Кӯлоб сафар кард, кӯмакҳои башардӯстона расонд. Ба маврид аст бигӯем, ки нақши Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳалли қазияи тоҷикон, бидуни муҳобот, бузург ва ҳалкунанда буд. Кофист зикр шавад, ки яке аз санадҳои асосии Музокироти сулҳи тоҷикон «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ» маҳз дар Бишкек 18 майи 1997 ба имзо расид. Ва президент А.Акаев нахустин роҳбаре буд аз роҳбарони Осиёи Марказӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июли 1996 сафари расмӣ кард ва ба «Шартнома оид ба муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон» имзо гузошт.

Бинобар ҳамин ҳам вақте ки моҳи марти соли 2005 вазъият дар ин кишвари ҳамсоя ва бародар ноором гардид, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Изҳороти худ дар таърихи 23 марти ҳамон сол аз ин вазъият сахт изҳори нигаронӣ карда, даъват ба ҳалли мусолиматомез намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар гармогармии воқеаҳои Бишкек бо иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ.

Боқиев сӯҳбати телефонӣ дошт ва дасти ёрии миллати тоҷикро ба халқи бародари қирғиз дароз намуд. Иҷрокунандаи вазифаи Президенти Қирғизистон Қ. Боқиев бо сафари корӣ, ки дар моҳи майи соли 2005 ба Душанбе дошт, исбот кард, ки дар муносибатҳои давлатии Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳеҷ гуна халал ворид нагардидааст.

Умумият ва имкониятҳои баробаре, ки ин ду кишвари ҳамсоя доранд, тақозо мекунад, ки дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз қабили истифодаи обу барқ мавқеи ягона дошта бошанд ва ин ба манфиатҳои миллии он ҷавобгӯ ст. Боиси хурсандист, ки ҳамкории иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Қирғизистон сол ба сол аз марҳила ба марҳила, густурдатар ва босамартар мегарданд, монанди бунёди роҳҳои байналмилалӣ, кашидани хатҳои барқи баландшиддати Боткен–Конибодом, баргузории рӯзҳои фарҳанги Қирғизистон дар Тоҷикистон (2004), барқарории алоқаҳои корхонаи комбинати «Анзоб» ва Қадамҷой ва ғайра.

Яғона масъалае, ки дар байни ин ду ҷумҳурӣ то ба охир ҳал нашудааст ва аз худ гоҳу бегоҳ дарак медиҳад, масъалаи тақсим ва истифодаи обу замин дар минтақаҳои муайяни Тоҷикистон – Исфара ва Хуҷанд ва Қирғизистон – Боткен мебошад. Бо ҳаллу фасли ин масъалаҳо Гурӯҳи кории ҷудогонаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки моҳи феврали соли 1997 таъсис ёфта буд, машғул аст. Ин гурӯҳи корӣ зергурӯҳи махсуси масъалаҳои истифодаи обу замин дорад. То имрӯз «Созишнома оид ба тақсим ва истифодаи замин ва захираҳои об миёни вилояти Суғд ва вилояти Боткен» (июни 2001) ва «Созишнома оид ба ҷудо кардани қитъаҳои замини тарафайн байни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон» (майи 2005) ба имзо расида, қисми асосии хатти марзи Тоҷикистону Қирғизистон мушаххас гардидааст. Ба ҳалли пурраи масъалаи мазкур дар оянда ҳеҷ гуна шакке нест. Ба ин таҷрибае, ки ин ду кишвар дар ҳалли масъалаҳои марзии худ бо Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷумҳурии Узбекистон доранд, мадад хоҳад кард.

Аз ҷумлаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳад нестанд, вале доштани робитаи ҳасанаи наздик ва собит бо онҳо хеле муҳим мебо-

шад, пеш аз ҳама, **Ҷумҳурии Қазоқистон** мебошад. Зеро ин чанд сабаби ҷиддӣ дорад. Аввало ин ки робитаҳои халқҳои тоҷику қазоқ решаҳои қадимӣ дорад, сониян, онҳо қариб як аср дар ҳайати давлати ягона (Русияи подшоҳӣ, баъд Иттиҳоди Шӯравӣ) буданд ва ниҳоят, имрӯз Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҳар ҷиҳат яке аз давлатҳои асосии минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов 15 январи 2002 ҳангоми пазируфтани эътиборномаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аманжал Жанқулиев аз боло бардоштани ҳузури дипломатии Қазоқистон дар Душанбе изҳори қаноатмандӣ намуда, рӯи як нуктаи бисёр муҳимми сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ таъкид дошт, ки «барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат бо Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамеша дар ҷойгоҳи аввалиятҳо буд ва хоҳад монд».[1]

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз оғози дарёфти истиқлолияти давлатӣ шуурӣ ва ҳадафмандона бар он қарор гирифта буд, ки фақат сулҳ ва оромӣ дар минтақа фазои мусоидро барои рушд ва пешрафти давлатҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд хоҳад овард. ҳарду кишвар тақвияти амният ва оромии минтақа, мусоидат ба рушди минбаъдаи равандҳои ҳамоишӣ, кӯшишҳо дар роҳи рафъи парешонии давлатҳои минтақаро, барҳақ, аз аввалиятҳои сиёсати хориҷии худ мешуморанд. Аз ин ҷиҳат иштироки бевоситаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар раванди сулҳи Тоҷикистон, аз ҷумла, нерӯҳои низомии он ва мусоидати доимии он ба тақвияти сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвари мо ибратангез мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар навбати худ дар татбиқи ташаббусҳои Президенти Қазоқистон Н. Назарбоев дар бораи даъвати Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё (МҲТЭО–СВМДА), ки мулоқоти нахустини он 3-5–уми июли 2002 дар Олмати муваффақона баргузор гардид, фаъолона иштирок кард. Зимнан ҷониби Тоҷикистон барои дар давраи солҳои 2007-2009 ба ҳайати Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ, ба раисии САҲА дар соли 2009 пешниҳод кардани Қазоқистон ва номзадии шаҳри Олматиро ба маркази минтақавии муборизаба муқобили маводи мухаддир ҳамаҷо-

1 Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе, с. 328.

ниба дастгирӣ намуд.

Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар дурнамои наздик саноати истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ, металургияи ранга, мошинсозӣ, маҳмӯаи кишоварзӣ, энергетика, саноати сабук, нақлиёт ва комуникатсия хоҳанд буд. Робитаҳои тиҷоратӣ ба тадриҷ суръат мегирад. ҳаҷми гардиши мол соли 2005 ба 187992 $ амрикой расид. Аз рӯи ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Қазоқистон Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷои сеюмро ишғол менамояд. ҳаҷми маблағгузории Ҷумҳурии Қазоқистон ба иқтисоди кишвари мо дар 1 январи 2006 ба 81 млн. $ амрикой расид. ҳоло масъалаи маблағгузории ҷониби Қазоқистон ба бозсозии комбинати Адрасмон дар ҳаҷми 10 млн. $ амрикой баррасӣ мешавад. Муносибатҳои бонкии миёни ду кишвар низ муваффақона пеш меравад. Соли 2005 дар ш. Душанбе шӯъбаи қазоқии «Бонк-Турон-Алем» боз шуд. ҳамаи ин шаҳодат бар он медиҳад, ки ҷонибҳо ба истифодаи имкониятҳои бузурги ҳамоишии иқтисодии хеш манфиатдоранд ва омодаанд, ки дар ин замина корро фаъол гардонанд.

Коршиносон ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Қазоқистон бо имкониятҳои иқтисодӣ ва суръати тараққиёте, ки дорад, дар даҳсолаҳои наздик ба яке аз кишварҳои соҳибқудрати минтақаи Осиёи Марказӣ табдил хоҳад ёфт. Аз ин ҷиҳат доштани робитаҳои хуб ва наздик бо он ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Кишвари дигаре, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ доштани робитаи ҳасанаи наздик ва собит барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он матлуб мебошад, **Туркманистон** аст. Лекин афсӯс, ки сарфи назар аз кӯшишҳои пайвастаи роҳбарони Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ашқобод сатҳи муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии мо бо ин мамлакат солҳои сол бе дигаргунӣ, асосан дар ҳолати карахтӣ, қарор дорад. Асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои давлатии ин ду кишварро то ба ҳол фақат чор санад ташкил медиҳад. Сафоратҳои ҳардуи кишвар маҳбуранд, ки асосан бо қабулу ирсоли мукотибаи дипломатӣ ва таҳияи лоиҳаи созишномаву санадҳои дигар қано-

ат кунанд. Бо назардошти ин ҳолат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ҳангоми пазируфтани эътиборномаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Туркманистон дар Душанбе Недирмамед Аловов 1 июли 1999 аз сатҳи робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бо Туркманистон изҳори ноқаноатмандӣ кард.[1] Ӯ ин ақидаашро ҳангоми пазируфтани эътиборномаи сафири нави он кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ата Гундогдиев низ дар таърихи 23 феврали 2000 такрор намуд ва хоҳони он шуд, ки «ба ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои дуҷониба сифати нав ва нисбатан баландтаре дода шавад».[2] ҳамчунин даъвати худро аз Президенти Туркманистон Сафармурод Ниёзов барои сафар кардан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар тасдиқ намуд. Сардори Туркманистон ягона роҳбарест аз роҳбароин давлатҳои минтақа, ки ба Душанбе ташриф наовардааст. Ва Туркманистон ягона кишварест аз кишварҳои минтақа, ки бо Тоҷикистон Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ надорад. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафорати он дар Ашқобод беш аз як сол кӯшиш карданд, ки замина барои сафари ҳайати ҷониби тоҷикӣ барои ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодиро бо ҷониби Туркманистон омода бисозад, ҳар дафъа баробари наздик омадани мӯҳлати қаблан муқарраргардида ҷониби Туркманистон баҳонаи наверо пеш меовард.

Сабаби ба густариши ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон майл надоштани Туркманистон дар чист? Пеш аз ҳама, дар он мебошад, ки то ба ҳол ҷониби туркманӣ манфиатҳои худро дар робита бо кишвари мо мушаххас нанамудааст. То ба солҳои наздик ин нуқс дар сиёсати мо низ нисбат ба ин давлат ҷой дошт. Сониян, тавре ки маълум аст, роҳбарони Туркманистон бо баҳонаи сиёсати бетарафии худ аз иштирок дар равандҳои ҳамоишӣ дар минтақа канорагирӣ мекунанд, аз ҷумла ҳатто дар муносибатҳои дутарафа бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон. Саввум, коршиносон бе ҳал боқӣ мондани қарзҳои байнидавлатиро низ далел меоранд. Сабаби чаҳорум, набудани роҳҳо ва системаи комуникатсияи мустақим бо Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Мисоли ба интиқоли нафт ва гази Турк-

1 Асари зикршуда, с. 83.
2 Ҳамон асар, с. 141.

манистон монеъ гардидани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сабаби номӯътадилии робитаҳои ин ду кишвар маълум аст.

Ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон ва Музокироти сулҳи тоҷикон дар солҳои 90–уми асри гузашта таваҷҷӯҳ зоҳир намудани ҳукумати Туркманистон ва Ашқободро ҷои баргузории музокироти давомдори тоҷикон қарор додани он сабаб дошт. Ин кишвар дар остонаи дарёфти мақоми давлати бетараф буд ва мунтазири расидани тасмим дар замина буд. Дар хоки Туркманистон ба баргузории Музокироти сулҳ розигӣ додани тарафҳои даргири Тоҷикистон далели қавие ба дарёфти мақоми кишвари бетараф барои Туркманистон буд. Кори дигаре, ки ҷониби туркманӣ бо мо ҳамкорӣ кард, мусоидат дар бозгашти шаҳрвандони туркмантабори Тоҷикистон буд.[1] Бо назардошти он ки Туркманистон кишвари пайвандгари асосии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва танзимгари ҳаракати қатораҳо ва дорои шабакаҳои роҳҳои байналмилалии автомобилгард мебошад, барои Тоҷикистон инкишофи ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт бо он аҳамияти хосае хоҳад дошт. ҳамчунин агар ҷониби Тоҷикистон имкон пайдо намояд, ки ба яке аз конҳои нафти Туркманистон сармоягузорӣ намояд ва ё ба эҷоди муассисаи муштараки полоиши нафтро ба хотири дарёфти нисоб (квота) муваффақ гардад, ба манфиатҳои миллии он хоҳад буд. Мо ба нафту гази Туркманистон эҳтиёҷ дорем. Солҳои охир Тоҷикистон газро аз Ӯзбекистон бо нархи як метри муккаъаб 48-52 доллари амрикой мехарад. ҳоло он ки Туркманистон онро бо нархи 30-35 доллари амрикой фурӯхтанист. Илова бар он ин кишвар дар солҳои наздик ният дорад, ки бо хоки Афғонистон қубури гази худро гузаронад, ки аз сарҳади ҷанубии мо ҳамагӣ дар 27 км. қарор дорад. Ба мо роҳи оҳани Туркманистон лозим аст, ки бо Эрон пайваст мебошад ва арзонтарин ва кӯтоҳтарин роҳи транзит ба Аврупо ҳисоб мешавад. Ва бо барқарор гардидани субот дар Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва пайдо шудани воситаҳои нави комуникатсионӣ, ҳамчунин пайдо шудани имкони интиқоли нафту гази Туркманистон аз хоки Афғонистон ва ғайра умед аст, ки ин кишвар сиёсати худро нисбат ба Тоҷикистон дигар хоҳад кард.

1 А. И. Искандаров. Родники дружбы. Записки посла. – М., 2000, с. 162-163.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории минтақавиро яке аз воситаҳои муассири ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амният дар Осиёи Марказӣ медонад. Фаъолияти ҷумҳурии мо дар чорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ мисли ИДМ, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, ЕвроАзЭС, Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ (ОЦАС (ОЦАЭС) ва СҲШ ба таъмини ҳамгироии иқтисодӣ ва муттаҳид сохтани кӯшишҳои барои мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар хатару таҳдидҳои нав нигаронида шудаанд.

Ҷои тааҷҷуб дар равандҳои ҳамоишӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ он аст, ки ҳеҷ яке аз давлатҳои минтақа ва ҳеҷ яке аз роҳбарони ин кишварҳо дар ҳеҷ куҷое ва ҳеҷ вақте то имрӯз зарурати ҳамкорӣ ва ҳамоиширо зери савол қарор надодааст. Баръакс, дар ҳар мавриди муносиб ҳамаи онҳо, бидуни истисно, ба ақидаи ҳамкорӣ ва ҳамоиш дар минтақа содиқ будани худро тасдиқ мекунанд. Зеро давлатҳои Осиёи Марказӣ дар тӯли 15 соли охир ба таври возеҳ дарк намуданд, ки онҳо дар танҳоӣ аз ӯҳдаи бартараф кардани хатару таҳдидҳои мавҷуда намебароянд. Бинобар ин зарурати зиёде ба амалҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда доранд. Ин низ зарурати айнист, ки онро умумияти марзӣ, умумияти комуникатсия, умумияти иқтисод ва соҳаҳои асосӣ ва пешрафтаи он, эҳтиёҷи истифодаи якҷояи захираҳои обу неруи барқ ва ниҳодҳои обрасонӣ ва энергетикӣ, хатару таҳдидҳои ба амнияти миллии ҳамаи онҳо муштарак, аз қабили терроризми байналмилалӣ, ифратгароии динӣ, ҷиноятқории муташаккилона, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хатари фалокати экологӣ ва ғайра тақозо менамояд.

Ва дар амал аз сабаби ноҳамгунӣ дар мавқеи давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба «қазияи афғонӣ» то ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 бо вуҷуди он, ки хатари терроризм ва ифротгароии динӣ аз ҷониби Афғонистон бевосита ба онҳо дахл дошт, натавонистанд, ки сари вақт ва ба таври муносиб ба ҳамлаҳои ҷангиёни ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИУ) дар ҳоки Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқобилият нишон диҳанд. Ғаразҳои маҳдуди геополитикӣ набояд бар манфиатҳои

воқеии миллии кишварҳо ва ғамхорӣ нисбат ба амнияти минтақа бартарӣ дошта бошанд. Агарчи аз зуҳури он хатарҳо 5-6 сол гузаштааст, ҳанӯз ҳам ҳамкориҳои минтақавӣ дар таъмини амният бештар хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ, шиорӣ ва худнамоишдиҳиро дорад, на воқеӣ, ҳақиқӣ, фаъол ва босамар. Давлатҳои минтақа бояд як нуктаро ба эътибор гиранд, ки барори амрикоиҳо ва шариконашон дар амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар он буд, ки онҳо ҳанӯз пеш аз оғози амалиёти низомӣ иттиҳоди байналмилалии фарогиреро ба вуҷуд оварда буданд. Давлатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки сиёсати шуурӣ ва ҳамоҳангшудае на танҳо дар соҳаи таъмини амнияти минтақа, балки дар соҳаи иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг, экология ва ғайра низ дошта бошанд. Вале афсӯс, ки раванди ҳамоиши кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳамаи ин заминаҳо бағоят кунд ва ба сахтӣ пеш меравад. Ва таврe ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар номае ба номи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон навишта буд, «дар амал ба ҷои муттаҳидшавӣ ва сафарбар кардани кӯшишҳоямон мо баъзан акси онро мушоҳида менамоем».

Маҳз ҳамин гуна хилофкориҳо ва амалҳои номатлубе ва ноҳамгунии мавқеъҳои кишварҳои минтақа буд, ки Созмони иттиҳодияи иқтисодии Осиёи Марказӣ имкони фаъолият пайдо нанамуд ва пеши фаъолияти босамари Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ гирифта шуд. Кори фаъолона ва ҳадафмандонаи Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, ки ба он дар ин муддат Федератсияи Русия шомил гардида буд ва намояндаи Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба ҳайси мушоҳидагар иштирок дошт, ба самар расида буд. Консептсияи консортсиумҳои байналмилалии обу барқ, хӯрокворӣ ва нақлиёт танзим ва аз тарафи Сарони кишварҳои аъзо ба тасвиб расида буд. Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушд, Бонки рушди исломӣ ва муассисаҳои байналмилалии дигар омода ба сармоягузорӣ ба ин лоиҳаҳо буданд. ҳукуматҳои давлатҳои аъзо дар арафаи омода сохтани лоиҳаҳои Созишномаҳо дар бораи бунёди консортсиумҳои обу барқ, хӯрокворӣ ва нақлиёт буданд. Вале, мутаасифона, ҷониби Ӯзбекистон бо ҳар баҳона тасвиби консептсияҳои мазкурро дар аввал ба таъхир меандохт ва сониян, тасдиқи онҳоро бо қабули Консептсияи ташаккули бозори уму-

мии Осиёи Марказӣ алоқаманд мекард. ҳол он, ки бунёди консортсиумҳои байналмилалии обу барқ, хӯрокворӣ ва нақлиёт комилан ба манфиатҳои стратегии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа мувофиқат мекард.

Сиёсатшиноси номӣ ва дипломати варзидаи қирғиз вазири корҳои хориҷии феълии Қирғизистон А. Ҷекшенқулов дар китобаш «Давлатҳои нави соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ» кафолати ҳамоиши муваффақонаро «танҳо дар гузаронидани сиёсати макроиқтисодии ҳамоҳангшуда»[1] медонад ва тасдиқ мекунад, ки «пешрафти воқеии ҳамоиш ба шарте имконпазир аст, ки кишварҳо ба мақсади инкишофи озоди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, интиқоли бемамонияти мол, хидматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ ҳамкории мутақобилан босамар дар тамоми соҳаҳо – истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, илмию техникӣ ва ғайра фаъолияташонро дар гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳам ҳамоҳанг бисозанд, механизмҳои ҳамсони бозории танзими иқтисодро пайдо намоянд, қонунгузории гумрукӣ, арзию молиявӣ, нархгузорӣ ва андозбандӣ ва дигар хоҷагидориҳоро яксон бисозанд».[2] Аммо таҷрибаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои дутарафа ва биёрҷониба дар тӯли 15 соли даврони истиқлолият нишон медиҳад, ки агар кишварҳои минтақа барои таъмини чунин кафолат иродаи сиёсӣ надошта бошанд ва миёни онҳо дар ин замина консенсуси сиёсӣ ба вуҷуд наомада бошад, номумкин аст. Инро муаллиф низ ба хубӣ дарк намудааст ва бинобар ин ҳам навиштааст, ки «шарти муҳимтарини пайдоиш ва инкишофи раванди ҳамоиш будани консенсуси муайяни сиёсӣ дар байни давлатҳои иштироккунанда оид ба масъалаҳои асосии муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мебошад»[3]. Бо таассуф бояд иқрор шуд, ки чунин ҳамфикрӣ ҳанӯз ҳам дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба даст наомадааст. Аз ин сабаб баъзе аз коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ, аз қабили В. Румер ва С. Жуков ба инкишофи раванди ҳамоишӣ дар минатақаи Осиёи Марказӣ хушбин нестанд ва тахмин мекунанд, ки «дар дурнамо давлатҳои

1 А. Джекшенкулов. Новые независимые государства Централной Азии в мировом сообществе. – М., 2000, с. 126.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
3 Ҳамон асар, с. 11-12.

Осиёи Марказӣ то рафт бештар аз ҳамдигар фосила мегиранд».[1]

Аммо мо бо вуҷуди ин ба инкишоф ва густариши раванди ҳамоишӣ дар Осиёи Марказӣ бо назардошти умумиятҳои зиёд ва заруратҳои ҷиддие, ки дар байни кишварҳои минтақа вуҷуд дорад, дар ояндаи наздик хушбин мебошем. Ва ҳақ ба ҷониби шодравон К. Юлдошев аст, ки гуфта буд: «ҳамоиши давлатҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, барои худи он давлатҳо ва ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ ҳаётан муҳим мебошад. Он имкониятҳои васеъеро барои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳимтарин ва доғи рӯз фароҳам меоварад ва метавонад омили инкишофи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои минтақа гардад ва замина барои қисми таркибии низоми байналмилалии хоҷагидорӣ шавад»[2].

Муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии исломии Эрон** аз робитаҳои он бо кишварҳои дигари минтақа ва ҷаҳон фарқи куллӣ дорад. Ва иллаташ ҳамин аст, ки мо бо ин мамлакати қадим таърих, фарҳанг, забон ва дини муштараки чандинҳазорсола дорем ва ин чиз омили бисёр муассире ба шумор меравад ва ба муносибатҳои мо кайфияти дигаре мебахшад.

Тоҷикистон ва Эрон сарфи назар аз он низоъҳои сиёсие, ки дар панҷсад соли охир доштанд, робитаҳои худро наканда буданд, аз ҷумла дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ҳам. Бинобар ин дар аввалин фурсати муносибе, ки дар давраи Бозсозӣ барои барқарор ва густариши робитаҳояшон пайдо шуд, ба зудии зуд аз он истифода бурданд. Тавре ки масъулони нашри китоби «Дипломатияи Тоҷикистон» шаҳодат додаанд, муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишвар ҳанӯз дар замони Шуравӣ шакл гирифта буданд. Чунончи, сафири Ҷумҳурии исломии Эрон дар Иттиҳоди Шуравӣ Н. Ҳейрони Нобарӣ моҳи сентябри соли 1988 ба Душанбе ташриф оварда буд. Дар байни масъалаҳое, ки дар ҷараёни ин сафар миёни ҷонибҳо баррасӣ гардиданд, масъалаи бо ҳалқаи калидии робитаҳои Эрону Шуравӣ табдил додани Тоҷикистон низ буд. Пас аз як сол Вазорати корҳои хориҷии

1 Нигр.: С. Сафаров. Национально – государственное сроительство после приобретения независимости как фактор дезинтеграционного характера в ЦАР. – Региональная интеграция Централной Азии: проблемы и перспективы // Материалы международной конференции. – Д., 2006, с. 24-25.
2 К. Юлдошев. Асари зикршуда, с. 15.

Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи пешниҳодҳоро ба хотири барқарор намудани робитаҳои мустақим бо Ҷумҳурии исломии Эрон омода сохт. Аз ҷумла масъалаи таъсиси Намояндагии Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Теҳрон ва боз намудани Консулгарии ҶИЭ дар ш. Душанбе матраҳ гардида буд. Табиист, ки на ҳамаи ин пешниҳодҳо он вақт қабул ва амалӣ шуданд. Вале ҳанӯз то дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар самти муносибатҳо бо Эрон баъзе корҳои қобили зикр ба анҷом расида буданд. Чунончи, 21 ноябри 1990 «Ёддошт оид ба рушди ҳамаҷониба байни ҶИЭ ва ҶСС Тоҷикистон» ба имзо расида, дар моҳҳои ноябр ва декабри ҳамон сол даҳаи филмҳои эронӣ баргузор гардид ва фоидаи он дар бунёди пайкараи Абулқосими Фирдавсӣ дар ш. Душанбе истифода шуд. 8-9 январи 1991 сафари ҳайати ҳукуматии ҶИЭ бо сарварии муовини вазири умури хориҷии он кишвар Аббоси Маликӣ ва 19-20 апрели ҳамон сол бо сарварии мушовири Раиси ҷумҳури ҶИЭ Муҳоҷирӣ баргузор гардид. Сафари ҳайатҳои ҳукуматии Эрон баробари эъломи истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардиданд, монанди сафарҳо бо сарварии Дабири кулли департаменти Вазорати умури хориҷии ҶИЭ Муртазо Бонк дар 16-17 октябри 1991 ва вазири умури хориҷии он кишвар Алиакбари Вилоятӣ дар 1-2 декабри соли 1991 ва ғайра.

Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон, ки дар шаҳри Душанбе 8 январи 1992 ифтитоҳ шуда буд, нахустин сафоратхонаи кишвари хориҷӣ буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Пеш аз ин 14 майи 1990 танҳо консулгарии Давлати исломии Афғонистон амал мекард. Ин ҳама ба таври равшан шаҳодат аз он медод, ки Ҷумҳурии исломии Эрон доштани муносибати наздик бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз афзалиятҳо дар сиёсати хориҷии хеш мешуморид. Сафарҳои расмию корӣ роҳбарон ва ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин солҳо, аз ҷумла сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев дар таърихи 28-30 июни 1992 ба Теҳрон аз он гувоҳӣ медод, ки Эрон низ дар системаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар воқеъ, аз ибтидо ҷойгоҳи хос дошт.

Бо вуҷуди ҳусни нияти қавии ҷонибҳо ба доштани робитаҳои ҳасанаи наздик ва босубот солҳои сол муносибатҳои мо асосан дар чорчӯбаи ёриҳои башардӯстона ва фаъолиятҳои фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон маҳдуд мегардид. Тарафи Эрон аз ҳамкориҳои густурдаи иқтисодӣ бо ҷониби Тоҷикистон худдорӣ мекард. То солҳои наздик дар ҷараёни сафарҳои расмии роҳбарони ин ду кишвар ва ҳайатҳои ҳукуматии гуногуни онҳо дар бораи зарурати ҳамкориҳои иқтисодӣ бо алоқамандии тарафайн гуфтугӯҳои доманадоре сурат мегирифт ва дар замина санадҳои муҳиме низ ба имзо мерасиданд, лекин ҷониби эронӣ дар татбиқи онҳо аҷала намекард ва иҷрои онҳоро ба ақиб мепартофт. Бинобар ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ҳангоми сафарҳояш ба Теҳрон (18–19 июли 1995, 8-11 декабри 1997, 13-16 декабри 1998, 9 июни 2000, 7 ноябри 2001, 16-18 июни 2003) ва диду боздидҳояш бо раисони ҶИЭ дар ҷараёни сафарашон ба Душанбе (9-10 майи 1997, 30 апрели 2002, 11-12 сентябри 2004), вазирони умури хориҷии ин кишвар (августи 1995, 15 сентябри 1999, 25 октябри 2000, 3 майи 2001), ҳайатҳои ҳукуматии Эрон (декабри 1996, 28 сентябри 2001), сафирони он кишвар дар Тоҷикистон бо истифода аз мавриди муносиб ҳамеша як нуктаро таъкид мекард, ки «муносибатҳои Тоҷикистону Эрон набояд танҳо дар самти робитаҳои фарҳангӣ маҳдуд шаванд»[1]. Ё дар сӯҳбате, ки ӯ бо муовини аввали вазири умури хориҷии Эрон Мӯҳсини Аминзода дар таърихи 2 феврали 2002 дошт, бо таъкиди он, ки «ҷониби тоҷикӣ ҳамеша муносибати худро бо ҶИЭ ҳамчун яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати хориҷии худ медонад»[2] ва «ҷонибдори ҳифзи сатҳи муносиб ва баланди робитаҳои дуҷониба буд ва хоҳад монд»[3], гилаомез гуфта буд, ки «дар соли 5–уми татбиқи муваффақонаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳам бо таассуф мегӯем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶИЭ натавонистанд, ки ҳатто як барномаи муштараки иқтисодиро ба амал татбиқ намоянд».[4]

1 Внешняя политика Республика Таджикистан на современном этапе, с. 101.
2 Ҳамон асар, с. 337.
3 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.
4 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

Дар гуфтаи охирини Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон ҷо доштани ишора ба гузаштани 5 сол аз мӯҳлати татбиқи Созишномаи умумӣ бесабаб нест. Зеро воқеан ҳам ҷониби эронӣ замоне, ки дар кишвари мо, аввал, муқовимати сиёсию низомӣ ва, сониян, Музокироти сулҳи байни тоҷикон идома дошт ва баъд марҳилаи татбиқи Созишномаи умумӣ сар шуда буд, дар муносибати наздик бо ҷумҳурии мо ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ба он шитоб надошт ва фурсати муносибро мепоид. Ва ин ду сабаб дошт. Аввал ин, ки ҷониби эронӣ мунтазири ба эътидол омадани вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фаро расидани фазои муносиби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва ин як чизи табиӣ ва маъмулист дар муносибатҳои байни давлатҳо. Сониян, аз касе пинҳон нест, ки ҶИЭ нисбат ба яке аз тарафҳои даргир Иттиҳоди нерӯҳои опозитсионии тоҷик таваҷҷӯҳ дошт ва аз он ҷонибдорӣ мекард ва мунтазири он буд, ки раванди сулҳи он бо тарафи ҳукумати расмӣ ба чӣ натиҷаҳо хоҳад овард.

Хушбахтона, тавре ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ омадааст, «дар натиҷаи вохӯриҳои мунтазами сарони ҳарду давлат», ҳамчунин таъкиду талқини роҳбарияти Вазорати хориҷӣ ва кӯшишҳои Сафорати ҶТ дар Теҳрон оқибат муносибатҳои мо бо ҶИЭ ба дараҷаи сифатан нави ҳамкорӣ расид. Ва Ҷумҳурии исломии Эрон нахустин кишваре шуд, ки бо мо созишномаи ҳамкориро дар бунёди истгоҳи барқии Сангтӯдаи 1 имзо кард. Зимнан, бастани ҳамин Созишнома ангезае барои ҳамкории иқтисодӣ бо Тоҷикистон рӯ овардани Федератсияи Русия гардид. Ва дар гуфтугӯҳои сеҷониба ҷонибҳо ба ифоқа расиданд, ки сохтани Сангтӯдаи 1-ро ФР ва Сангтӯдаи 2-ро ҶИЭ ба зимма хоҳанд гирифт. ҳамчунин ҷониби эронӣ барои ба анҷом расидани нақби Анзоб ба миқдори 5 млн. доллари амрикой грант ҷудо кард ва он дар ҳамкорӣ бо ширкати байналмилалии «Собир» 26 июли соли 2006 дар ҳузури Раиси Ҷумҳури исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов расман боз гардид. Роҳбарони ду кишвари дӯст, бародар, ҳамзабону ҳамфарҳанг эълом доштанд, ки ҷониби эронӣ дар кандани нақби ағбаи Чормағзак ҳам саҳм хоҳад гирифт.

Самтҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Эрон дар ду-се соли охир ба таври чашмгир қариб дар тамоми соҳаҳои иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва ғайра сурат гирифт. Махсусан, оғози ҳамкориҳои сеҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар бунёди роҳу пулҳо ва истгоҳҳои обию барқӣ, интиқоли хатҳои баландшиддати барқ, муассисаву корхонаҳои муштарак ва ғайра басо умедбахш ва самаровар мебошад.

Ба тақвият ва густариши робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, мутаасифона, на ҳамаи кишварҳои дуру наздик назари хуб доранд. Дипломатияи тоҷикро лозим аст ба исбот расонад, ки ин муносибатҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба муқобили кишвари сеюм ва ё гурӯҳе аз давлатҳо нигаронида нашудаанд. Муносибатҳои Тоҷикистон бо ин мамлакатҳои ҳамзабону ҳамфарҳангу ҳамдину ҳамсояву ҳаммарз тақозои таърих, тақозои асли доштани робитаи ҳасанаи наздик ва босубот бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мебошад.

Бо назардошти нақш ва дараҷаи нуфузи **Ҷумҳурии Ҳиндустон** ҳамчун давлати бузурги минтақа дар равандҳои сиёсии минтақа, ҳамчунин робитаҳои бисёрасраи таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик бо халқи ҳинд ва имкониятҳои зиёди иқтисодӣ ва технологии он Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози даврони истиқлолияти давлатии хеш то ба имрӯз пайваста кӯшиш дорад, ки ба ин мамлакат ҳамкориҳои бисёрҷонибаро густариш ва тақвият диҳад. Гароиши Ҳиндустон ба демократия ва дунявигарой, муқобилати он ба таассуби динӣ, терроризм ва ифратгарой дар партави дигаргуниҳои геополитикие, ки дар дунё ба вуҷуд омаданд, таваҷҷӯҳи оламиёнро ба ин кишвар боз ҳам бештар гардонд.

Сафарҳои расмӣ ва кории роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайатҳои ҳукуматии он ба Ҳиндустон пас аз истиқлолият (14-17 феврали 1993, декабри 1995, 22 январи 1999, 9 майи 2001) ба ҳамин ният будаанд.

Дар ҷараёни сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Атал Бихари Ваҷпайи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 ноябри 2003 дар иртибот ба сатҳи муносибатҳои давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон тарафҳо ба иттифоқ эътироф намуданд, ки кишварҳояшон «якдигарро ҳамчун шарики дарозмуддати худ мешуморанд ва барои истифода аз имкониятҳои фаровоне, ки дар заминаи ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо доранд, ҳамаи кореро, ки аз дасташон меояд, мекунанд».[1] Хусусан, ки чунин заминаҳо барои суръат бахшидан ва амалӣ гардонидани нияти ҳамкориҳои ҳаматарафа дар соҳаҳои истеҳсоли нерӯи обии барқ, бунёди корхонаҳои муштарак, дорусозӣ, туризм, роҳсозӣ, тиҷорат, фарҳанг, илм, тарбияи мутахассисон, терроризм ва экстремизм ва ғайра мавҷуд аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар раванди гуфтугӯҳои ҳайатҳои тоҷикию ҳиндӣ таъкид намуда буд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои худ бо Ҳиндустон дар чаҳорчӯбаи робитаҳои дутарафа ва бисёртарафа ҳамчун омили сулҳ ва оромӣ дар минтақа назар мекунад».[2] Аз ин ҷиҳат кишвари мо ҷонибдори бо роҳи мусолиматомез ҳал намудани қазияи Кашмир мебошад, то ки ба оромӣ ва амнияти минтақа таҳдид нанамояд.

Агар муносибатҳои дипломатию сиёсӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон аз аввал то ба ҳол ҳамвор ҷараён доштанд, инро наметавон дар ҳаққи робитаҳои мо бо давлати дигари минтақа – **Ҷумҳурии исломии Покистон** гуфт. Дар бораи роҳҳои ҳалли қазияи Афғонистон мавқеи ин ду кишвар мутобиқат надоштанд. Тавре ки маълум аст, Тоҷикистон аз ибтидо хоҳони ҳалли мусолиматомези низои давлати ҳамсояи худ буд ва таъкид мекард, ки он роҳи дигари ҳал надорад. Дурустии онро амалиёти зиддитеррористие, ки дар Афғонистон шурӯъ шуд, исбот кард. Бар асари дигаргуниҳое, ки бо оғози ин амалиёт дар мавқеи расмии Исломобод ба вуҷуд омад, шароити мусоиде барои равнақ додани муносибатҳои созанда ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон ба вуҷуд омад. ҳамкориҳо бо ҷониби Покистон дар соҳаҳои роҳсозӣ, истифодаи муштараки захираҳои фаровони обу барқ ва ғайра ба манфиати ҳардуи мамлакат мебошад. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Покистон Парвиз Мушарраф ба Душанбе дар таърихи 2 июни 2002 умедро ба чунин

1 Асари зикршуда, с. 527.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

ҳамкориҳои судманд бештар гардонид.

Ҳамчунин барои кишвари мо имкониятҳои иқтисодӣ, мавқеи геостратегӣ ва нуфузи Покистон дар минтақа ва олами ислом низ муҳим мебошад.

Азбаски дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубу Ғарбӣ бо санҷишҳои атомии Ҳиндустон ва Покистон силоҳи ҳастаӣ густариш ёфт, қазияи «барномаи ҳастаии» Эрон матраҳ гардид ва ба замми ин дар ин минтақа манбаъҳои низоъ, мисли Кашмир мавҷуд аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси «мамлакати дорои технологияи истихроҷу коркарди уран» манфиатдори он аст, ки аз сиёсати адами густариши силоҳи ҳастаӣ дар дунё ҷонибдорӣ намояд ва дар минтақа барои минтақаи холӣ аз силоҳи ҳастаӣ кӯшиш бикунад. Дар замина Тоҷикистон, ки ба Созишномаҳо дар бораи паҳн накардани силоҳи атомӣ (1994) ва манъи фарогири озмоишҳои атомӣ (1996) имзо гузоштааст, аз ибтикори Ҷумҳурии Қазоқистон ва Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи ба вуҷуд овардани минтақаи ғайриатомӣ ва сиёсати ҳамроҳ нашудан ба паймонҳои ҳарбиро ҷонибдорӣ мекунад.

Барои он ки амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин гардад, танҳо бастани шартномаҳои дуҷониба кофӣ нест. Зарурати зиёде ба бастани шартномаҳои чандҷониба ва муштарак дар байни давлатҳои минтақа ва ҳамсоя ва бо ҳамин барои ба вуҷуд овардани иттиҳоди минтакавӣ дар заминаи амнияти дастачамъӣ мавҷуд мебошад. Созишномаҳое монанди «Меморандуми Олмати дар бораи сулҳ ва осоиш дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил» барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ лозим аст.

Амнияти Тоҷикистон ҳамзамон ба эҷоди камарбанди амниятӣ ва таъмини сулҳу осоиш дар минтақа ба як омили дигар низ бастагӣ дорад ва аз баркарор гардидани ниҳодҳои демократӣ ва ҷомеаи мутамаддин дар кишварҳои ҳамсоя ва минтака иборат мебошад. Аз ин рӯ Тоҷикистонро, ки ҳадафи ниҳоияш бунёди ҷомеаи демократист, лозим меояд робитаашро бо давлатҳое, ки дар минтақа роҳи эҷоди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандиро пеш гирифтаанд ва ё кӯшиш доранд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шаванд, наздиктар гардонад ва аз онҳо пуштибонӣ ва мадади худро дареғ надорад. Зеро кишварҳое, ки роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ

ва маданиро пеш гирифтаанд, ҳаргиз ба низоъ ва зурӣ роҳ нахоҳанд дод. Агар дар минтақа як ҳайати кишварҳои дӯст, ҳамсояҳои нек, сулҳхоҳ ва тараққипарвар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ озод ба вуҷуд оварда шавад, замонати матлубе ба амнияти миллии Тоҷикистон хоҳад буд.

Сиёсати эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таъмини амнияти миллӣ тақозо менамояд, ки асоси доктринаи ҳарбии моро сиёсати дифоъ аз амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ ва истиклоли кишвар ташкил бидиҳад. Тоҷикистон он вақт зарурат ба доштани артиши бисёрҳазорнафара нахоҳад дошт. Миқдори артиши миллии мо ба дараҷае бошад, ки дар партави сиёсати дӯстӣ ва ҳамзистии осоишта вақти зарурат тавонад аз манфиатҳои миллиамон, амният, тамомияти арзӣ ва истиқлоли кишварамон дифоъ намояд. Шиори мо бояд гуфтаи Фирдавсии бузург бошад: «Ду сад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор».

ФАСЛИ ДУЮМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

Ҷумҳурии Тоҷикистон агарчи бо Федератсияи Русия ҳаммарз ва ҳамминтақа нест, вале бо назардошти ин, ки аз охирҳои асри XIX то ба имрӯз ба гуфтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов бо вай «дар муҳити умумии геополитикӣ ва сиёсию иқтисодӣ»[1] буд ва муҳофизати марзҳои хориҷиаш баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳз бар дӯши марзбонони русӣ афтод, ҳамчунин бо дарки он, ки Русия имрӯз ҳам ба ҳайси яке аз кишварҳои бонуфуз дар минтақаи Евроосиёӣ ва дунё, ба истилоҳ, «бозигарони асосии минтақа» ва «нақши меҳварӣ» дошта боқӣ мондааст, ба робита бо ин кишвар ҳаққи афзалият медиҳад ва онро аз ҷумлаи шарикони стратегии худ мешуморад ва бар он ақида устувор аст, ки ҳамкории стратегии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, низомӣ ва фарҳангӣ бо Федератсияи Русия омили муассири суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ дар кишвар ва минтақа мебошад.

Бо дарёфти истиқлолият дар таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия саҳифаи нав боз шуд. Ин кишвар яке аз аввалинҳое буд, ки истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии ҷумҳурии моро эътироф намуд.

8 апрели 1992 дар ш. Душанбе Протокол оид ба барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ байни ин ду кишвари бародар ба имзо расид.

4 майи 1992 Сафорати ФР дар Душанбе ифтитоҳ ёфт ва 17 июли ҳамон сол сафири нахустини Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон М.И. Сенкевич эътиборномаашро супорид ва ба фаъолият оғоз намуд. Дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар моҳи декабри соли 1993 сафорати худро дар Маскав боз кард ва Р. Мирзоев Сафири Фавқулода ва Мухтори ҶТ дар Маскав таъин гардид.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Русия аз ибтидо ҳамаҷони-

1 Э. Ш. Раҳмонов. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин.- Д., 1996, с. 78.

ба буда, қариб тамоми соҳаҳоро фаро гирифтанд: сиёсат, иқтисод, тиҷорат, низомӣ, гуманитарӣ, молиявӣ ва қарз, маводи сухт ва барқ, саноат ва кооператсияи саноатӣ, мудофиаи граждани ва ҳолати фавқулода ва ғайра. Махсусан дар соҳаи сиёсӣ робитаҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Русия дар сатҳи бағоят баланд инкишоф меёбанд. Тоҷикистон ва Русия нисбат ба аксарияти масъалаҳои калидии сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеъи ба ҳам монанд ва ё наздик доранд. Намунаи равшани чунин ҳамкорӣ амалҳои ҳамоҳангшудаи ин ду кишвар дар арсаи байналмилалӣ, мавқеи ягонаи онҳо дар масъалаи раванди сулҳофаринӣ дар Афғонистон ва бозсозии иқтисодии ин кишвар мебошад.

Тоҷикистон ва Русия вазифаҳои муштарак доранд, аз қабили таҳкими амният ва оромӣ дар минтақа – қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ, муқобилият бо хатару таҳдидҳои нави замони муосир – терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, ҷиноятқории фавқумиллӣ ва ғайра.

Ҳамкории сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар раванди сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар босамар буд. Русия дар кори дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон нақши ҳалкунандаро бозид. Рамзист, ки Музокироти сулҳи байни тоҷикон 5 апрели соли 1994 дар пойтахти ин мамлакат ш. Маскав оғоз гардида, 27 июни 1997 дар ҳамон ҷо ба имзои «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба охир расид.

Тоҷикистон ва Русия аз ибтидои муносибатҳояшон дар соҳаи низомӣ ва низомию техникӣ ҳамкориҳои судманд доштанд ва он дар гузашта нисбат ба соҳаҳои дигар аввалият дошт. Марзбонони русӣ дар ҳифзи сарҳади мо бо Афғонистон дар таъмини амнияти кишвар ва минтақа нақши мусбат бозиданд. Мувофиқи «Шартномаи байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақом ва шароити будани пойгоҳи низомии русӣ дар хоки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели 1999», ки аз ҷониби ҳардуи кишвар ба тасвиб расид, дивизияи 201–ум ба пойгаҳи низомӣ табдил ёфт. Марзбонони Русия мувофиқи моддаи 9–уми Созишномаи соли 1993 баробари тадриҷан ташаккул ва тақвият ёфтани нерӯҳои сарҳадии Тоҷикистон масъулияти ҳифз ва

таъмини амнияти минтақаҳои сарҳадиро ба ихтиёри онҳо гузоштанд. Вале ҳамкории низомию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия, аз он ҷумла бо марзбонони русӣ, идома дорад. Танҳо шаклҳои он ҳамкориҳо дигар шудаанд.

Робитаҳои байнипарлумонӣ ҳам хуб ҷараён доштанд. ҳайатҳои парлумонии Русия ба таври мунтазам ба Тоҷикистон ташриф меоранд ва ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ ва робитаҳои дуҷониба таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Ин мулоқотҳо дар наздик гардонидани қонунгузориҳои миллии ҷонибҳо, танзим ва таҳияи қонунҳои намунавӣ ва санадҳои ҳуқуқии пешниҳодӣ, аз ҷумла марбут ба фаъолияти иқтисоди бозорӣ нақши намоёне бозидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ (30 апрели 2004) аз робитаҳои ҳасанаи Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар тӯли даҳ солаи охир ёд оварда, бо таассуф зикр карда буд, ки «сарфи назар аз кӯшишҳои пайгиронаи мо, ки ман ба ин борҳо дар давоми 13 сол таъкид карда будам, дараҷаи ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон ва Русия ба талаботи замон ва манфиатҳои ҳарду мамлакат ҷавобгӯ нест». Аҷибаш дар он аст, ки масъалаҳои муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар сохтори робитаҳои Тоҷикистон ва Русия бахши аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳаматарафа такмил шуда буд ва ин кишвар мисли солҳои пешина шарики тиҷоратии асосӣ мебошад, саҳми Русия дар робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон сол ба сол кам мешуд.

Дар ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон ақибпартоӣ кардани Русия боиси пайдо шудани фикру тахминҳои гуногуне шуд. Аз ҷумла муҳаққиқе бо имзои мустаори Муҳаммадалӣ Зокир дар рӯзномаи «Азия Плюс» (22 январи 2004) дар мақолаи худ бо унвони «Муҳаббати беҷавоб. Ё никоҳи беҳадаф?» бар он ақидааст, ки шарики стратегӣ будани Федератсияи Русия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон декларативӣ аст, дар сухан аст, на дар амал. Ба фикри ӯ «Тоҷикистон ба хотири ҳифзи имиҷи шарики стратегӣ худро қурбон мекард ва мекунад». Вале Русия аз ин сӯъиистифода намуда, ҳадафҳои геостратегии худро тақвият ва густариши ҳузури низомияш дар Тоҷикистонро амалӣ ме-

гардонад ва масъалаҳои қарзи «сохтаи» 300 млн. доллари амрикой ва муҳоҷирони тоҷикро ба миён мегузорад.

Якандоза фаъол гардидани робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Русия танҳо дар солҳои 2003-2004 ба назар мерасад. Маълум буд, ки ниҳоят баъд аз сипарӣ шудани чандин солҳо тасмим гирифтааст, ки ҳузури иқтисодии худро низ дар Тоҷикистон густариш диҳад. Чунончи, 15 майи 2003 ширкати «Газпроми» Федератсияи Русия бо ҳукумати Тоҷикистон Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи газро баст. РАО «ЕС Русия» дар соли 2004 бо ҷониби тоҷикӣ гуфтушунидро дар бораи дар дурнамо иштирок намудан дар истифода аз захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ва ба итмом расонидани сохтмони истгоҳҳои обию барқии Роғун ва Сангтӯда оғоз кард. Дар моҳи феврали 2004 Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукумати Свердловск баста шуд. ҳамаи ин шаҳодат бар он медод, ки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Русия аз ҳолати «сукут» берун мебарояд.

Ба вуҷуди ин ҳама мушкилие, ки дар робитаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия солҳои сол ҷо дошт, танҳо пас аз вохӯриҳои президентони Тоҷикистон ва Русия дар Маскав ва Сочи (июн ва июли 2004) ва сафари расмии В.В. Путин ба Душанбе дар моҳи октябри 2004 ҳаллу фасл шуд ва хосияти амалӣ гирифт. Федератсияи Русия изҳори омодагӣ кард, ки дар чанд соли оянда ба маблағи 2 млрд. доллари амрикой ба иқтисоди Тоҷикистон маблағгузорӣ хоҳад намуд. Президенти Русия дар мусоҳибаи матбуотие, ки пас аз имзои созишномаҳо баргузор гардид, эътироф намуд, ки «мо ба ин қарорҳо пас аз чанд сол расидем. Шумо худатон мефаҳмед, ки ин лоиҳаҳо аз рӯи рақамҳояшон низ калон мебошанд. Бинобар ин барои он ки чунин қадам бардошта шавад, бояд ба хубӣ тайёр мешуд. ҳамаи ин муддат мо тайёрӣ медидем». Далеле, ки В.В. Путин онро ҳамчун сабаби ба таъхир афтодани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишвари мо овардааст, албатта, бе асос нест. Лекин гумони ғолиб он аст, ки сабабҳои чиддитаре дорад. Ба назари мо, яке он аст, ки роҳбарони Русия сиёсати доштани алоқа бо Аврупо ва Амрико ва кишварҳои дигари тараққикардаро пеш гирифта, аз кишварҳои ҳамиттиҳоди собиқи хеш, аз он ҷумла

Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ гардонда буд. Бо онҳо доштани робитаҳои тиҷоратию иқтисодиро хилофи манфиатҳои миллии хеш мешумориданд. Кишварҳои Осиёи Марказиро як вуҷуди зиёдатӣ дар тани Русия донистани В. Жириновский як гапи тамоман тасодуфӣ набуд. Сониян, он натиҷаи дар он солҳо дар самти робита бо кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ, яъне бо ИДМ сиёсати ҳисобӣ ва пухта надоштани Федератсияи Русия мебошад, ки он боиси ба маротиб коста шудани нуфузи ин мамлакат дар он кишварҳо, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ гардид. Ниҳоят, ин ҳолат гувоҳи равшани он буд, ки Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҳадафҳои низомӣ дошт. Танҳо вақте ки онҳо ба пуррагӣ бароварда шуданд, яъне баъд аз он ки масъалаҳои пойгоҳи низомии он кишвар дар Тоҷикистон ва ба моликияти Русия даровардани маҷмааи алоқаи коинотии дорои аҳамияти стратегӣ «Окно» ба фоидаи вай ҳал гардид, ба ҳамкориҳои иқтисодӣ тасмим гирифт. Зимнан, чанд омили дигар ҳам сабаб шуданд, ки ширкатҳои Федератсияи Русия ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва маблағгузориҳо дар Тоҷикистон розӣ шаванд. Гумони ғолиб он аст, ки як ангезае, ки барои ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон рӯ овардани Русия шуд, дар байни ҶИЭ ва Тоҷикистон ба имзо расидани ҳамкорӣ дар бунёди истгоҳи барқии «Сангтӯда-1» буд. Ангезаҳои дигар якбора боло рафтани нархи алюминий дар бозори Лондон ва афзудани талабот ба он (танҳо бозори Чин афзоиши ҳамасолаи истеҳсоли алюминийро то 10-15 % тақозо дорад), арзон будани нархи барқ ва қувваи корӣ дар Тоҷикистон, нақшаҳои нави геополитикии НАТО дар Осиёи Марказӣ, афзоиши нуфузи ИМА дар минтақа ва ғ. мебошанд. Иллати дигар ва бисёр ҷиддӣ он буд, ки тамоюл ва умедҳои беандозаи Русия ба сӯи Ғарб дар ҳамкориҳои иқтисодӣ барабас шуданд, ба натиҷаҳои дилхоҳ наоварданд.

Ширкати РАО «ЕС Русия» ба охир расонидани сохтмони истгоҳи обию барқии «Сангтӯда-1» ва ширкати «Русал» истгоҳи обию барқии Роғунро ба ӯҳда гирифтанд. Корҳои сохтмонии «Сангтӯда-1» шурӯъ шудааст. Аммо аз мубоҳисаҳое, ки дар атрофи сохтмони истгоҳи обию барқии Роғун миёни мақомоти Тоҷикистон ва роҳбарии «Русал» идома дорад, чунин ба назар мерасад, ки анҷо-

ми он зери савол қарор дорад. Ба хотири рафъи ин шаку шубҳа Президенти ФР В.В Путин дар вохурӣ бо Сарвари Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов (июли 2006) ҷониби тоҷикиро бовар кунонид, ки ҳукуматаш сохтмони Роғунро ба охир хоҳад расонд. Сафири Амрико дар Душанбе Ричард ҳоуғленд бо ишора ба ҳамин мубоҳисаҳои байни ҳукумати Тоҷикистон ва ширкатҳои Федератсияи Русия дар бораи оғози корҳои сохтмонӣ дар истгоҳи обию барқии Роғун ва солҳои сол дар сатҳи гап қарор доштани ҳамкориҳои ин ду кишвар дар изҳороти рӯзи 19 июни 2006 таъкид намудааст, ки кишвари ӯ ҳаргиз ваъда намедиҳад, балки корҳои реалиро дар Тоҷикистон анҷом медиҳад.[1]

Дар муносибатҳои давлатии Тоҷикистон ва Русия чизи дигаре, ки нигаронкунанда аст, он аст, ки агарчи асоси ҳуқуқӣ ва меъёрии онҳо қавӣ ва густурда мебошад, татбиқи он дар амал чандон қаноатбахш нест. Барои мисол, бо вуҷуди он ки тарафҳо мақоми аслӣ доштани «Аҳдномаи дустӣ, ҳамкорӣ ва ёрии дутарафа (25 майи 1993)»-ро эътироф доранд ва нукоти умдаи он то ба ҳол аҳамият ва зарурат ташро гум накардааст, мисли моддаҳои 9 (ёрии ҳуқуқӣ дар замони парвандаҳои шаҳрвандӣ, хонаводагӣ ва ҷиноӣ), 11 (таъмини ҳуқуқии ақаллиятҳои миллӣ), 13 (ташкили Комиссияи байниҳукуматии якҷоя оид ба ҳуқуқи инсон), 21 (боз намудани марказҳои иттилоотӣ ва фарҳангӣ) ба пурраги амалӣ нашудаанд. ҳанӯз ҳам масъалаи таъмини иҷтимоии шаҳрвандони як давлат дар давлати дигар (модаи 2) то ба охир равшан нест. Дар вақташ тарафҳо маслиҳат доштанд, ки соле на камтар аз як бор ба таври мунтазам дар бораи иҷрои Аҳдномаи мазкур (моддаи 31) бо ҳам машварат хоҳанд кард, лекин нашудааст.

Оид ба муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Русия ва Тоҷикистон то имрӯз 75 санади дуҷониба дар заминаҳои молияву қарз, илму техника, иҷтимоиёт, нақлиёт, нерӯи барқ, андоз, сармоягузорӣ имзо шудаанд. Аммо баррасии вазъи онҳо нишон медиҳад, ки баъзе аз ин созишномаҳо ба сабаби то ҳол анҷом наёфтани расмиёти дохилидавлатӣ ва ё зарурати худро гум кардан ё худ аз ҷиҳати молӣ то таъмин нагардидани онҳо тамоман амал намекунанд ва ё

1 Р. Хаугленд. Суверенные государства принимают свои решения.- Asia Plus, 22 июни 2006.

амалӣ шуда бошанд ҳам, қисман аст. Ин гуфта аз ҷумла ба созишномаҳои байниҳукуматии «Дар бораи ба анҷом расонидани сохтмони истгоҳи барқии Роғун дар дарёи Вахш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (13 апрели 1994), «Дар бораи аниқ гардондани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва инкишофи алоқаҳои ҳамгирой» (27 феврали 1995), «Дар бораи принсипҳои асосии ташкили гурӯҳҳои молӣ ва саноатӣ» (7 сентябри 1995) ва ғ. низдахдорад.

Дар соҳаи гуманитарӣ Тоҷикистон бо Русия 24 санад дорад, ки асоси онҳоро «Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму техника, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва ҷаҳонгардӣ» (19 сентябри 1995) ташкил медиҳад. Мутаассифона, аз вақти оғози амали он беш аз 10 сол гузашта бошад ҳам, то ҳол ин Созишнома ба заминаи ҳамкории ҳамаҷониба табдил наёфт ва ба сифати як санади декларативӣ боқӣ монд. То имрӯз моддаҳои 3, 13, 14, 15 ва 16 ба амал татбиқ нагардидаанд.

«Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи танзими масъалаи душаҳрвандӣ», ки онро дар Маскав дар таърихи 7 сентябри 1995 Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия имзо карда буданд ва он аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 4 сентябри 1995 (№189) ва Думаи давлатии Федератсияи Русия дар таърихи 15 декабри 1996 (№152) ба тасвиб расида, дар ш. Душанбе 26 апрели 1997 он тасвибномаҳо радду бадал шуда буданд. Лекин то имрӯз тарафҳо тарзи татбиқи ҳолатҳои санади мазкурро муайян нанамудаанд. Гузашта аз ин механизми басо мураккаби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои дарёфти душаҳрвандӣ вуҷуд дорад. Тарафҳо тартиби сабти собиқаи корӣ ва муқаррар намудани нафақаро низ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мушаххас насохтаанд. Илова бар он ҳама ҳангоми ҳалли масъалаи душаҳрвандӣ аксар вақт мушкилоте пеш меояд, ки ба ноқисии меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда, ихтилофи қонунгузориҳои Тоҷикистон ва Русия дар замина бастагӣ дорад. Тарафҳо ба нияти татбиқ қариб ҳамасола санадҳои ба имзо расидаро инвентаризатсия мекунанд, аммо он натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Дар татбиқи санадҳо Комисияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ метавонад нақши муассире дошта бошад. Афсӯс, ки фаъо-

лияти ин Комисия қобили қабул нест, ҷаласаҳо бо хурдтарин баҳонае ба таъхир гузошта мешаванд. На ҳамеша қарорҳои он дар вақташ амалӣ мегарданд. Дар натиҷа аксарияти қарорҳои он аз як протокол ба протоколи дигар интиқол дода мешаванд ва дар сатҳи нияти тарафҳо боқӣ мемонанд ва татбиқи мушаххаси худро дар зиндагӣ намеёбанд.

Дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд. Яке аз онҳо масъалаи ба таври маданӣ танзим намудани ҳузури муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар он кишвар мебошад. Лоиҳаи «Созишнома оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи меҳнаткашони муҳоҷир», ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида буд, аз моҳи ноябри 2002 то октябри 2004 дар баррасии ҳукумати Русия қарор дошт ва ниҳоят дар ҷараёни сафари расмии Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин ба Душанбе дар якҷоягӣ бо санадҳо оид ба масъалаҳои низомӣ ба имзо расид. Шарти ҷониби русӣ ҳамин тавр буд. Маскав имзои Созишномаи мазкурро бо масъалаҳои сирф сиёсӣ мепайваст, ҳол он ки масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ масъалаи иҷтимоист, на сиёсӣ. Бо вуҷуди ин ҷониби русӣ ҳамаи санадҳои он маҷмӯъ (пакет)-ро аз расмиёти дохилидавлатӣ гузаронид, ба ҷуз Созишнамои мазкур. Расмиёти дохилдавдатии он хеле дертар анҷом ёфт. Вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Русия имрӯз ҳам беҳбудиро мехоҳад. Дар матбуоти Федератсияи Русия, радио ва телевизиони федералӣ ва минтақавии он дар ҳаққи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон чиҳое ки наменависанд ва намегӯянд, агарчи аз рӯи миқдор тавре ки худи ҷониби русӣ эътироф дорад, зиёд нестанд. Вале бештар аз ҳама онҳоро бо интиқоли маводи мухаддир муттаҳам менамоянд. ҳол он ки аз рӯи ҳисобу китоби СММ 50% маводи мухаддири Афғонистон ба воситаи Покистон ва Эрон, интиқол дода шуда, 50% дигари он аз тариқи Ӯзбекистон (17,1%), Қазоқистон (12.7%) ва аз тариқи хоки Тоҷикистон (танҳо 13,6%) ба кишварҳои минтақа, Русия ва ғ. расонда мешавад. Зимнан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати фаъолияти босамари Агентии мубориза бо маводи мухаддири назди Президенти ҶТ аз ҷиҳати бездошти маводи мухаддир дар ҷаҳон ҷои 4-умро

ишғол менамояд ва азбаски ҷумҳуриҳои дигари минтақа, монанди Ӯзбекистон ва Туркманистон ба СММ маълумоти пурра намедиҳанд, чунин тасаввури бардурӯғе ҳосил мешавад, ки гӯё маводи мухаддир аз Афғонистон танҳо ба воситаи хоки Тоҷикистон интиқол дода мешавад. ҳол он ки чунин тасаввур барғалат буда, ба ҳақиқат рост намеояд. Худи ҳамин далел ба таври возеҳ шаҳодат бар он медиҳад, ки воситаҳои ахбори русӣ ғаразноканд.

Ҷониби тоҷикӣ борҳо диққати тарафи русиро ба ин масъалаи номатлуб дар робитаҳои давлатӣ ҷалб карда буд. Аз ҷумла 25 ноябри 2002 Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ҳангоми қабули Сафири Фавқулода ва Мухтори ФР дар Душанбе М. Пешков диққати ӯро ба он ҷалб карда буд, ки дар Русия дар саҳифаҳои матбуот ва воситаҳои ахбори электронии он маъракаи ҳадафмандонае ба хотири бадном намудани шаҳрвандони Тоҷикистон, муҳоҷирони меҳнатие, ки муваққатан дар он кишвар ҳузур доранд, давом дорад, онҳоро бо қонуншиканӣ ва бо ҳар баҳонае меронанд, чунонки рӯзи 21 ноябри 2002 карданд. ҳамчунин Сардори Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурӣ аз зиёд шудани ҳодисаҳои марги зӯроваронаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар он мамлакат сахт изҳори нигаронӣ карда, умед намуд, ки Сафир ташвиши ҷониби тоҷикиро ба диққати роҳбарони мамлакаташ хоҳад расонд.

Мавзӯи вазъи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Русия дар вохӯрии президентони ду кишвар дар Киев дар чаҳорчӯбаи мулоқоти ғайрирасмии Сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ (28 январи 2003) низ баррасӣ гардид. Ҷонибҳо мувофиқ ба он буданд, ки мушкилиҳое, ки дар замина ҷо доранд ва ё метавонанд пайдо шаванд, набояд монеае дар роҳи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ин соҳаи муҳим гарданд. Ҷонибҳо ҳамчунин ба мувофиқа расиданд, ки сари вақт тадбирҳои амалиро барои рафъи мушкилоти ба вуҷудоянда хоҳанд андешид.

Инкишофи ҳамкориҳои судманди ҳаматарафа бо Федератсияи Русия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ ва ғ. ба манфиати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Манфиатҳои геополитикии Русия, ба ақидаи Президенти кишвар Э.Ш Раҳмонов, «ба ҳеҷ ваҷҳ ба манфиатҳои аслии стратегӣ ва миллии Тоҷикистон муқо-

бил нестанд».[1] Ба замми ин, ӯ бар он бовар аст, ки «Русия шарики асосии стратегӣ на танҳо дар чаҳорчӯбаи ИДМ, балки дар миқёси баёналмилалӣ буд ва ҳаст».[2] Тоҷикистон сарфи назар аз ҳама гуна монеаҳое, ки дар сари роҳи муносибатҳояш бо Русия баъзан пайдо мешавад, аз ҷумла «ҷангҳои ҳақиқии матбуотӣ», ки дар он ҳатто вакилони Думаи давлатӣ ҳам иштирок намудаанд, мавқеи стратегии худро тағйир надод.[3] Президенти ФР В.В. Путин дар барқияи хеш ба муносибати 10-солагии барқарории робитаҳои дипломатӣ миёни кишвараш ва Тоҷикистон 8 апрели 2002 ба унвони Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон навиштааст, ки «роҳе, ки дар ин мӯҳлат сипарӣ шуд, ба таври боваринок исбот кард, ки самти интихоб намудаи мо – шарикии стратегӣ, ки бо Шартнома дар бораи дӯстӣ ва ёрии ҳамдигарӣ ва Шартнома оид ҳамкориҳои ҳамиттиҳодии ба асри 21 нигаронидашуда тасдиқ гардидааст, дуруст буд».[4] Ин маънии онро дорад, ки на танҳо Тоҷикистон ба Русия, балки Русия ҳам ба Тоҷикистон ба сифати ҳамкори содиқи стратегӣ эҳтиёҷ дорад.

Ҳамбастагии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузаштаи наздик ба **ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди шӯравӣ**, монанди Украина, Беларус, Молдова, Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон, Литва, Латвия ва Эстония ҳамбастагии иқтисодиро ба вуҷуд оварда буд, ҳатто то ба андозае, ки яке бе дигаре фаъолият карда наметавонист. Дар натиҷа дар ҷумҳурии мо ҳам бисёр соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, корхонаву муассисаҳо ба сабаби канда шудани робитаҳо аз кор монданд. Дар марҳилаи ҳозира барқарор намудани муносибатҳои собиқи хоҷагидорӣ нисбат ба он ки онҳо ба куллӣ тағйир дода шаванд, осонтар, тезтар ва арзонтар мебошад. Ин чиз як заминаи воқеист барои ҳамгироӣ дар қаламрави Иттиҳоди давлатҳои мустақил.

Аз ҳамин нигоҳ ва ҳам мувофиқи асле, ки дар сиёсати хориҷии худ – «дарҳои кушод» пеш гирифта буд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва муассисаҳои хо-

1 Внешная политика Республики Таджикистан на современном этапе, стр.50.
2 Асари зикршуда, стр. 16.
3 Т.Н Назаров. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество – Д., 2004, с. 256.
4 Внешная политика Республики Таджикистан на современном этапе, стр. 352-353.

риҷии он аз ибтидои дарёфти истиқлолияти давлатӣ кӯшиш намудаанд, то ба ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ барқарор намоянд. Вале амалӣ гардонидани ин ният ба онҳо то имрӯз ба пуррагӣ муяссар нагардидааст. Ва ин ҳолат чанд сабаб дорад. Сабаби аслиаш он буд, ки дар арафаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва пас аз он бисёре аз ҷумҳуриҳое, ки чандин даҳсолаҳо шомили як низоми сиёсию иҷтимоӣ буданд, меҳробҳои сиёсию иҷтимоии худро дигар карда буданд ва кӯшиш доштанд, ки ҳарчӣ зудтар худро аз «оғӯши Маскав» раҳоӣ диҳанд ва дур раванд. Бинобар ин аз ҳар гуна робитае, ки ба онҳо аз он низоми пешина ёд меовард, худро канор мегирифтанд. Ин чиз махсусан дар муносибатҳо бо давлатҳои Лаби Балтик – Латвия, Литва ва Эстония ба назар мерасад. То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тавонистааст, ки дар соли 1998 дар Латвия Намояндагии тиҷоратии худро боз намояд. Гурҷистону Украина бештар майл ба ҷониби Ғарб, Аврупо ва Амрико карданд, ки оқибат дар он кишварҳо боиси сар задани инқилобҳои ранга гардид. Озарбойҷон ва Молдова барои он ки Маскав дар ҳодисаҳои Қаробоғ ҷониби Арманистон ва «қазияи Приднестрове» тарафи ҷумҳурии эътрофнашудаи Приднестроверо гирифт, аз ҳамаи кишварҳое, ки бо Русия, мисли Тоҷикистон наздик буданд, дурӣ меҷӯстанд. Дар муқобили ИДМ аз тарафи Гурҷистон, Украина, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Молдова созмон дода шудани ГУӮОМ тасодуфӣ набуд. Ин кишварҳо аз қабили Украина Озарбойҷон, Гурҷистон ва Молдова дар ИДМ ҳам расман иштирок мекунанд, вале амалан дар қолаби ин созмон ҳам сиёсати мустақили худро пеш мебаранд. Ва як иллати барор надоштани фаъолияти ИДМ ҳам дар ҳамин мебошад.

Илова ба ин сабабҳое, ки дар боло баршумурдем ва ангезаи сиёсӣ доранд, сабабҳои айние ҳам ҳастанд, мисли дурии ҷуғрофӣ, набудани наклиёти мустақим, гаронии нархи боркашонӣ ва ғ. имкон намедиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои Лаби Балтик, ҷумҳуриҳои Қафқоз ва ғ. ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии наздик ва густурдае дошта бошад. То имрӯз дар миёни Тоҷикистон ва Озарбойҷон танҳо як санад, Тоҷикистон ва Гурҷистон фақат ду санад ба имзо расидаасту халос. Мукотиба миёни

идораҳои хориҷӣ асосан вобаста ба роҳрави нақлиётии Аврупо – Қафқоз – Осиё, яъне ТРАСЭКА сурат гирифтааст.

Аз миёни кишварҳои собиқи Шӯравӣ, ки дар қисмати аврупоӣ ва Қафқоз қарор доданд ва мо аз онҳо ёд овардем, Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан бо Украина, Беларус ва Молдово робитаҳои беҳтаре барқарор кардааст. Агарчӣ бо онҳо ҳам мо дар ҳолати «ҷустуҷӯи манфиатҳои муштарак», «самтҳои муштараки ҳамкориҳои судманд», «эҷоди заминаи ҳуқуқию шартномавӣ барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд» будем. ҳоло пас аз сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба ин кишварҳо (Киев, июли 2001; Минск, июни 2001; Ереван, 25 ноябри 2003) ва сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Беларус А. Лукашенко (4-5 апрели 2000), Президенти Украина Л. Кучма (8-10 апрели 2003), Президенти Ҷумҳурии Молдово В.В. Воронин (5-7 ноябри 2002), Президенти Ҷумҳурии Арманистон Р. Кочарян (25-26 ноябри 2003), вазирони корҳои хориҷӣ ва ҳайатҳои ҳукуматӣ, ба имзо расидани санади асосии «Шартнома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ», баргузории ҷаласаҳои Комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, заминаи ҳуқуқӣ ва шартномавӣ ба андозаи кифояткунанда барои ҳамкориҳои ҳамаҷониба байни Тоҷикистон ва Беларус, Украина, Молдово ва Арманистон ба вуҷуд омадаст ва ҳеҷ монеае барои инкишоф додани муносибатҳои дутарафа вуҷуд надорад. Мо бояд муваффақ ба он шавем, ки сатҳи муносибатҳои дуҷонибаамонро бо ин давлатҳо ба дараҷаи робитаҳои бисёрҷонибаамон бардорем.

Имрӯз дар муносибатҳои давлатии мо бо ин кишварҳо масъалаи татбиқи амалии санадҳои баимзорасида муҳим мебошад. Хусусан, ки ҳам Украина, ҳам Беларус, ҳам Молдово ва ҳам Арманистон ба ҳамкории мутақабилан судманд бо Тоҷикистон майл доранд ва заминаҳои ҳамкории худро бо кишвари мо муайян намуданд. Соҳаҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ: энергетика, саноати маъданҳои кӯҳӣ, алоқаи нақлиёти коммуникатсионӣ ва кишоварзӣ хоҳад шуд.

Украина кишвари бисёр муҳим ва асосӣ дар минтақаи аврупоии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб меравад ва имкони дар ояндаи наздик ба яке аз кишварҳои пешраф-

таи Аврупо табдил шуданро дорад. Бо назардошти ин омил барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудани робитаҳои ҳасанаи наздик ва босубот бо ин мамлакати дорои аҳамияти стратегӣ буда, ба манфиатҳои миллии он мутобиқати комил дорад.

Кӯшишҳое, ки Украина дар роҳи инкишофи ҳамоиш, тақвияти ҳамкории давлатҳои иштироккунандаи ИДМ дар ҳалли масъалаҳои калидӣ, аз ҷумла фаъолияти ҳаматарафаи минтақаи тиҷорати озод ва тадриҷан гузаштан ба фазои озоди иқтисодӣ мекунад, қобили дастгирист. Феълан робитаҳои дипломатии моро бо Украина Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федерастияи Русия амалӣ мегардонад. Имрӯз зарурат ба боз намудани Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Украина ба вуҷуд омадааст.

Дар нисбати давлатҳое, мисли Озарбойҷон, Гурҷистон, Латвия, Литва, Эстония, ки мо мехоҳем бо онҳо робитаҳои наздик дошта бошем ва пайваста бо онҳо мукотиба мекунем, вале онҳо солҳои сол ҷавоб намегардонанд ва майле ҳам ба ҳамкорӣ бо мо зоҳир намекунанд, чӣ кор бояд кард. Дар ин маврид аз таҷрибаи кишвари мисли Тоҷикистон хурд Шоҳигарии Белгия истифода бояд бурд. Давлати Белгия бошуурона доираи робита ва ҳамкориаш бо мамлакатҳои хориҷиро маҳдуд нигоҳ медорад ва танҳо бо он кишварҳое муносибат мекунад, ки ба манфиатҳои миллиаш созгор мебошанд ва хоҳиши ҳамкорӣ бо онро доранд. Мо бояд аз паи шаклу намудҳои нави наздикӣ бо он кишварҳо шавем ва ё аз ҳамкорӣ бо онҳо муваққатан худдорӣ намоем.

ФАСЛИ СЕЮМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ҒАРБӢ

Зарурати суръат бахшидан ва бомуваффақият ба охир расонидани раванди ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар Тоҷикистон оғоз гардида буд ва ҳар чи зудтар ворид шудан ба ҷомеаи байналмилалӣ ва пайдо намудани ҷойи муносиб дар он тақозо мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафта ба бонуфузи Аврупо ва минтақаи Амрико, дар навбати аввал бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Канада, Испания, Утриш ва ғ. робитаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намояд ва онро ба яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии худ табдил диҳад. Зеро маҳз бо ҳамин восита кишвари тозаистиқлоли мо метавонад бо истифода аз таҷрибаи бои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ, фарҳангӣ ва давлатдории онҳо ба ислоҳоти иқтисодии хеш ва аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, тарбияи мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисод ва бонк, ба бунёди ҷомеаи демократӣ ва озод муваффақ гардад. Барои ин дар марҳилаи аввали муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишварҳо барои дипломатияи навташкили тоҷик ёфтани манфиатҳои муштарак бо ин давлатҳо ва нуқтаҳое, ки моро бо ҳам мепайванданд, хеле муҳим буд.

Раванди барқарории робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои Аврупо ва минтақаи Амрико то имрӯз се марҳилаи асосиро паси сар намудааст. Марҳилаи якум аз замони дарёфти истиқлолияти давлатии кишвари мо шурӯъ гардида, то анҷоми муваффақонаи Музокироти сулҳи байни тоҷикон давом намудаст (9 сентябри 1991 – 27 июни 1997); Марҳилаи дуввум давраи татбиқи «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон»–ро дар бар мегирад, ки ба солҳои фаъолияти Комисияи оштии миллӣ (15 сентябри 1997 – 1 апрели 2000); ва, ниҳоят, марҳилаи сеюм аз поёни фаъолияти Комисияи оштии миллӣ то имрӯз, ки солҳои аввали ҳазораи саввумро дар бар мегирад.

Марҳилаи аввал даврае буд, ки кишварҳои ғарбӣ баробари эътирофи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ пас аз гузаштани 4-5 моҳ яке паси дигар ба барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо кишвари мо ва боз намудани сафоратхона ва намояндагиҳои хеш дар ш. Душанбе сар карданд. Дар соли 1992 Тоҷикистон бо ИМА (14 феврали 1992), Фаронса (2 марти 1992), Олмон (12 марти 1992), Куба (25 марти 1992), Утриш (25-26 марти 1992), Руминия (июли 1992) ва ғ. робитаи дипломатӣ барқарор намуд. 16 марти 1992 Сафорати Амрико ва 10 июни 1993 Сафорати Олмони федералӣ дар Душанбе ба фаъолият сар карданд. Ба узвияти созмонҳои бонуфузе, мисли Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (МАҲА) дар таърихи 26 феврали 1992 ва Созмони Милали Муттаҳид дар рӯзи 2 марти 1992, пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, табиист, ки ба раванди барқарории робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои он бо кишварҳои Аврупо ва қитъаи Амрико суръат бахшид. Дар як муддати кӯтоҳ ба Душанбе ҳайатҳои расмии ҳукуматҳои Куба (16-17 январи 1992), Фаронса (2 марти 1992), Руминия (21-22 июли 1992), ИМА (12-14 апрели 1992) ва ғ. ташриф оварданд.

Вале бисёр афсӯс, ки муқовиматҳои сиёсии нерӯҳои сиёсӣ ва мардумии Тоҷикистон ба муқовиматҳои низомӣ оварданд ва оқибат дар 5 майи 1992 бисёр задани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ гардиданд ва табиист, ки вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии нооромии Тоҷикистон бар раванди барқарории робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷа, аз ҷумла бо Аврупо ва Амрико таъсири манфӣ расонд. Оғоз ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати гуманитарии он, мавҷудияти миқдори зиёди гурезаҳои дохилӣ ва хориҷӣ боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳои минтақа, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид. Дар ш. Душанбе Дафтари Намояндагии нозирони СММ (1 феврали1993) ва Намояндагии МАҲА (марти 1994) ифтитоҳ гардиданд. Аксарияти кишварҳои ғарбӣ мунтазири натиҷаҳои Музокироти сулҳи байни тоҷикон буданд, ки 5 апрели 1994 дар Маскав оғоз гардида буд. Онҳо барқарор ва идомаи ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодиро ба пешравиҳои

тарафҳои даргир ва дигаргуниҳои демократӣ дар кишвар алоқаманд карда, аз робитаҳои густурда ошкоро худдорӣ менамуданд ва муносибатҳои худро дар сатҳи ёриҳои башардӯстона нигоҳ медоштанд.

Бо анҷоми муваффақонаи Музокироти сулҳи байни тоҷикон марҳилаи дуюми муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Амрико сар мешавад. Дар ин давра якуякбора таваҷҷӯҳи Ғарб ба Тоҷикистон, ба кишваре, ки роҳи ҳалли мусолиматомези низои дохилиро пеш гирифт ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ, дар зарфи 5 сол дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла Аврупо ва Амрико, ба дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ муяссар шуд, бештар гардид. Як далели равшани он ин аст, ки соли 1997 43 ҳайат ва соли 1998 63 ҳайати кишварҳои хориҷӣ, ба шумули Аврупо ва Амрико, дар сатҳҳои гуногун ба Душанбе ташриф оварданд. Дар ин марҳила миқдори давлатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд, ба 125 – то расида, 92 мамлакат бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд. Дар ш.Душанбе 11 Сафорат ва Намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ фаъолият доштанд. Дар навбати худ сафоратхона ва намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА, Олмон, Утриш, Швётсария, Белгия, Чехия ва Словакия амал мекарданд.

Мӯҳтавои марҳилаи сеюми муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ғарб – Амрико ва Аврупоро ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 дар ИМА, ташкили Иттиҳоди байналмилалии зидди террор ва оғози амалиётӣ низомии он дар Афғонистон ва масъалаи бозсозии баъдазнизоии Афғонистон муайян менамояд. Тоҷикистон, ки роҳбарони он ҳанӯз хеле барвақт аз рух додани ҳодисаҳои фоҷиабори 11 сентябри 2001 аз хатари режими «Толибон», терроризми байнамилалӣ, ифротгароии динӣ, истеҳсол ва интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир дар Афғонистон бонги изтироб мезаданд, аз аввалин кишварҳои минтақа буд, ки бидуни ҳама гуна қайду шарт аз Иттиҳоди байналмилалии зидди террор бо сардории ИМА ва иттифоқчиёнаш дар НАТО ҷонибдорӣ кард ва иҷозати истифода аз хок ва фазои кишварашро дод. Мавқеи устувори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қазияи Афғонистон ва даст-

гирии ҳаматарафаи он аз амалиёти зиддитеррористӣ дар он кишвар, ҳамчунин кӯшишҳои пайгирона дар бозсозии баъдазнизоии он эътибор ва мақому манзалати мамлакати моро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати як давлати қобили эътимод ва дорои сиёсати хориҷии созанда афзоиш дод. Вазир оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Фаронса Шарл Жоселан 23 ноябри 2001 дар мулоқот бо Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов тасдиқ карда буд, ки «эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон афзоиш меёбад, эътирофи нақш ва ҷои он дар равандҳои сулҳофаринии минтақа бештар мегардад».[1] Сенатори маъруфи амрикой Ҷозеф Либерман замоне, ки дар раъси як ҳайати Сенати Конгресси ИМА дар Душанбе ташриф дошт, рӯзи 7 январи 2002 дар вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов эътироф карда буд, ки «Сардори Давлати Тоҷикистон пештар аз бисёр роҳбарони давлатҳои ҷаҳон, ба шумули ИМА, ба таври амиқ ва муносиб тамоми хатари сиёсати режими «Толибон»-ро барои минтақа дарк ва баҳо дода, на як бору ду бор эҳсоси хатари худро аз мавҷудияти таҳдиди густурдаи террористӣ аз тарафи Афғонистони толибӣ дар минбарҳо ва форумҳои бонуфузи байналмилалӣ иброз медошт ва пешниҳод мекард, ки перомуни Афғонистон «камарбанди амниятӣ» эҷод карда шавад».[2] Тони Блейер Сарвазири Британияи Кабир ба ифтихори 10-солагии барқарории робитаҳои дипломатии кишвараш бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми худ ба номи Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон пас аз зикри он ки муносибатҳои ин ду кишвар ба «марҳилаи нав» расиданд, навишатааст, ки «ман дастгирие, ки Шумо дар мубориза бар зидди терроризм дар Афғонистон кардед, табрик мегӯям ва самимона аз нақше, ки Тоҷикистон дар расонидани ёрӣ иҷро намуд, сипосгузорам».[3]

Натиҷаи ҳамин таваҷҷӯҳи беандозаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, хоса кишварҳои Амрико ва Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон буд, ки онҳо ба сиёсати ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии хеш бо кишвари мо таҷдиди назар намудаанд ва хоҳони густариш ва тақвияти онҳо гаштаанд. Луис Мишел раиси вақти Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Аврупо, вазири корҳои

1 Асари зикршуда, с. 302.
2 Асари зикршуда, с. 327.
3 Асари зикршуда, с. 366.

хориҷии Шоҳигарии Белгия дар замина 1 ноябри 2001 дар мулоқоти хеш бо Президенти Тоҷикистон ба таври расмӣ ва бо масъулияти тамом эълом дошта буд, ки «Роҳбарони Иттиҳоди Аврупо ҳоло сиёсати иқтисодӣ ва сиёсатҳои дигари хешро нисбат ба Осиёи Марказӣ, хосса Тоҷикистон, ба хотири фаъол гардонидани онҳо ва самти амалии мусбӣ додан ба онҳо таҷдиди назар мекунад».[1] ҳам ӯ хушхабар расонд, ки барномаи ТАСИС фаъолияташро дар Тоҷикистон аз сар мегирад ва пешниҳод кард, ки то охири соли 2001 гуфтугӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз рӯи тамоми масъалаҳо дар сатҳи нав гузаронида шавад.

Бо истифода аз фазои мусоиде, ки дар робита ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои Аврупо ва Амрико фароҳам омад, Президенти кишвар, Вазорати корҳои хориҷӣ ва муассисаҳои хориҷии он масъалаҳои зарурати густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро ба миён гузоштанд. Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз 22 апрели 1992 ҳангоми мулоқот бо муовини аввали котиби давлатии ИМА Строуб Тэлботт дар Вашингтон гуфта буд, ки кайҳо «вақти аз кӯмакҳои башардӯстона расонидан гузаштан ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ расидааст».[2] Манзури Роҳбари ҷумҳурӣ муносибатҳо бо Амрико буд, аммо дар асл ба робитаҳои мо бо ҳамаи кишварҳои Аврупо ва Амрико дахл дошт. Зеро ӯ ин нуктаи умда дар сиёсати хориҷии кишварашро қариб дар ҳамаи вохӯриву диду боздидҳояш ва сафарҳои расмию кориаш дар ин солҳо таъкид мекард. Президенти Тоҷкистон Э.Ш.Раҳмонов ба Утриш (12 апрели 2000), Италия (9 декабри 2000), Прага (20 ноябри 2002), Фаронса (3-8 декабри 2002), Амрико (8-10 декабри 2002), Олмон (26-29 марти 2003), Белгия (25 марти 2003), Лаҳистон (26-28 майи 2003) ва ғайра сафарҳои расмӣ ва корӣ кард ва дар ҳамаи онҳо бидуни истисно давлатҳои Аврупо ва Амрико ро ба ҳамкориҳои густурдаи иқтисодӣ даъват менамуд.

Сатҳи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Амрико яксон нест. Онро метавон ба се бахш қисмат намуд: 1). ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи мутақобилан судманд бо ИМА, Ҷумҳурии Олмони федералӣ, Фаронса, Швейтсария, Британияи Кабир, Канада, Утриш, Шоҳигарии

1 Асари зикршуда, сай. 320.
2 Асари зикршуда, с.69.

Белгия, Чехия ва ғайра; 2). Ҷустуҷӯи роҳҳои густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва манфиатҳои муштарак бо Лаҳистон, Италия, Маҷористон, Булғория, Словакия, Руминия ва ғайра; 3). Барқарории робитаҳои дипломатӣ ва ҳусни тафоҳум барои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Нидерландия, Норвегия, Дания, Уругвай, Куба, Испания, Шветсия, Финландия ва ғайра.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нахустин мамлакати ғарбиест, ки дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон сафоратхонаи худро дар рӯзи 16 марти 1992 боз намуд. Ин дуюмин сафоратхонаи кишвари хориҷӣ дар Душанбе буд. Аввалин сафоратхонаро Ҷумҳурии исломии Эрон дар 8 январи 1992 ифтитоҳ карда буд. Сафарҳои пайваста ва мунтазами ҳайатҳои гуногуни амрикоӣ, шахсиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ин кишвар ба Тоҷикистон моҳҳои аввали дарёфти истиқлолияти давлатии он, монанди котиби давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷеймс Бейкер (13 феврали 1992), аъзои Конгресси ин кишвар (12-14 апрели 1992), ҳайати ИМА бо сардории намояндаи вижаи Президенти Амрико Сафир Строуб Тэлботт (13 сентябри 1993), бо сардории ёвари вижа оид ба расонидани ёриҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ба ИДМ Томас Саймонс (13 октябри 1993), ёвари Котиби давлатии ИМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ Робин Рафел (10-12 ноябри 1993) ва ғайра гувоҳи равшани таваҷҷӯҳи хосса доштани давлати Амрико ба Тоҷикистон мебошад. Зимнан ин таваҷҷӯҳ кам нагардида, сол ба сол, марҳила ба марҳила бештар шудааст.

Иллати таваҷҷӯҳи хоссаи ИМА барин як давлати бузургтарин ва муқтадиртарини ҷаҳони муосир ба як кишвари хурди навистиқлол, монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чист? Гумони ғолиб он аст, ки, пеш аз ҳама, мавқеи муҳимми стратегияи кишвари мо, ки дар байни Федератсияи Русия, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Афғонистон ва дар наздикии Ҷумҳурии исломии Эрон қарор гирифтааст, диққати Амрикоро, ки бо Русия, Чин ва Эрон барои дар минтақаи Осиёи Марказӣ нуфуз пайдо намудан рақобат дорад, ҷалб кардааст. Ба ин омил рӯзноманигори машҳури покистонӣ ва донандаи хуби минтақа Аҳмад Рашид дар яке аз мақолаҳояш дар «Daily Telegraph» баъд аз диданаш аз Тоҷикистон дар моҳи декабри 2005 ошкоро чунин ишора

намудааст: «Давлати Осиёи Марказӣ Тоҷикистон меҳвари версияи нави Бозии бузурги асри XXI мебошад, ки ба он Амрико, Русия ва Чин ворид гардидаанд».[1] Сониян, Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ кишвари асосист, ки дар сафи пеши мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир қарор дошт. Тавфиқ ёфтани Тоҷикистон дар ин мубоизаи муҳим ба манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Амрико дар минтақа, мувофиқати комил дошт. Солисан, Тоҷикистон мамлакатест, ки аввалин бомбаи атомии шуравӣ аз урани он сохта шуда буд ва Амрико манфиатдори он аст, ки кишварҳои ҷудогона, дар айни маврид Эрон ба яроқи қатли ом даст наёбанд. Фавран ба дунболи Ҷумҳурии исломии Эрон ворид гардидани Амрико ба Тоҷикистон ва ҳузури дипломатии худро амалӣ кунонидани он ҳаргиз тасодуфӣ нест.

Дар навбати худ Амрико барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати пурқудрат ва пешрафтаи дунё, дорои мақом ва эътибори фавқулода дар равандҳои ҷаҳони муосир, иқтисод ва технологияи пешқадамтарин хеле муҳим мебошад. Аз ин сабаб ҳукумати Тоҷикистон, роҳбарони он, дипломатияи тоҷик пайгирона кӯшиш мекунанд, ки бо ин мамлакат робитаҳои ҳасанаи наздик ва босубот ва ҳамкориҳои густурда дошта бошанд ва онро ба шарикии стратегии дарозмуддат табдил диҳанд.

Боиси қаноатмандист, ки робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сол ба сол, марҳила ба марҳила қавӣ гардида, вусъат гирифт, гуногунҷабҳа шуд ва ба сатҳи нав баромад ва дар ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, таҳкими амният, ҳифзи сарҳади давлатӣ, мубоизаи зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва терроризми байналмилалӣ нақши муҳим бозид. Ин кишвар яке аз мададрасонҳои асосӣ ба ҷумҳурии мо ба шумор меравад. Аввлин парвози ҳавопаймои амрикоӣ бо кӯмакҳои башардӯстона ба майдони ҳавоии Душанбе ҳанӯз 5 феврали 1992 сурат гирифта буд. Аз он вақт то ба имрӯз ҳаҷми кӯмакҳои башардӯстонаи ин мамлакат (ғалла, дорувориӣ, тарбияи кадрҳо ва ғайра) ба миллиардҳо доллари амрикоӣ мерасад. Саҳми ИМА дар дарёфти сулҳу оштӣ низ

1 Ахмед Рашид. Страна – трофей в новой великой игре. – Центр Азия.Ru, 30 декабри 2005.

кам нест. Аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ кардани Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон, Комиссияи муштараки оташбас ва ғайра боиси анҷоми бобарори раванди сулҳ дар ҷумҳурӣ гардидаанд. Ин кишвар ҳамчунин ҷумҳурии моро дар институтҳои молиявии байналмилалӣ, мисли Бунёди байналмилалии асъор ва Бонки умумиҷаҳонӣ ва ғайра дастгирӣ намуд, ки боиси суръат бахшидан ба раванди ислоҳоти иқтисодӣ шуд. Ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон майл намудани Амрико дар 2-3 соли охир падидаи нек аст. Оғози бунёди пули калони болои дарёи Панҷ, ки марзи моро ба хоки Афғонистон мепайвандад (18 июни 2005) ва эъломи иштирок дар сохтмонҳои бузурги гидроэнергетикии ҷумҳурӣ далели он мебошад.

Сафари расмии нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Вашингтон (8-10 декабри 2002) ва сафари корӣ Вазири корҳои хориҷии кишвар Т.Назаров ба Амрико (2004) ва мулоқоте, ки дар ҷараёни онҳо бо мақомоти давлатии ИМА баргузор гардидаанд, аз ҷумла бо Президенти ин мамлакат Ҷорҷ Буш эътимодро ба густариши ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ бо ин кишвар дар дурнамои наздик бештар мегардонад. Ва он ба манфиатҳои миллии мо комилан мутобиқат дорад.

Мутаассифона, майли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариш ва тақвияти робита ва ҳамкориҳои иқтисодии худ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гоҳо ғаразмандона шарҳу тафсир меёбад ва қасдан таҳриф мешавад.[1] Баъзе аз коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин нерӯҳои сиёсии ҷудогонаи кишвар пешгӯиҳои беасос ва овозаҳои боғаразеро дар замина карданд, ки гӯё роҳбарияти Тоҷикистон сиёсати дурӣ аз Федератсияи Русия - шарики стратегии худ ва наздикӣ ба ИМА-ро ба ивази пули калон 1 млрд $ пеш гирифтааст ва омода ҳаст, ки дар хоки худ пойгоҳи низомии ин кишварро ҷой диҳад ва майдонҳои ҳавоии хешро дар ихтиёри нерӯҳои ҳавоии он гузорад. Ин гуна тахми-

1 Х. Д. Самиев. Таджикско-американские отношения: перспективы и приоритетные направления сотрудничества.- Материалы международной научно-практической конференции «Интеграция Таджикистана в мировое сообщество». - Д., с.77; Д. Назиров. Любить по-американски, или информационная война против Таджикистана.- газ. «Бизнес и политика», 8 августи 2003; С. И. Чернявский: Центральная Азия в эпоху перемен- 2, 2004; А. Б. Баховадинов. Таджикистан: динамика геополитических и национальных интересов.-Таджикистан и современый мир, №2, 2003.

ну овозаҳо махсусан дар арафа ва ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Вашингтон (8-10 декабри 2002) бештар гардида буданд. Дар ин кор махсусан воситаҳои ахбори умуми Русия беш аз ҳама пешдастӣ доштанд.

Ба маврид аст, ки вобаста ба гуфтаҳои боло чанд мулоҳизаро дар бораи ҳузури дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии ИМА дар минтақа ва ҷумҳурӣ баён намоем. Зеро ғолибан боиси сӯъитафоҳуми зиёд ва шарҳу баён ва баҳодиҳиҳои яктарафа гардидааст.

Бо оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар таърихи 7 октябри 2001 ва ҷой гирифтани ҳайати низомии Амрико ва муттаҳидонаш дар минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронӣ ва ташвиши баъзе аз кишварҳои манфиатдор, пеш аз ҳама, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷумҳурии исломии Эрон, ҳамчунин нерӯҳои сиёсии муайян дар хориҷ ва дохили минтақа якбора зиёд шуд. Чунин тасаввуре ҳосил мешавад, ки чунин сурат гирифтани воқеаҳоро ва оқибати онҳоро касе чашмингизор набуд ва гумон ҳам намекард. ҳол он ки рафти воқеаҳо ба ҳамин самт буд. ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 дар Амрико ба ин раванд танҳо суръат бахшиданд. Гап дар он аст, ки агар он ҳодисаҳои фоҷеабор дар Амрико рух намедоданд ҳам, манзараи геополитикии Осиёи Марказӣ моҳиятан оқибат чунон ки имрӯз ҳаст, ҳамон тавр мебуд. Инро надидан имкон надошт.

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва пеш аз ҳодисаҳои 11 сентябри 2001 бо суръати тамом ворид гардидани «кишварҳои сеюм», аз он ҷумла ИМА, ба минтақаи геостратегии евроосиёии босуръат тағйирёбанда – Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасид. Ин кишварҳо бо давлатҳои навистиқлоли Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд, сафоратхона ва намояндагиҳои худро боз карданд, созишномаву шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва низомӣ ба имзо расониданд, роҳҳои ҳавоӣ ва заминӣ боз намуда, заминаро барои сафарҳои ҳайатҳои расмӣ ва соҳибкоронашон омода карданд. Пойтахти чанде аз давлатҳои Осиёи Марказӣ, мисли шаҳрҳои Олмати, Бишкек ва Тошканд, ба маънои ҳақиқии

ин калима, ба марказҳои аслии дафтари кории бисёр созмонҳои байналмилалии ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ табдил ёфтанд.

Роҳи демократии тараққиётро интихоб намудани бисёр давлатҳои минтақа пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ворид шудани бесуръати арзишҳои ғарбию амрикой-тафаккури либерализм, рақобат, демократия, бисёрандешӣ ва иқтисоди бозорӣ мусоидат намуд. Равандҳои демократие, ки аз даврони Гармои хурушёвӣ ва Бозсозӣ ва Ошкорбаёнии горбачевӣ оғоз гардида буданд, такони нав ба инкишофи минбаъда гирифтанд. Дар аксари ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ташаккули институтҳои демократӣ сар шуд: бисёрҳизбӣ, интихоботи демократӣ, парламентаризм, воситаҳои ахбори умуми озод, СҒД ва ғ.

Ҳамин тавр, вуруди «кишварҳои сеюм», аз он ҷумла ИМА ва ҳамиттиҳодҳои он, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳои минтақа дар қаламрави пасошуравӣ омили воқеӣ шуд ва ба нуфуз ва нақши кишварҳои манфиатдори анъанавӣ, монанди Русия, Чин ва Эрон таъсири муҳиме расонд. Инро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон инкор кард.

Федератсияи Русия ва дигар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ дар он давра асосан танҳо бо ҳалли масъалаҳои дохилии худ гирифтор буданд. Аксарияти онҳо, аз ҷумла Русия, нисбат ба ҳамиттиҳодҳои собиқи худ сиёсати хориҷии возеҳ надоштанд. Роҳбарони онвақтаи идораҳои сиёсати хориҷии Русия ва кишварҳои дигари ИДМ ғолибан, ба таъбири сиёсатшиноси русӣ Андроник Мигранян гӯем, «импровизиатсия» мекарданд. Чун натиҷа ин мамлакатҳо ё фақат ба Ғарб ва ё танҳо ба Шарқ рӯ оварда буданд. Ва муносибат бо кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла бо давлатҳои Осиёи Марказиро, афзалият намедоданд.

Дар ин вазъияти геополиткии ба вуҷудомада комилан табиист, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ, ба шумули Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хотири таъмини амнияти манфиатҳои миллӣ, ҳифзи истиқлол ва тамомияти марзии худ роҳи наздик шудан бо «кишварҳои сеюм» ва равнақ ва амиқ гардонидани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо онҳоро пеш гирифтанд. Ин ҳеҷ бадие надорад. Хусусан ки ин робитаҳои онҳо бо «кишварҳои сеюм», дар айни замон Амрико, бар

зидди манфиатҳои мамлакатҳои дигар нигаронида нашудааст.

Аз ин сабаб он ҳаёҳуе, ки баъзе аз ин васоити ахбори умум, сиёсатмадорон ва сиёсатшиносони давлатҳои манфиатдор дар атрофи ҳузури «кишварҳои сеюм» дар Осиёи Марказӣ умуман, ҳузури низомии онҳо хосатан, бардоштанд, беҳуда аст. Гоҳо кор ба дараҷаи мазамати қаҳру ғазаболуд, бадном кардани халқҳои алоҳида ва роҳбарони онҳо ба курнамакӣ, хиёнат ва дуруягӣ ҳам расидааст. Касе бо номи Василий Сафрончук муаллифи мақолае зери унвони маънодори «Як туфи дигар ба рӯи Русия» дар рӯзномаи «Советская Россия» дар таърихи 16 январи 2002 бо шикоят аз «Кремл ки ба Вашингтон имкон дод, ки дар Осиёи Миёна ҷои бигирад», бо ҳақорат чунин навиштааст: «Сардорони худфурӯхтаи режимҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна таги Иёлоти Муттаҳида мехобанд». Албатта, гуфтаҳои ҷаноби Сафрончук ҳаргиз баёнгари мавқеи расмии мақомоти расмии Федератсияи Русия нест ва мисли ӯ барин гумроҳон ва кӯтоҳназарон дар ҷомеаи русӣ миқдори ночизеро ташкил медиҳанд. Сарфи назар аз ин, ингуна навиштаҳо ва гуфтаҳо дар ҷомеа тасаввуроти барғалатеро эҷод мекунанд.

Тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳайси аъзои Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун узви ИДМ амали худро бо шарикони хеш, аз ҷумла роҳбарони Федератсияи Русия, ҳамоҳанг сохта буданд. Дар ин бора аз ҷумла Президенти собиқи Қирғизистон А. Акаев 12 феврали 2002 дар ҷавоб ба саволи рӯзноманигори «Независимая газета» дақиқан чунин иброз дошта буд: «ҳамаи амал ва иқдомоти мо пас аз машварат ва ҳамоҳангӣ бо Русия карда шуданд». Дар бораи он, ки дастгирӣ аз амалиёти зиддитеррористӣ мавқеи усулии Федератсияи Русия буд, президенти ин кишвар В. Путин дар паёми ҳамасолааш ба Маҷлиси федералии мамлакат ёдовар шуд, ки мувофиқи он инфраструктураҳои хоки Русия ва дар қаламрави кишварҳои Осиёи Марказӣ буда дар ихтиёри нерӯҳои амрикоӣ ва ҳамиттиҳодҳояш дар НАТО қарор гирифт. Таври дигар ҳам шуданаш имкон надошт. Зеро давлатҳои Осиёи Марказӣ ба сифати аъзои ИДМ ва СШАД дар назди давлатҳои дигари аъзои ин созмонҳо масъулияти муайяни

ҳамиттиҳодӣ доранд ва ба он усул содиқанд. Гузашта аз ин ҳама, тавре ки маълум аст, Тоҷикистон ва Қирғизистон барои худ Русияро шарики стратегӣ интихоб намуда, Қазоқистон ва Ӯзбекистон муносибатҳои худро ба Маскав афзалият медонанд.

Онҳое, ки мехоҳанд муносибатҳои ҳамзамони моро ҳам бо Федератсияи Русия, ҳам бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҳам бо Ҷумҳурии мардумии Чин ва ҳам бо Ҷумҳурии исломии Эронро ғаразмандона шарҳу тафсир диҳанд ва ё қасдан таҳриф намоянд, бо иштибоҳи бузург роҳ медиҳанд. Чунки муносибати ҳасанаи Тоҷикистон бо Русия, Чин ва Эрон ҳаргиз ба доштани айнан чунин муносибат бо Амрико ва ҳамиттиҳодҳояш халал намерасонад ва ё баръакс. Муҳим он аст, ки дар ин муносибат манфиатҳои миллии ҳамаи тарафҳо риоят шавад.

Табиист, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Осиёи Марказӣ ба шумули Тоҷикистон, Украина ва Қафкоз ғаразҳои маълуми геополитикӣ дорад. Агар аз қавли Збигнев Бжезинский бигӯем, «Осиёи Марказӣ мавриди рақобати байналмилалӣ гардид». ҳамчунон, ки Русия, Чин, Эрон, Туркия ва кишварҳои дигар низ доранд. ҳамаи онҳо мехоҳанд, ки дар ин минтақаҳои муҳимми стратегӣ нуфуз дошта бошанд, манбаъҳои маводи сӯхт ва неруӯдиҳанда, хатҳои убури газу нафт, барқ, комуникатсияро зери назари худ бигиранд ва бо ҳамин ният пойгоҳҳои низомӣ месозанд ва мехоҳанд, ки низомҳои сиёсии минтақа ба низомҳои сиёсии онҳо монанд бошанд. Қисме аз онҳо, аз ҷумла ИМА, ин корро зери шиорҳои демократия, ҳуқуқи башар, интихоботи озод амалӣ мекунанд, гурӯҳи дигар, мисли Чин, Русия ва ғайра зери шиорҳои ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои судманд. Дар ҳарду ҳолат ҳам дар паси ин шиорҳо ғаразҳое пинҳон мебошанд. Аз ин сабаб мо наметавонем, ки бо яке рӯи хуш диҳему дигареро аз остонаи хонаамон пеш кунем. Мо бояд андозаро нигоҳ дорем, то ба манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегиямон аз ягон тарафе зараре нарасад. Чунонки тоҷикон дар чунин мавридҳо мегӯянд: ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад. Дипломати номии Амрикой Генри Киссинҷер муаллифи китоби «Дипломатия» як гуфтаи президенти вақти Амрико Никсонро дар мавриде иқтибос овардааст, ки он ин аст: «ҳадафи мо дар навбати аввал

иборат аз он аст, ки манфиатҳоямонро дар дарозмуддат ба воситаи сиёсати хориҷии солим тақвият диҳем. ҳар қадар ки ин сиёсат ба арзёбии воқеии манфиатҳои мо ва бегона қарор бигирад, ба ҳамон андоза нақши мо дар олам босамартар мегардад».[1]

Сафорати Олмони федералӣ дар Душанбе, ки расман 10 июни 1993 ифтитоҳ гардид, аввалин намояндагии дипломатии кишварҳои аврупой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Як сол пештар ин ду кишвар байни ҳам Протокол оид ба робитаҳои дипломатиро дар таърихи 12 марти 1992 ба имзо расонида буданд. 29 августи 1992 сарвазири собиқи ҳукумати Тоҷикистон Акбар Мирзоев Кордори муваққати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Олмон муқаррар гардид.

Таваҷҷӯҳи давлати Тоҷикистон ба Олмон аз миёни кишварҳои аврупой бар он асос ёфтааст, ки онро ҳамчун мамлакати пешқадами аврупой ва аз ҷиҳати саноат тараққикардаи дунё, ҳамчунин ташаббускори дигаргуниҳои зиёде дар он минтақа ва яке аз ташаккулдиҳандагон ва амаликунандагони сиёсати хориҷии умумиаврупой мешиносад ва эътимод бар он дорад, ки барори сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо бисёре аз кишварҳои аврупой, бо ИА, НАТО, САҲА аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи ҳамкориҳои он бо Олмон вобаста мебошад.

Дар навбати худ Ҷумҳурии Олмони федералӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари шарики худ пазируфта, робитаҳои дуҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро бо ҷумҳурии мо фаъолона инкишоф дод, то ки ба рушди равандҳои демократӣ ва иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон мусоидат намояд. Боз шудани хатти парвози Душанбе-Мюнхен заминаи мусоиде барои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҳам бо Олмон ва ҳам бо дигар кишварҳои аврупой гардид. Бо мусоидати ин мамлакат иштирок намудани ҳайати тоҷикӣ дар намоишгоҳи байналмилалии ЭКСПО – 2000 дар шаҳри Ҳанновер ва дар он ҷой гирифтани павилони тоҷикӣ боиси ҷалби таваҷҷӯҳи соҳибкорони он кишвар ба ҳамкорӣ бо ҷумҳурии мо гардид.

Сафари вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Олмони федералӣ Йошка Фишер ба Душанбе (20 октябри 2001), ки дар ҷараёни он ҷониби тоҷикӣ тақозои аз ҳамкориҳои гу-

1 Генри Киссинджер. Дипломатия. – М., 1997, с. 646.

манитарӣ гузаштан ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ намуда буд ва ҳам сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Олмон (26-29 марти 2003) такони азиме ба ҳамкориҳоии иқтисодии ҳарду кишвар дод. Канцлери Ҷумҳурии Олмони федералӣ Герхард Шредер сафари расмии Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистонро «олӣ» арзёбӣ намуда, онро дар муносибатҳои ҳарду мамлакат «дастоварди» шуморид. Дар воқеъ, ба шарофати ин сафар робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Олмон ба сатҳи сифатан наве бардошта шуд. Исботи бевоситаи он сафари расмии ҳайати сохибкорони Олмон зери сарпарастии Кумитаи шарқии иқтисодии Олмон ва вазири федералии иқтисод ва меҳнати он кишвар дар моҳи майи 2003 ва баргузории навбатии гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои молиявӣ ва техникӣ дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Олмони федералӣ дар 26-27 октябри 2004 дар Душанбе мебошад ва аз азми қатъии ҳукумати он кишвар ба барқарор ва густариш додани ҳамкориҳои иқтисодии ҳамаҷониба бо Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Олмон дар байни кишварҳои ғарбӣ дар кори расонидани ёрӣ ба Тоҷикистон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Далели он қарори ҳукумати ин мамлакат дар бораи ҷудо намудани 20 млн. 144 ҳазор евро ба ҳамкориҳои техникӣ, молиявӣ, таъмини озуқа, 1 млн. евро ба бунёди маркази тарбияи мутахассисон ва тадқиқ, 1 млн. евро ба лоиҳаи маълумоти ибтидоӣ дар ҷумҳурӣ, 1 млн. 500 ҳазор евро барои таҳкими асоси моддӣ ва техникии низоми таъдурустӣ дар соли 2002, 5 млн. евро барои амалӣ намудани лоиҳаи «Таъсиси бунёди хадамоти коммуналӣ барои мусоидат ба маълумоти мактабӣ» дар соли 2003 ва 20 млн. евро дар соли 2004, аз он ҷумла барои бозсозии дастгоҳҳои тақсимкунандаи истгоҳи обию барқии Норак мебошад.

Созмони ғайридавлати «Агроаксияи Олмон» (АКО) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расонидани ёриҳои башардӯстона 15 сентябри 1999 ба кор сар карда буд. Ва дар тӯли 12 соли фаъолияташ корҳои зиёдеро ба анҷом расонид, мисли обрасонӣ ва ғайра.

Яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Олмон иштироки якҷояи онҳо дар босозии иқтисоди ҷангзадаи Афғонистон мебошад.

Агарчи робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Олмон марҳила ба марҳила пеш меравад ва ба сатҳи баландтаре мебарояд, ҳанӯз ҳам ҷавобгӯи пурраи имкониятҳои ҳардуи кишвар нест.

Протоколи барқарории робитаҳои дипломатӣ дар байни **Ҷумҳурии Фаронса** ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро Котиби давлатии ин кишвар оид ба корҳои хориҷӣ Алэн Вивен дар таърихи 2 марти 1992 ба имзо расонида буд. Аммо ҳамкориҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Фаронса хеле дертар оғоз гардидаанд. Аниқтараш пас аз шурӯи амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон. Дар соли 2001 дар Душанбе ба фаъолият сар кардани Намояндагии дипломатии ин давлат тасдиқи он мебошад. Фаронса узви фаъоли Иттиҳоди байналмилалии зиддитеррористӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам ин ҳамкориҳо вобаста ба масъалаҳои низомӣ аст. Аз оғози амалиётҳои низомӣ роҳбарони ҷумҳурӣ розӣ шуданд, ки ҳайати низомии маҳдуди ин кишвар дар ш. Душанбе ҷойгир шавад.

Агарчи робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Фаронса ҳанӯз аз замони Иттиҳоди Шуравӣ шурӯъ шуда буд. ҳайати муҳандисон ва мутахассисони фаронсавӣ дар бунёди корхонаи арзизи шаҳри Турсунзода саҳм доштанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ аз оғози даврони истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Фаронса ҳамчун яке аз кишварҳои муҳим дар Аврупо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлати демократии тараққикарда, узви фаъоли Иттиҳоди Аврупо ва САҲА мақоми хосаеро қоил аст.

Ба фаъол ва густурда гардидани муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва Фаронса сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Париж дар таърихи 3-8 декабри 2002, ки нахустин сафари расмии ӯ ба кишварҳои ғарбӣ буд, сабаб гардид. Зеро маҳз дар ҷараёни ҳамин сафар асоси ҳуқуқӣ ва шартномавии ҳамкориҳои густурда дар соҳаҳои гуногун байни ин ду мамлакат гузошта шуд. Он вақт як силсила санадҳои муҳим ба имзо расиданд: монанди Созишнома дар бораи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмию техникӣ, Созишнома дар соҳаи амнияти дохилӣ, Созишнома дар бораи дастгирӣ ва ҳифзи маблағгузорӣ ва ғайра. Сардори Давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ замоне, ки дар Париж буд, изҳори умед карда буд, ки баъд

аз ин «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар ҳамкориҳои дарозмуддати мабнӣ бар шарики уфуқҳои тозаеро боз мекунанд».[1] Пеш аз сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Париж ва пас аз он ҳайатҳои зиёди тарафайн сафарҳо доштанд, мисли вазир оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Фаронса Шарл Жоселан (23 ноябри 2001), вазири дифои Фаронса Ален Ришар (2 январи 2002), Сардори ситоди нерӯҳои мусаллаҳи Фаронса Жан-Пер Клеш (21 январи 2002), вазири корҳои хориҷии Фаронса Галузо Де Вилпен (3 сентябри 2002), вазири нави дифои Фаронса хонум Мишел Ало Мари (30 декабри 2002), вазири тиҷорати хориҷии Фаронса Франсуа Лоос (15 марти 2003), сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров (марти 2001) ва ғайра, ки аз густариши ҳамкориҳои ду кишвар гувоҳӣ медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар сӯҳбати телефоние, ки 22 январи 2002 бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса Жак Ширак дошт, зимни баррасии ҳолати робита ва ҳамкориҳои дуҷонибаи кишварҳоямон дар ҷавоб ба пешниҳоди Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон дар бораи ҷанбаи амалӣ додан ба муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса ва таъкиди зарурати ҷалби сармоя ва технологияи Фаронса ба иқтисоди Тоҷикистон ва тақозои ҳимоят дар бастани Созишнома байни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо Президенти Фаронса Жак Ширак гуфта буд, ки «мо Шуморо ба ҷонибдорӣ бовар мекунонем».[2]

Инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо Ҷумҳурии Фаронса дар чаҳорчӯбаи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Давлати моро зарур аст, ки ҳарчи тезтар масъалаи боз намудани сафорати хешро дар ин кишвар ҳал бикунад. Зеро идома ва сатҳи муносибатҳои давлатии мо аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти он вобаста мебошад. Вагарна бо фаро расидани оромӣ ва эътидол дар Афғонистон ва анҷом ёфтани фаъолияти ҳайати низомии Фаронса дар Душанбе сатҳи робитаву ҳамкориҳои мо бо ин давлати аврупой коҳиш хоҳад ёфт.

1 Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе, с. 421.
2 Асари зикршуда, с. 332.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дигари аврупой ва амрикой, аз қабили Британияи Кабир, Норвегия, Утриш, Шоҳигарии Белгия, Канада, Италия, Испания, Швецсия, Дания, Лаҳистон, Швейтсария, Руминия, Булғория, Маҷористон ва ғайра асосан дар доираи фаолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, мисли СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо ва ғайра сурат мегирад. Самти ҳамкориҳои дуҷонибаи мо бо ин кишварҳо дар нисбати имконияте, ки тарафҳо доранд, паст аст. Дар Утриш ва Белгия сафорат доштани Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба хотири он аст, ки дар пойтахти ин кишварҳо Маркази СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо ва НАТО фаъолият доранд.

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ҶАНУБУ ШАРҚИ ОСИЁ

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастёбӣ ба бозори бо суръат тараққикунандаи технология, маводи хом ва маҳсулоти саноатӣ тақвияти муносибатҳои мутақобилан судманди ҳамаҷонибаро бо кишварҳои Ҷанубу Шарқи Осиё, монанди Ҷумҳури сотсиалистии Ветнам, Ҷумҳурии Индонезия, Ҷумҳурии Корея, Малайзия, Ҷумҳурии Сингапур ва Ҷопон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи муносибатҳои давлатии худ бо Ҷопон ба сифати кишвари тараққикардаи минтақа, шарики эҳтимолии муҳим дар тиҷорат, узви «ҳаштгонаи бузург», мамлакати дорои технологияи пешқадам манфиатдор буда, хоҳони доштани ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи мутақобилан судманд ва бунёдӣ дар тиҷорат ва иқтисод мебошад. Барои ҳамин ҳам пайваста кӯшиш мекунад, ки сатҳи ҳамкориҳои худ бо Ҷопонро аз дараҷаи ёриҳои башардӯстона, додани грантҳо, тарбияи мутахассисон, мусоидат дар такмили ихтисос ва ғ. ба пояи ҳамкориҳои густурда ва мутақобилан судманд бардорад. Бо ҳамин ният аз зарурати ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва шартномавии чунин ҳамкориҳо таъкид мекард. Чунончи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов 8 октябри 1999 ҳангоми пазируфтани эътиборномаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Душанбе Кёко Накаяма бо зикри он ки «сатҳи ҳозираи робитаҳои иқтисодии байни ду мамлакат ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест»,[1] диққати ҷониби ҷопониро ба он ҷалб намуд, ки бо вуҷуди он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон робитаи ҳасанаи наздик ва босубот доранд то ҳол «созишномае, ки ҳамкориҳои иқтисодии дуҷонибаро, ба танзим дарорад, нест».[2] Ин нуқс танҳо дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Токио (15-18 майи 2001), ки онро императори Ҷопон Акихито «ҳодисаи муҳим, босамар барои

1 Асари зикршуда, с. 111.
2 Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

инкишофи муносибатҳои Тоҷикистону Ҷопон номид»,[1] рафъ гардид. Он вақт санади бисёр муҳим «Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва Сарвазири он кишвар Дзюничиро Коидзуми дар таърихи 16 майи ҳамон сол ба имзо расид. Ба хотири ҷалби тарафи ҷопонӣ ба ҳамкориҳои ҳамаҷониба ҷониби тоҷикӣ бо хоҳиши Ҷопон дар моҳҳои январ ва октябри 1996 номзадии онро ба узвияти Додгоҳи байналмилали ҳуқуқи баҳрӣ ва узви муваққати Маҷмаи кулли СММ дастгирӣ кард. Дар кори раҳонидани гаравгонони ҷопонӣ аз дасти ҷангиёни ҳаракати исломии Ӯзбекистон дар моҳи октябри 1999 саҳми фаъолона гирифт. Анҷумани дӯстони Ҷопон дар Тоҷикистонро (20 июли 2000) таъсис дод.

Сиёсати давлати Ҷопон дар нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ иборат аст аз расонидани ёриҳои башардӯстона ва мусоидат ба равандҳои демократӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, барқарор намудани иқтисоди миллии Тоҷикистон баъд аз низоъ. Бесабаб нест, ки давлати Ҷопон дар моҳи январи 1994 ба воситаи сафорати худ дар Маскав хабар дод, ки барои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии башардӯстона дар ҳаҷми 2,5 млн. доллари амрикой тайёр аст. Дар моҳи августи ҳамон сол ҳукумати он кишвар розӣ шуд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нисоб (квота) дар чаҳорчӯбаи барномаи «Ёрии расмии рушд» (ЁРР) ба тариқи қарзи дарозмуддат тақрибан 40 млн. доллар амрикой барои 40 сол бо таъхири даҳсолаи пардохти он бо 2-3% солона диҳад. Моҳи январи 1996 ба ҷумҳурӣ ҳайати идораи сиёсати хориҷии Ҷопон бо сарпарастии Сафир оид ба корҳои ҳамкориҳои Осиёиву Уқёнуси Ором Хиромото Сэки ташриф овард ва паёми сардори давлати хешро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов овард, ки дар он аз ҷумла тарафи ҷопонӣ омодагии худро барои расонидани ёрии иловагӣ дар ҳаҷми 2,5 млн дол. амрикой изҳор карда буд. Дар моҳи июни 1996 Ҷопон ба Тоҷикистон дар содироти молҳои кишоварзӣ ва саноатӣ имтиёз дод.

Моҳи октябри 1996 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Назаров дар чаҳорчӯбаи Иҷлосияи 51 Маҷ-

1 Ҳамон асар, с. 286.

маи кулли СММ бо Намояндаи доимии Ҷопон дар назди СММ Хисаси Овада воҳӯрд. Ҷонибҳо ба хулосае омаданд, ки баргузории ҷаласаи Гурӯҳи машваратии намояндагони кишварҳои донори Тоҷикистон дар моҳи октябри 1996 дар Токио зери сарпарастии Бонки умумиҷаҳонӣ ва бо ташаббусси Ҷопон ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва барқарории иқтисоди ҷангзадаи баъд аз низоъ мусоидат хоҳад кард. Маҳз дар ҳамин ҷаласа барои бори нахуст лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки бо мадади коршиносони баёналмилалӣ таҳия гардида буданд, ба диққати иштироккунандагон пешниҳод шуданд. Дар ҷаласаи мазкур ва ҳам дар ҷаласаи баъдӣ Гурӯҳи машваратӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Токио тасмим гирифтанд, ки барои лоиҳаҳои рушди Тоҷикистон 185 млн дол. амрикой ҷудо шавад. ҳангоми сафари Сарвазири вақти Ҷумҳурии Тоҷикистон Я.Азимов ба Ҷопон дар соли 1998 ва диду боздидҳояш бо сарвазири собиқи ин кишвар Рютаро Хосимото, вазири корҳои хориҷиаш Юкихико Икэда, вазири молия ва роҳбарони Иттиҳоди ширкатҳои бузургтарини давлатӣ ва хусусии Ҷопон масъалаи додани қарзҳои боимтиёз, ёрии башардӯстона ва маблағгузориҳои хусусӣ баррасӣ гардид. Ҷониби Ҷопон илова бар 2,5 млн дол. амрикой, ки пештар ёрӣ расонида буд, изҳори омодагӣ кард, ки боз 10 млн дол. амрикой ёрӣ хоҳад дод. Ёриҳои башардӯстонаи Ҷопон асосан ба воситаи Агентии ҳамкориҳои техникии ин кишвар (ЉСА) мерасад, ки аз сол ба сол ҳаҷми он ёриҳо ва мусоидатҳои техникиро дар ҷумҳурӣ афзун мегардонад. 15 феврали 2005 Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории техникӣ ба имзо расид, ки мақоми фаъолияти ЉСА-ро дар Тоҷикистон танзим менамояд. Аз 30 лоиҳае, ки аз тариқи ЉСА барои баррасӣ ба ҳукумати Ҷопон пешниҳод гардида буд, 4-тояш барои татбиқ пазируфта шуд, аз ҷумла лоиҳаи таҷҳизонидани техникии бемористони умумиҷумҳурии ба номи Дяков ба маблағи 4 млн. 800 ҳазор доллари амрикой ва лоиҳаи бунёди роҳи мошингарди Дӯстӣ – Панҷи поён.

Сарвазири Ҷопон Кэйдзо Обучи дар паёми хеш ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 феврали 2000 ин сиёсати кишварашро «дипломатияи муносибат бо мамлакатҳои минтақаи Роҳи абрешим» номидааст ва ба дигар нуктаҳои умдаи он низ ишора кардааст. Аз ин паём

маълум мешавад, ки давлати Ҷопон ҳамзамон бо идомаи расонидани ёриҳои башардӯстонааш нияти ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳифзи оромии минтақаро дорад. Зеро таъмини амният дар дохили ҳар кишвар ва тамоми минтақаро кафили инкишофи на танҳо Осиёи Марказӣ, балки ҳамаи Евразия дар маҷмӯъ шуморад. «Япония мақсад гузоштааст, ки, – омадааст дар паёми Сарвазири Ҷопон, – муносибатҳои худро бо тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла бо мамлакати шумо ҳам, дар чаҳорчӯбаи «дипломатия бо мамлакатҳои минтақаи Роҳи абрешим» инкишоф диҳад ва яке аз тадбирҳо барои татбиқи ин мақсад ҳамкорӣ дар ҳифзи оромӣ дар минтақа мебошад».

Ин кишвар то имрӯз иқдомоти гуногуне мекунад, то ки ба раванди сулҳ ва барқарории комили Тоҷикистон мусоидат намояд. Бо назардошти он ки дарёфти сулҳи устувор ва оромӣ на танҳо барои гулгулшукуфии Осиёи Марказӣ, балки, дар маҷмӯъ, барои ҳамаи Евразия бағоят муҳим мебошад.

Ҷопон ният дорад аз ин ба баъд низ ба Тоҷикистон, ки барои барқарорӣ ва рушди кишвар ҷаҳд дорад, мусоидат намояд ва дар оянда муносибатҳои дуҷонибаи худро қавӣ гардонад.[1] Кӯмаки ҳукумати Ҷопон дар ҳудуди 700 ҳазор доллари амрикоӣ ба лоиҳаи «ҳамоиши (интегратсияи) ҷангиёни собиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз тадбирҳое буд, ки аз рӯи ҳамон «дипломатия бо мамлакатҳои минтақаи Роҳи абрешим» сурат мегирифт ва ҳадафаш тақвияти амният ва оромӣ аст. Давлати Ҷопон ташаббускори баргузории муколимаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон мебошад, ки дар доираи он то имрӯз ду вохӯрии вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷопон (августи 2004 дар Остона ва 5–7 июни 2006 дар Токио) баргузор гашт. Муколимаи мазкур ҳамчун «шакли нави муошарати дастаҷамъӣ»[2] моҳиятан аз дарёфти усули муносиби ҳамкорӣ ва робитаҳои созанда иборат мебошад ва ба ҳалли масъалаҳои муҳимми минтақа, аз ҷумла дар соҳаи амният: мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, ҷиноятқории фавқулмиллӣ, гардиши ғайриқонунии

1 Асари зикршуда, с.142.

2 Т.Н. Назаров. Диалог «Центральная Азия+Япония: проблемы и суждения. – Дипломатия Таджикистана, 2006, №15, с. 117.

маводи мухаддир ва ғ. мусоидат менамояд.

Дар мулоқоти дуюми вазирони корҳои хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷопон дар Токио санади муҳимми «Муколимаи Осиёи Марказӣ ва Ҷопон. Нақшаи амал» ба тасвиб расид, ки дар он кӯшиши густариши минбаъдаи ҳамкориҳои кишварҳои минтақа ба давлати Ҷопон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла иқтисод, инъикос ёфтааст.

Мувофиқи «дипломатия бо мамлакатҳои минтақаи Роҳи абрешим» амал кардани давлати Ҷопон ҳаргиз маънои дар сатҳи ёриҳои башардӯстона нигоҳ доштани муносибатҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро надорад. Зеро ба шарофати сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Токио дар рӯзҳои 14-18 майи 2001 робитаҳои ҷонибҳои тоҷикию ҷопонӣ, бидуни шубҳа инкишоф ёфтанд ва мӯҳтавои нав касб карданд. ҳукумати Ҷопон дар бораи боз намудани Намояндагии дипломатии хеш дар Душанбе қарор қабул намуд ва он дар моҳи январи 2002 ба фаъолият оғоз кард. То ин барқарории муносибат бо кишвари мо ба зиммаи Сафорати он мамлакат дар шаҳри Тошканд буд. Дар моҳи декабри 2002 Ҷопон сатҳи Намояндагии дипломатии худро дар Душанбе боло бурд ва Кордори муваққати хешро таъин намуд. Ин ҳама шаҳодати равшани он аст, ки давлати Ҷопон ба робитаҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ дорад.

30 августи 2004 нахустин сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷопон Йорико Кавагучи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷараёни ин сафар, ки бобарор буд, тарафҳо аз хусуси дурнамои ҳамкориҳои судманди дуҷониба дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон, аз ҷумла истифодаи захираҳои гидроэнергетика суҳан карданд. Умед аст, ки бо мурури замон ва баробари барори равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон миёни кишвари мо ва мамлакати «шафақи офтоб» «ҳамкориҳои созанда ва комил» (Э.Ш Раҳмонов) барқарор хоҳад шуд. Барои ин ҷониби тоҷикиро зарур аст, ки ба хотири расидан ба чунин сатҳи ҳамкорӣ замина ва шарту шароити ҳамкориро бо сиёсатмадорон ва доираҳои соҳибкорони ҷопонӣ омода нигоҳ дорад ва ҷолиб гардонад. Ниҳоят, зарурате ба ифтитоҳи намояндагии дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари Ҷопон расидааст.

Боз намудани Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷопон, бидуни шак, ба сатҳ ва мӯҳтавои ҳамкории мо бо ин давлат таъсири мусбат хоҳад расонд.

Кишвари дигаре, ки ба ҳамкориҳои густурда бо Ҷумҳурии Тоҷикистон майли воқеӣ дорад, **Ҷумҳурии Корея** ба шумор меравад. Бомуваффақият фаъолият доштани корхонаи муштараки тоҷикию кореягӣ «Кабоол-Текстайлз» дар ш. Хуҷанд, ки дар декабри 1996 ба кор шурӯъ карда буд, гувоҳ бар он аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Кореяро яке аз шарикҳои муҳимми тиҷоратию иқтисодии хеш дар байни кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором мешуморад. Ин нукта ҳангоми мулоқоти Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Корея дар Душанбе Чанг Хуна, ки эътиборномаашро 26 июли 2000 супорид, таъкид ёфта буд. Ҷониби кореягӣ дар симои Сафири нави ин мамлакат ҷониби тоҷикиро бовар кунонида буд, ки барои ҷалби сармояи кишвараш ба иқтисоди Тоҷикистон кӯшиш хоҳад кард.

Ҷумҳурии Корея ба Тоҷикистон мусоидати техникии арзишманд мекунад ва дар таълиму тарбияи мутахассисон Агентии кореягии ҳамкориҳои байналмилалӣ (KOICA) саҳми муҳиме мегирад.

24-25 майи 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иштирок дар кори 6-умин Форуми байналмилалӣ оид ба гузаронидани ислоҳоти давлатӣ ба Ҷумҳурии Корея сафари корӣ кард. Дар гуфтушуниде, ки миёни Сарвари Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов ва Президенти Ҷумҳурии Корея Ро Му-Хюн ва Раиси парламенти он кишвар Ким Вон Ки шуд, мавзӯи вазъ ва сатҳи робитаҳои иқтисодию тиҷоратии ҳарду давлат мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Ҷонибҳо инкишофи тадриҷии ҳамкориҳои иқтисодиро мусбат арзёбӣ намуданд ва аз фаъолияти судманди корхонаи муштараки «Тоҷик-Кабоол-Текстайлз» ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки бозсозии хати телефонҳои ҷумҳурӣ ёд оварданд.

Ҷониби тоҷикиро зарур аст, ки дар дурнамо чораҳоро барои фаъол гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба ба мақсади истифода аз имкониятҳои технологӣ, саноати вазнин ва электроникаи маишии Ҷумҳурии Корея биандешад.

Муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии Индонезия** баробари дарёфти истиқлоли хеш солҳои 90 –уми асри гузашта сар шуда буд. Вохӯрии Сарвари Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон бо сарвари Ҷумҳурии Индонезия соли 1995 дар шаҳри Ню- Йорк иттифоқ афтода буд. Моҳи ноябри 1996 Ҷумҳурии Индонезия ба маблағи 5 млн. рупияи индонезӣ ба ҷумҳурии мо ёри башардӯстона расонд. Каме пештар аз ин сафари ҳайати соҳибкорони индонезӣ, яъне дар моҳи июни 1996, сурат гирифта буд. Баргузории намоишгоҳи молҳои саноатии индонезӣ дар пойтахти кишвар дар моҳи апрели 1997 шаҳодати ҷоннок гардидани робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни Тоҷикистон ва Индонезия буд.

Нахустин сафари давлатии расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов ба Индонезия 27-29 октябри 2003, ки дар даврони истиқлолияти кишвар аввалин буд, дар робитаҳои ҳарду давлат марҳилаи наверо боз кард. Дар ҷараёни вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо муовини президент, раисони ду палатаи порлумон, вазири корҳои хориҷӣ ва утоқи тиҷоратию саноатии Индонезия доираи васеи масъалаҳои марбут ба робитаҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифт ва як силсила санадҳои лозимаи ҳуқуқӣ, аз қабили Созишнома оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва техникӣ ва ғайра ба имзо расидаанд, ки онҳо норасоии асоси ҳуқуқию шартномавии ҳамкориҳои густурдаро бартараф намуданд. Тарафҳо ҳамчунин Комиссияи муштарак оид ба ҳамкориҳои дутарафаро таъсис доданд, ки нақши он дар густариш ва тақвияти робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Индонезия муассир хоҳад буд.

Ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Маайзия** бо вуҷуди доштани собиқа дар гузашта ва барқарории робитаҳои дипломатӣ танҳо дар 5-6 соли охир сурат гирифтанд. Нахустин Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Малайзия дар кишвари мо Яҳё ибни Абдуҷаббор эътиборномаашро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш Раҳмонов дар таърихи 4-уми майи 2000 супорида буд. Ва ҳамин вақт аз номи ҳукуматаш роҳбари кишвари моро ба сафари расмӣ ба Малайзия даъват дода буд. Сафари мазкур дар рӯзҳои 15-17 октябри 2003 ба вуқӯъ

пайваст ва марҳилаи воқеан наверо дар муносибатҳои давлатии Тоҷикистон ва Малайзия боз кард. Дар Куала Лумпур, пойтахти Малайзия Сардори Давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ бо Шоҳи он кишвар Саид Путра Ҷамолуллайл вохӯрд. ҳарду ҷониб омодагии худро ба пешрафти ҷиддӣ дар ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тоҷикию малайзӣ изҳор доштанд. «Ҷониби тоҷикӣ, – гуфт Э.Ш Раҳмонов, – комилан омодааст ба иҷрои кӯшишҳои зарурӣ ба хотири расидан ба он ҳадаф».[1]

Дар вохӯрӣ бо Сарвазири Малайзия Махатир Муҳаммад, ки 17 октябри 2003 ба вуқӯъ пайваст, тарафҳо тасмим гирифтанд, ки ба хотири ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрҷонибаи судманд заминаи ҳуқуқӣ ва шартномавии онро тақвият диҳанд. Хусусан, ки ба тозагӣ дар моҳи сентябри 2003 Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Куала Лумпур ба фаъолият оғоз намуд ва вазифадор аст, ки инкишофи робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодиро дар байни ду кишвар таъмин намояд. Президенти Тоҷикистон ва Сарвазири Малайзия ҳангоми сӯҳбат ба масъалаи иштироки сармояи малайзӣ ва технологияи он дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон диққати махсус доданд.

Ҳангоми арзёбии муносибатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Малайзия ва хусусан сабабҳои фаъол гардидани онҳо дар чанд соли охир ба як нуктаи ҷолиб бояд диққат дод, ки узви Созмони Конфронси исломӣ будани Тоҷикистон ва ҳам иштироки фаъолонаи Сарвари Давлат ва ҳукумати он дар Иҷлосияи Х-уми ин Созмон дар Индонезия (16 октябри 2003) ва мавқеи созандаи ӯ нисбат ба арзишҳои исломӣ дар ин кор омили муассире буд.

Такомули минбаъдаи ҳамкориҳо бо кишварҳои Ҷанубу Шарқи Осиё, ки соҳиби технологияи пешқадам ва имкониятҳои бузурги молиявӣ мебошанд, ҷавобгӯи манфиатҳои рушди иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Танзими механизми истифодаи таҷрибаи рушди иқтисодии кишварҳои мазкур, дастрасӣ ба институтҳои молиявии онҳо, инчунин барқарорсозии муносибатҳо бо иттиҳодияҳои сармоягузори онҳо ба мақсади мадад расонидан ба рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон аз ҷумлаи вазифаҳои дараҷаи аввал дар ин самт мебошад.

1 Асари зикршуда, с. 515.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорроҳаи тамаддунҳои мухталиф, давлат ва ҷомеаҳои дунёии гуногун қарор дорад. Вай дарвозаест бар рӯи гӯшаҳои дигари дунё ба сӯи Ҷанубу Шарқи Осиё – минтақаи муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ. Аз ин сабаб кишвари моро лозим аст, ки пуле миёни он тамаддунҳо ва давлату ҷомеаҳои дунёй шавад ва тамаддунҳои гуногунро ба ҳам орад.

ФАСЛИ ПАНҶУМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИСЛОМ

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мусулмоннишин аст ва бештар аз 90% сокинони онро мусулмонон ташкил медиҳанд. Аз ин сабаб табиист, ки ба доштани робитаи ҳасанаи дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои ҷаҳони ислом, ба монанди Туркия, Ироқ, Кувайт, Малайзия, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Урдун, Миср, Аморати Муттаҳидаи Араб, Сурия, Лубнон, Алҷазоир, Марокко, Либия, Баҳрайн, Умон, Яман, Давлати Қатар, Фаластин, Тунис ва ғ. сарфи назар аз низомҳои сиёсии гуногун ва дараҷаи тараққиёташон зарурат дорад. ҳар сол ҳазорон – ҳазор шаҳрвандони мусулмони Тоҷикистон ба зиёрати ҷойҳои муқаддаси ислом, ба тавофи Макаю Мадинаи мунаввара мераванд ва адои ин фарз аз замони ворид гардидани ислом ба сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр давом дорад. Феълан Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишварҳои мусулмонӣ робитаи дипломатӣ дорад.

Агар аз як тараф, доштани дини ягона ва робитаҳои таърихии қадима бо мамлакатҳои мусулмоннишини дунё ва кишварҳои арабӣ боиси ба яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтани муносибатҳои давлатӣ бо ҷаҳони ислом гардида бошад, аз тарафи дигар, мақом ва манзалати муассири ин мамлакатҳо дар пешрафти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба назар гирифта шуд. Истифода аз имкониятҳои фаровони иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва сармоягузориҳои онҳо ба рушди устувори иқтисоди Тоҷикистон сабаб хоҳад шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар роҳи барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо ҷаҳони ислом умуман ва мамлакатҳои арабӣ хоссатан иқдомҳое карда буд ва муваффақ гардида буд, ки бо чанде аз он кишварҳо Протокол оид ба барқарории робитаҳои дипломатӣ ва Созишнома оид ба дӯстӣ ва ҳамкориро ба имзо расонад. Аммо бояд иқрор шуд, ки он кӯшишҳо муназзам ва ҳадафмандона набуданд ва бинобар он ҳам натиҷаи матлуб надоданд. Ва, албатта, ба сатҳи

муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои мусулмонӣ ва ҷаҳони ислом муқовимате, ки миёни нерӯҳои сиёсию иҷтимоии ҷумҳурии мо, аз он ҷумла нерӯҳои исломӣ ва мақомоти расмӣ, идома дошт, бетаъсир набуд. Мамлакатҳои мусулмонӣ барои барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳо бо ҳукумати вақти Тоҷикистон чандон майл надоштанд. Сабаби хеле дертар барқарор шудани робитаҳои дипломатии мо бо аксарияти онҳо дар ҳамин аст. Чунончи, робитаҳои дипломатӣ бо Баҳрайн, Кувайт, Ҷумҳурии Ироқ ва Амороти муттаҳидаи Араб дар соли 1995, бо Ҷумҳурии Лубнон ва Ҷумҳурии Яман дар соли 1996, бо Алҷазоир ва Урдун дар соли 1997 барқарор шуданд.

Бо вуҷуди он сафарҳои расмӣ ва корие, ки Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Давлати Кувайт ва Амороти муттаҳидаи Араб дар соли 1995, Туркия (майи 1996), Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (30 июн – 3 июли 1997), воҳӯрӣ ва мулоқотҳое, ки ӯ бо Шоҳи Арабистони Саудӣ, Шоҳи Урдун ва Амири Давлати Кувайт дар ҷараёни Иҷлосияи ҷашнии 50-уми СММ дар Ню-Йорк (1995), бо Амири Давлати Қатар дар Теҳрон дар доираи ҷаласаи Созмони Конфронси исломӣ (1997), сафарҳои кории вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Назаров ба Қатар ва Миср дар чаҳорчӯбаи ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси исломӣ (март, октябри 1998), имзои «Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва илм миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мисри Араб» (Маскав, ноябри 1996), санад дар бораи танзими низоми рафтуомади ҳоҷиён (ноябри 1997), ифтитоҳи Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай (январи 1997), ки салоҳияти иловагии гуморидани шаҳрвандони ҷумҳуриро дар Амороти муттаҳидаи Араб ва Давлати Кувайтро дошт ва ғ. бенатиҷа набуданд. Онҳо робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо қисме аз мамлакатҳои ҷаҳони ислом фаъол гардониданд. Баъзе аз кишварҳои арабӣ ба расонидани ёриҳои башардӯстона ба Тоҷикистон сар карданд. Чунончи, Миср дар соли 1997 ба маблағи 50 ҳазор $ долл. амрикой ва Бунёди рушди иқтисодии Кувайт дар моҳи майи 1999 дар ҳаҷми 150 ҳазор динори кувайтӣ (тақрибан 500 ҳазор $ амрикой) грант барои

омӯзиши техникию иқтисодӣ ва таҳияи лоиҳаи роҳи минтақаи Хостов – Шкев ҷудо карданд.

Оғози ҳазорсолаи сеюмро метавон марҳилаи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом номид. Моҳи ноябри соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мулоқоти навбатии Сарони давлатҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ дар ш. Доҳа бо Амири Давлати Қатар Шайх ҳамад ибн Халис-ас-Сонӣ, шоҳзодаи Арабистони Саудӣ Абдулло, Сарвазири Малайзия Махатир Муҳаммад воҳӯрд ва масъалаҳои марбут ба инкишофи ҳамкориҳои он кишварҳо бо Тоҷикистонро ба миён гузошт. Мувофиқи маслиҳати пешакӣ ва ба хотири ҷалби сармояи кишварҳои мусулмонӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2000 мизи мудаввare дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки Бунёди арабии сармоягузорӣ баргузор гардид. 10 январи 2001 Сарпарасти кулли ин Бунёд ҳишом Иброҳим ал-Вокаён ба Душанбе ташриф овард. Ба зиммаи Бунёди мазкур ҳамчунин омодагӣ ва баргузории Конфронси мамлакатҳои донори Тоҷикистон аз ҷумлаи давлатҳои аъзои Бонки исломии рушд гузошта шуд. Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ, ки дар моҳи апрели 2000 таъсис ёфта буд, ба сармоягузории иқтисодии мустақим ба Тоҷикистон мусоидат кард. Дар байни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди рушди иқтисодии кишварҳои арабӣ Созишнома дар бораи ба Тоҷикистон додани қарз ба маблағи 5 млн. динори кувайтӣ (16,25 млн.$) ба имзо расид. Ин маблағ барои бунёди роҳи автомобилгарди Шкев – Зиғар, ки 38 км дарозӣ дорад, ба мӯҳлати 24 сол ҷудо шуд, ки дар зарфи 4 соли аввал аз он фоида гирифта намешавад.

Қадами ҷиддии дигаре дар роҳи густариши робитаҳо сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар таърихи 8 - 11 декабри 2001 буд. Дар ҷараёни ин сафар ҷонибҳо зарурати ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва шартномавии ҳамкориҳои хешро дар оянда таъкид намуданд. Ба ҳамин хотир 23 майи 2003 муовини аввали вазири корҳои хориҷии ин кишвар Низар бен Убайд Маданӣ ба Душанбе ташриф овард ва дар рафти сафари ӯ «Созишномаи умумӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, савдо, сармоягузорӣ, фарҳанг, туризм,

варзиш ва кор бо ҷавонон» ба имзо расид. Ва баъд аз ба анҷом расонидани расмиёти дохилидавлатӣ амали Созишномаи умумӣ сар шуд. Шоҳигарии Арабистон сафири хешро дар Тоҷикистон таъин намуд. Моҳи июни 2003 Ҷумҳурии мардумию демократии Алҷазоир низ сафири худро дар Душанбе муайян кард.

Барои он ки ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои мусулмоннишини қитъаҳои Осиё ва Африқо ба таври бояду шояд ба роҳ монда шавад ва он манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии давлати моро дар ин самт бароварда созад, ҷониби Тоҷикистонро лозим мебояд, ки корҳои зеринро ба анҷом расонад:

1) Боз намудани намояндагиҳои дипломатии худ дар сатҳи Сафорат ва Консулгариҳо дар кишварҳои асосии мусулмонӣ, мисли Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Амороти муттаҳидаи Араб, Давлати Кувайт, Давлати Қатар, Малайзия ва ғ. Фармон дар бораи ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҳанӯз 25 январи соли 1992 содир гардида буд. Бо ифтитоҳи намояндагиҳои тиҷоратии кишвар дар ду-се мамлакати мусулмонӣ (Кувайт, Аморатҳои муттаҳидаи Араб, Малайзия) мурод ҳосил намегардад;

2) Танзими Барномаи вижаи давлатии ҳамкорӣ бо мамлакатҳои мусулмонӣ;

3) Вусъати ҳамкориҳои бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи созмонҳо ва иттиҳодияҳои сиёсӣ ва молиявии кишварҳои мусулмонӣ, ба монанди Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Бонки исломии рушд, Бунёди Кувайт, Бунёди Саудӣ, Бунёди ОПЕК, Бунёди рушди иқтисодии араб ва ғ.;

4) Ба вуҷуд овардани заминаи ҳуқуқӣ ва шартномавии лозима барои ҳамкориҳои густурда.

Мавҷуд будани низомҳои сиёсии гуногун дар кишварҳои мусулмоннишин набояд монеи муносибатҳои дуҷонибаи босамар гардад. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо ҳодисаҳои таассуби миллӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ, бунёдгарой ва экстремизмро, ки дар баъзе аз ин давлатҳо ба назар мерасанд, нодида бигирем ва аз онҳо сарфи назар намоем. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ

муқобили таҳмили ҳамагуна мафкура, аз ҷумла мафкураи динию мазҳабӣ буда, истилои фарҳангиро аз ҳеҷ ҷониб намепазирад.

Дар миёни кишварҳое, ки бевосита бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммарз нестанд ва дар як минтақа ҳам қарор надоранд, сатҳ ва мӯҳтавои муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии мо бо Ҷумхурияти Туркия аз ҳар ҷиҳат фарқ мекунад.

Туркия аз ҷумлаи мамлакатҳоест, ки мардуми тоҷик ба он ҳамеша таваҷҷӯҳи махсус доштанд. Ва сабабаш ҳам дар он буд, ки ин кишвар таърихан ба ҳайси яке аз марказҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ дар Шарқ эътироф гардида буд. Тоҷирон, амиру амирзодагон, адибон, олимон ва сайёҳони ҳисорию хуҷандӣ, самарқандию бухорӣ маъмулан аз роҳи Туркия ба кишварҳои Осиё ва Аврупо сафар намуда, аз ҳамон роҳ бармегаштанд ва бо худ ба сарзамини мо моли тоза, ахбори тоза ва афкори тозаро меоварданд.

Ин ҳолат махсусан дар ибтидои асри XX бештар ба назар мерасид. Барои мисол вақте ки дар соли 1908 дар Туркия ҳаракати ҷавонтуркон зуҳур намуд, дар соли 1916 дар Бухоро ҷавонбухороиён ва солҳои 20-ум дар Кобул ҷавонафғониён арзи ҳастӣ карданд.

Бо эъломи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 марҳилаи комилан нави муносибатҳои давлатии мо бо Ҷумҳурияти Туркия оғоз гардид. Туркия яке аз нахустин кишварҳоест, ки истиқлолияти давлатии моро ба расмият шинохт (25 декабри 1991) ва бо он муносибати дипломатӣ барқарор кард (1 марти 1992). Ин мамлакат пас аз Ҷумҳурии исломии Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сеюмин давлате буд, ки сафоратхонаи худро дар ш. Душанбе ифтитоҳ намуд (22 марти 1992). Дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонро дар бораи боз намудани сафорати хеш дар Анкара 25 августи 1992 баровард. Бо ташаббуси ҷониби Туркия ҳанӯз тобистони 1993 дар байни ҳукумати Тоҷикистон ва ҳукумати Туркия «Шартнома оид ба усули робитаҳои дӯстона» ба имзо расид, ки асоси ҳуқуқию шартномавии ҳамкориҳои ин ду давлати мусулмонӣ гардид. Давлати Туркия аз миёни кишварҳои хориҷие, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи дипломатӣ

барқарор намуда буданд, ягона мамлакатест, ки робитаҳои худро бо кишвари мо ҳатто дар солҳои муқовимати шадиди сиёсию низомӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ қоҳиш надод ва мунтазири ба эътидол омадани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ нашуд. Президенти Туркия Сулаймон Демирел дуюмин нафаре буд аз миёни роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, ки дар оғози моҳи сентябри 1995 ба Душанбе ташрифи расмӣ оварда ва ин шаҳодат бар он медод, ки ин мамлакат сарфи назар аз авзои дохилии Тоҷикистон дар он вақт бо ҳукумати феълии он ҳамкориҳои наздик мехоҳад дошта бошад.

Таваҷҷӯҳи фавқулода доштани давлати Туркия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ чанд сабаб дошт. Яке он буд, ки ин кишвар дар Осиёи Марказӣ умуман ва дар ҳар яке аз он давлатҳо хоссатан, аз ҷумла дар Тоҷикистон, мехост нуфуз пайдо намояд ва ин кӯшишҳо аз ҳадафҳои геополитикии он манша мегирифт ва собиқаи таърихӣ ҳам дошт. Дар ҳодисаҳои сиёсӣ ва таърихие, ки пас аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар минтақа ба вуҷуд омада буданд, Туркия даст дошт, махсусан дар ривоҷи афкори пантуркистӣ ва туркигарой. Иқдомоти ба ҳам муттаҳид гардонидани ҷумҳуриҳои туркзабони минтақа – Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон идомаи ҳамон тамоюлҳои пешина буд. Роҳбарони Ҷумҳурияти Туркия ба ин доира ягона мамлакати ғайритуркӣ - Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ кашиданӣ буданд. Дар яке аз воҳӯриҳои президентҳои кишварҳои туркзабони Осиёи Марказӣ даъват шудани Президенти вақти Тоҷикистон Р. Набиев тасодуфӣ набуд. Сабаби дигараш он буд, ки Туркия ба сифати кишвари мусулмонии лоик, яъне дунявӣ аз нуфуз пайдо намудани Ҷумҳурии исломии Эрон ва густариши ифротгароии динӣ, ки аз режими Толибон дар Афғонистон ба минтақа таҳдид мекард, хавф дошт.

Аз баррасии ҳолати ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Туркия баръало бармеояд, ки ин кишвар ҳадафҳои миллӣ ва геополитикии худро асосан бо роҳи пеш бурдани барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ дар ҷумҳурии мо амалӣ гардониданист. Ва бо мақсади татбиқи он дар марказ ва шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон силсилаи

литсейҳои туркиро ифтитоҳ намуда, ҷавонони тоҷикистониро ба миқдори хеле зиёд ба донишгоҳҳои кишвараш пазируфтааст. Инсоф он аст, ки сифати таълиму тарбия, шароити дарсомӯзӣ дар онҳо ба маротиб беҳтар мебошад нисбат ба мактабу донишгоҳҳои имрӯзаи тоҷикӣ. Ва ин чиз боис шудааст, ки миқдори хонандагон ва донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар он зиёд мебошад. Чизе, ки бахше аз ҷомеаи тоҷикро ба ташвиш овардааст, он мебошад, ки дар он таълимгоҳҳои туркӣ ба тарғибу ташвиқи тафаккури туркӣ диққати хосса дода мешавад. Ҷомеаи тоҷик нақши дастпарварони мактабу донишгоҳҳои туркиро дар тарғибу ташвиқ ва густариш додани афкори пантуркистӣ то ҳол аз ҳофизаи таърихиаш бурун набурдааст ва нағз дар хотир дорад, ки оқибати фаъолиятҳои онҳо ба фарҳанги миллии мо, мактабу маориф ва раванди ташаккули давлатдории тоҷикӣ чӣ зарарҳои ислоҳнашавандае расонд. Аммо ин ҳаргиз ба он маъни нест, ки мо аз ҳамкорӣ бо мутахассисони туркӣ дар соҳаи мактабу маориф даст кашем ва толибилмонамон ва донишҷӯёнамонро ба донишгоҳҳои он кишвар нафиристем. Мақомоти дахлдори ҷумҳуриро зарур аст, ки аз мӯҳтавои барномаҳои таълимӣ ва дарсҳои таълимгоҳҳои туркӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ бохабар бошанд, то манфиатҳои миллии кишварамон зараре набинад.

Охири соли 1995 ва оғози соли 1996 давраи оғози ҳамкориҳои густурдаи Тоҷикистон бо Туркия ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Туркия (майи 1996) баргузор мегардад ва дар ҷараёни он 10 санади бисёр муҳим ба имзо мерасанд. Дар ҳамин давра соли 1996 дар ш. Душанбе Агентии туркӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба кор шурӯъ мекунад. Дар моҳи августи ҳамон сол ҳукумати Тоҷикистон Барномаи табодули фарҳангӣ барои солҳои 1996 – 1998-ро ба тасвиб мерасонад.

Баробари такмили асосҳои ҳуқуқию шартномавӣ муносибатҳои Тоҷикистон ва Туркия устувортар гардида, ҳамкориҳояшон дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла иқтисод, босамартар мешавад. Ширкатҳои туркӣ дар бунёди роҳи мошингарди Кулоб – Дарвоз – Кулма бомуваффақият иштирок мекунанд. Кушода шудани роҳи ҳавоии мустақими байни Душанбе ва Истамбул заминаро барои ҳамкориҳо

дар соҳаи тиҷорат ва туризм бештар мусоид месозад.

19 – 25 сентябри 2000 ҳайати Туркия бо сарпарастии муовини вазири давлатии Туркия оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Абдулхалуқ Чай барои иштирок дар нахустин ҷаласаи Комиссияи муштараки Тоҷикистон ва Туркия ба Душанбе ташриф меорад ва миқдори асосҳои ҳуқуқӣ ва шартномавии ҳамкории ин ду кишварро қавӣ мегардонад ва ба 22-то мерасонад.

Сафари Президенти Ҷумҳурияти Туркия Аҳмед Наҷет Сезар ба Душанбе дар таърихи 6 – 8 ноябри с.2001 аз он ҷиҳат пуразриш буд, ки дар он ба фаъол намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ таъкиди махсус шуд. Зеро бо вуҷуди доштани робитаҳои ҳасанаи наздик ва ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои гуногун сатҳи он дар соҳаи иқтисод ба дараҷаи матлуб набуд. Аз ҳамин ҷиҳат ташрифи гурӯҳи калони бизнесменҳои туркӣ ва аз тарафи Сафорати Туркия дар Душанбе ва Вазорати иқтисод ва равобити хориҷии Тоҷикистон созмон додани семинар бо иштироки соҳибкорони тоҷикӣ муфид буд. Моҳи октябри 2003 ҳангоми сафари Муовини Сарвазири Туркия ба Тоҷикистон таъсис додани Шӯрои соҳибкории тоҷикию туркӣ низ ба нияти инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни ин ду кишвари исломӣ буд.

Чун натиҷа ҳиссаи ҷониби туркӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гуногун, мисли бунёди роҳи мошингарди байналмилалии «Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб» дар минтақаи Шкев – Зиғар, ки ҳам барои иқтисоди Тоҷикистон ва ҳам барои роҳ кушодан дар самти шарқии кишвар аҳамияти бузурги стратегӣ дорад ва сохтмони меҳмонхонаи панҷситорадор ва Маркази бизнес дар ш. Душанбе ва ғ. бештар мегардад.

Барои он ки сатҳи муносибатҳо ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дигари ҷаҳони ислом ба сатҳи робитаҳои давлати мо бо Ҷумҳурияти Туркия бирасад, бояд манфиатҳои муштарак ва заминаҳои ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо онҳо пайдо намуд.

ФАСЛИ ШАШУМ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ

Дар сиёсати хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои хориҷӣ ҳамчунин ба ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили Созмони Миллали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Созмони Шартномаи атлантикаи шимолӣ (США–НАТО), Созмони Конфронси исломӣ (СКИ), Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ–ЭКО), ИДМ, ЕврАзЭС, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (СШАД–ОДКБ) ва муассисаҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ, Бунёди байналмилалии асъор (ББА–МВФ), Бонки умумиҷаҳонӣ (БУ), Бонки исломии рушд (БИР), Бонки аврупоии рушд ва бозсозӣ (БАРБ–ЕБРР) ва ғ. афзалият медиҳад ва онро яке аз асоситарин самтҳои фаъолияти худ мешуморад.

Тавре ки К. Юлдошев дуруст тахмин намудааст, дарвоқеъ, Тоҷикистон «яке аз он давлатҳои тозаистиқлоли камшумори ҷаҳон мебошад, ки ба вай дар як мӯҳлати кӯтоҳ шомил гардидан қариб ба ҳамаи сохторҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ муяссар гардидааст».[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз дарёфти истиқлоли давлатӣ 2 марти 1992 дар Иҷлосияи 46-уми Маҷмаи умумии СММ бо як овоз ба узвияти СММ, 26 феврали 1992 ба узвияти Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), моҳи декабри 1992 ба узвияти Созмони Конфронси исломӣ (СКИ), 28 ноябри 1993 ба узвияти Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ), дар ҳамин сол ба узвияти Созмони байналмилалии ҳавошиносӣ, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Анҷумани байналмилалии рушд, Ширкати байналмилалии молия, Агентии байналмилалӣ оид ба тазмини сармоягузорӣ, Бонки умумиҷаҳонии бозсозӣ ва рушд, Бунёди байналмилалии асъор, ЮНЕСКО, ЭСКАТО ва ЮНИСЕФ пазируфта шуд.

Агар бо эълони истиқлолияти давлатӣ дар моҳи сен-

1 К. Юлдошев. Асари зикршуда, с. 23.

тябри 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқи вуруди хешро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати узви комилҳуқуқ ва фоилияти (субъекти) ҳуқуқи байналмилалӣ омода намуда бошад, бо шомил гардидани хеш ба созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ ва минтақавӣ амалан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст ва ба равандҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он шарик шуд. ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба хотири эҷоди шароити мусоид барои таҳкими минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти марзӣ, тақвияти мақоми кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъолонаи он дар равандҳои умумиҷаҳонӣ буд.

Мутаасифона, Тоҷикистон дар оғози даврони дарёфти истиқлолияти давлатӣ ва ворид гардидани хеш ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилии ҷиддии дохилӣ рӯбарӯ шуд. ҳамагӣ пас аз ду-се моҳи пазируфта шудани хеш ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавие, монанди СММ ва САҲА дучори ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ гардид. Нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки кишвари мо узви комилҳуқуқи онҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта шуда буд, дар ҳалли мусолиматомези низои Тоҷикистон, бидуни шак, ҳалкунанда буд.

Миссияи СММ дар ш. Душанбе 1 феврали 1993 боз шуд. Аммо ҳамкории бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле барвақттар ҳанӯз дар моҳи сентябри 1992, яъне ҳамагӣ пас аз чор моҳи ҷанги шаҳрвандӣ дар ин кишвар оғоз гардида буд. 18 сентябри 1992 бо даъвати роҳбарони Тоҷикистон ва бо супориши бевоситаи Дабири кулли СММ Бутрос – Ғолӣ ба Душанбе директори Департаменти масъалаҳои сиёсии котиботи СММ Раймонд Соммерейнс бо мақсади шиносой бо вазъи сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ва омода кардани гузориш аз он ба Дабири кулли СММ омад. Дар тӯли се рӯзи сафари хеш ҳайати мазкур бо Раиси Шӯрои Олӣ, и.в. Президенти Тоҷикистон А. Искандаров, вазири корҳои хориҷӣ Х. Холиқназаров, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ҷамъиятҳои миллӣ, ҳарбиён ва сарҳадбонон ва қозиёти ҷумҳурӣ вохӯрда, дар сафоратҳои ИМА ва Ҷумҳурии исломии Эрон дар Душанбе сӯҳбатҳо дошт. Ин ҳайат ба Қурғонтеппа ва Калининобод рафт ва дар он ҷо бо роҳбарони мақомоти маҳалии ҳукумат,

дастаҳои худмуҳофизи он ҷо, командири полки тирандози Русия воқеъ дар Қурғонтеппа Е. Меркулов гуфтугӯҳо кард ва аз он ҷо ба вилояти Кӯлоб ва баъд ба вилояти Ленинобод рафт.

29 сентябри 1992 и.в. Президенти Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров ба номи Дабири кулли СММ паём фиристод ва дар он зикр намуд, ки «дар танзими низои байни тарафҳои даргир ва ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ ба ёрӣ ва дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ умед мебандад».[1] Ин даъвати ҳукумати Тоҷикистон аз тарафи Иҷлосияи 47-уми Маҷмаи умумии СММ дастгирӣ ёфт. 28 октябри 1992 Шӯрои амнияти СММ вазъи Тоҷикистон ва мавзӯи нақши СММ дар танзими низои ин кишвarро баррасӣ намуд ва қарор кард, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Миссияи нияти некро бо сардории намояндаи шахсии Дабири кулли СММ, директори Департаменти масъалаҳои сиёсии котиботи созмон Раймонд Соммерейнс , ки як моҳ пештар аз Тоҷикистон баргашта буд, дубора ба он кишвар бифиристад. Ин дафъа ҳадафи ҳайат шиносоӣ бо мавқеи давлатҳои минтақаи Осиёи Миёна ва омӯзиши имкони амалҳои муштарак бо иштироки СММ ба хотири мусоидат ба қатъи амалиёти низомӣ миёни тарафҳои даргири тоҷик буд. ҳамчунин ба зимаи ҳайати мазкур ба таври фаврӣ муайян намудани имкони расонидани ёриҳои башардӯстона ба Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ буд. ҳайати мазкур аз 3 то 15 ноябр дар ҷумҳурӣ фаъолият кард. Коршиносони низомӣ ва сиёсӣ оид ба гурезагон ва муҳоҷирон, барномаҳои иқтисодӣ ва хӯрокворӣ, ки дар ин ҳайат буданд, бо таври васеъ ба ҳаёти сиёсӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар шинос шуда, ҳаҷм ва навъҳои ёрии башардӯстонаро муайян карданд. Онҳо имкон ёфтанд, ки ба баъзе аз минтақаҳои низоъ дар Тоҷикистон шинос шаванд.

20 ноябри 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, ки ҳамагӣ як рӯз пеш аз ин дар Иҷлосияи Хуҷанд ба ин вазифа интихоб гардида буд, дар нома ба унвони Дабири кулли СММ Бутрос Бутрос – Ғолӣ фиристодани ҳайати нозирони СММ-ро талаб кард. 23 декабри 1992 Шӯрои амнияти СММ қарорро дар бораи

1 Д. Назриев, И. Саттаров. Асари зикршуда, г. 2, с.382.

ба Тоҷикистон фиристодани ҳайати нозирон ба муддати се моҳ қабул намуд. Ва 21 январи 1993 ҳайати нозирони СММ дар Душанбе ба кор сар кард. 26 апрели 1993 Сафир Исмат Киттанӣ Намояндаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон муқаррар шуд.

Ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон (ҲНСММТ) дар зарфи 7 солу 4 моҳи фаъолияташ дар ҳамкорӣ бо ҳукумати ҷумҳурӣ кори зиёдеро на танҳо дар мусоидат ба ҳалли сиёсии низои тоҷикон, балки дар арзёбии ҳолати гуманитарӣ, баргардонидани гурезаҳо ва дар ниҳояти кор дар танзими лоиҳаҳои барқарорсозии баъдазнизоӣ ва рушди устувори кишвар ба анҷом расонид.

Нақши СММ ва муассисаҳои марбутаи он махсусан дар созмондиҳӣ ва баргузории Музокироти сулҳи тоҷикон (5 апрели 1994 – 27 июни 1997) бағоят бузург мебошад. Танҳо барои розӣ кунонидани тарафҳои даргир ва давлатҳои дахлдор якуним сол сарф шуд. Музокироти сулҳи тоҷикон, ки зиёда аз се сол зери сарпарастии СММ давом кард, ҳамвор набуд. Раванди музокирот хеле ба душворӣ пеш мерафт. Дар даврҳои аввали он миёни тарафҳо эътимод набуд. ҳар тараф кӯшиш мекард, ки тарафи муқобилро муттаҳам кунад. Фақат баъд аз он ки 17 августи 1995 ба шарофати кӯшишҳои фавқулодаи Намояндаи вижаи Дабири кулли СММ дар Музокирот Перес Баллон «Протокол дар бораи усули асосии барқарории сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон» омода ва ба имзо расид, раванди Музокирот муназзам гардид. Баъд аз ин тарафҳо тавонистанд, ки бо истифода аз гузашту муросо қадам ба қадам пеш раванд ва як силсила протокол, созишнома ва изҳороти муштаракро омода бисозанд ва ба тасвиб расонанд. ҳамаи онҳо заминаи мусоиди ба вуҷуд омадан ва ба имзо расидани санади ниҳоии Музокирот «Созишномаи умумии истиқрории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» шуданд, ки он 27 июни 1997 дар ш. Маскав аз тарафи Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик (ИНОТ) Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ҳузури муовини Дабири кулли СММ, Президенти Федератсияи Русия ва сафирони кишварҳои хориҷӣ ба имзо расид.

Бо ёрии ҳайати Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезагон (ҲРКО СММ–УВКБ) дар Тоҷикистон тақ-

рибан 29,5 ҳазор аз 38 ҳазор хонаҳои дар ҷангҳо хароб гардида барқарор ва 133 ҳазор аз 140 ҳазор оилае, ки ҷои кори худро гум карда буданд, бо ҷои кор таъмин ва амалан ҳамаи хонаву ҳавлиҳое, ки ғайриқонунӣ ишғол шуда буданд, ба соҳибони асосиашон баргардонда шуданд.

Намояндагии Барномаи рушди СММ (БРСММ–ПРООН) дар ҷумҳурӣ аз соли 1994 фаъолият дорад ва дар ин муддат дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон як қатор лоиҳаҳои худро дар минтақаҳои ҷангзада амалӣ намуд. Дар кори дарёфти сулҳ ва бозсозии баъдинизоии кишвар саҳми муассисаҳои махсуси СММ, монанди Бунёди бачагони СММ (ББСММ–ЮНИСЕФ), Дафтари хадамоти лоиҳакашии СММ (ДХЛ СММ), Барномаи байналмилалии озуқаи СММ (ББО СММ), Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ–ВОЗ), Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (СОК СММ), Бунёди байналмилалии асъор (ББА–МВФ), Бонки умумиҷаҳонӣ (БУ–ВБ), Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (БАБР–ЕБРР), Бонки исломии рушд (БИР), Бонки осиёии рушд (БОР) ва ғ. низ саҳм доранд.

Фаъолияти сулҳофариниии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо ҳалли сиёсии низои мусаллаҳона ва дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ тамом намешавад, балки ин созмон дар пешгирии бӯҳрони гуманитарӣ ва расонидани ёрӣ ба қисми қобили мулоҳизаи табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеаи тоҷик низ нақш дорад.

Бо ташаббуси СММ 16 декабри 1997 ва 4 ноябри 1999 Маҷмаи умумӣ бо иттифоқи оро қарорҳо дар бораи «Ёрии байналмилалии фавқулода ба хотири сулҳ, эътидоли вазъ ва барқарории Тоҷикистон» ва чанд конфронсҳои кишварҳои мададрасон оид ба расонидани ёрӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади барқарории иқтисоди баъдазнизоии он баргузор гардиданд: ноябри 1997 дар Вена ва майи 1998 дар Париж. Таҳияи Барномаи вижа оид ба рушди иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ (БВРИКОМ - СПЕКА) аз тарафи Комиссияи аврупоии иқтисоди СММ ва Комиссияи иҷтимоӣ ва иқтисодии СММ барои мамлакатҳои Осиё ва Уқёнуси Ором ва иштироки фаъолонаи ҶТ дар татбиқи онҳо оғози марҳилаи наву муҳиме дар ҳамкории кишвари мо бо ин созмонҳо буд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бар он бовар аст, ки бидуни рушд дар кори барқарорсозӣ муваффақият ба даст

нахоҳад омад.

Созмони дигаре, ки дар раванди сулҳи тоҷикон саҳми назаррас дошт, **Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)** мебошад. Намояндагони он ба ҷараёни музокирот назорат мекарданд, дар кори Гурӯҳи тамос ширкат меварзиданд. САҲА яке аз кафилони иҷрои созишномаҳои ба имзорасида буд, бо Комиссияи оштии миллӣ ҳамкорӣ дошт. Дар интихоботи парлумонӣ ва президентӣ нозир буд. Бахшҳои Миссия дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа, шаҳракҳои Шаҳритус, Дӯстӣ ва Ғарм фаъолият мекарданд. ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти Миссияи САҲА дар Душанбе баҳои баланд медиҳад ва робитаи худро бо он тақвият медиҳад. Феълан Миссияи мазкур дар ташаккули сохторҳои институтие, ки раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон муайян мекунанд, иштирок менамояд. ҳоло дар маркази диққати ин созмони бонуфузи минтақавӣ масъалаҳои такмили санадҳои ҳуқуқии кишвар дар соҳаи низоми бисёрҳизбӣ, ҳуқуқи инсон, фаъолияти озоди воситаҳои ахбори умум ва ғ. мебошад.

Тоҷикистон аз рӯи мавқеи ҷуғрофиаш ва аҳамияти геополитикии худ барои САҲА хеле муҳим мебошад. Ҷумҳурӣ ҳамчун ҳудуди ҷанубии ин созмон, дар чанд даҳсолаи охир сипаре дар байни давлатҳои аъзои САҲА ва Афғонистони майдони ҷангҳои беохир ва макони террористони байналмиллалӣ, ифротгароёни динӣ ва истеҳсол ва интиқоли маводи мухаддир ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Русия ва Аврупо буд.

Дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба САҲА ҳамчун институти бо роҳи осоишта ҳал кардани баҳсҳо, олоти муассири огоҳии пешакӣ ва пешгирии низоъ менигарад. Ин созмони бонуфуз дар ҳифзи сулҳ ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад.

Ба шарофати дастгирӣ ва мусоидати ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла ба воситаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавие, монанди СММ ва муассисаҳои вижаи он, САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бо иқтисоди мабнӣ ба асосҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Аммо имрӯз масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ зиёданд, ки

Тоҷикистон аз ӯҳдаи иҷрои онҳо дар танҳоӣ баромада наметавонад.

Шӯрои амнияти СММ, ки 15 майи 2000 дар бораи қатъи фаъолияти Миссияи худ дар Тоҷикистон пас аз 7 соли иштирок дар ҳалли қазияи ҷумҳурӣ қарор баровард, ният дорад ба раванди барқарорсозӣ ва рушди иқтисоди кишвар мусоидат намояд. Дар шароити нав истифодаи босамари Барномаи рушди СММ, Бунёди байналмилалии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, бонкҳои осиёӣ ва исломии рушд барои барқарорсозии баъдинизоии иқтисоди Тоҷикистон ба мақсад хеле мувофиқ мебошад. Ин созмонҳои молиявию қарзии байналмилалӣ таҷрибаи бағоят хуб ва роҳу воситаҳои санҷидашудаи ҳамкорӣ бо ҳукумати Тоҷикистонро доранд. Онҳо дар замони низои тоҷикон ба ҷумҳурӣ як силсила қарзҳои боимтиёз дода буданд, ки барои нигоҳ доштани таносуби пардохт ва маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои начандон калони бозсозии соҳаи тандурустӣ дар деҳот, мактабу маориф, обрасонӣ, таъмиру тармими роҳу пулҳо ва ғ. сарф карда шуданд. Бо назардошти хусусияти барқарорсозии иқтисоди ҷумҳурӣ Бунёди байналмилалии асъор ва Бонки умумиҷаҳонӣ лоиҳаҳои нави ба Тоҷикистон додани қарзҳои боимтиёзи зиёдро танзим менамоянд. Барномаи рушди СММ мувофиқи мандати нави худ баъд аз ба охир расидани фаъолияти сулҳофаринии СММ дар ҷумҳурӣ ният дорад соҳаҳои фаъолияти худро васеъ кунад ва муассисаи ҳамоҳангсози фаъолияти ҳамаи созмонҳои байналмилалие шавад, ки дар кори барқарорсозии иқтисоди Тоҷикистон ширкат доранд.

Бо назардошти шароити наве, ки дар ҷумҳурӣ баъд аз дарёфти сулҳу оштӣ ба вуҷуд омад, ҳукумати Тоҷикистон бар он ақида аст, ки мақсади САҲА дар Тоҷикистон тағйир ва такмил дода шавад. Махсусан ба салоҳиятҳои ин созмон бояд ҷанбаи иқтисодӣ ва экологӣ дода шавад. Зеро онҳо метавонанд самтҳои ҳамкориҳои минтақавӣ ва амниятро густариш диҳанд. САҲА агарчӣ созмони молияву қарзӣ нест ва имкони таъмини молии лоиҳаҳои миллӣ ва минтақавиро надорад, аммо қудрати ташаккул додани фазои сиёсии байналмилалиро дорад. Вай метавонад кишварҳои аъзои худро ба иҷрои ин ё он лоиҳаи иқтисодӣ ва экологӣ ҳавасманд гардонад. Гузашта аз ин САҲА дар

Иттиҳоди Аврупо, Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бунёди байналмилалии асъор ва ғ. таъсир дорад. Зимнан созмонҳои байналмилалие, мисли СММ ва САҲА, бояд кӯшиши Тоҷикистонро дар кори суръат бахшидан ба равандҳои эҳёи иқтисоди хеш ва беҳтар гардонидани равандҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани шароит барои инкишофи ҳамаҷонибаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки САҲА ба созмони байналмилалии баобрӯи воқеӣ табдил ёбад, ки усули асосӣ ва ҳадафҳои онро ҳамаи давлатҳои иштироккунандаи он риоя ва иҷро мекунанд. Ин созмон бояд воситаи бобарори ҳамоҳанг гардонидан ва танзими қарорҳои сиёсии муштаракаш шавад.

31 октябри 2002 Шӯрои доимии САҲА қарор «Дар бораи табдил додани Миссияи САҲА дар Тоҷикистон ба Маркази САҲА дар Тоҷикистон ва тасдиқи мандати нави он»-ро қабул кард. Мувофиқи он масъалаҳои асосие, ки ҳалли саривақтии онҳо аз салоҳиятҳои ин созмон ба шумор меравад, вобаста ба ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии фаъолияти САҲА мебошад ва он ба воқеияти имрӯзаи рушди Тоҷикистон ҷавобгӯст. Ҷониби тоҷикӣ бар он бовар аст, ки мандати нав ба самаранокии фаъолияти Маркази САҲА дар Душанбе таъсири мусбат мерасонад ва ба ҳамкории бештар ва хубтари байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА мусоидат хоҳад кард. Зимнан чунин пешниҳодро вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т. Назаров дар Шӯрои доимии САҲА дар Вена (5 октябри 2001) матраҳ намуда буд.

Рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла вобаста он хоҳад буд, ки то чӣ андоза ва дар чанд вақт мо ба ҳайси як давлати аъзо фаъолияти **Созмони ҳамкории иқтисодиро (СҲИ–ЭКО)** ба талаботи давр мувофиқ мегардонем ва самараи онро афзун менамоем. Стратегияи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар қаламрави СҲИ, ки 12 маи 1996 дар Ашқобод дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои вазирони СҲИ қабул шуда буд, тиҷорат, нақлиёту коммуникатсия ва энергетикаро соҳаҳои афзалиятноки ҳамкории давлатҳои аъзо эълом карда буд, ки онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошанд. Барои ҷумҳурии мо бо-

зори мамлакатҳои аъзои СҲИ бозори аз ҳама дастрас ва фоидаовар мебошад. Феълан мамлакатҳои аъзои ин созмон дар савдои хориҷии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамоянд. Барои мисол, ҳиссаи кишварҳои қалмрави СҲИ дар гардиши берунаи мол тақрибан 40%-ро ташкил медод. ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои СҲИ имкониятҳои нави рушд ва ҳамоиш ба ҷомеаи ҷаҳониро боз менамояд. Аз ҷумла барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки роҳи баромад ба уқёнусро надоранд, дар дурнамо ба баҳрҳои ҳинд ва Халиҷи Форс роҳ ёфтанро таъмин мегардонад ва нархи интиқоли борро хеле арзон мекунад ва имкониятҳои маҳсулоти содиротиро заиф намуда, имкониятҳои содиротӣ ва воридотии онҳоро афзун мегардонад.

Қабули нақшаи инкишофи бахши нақлиёт ва сохторҳои коммуникатсионӣ дар қалмрави СҲИ барои ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон, махсусан Тоҷикистон, ки дар «бунбасти ҷуғрофӣ» қарор дорад, бағоят муҳим мебошад. Ба «Барномаи даҳаи нақлиёт ва коммуникатсияи СҲИ барои 1998 - 2007» сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Ғарм – Ҷиргатол – Саритош (Қирғизистон), бозсозии роҳҳои мошингарди Душанбе – Айнӣ – Ӯротеппа – Бекобод (Ӯзбекистон), Бекобод – Нов – Хуҷанд – Конибодом – Қуқанд (Ӯзбекистон), роҳи оҳани Панҷакент – Самарқанд ва ғ. дохил шудаанд. Роҳи мошигарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Мурғоб низ, ки дар ин нақша ҳаст, кишвари моро ба воситаи шоҳроҳи Қароқурум бо Покистон ва Чин мепайвандад. Роҳи оҳани трансосиёии Сарахс – Теҷен – Машҳад, ки қитъаҳои Аврупо ва Осиёро ба ҳам пайваст, на танҳо кӯтоҳтарин роҳест ба баҳр, балки имконоти мамлакатҳои СҲИ-ро дар тиҷорати хориҷӣ хеле афзун мекунад. Идомаи ин хати сайри қатораҳо ва пайвастани он ба роҳҳои оҳани Тоҷикистон ва Қирғизистон бояд яке аз афзалиятҳои нақшаи асосии инкишофи бахши нақлиёти СҲИ шавад.

Самти дигари ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СҲИ соҳаи энергетика ташкил медиҳад. Бунёди истгоҳи обию барқии Роғун ба нақшаи сохтани Энергосистемаи муштараки қалмрави СҲИ дохил шудааст. Бунёди истгоҳи обию барқии Сангтӯдаи 2 низ тибқи ҳамин нақша идома дорад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари воридкунандаи нафт ва газ боқӣ мемонад. Аз ин ҷиҳат ҳамкории ҳамаҷонибаи мо бо мамлакатҳои аъзои СҲИ, ки истеҳсолкунанда ва содиркунандаи газ ва масолеҳи нафтии арзон мебошанд, муҳим ва зарур мебошад. Ҷониби тоҷикӣ ба он бовар дорад, ки иштироки фаъолонаи он дар эҷоди Ширкати пармакунандаи СҲИ бисёре аз мушкилоти феълии моро дар ин соҳаи бисёр муҳимми иқтисодии мамлакат ҳал хоҳад кард.

Ҳамкории густурда дар чаҳорчӯбаи СҲИ на танҳо дар соҳаҳои зикршуда, балки дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, муҳити зист, тандурустӣ, туризм ва ғ. низ судманд аст. Чунончӣ, Тоҷикистон, ки имконияти истеҳсоли солонаи пахтаро дар ҳаҷми 1 млн. тонна дорад, тарафдори ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои СҲИ дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ва ба ҳамин сабаб ҳам пешниҳоди Озарбойҷонро дар мавриди дар доираи СҲИ бунёд намудани Иттиҳодия ва ё Форуми истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони пахта дастгирӣ мекунад. Зеро ин чиз ба давлатҳои аъзои созмон имкон фароҳам хоҳад оварад, ки дар саноати бофандагии умумиҷаҳонӣ ҷои муносибро ишғол намоянд. Соҳаи пиллапарвариро низ метавонад заминаи ҳамкориҳои судманд байни Ҷумҳурии мо ва кишварҳои аъзои СҲИ шавад.

14 сентябри 2004 бори нахустин дар таърихи СҲИ мулоқоти Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои созмони мазкур бо ташаббуси Сардори Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон дар ш. Душанбе баргузор гардид. Мувофиқи фикри коршиносон вохӯрие, ки дар Душанбе гузашт, бомуваффақият буд. Дар Эъломияи Душанбе, ки дар поёни ин ҷамъомад, қабул гардидааст, даъват шуд, ки иштироккунандагон аз ғояи бастани созишномаи тиҷоратӣ ва лоиҳаи эҷоди минтақаи озоди тиҷорат то соли 2015 ҳимоят намоянд.

Кишварҳои аъзои СҲИ-ро зарур аст, ки ба хотири фаъолияти босамар аз ин баъд ба татбиқи амалии қарорҳои қабул карда оид ба самтҳои асосии фаъолияти СҲИ диққат диҳанд ва ин монеаро аз сари роҳи раванди ҳамоиши байни мамлакатҳои худ бардоранд.

Агарчӣ **Созмони Конфронси исломӣ** аз рӯи миқдори

кишварҳои аъзо ва зарфияти захираҳои табиӣ, аз он ҷумла нафт ва газ, яке аз бузургтарин ва қудратмандтарин созмонҳои байнидавлатӣ ба шумор меравад, ба сабаби парешонии мамлакатҳои аъзои он ва надоштани стратегияи муштарак ва консептсияи ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати дохилии хеш, махсусан дар соҳаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ ва гуманитарӣ, тарбияи мутахассисон оид ба тахассуси истеҳсолоти дорои технологияи олӣ, аз имкониятҳои фаровони худ наметавонад ба таври бояду шояд истифода намояд. Барои ҳамин ҳам сарвазири Малайзия Махатир Муҳаммад моҳи октябри соли 2003 дар мулоқоти Сарони давлатҳои аъзои СКИ шадидан таъкид намуда буд, ки мамлакатҳои шомили ин созмон натавонистанд, ки ҳамрайъии исломиро дарёбанд ва захираҳои бойтарини табиии худро босамар истифода баранд.[1] Бо вуҷуди ин доштани ҳамкории густурда бо СКИ ба хотири истифода аз имкониятҳои фаровони он ба манфиати Тоҷикистон аст.

Ҷониби тоҷикӣ бар он ақида аст, ки ояндаи СКИ бо ҷустуҷӯи роҳҳои муҳимми рушди иқтисодӣ дар заминаи пешрафти илмию техникӣ ва технологияи навтарин танҳо дар як мамлакати ҷудогонаи аъзои созмон не, балки дар доираи аксарияти онҳо, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии сокинони онҳо, эҷоди низоми босамар ва дар айни замон ба ҳама дастраси маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғ. вобаста мебошад.

Бо назардошти мавқеи муҳиме, ки СКИ дар ҷаҳони ислом ишғол мекунад, ҳамчунин бо мақсади дар оянда ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии худ дар ин минтақаи ҳаётан муҳимми ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои мутақобилан судманди ҳамаҷонибаро бо кишварҳои аъзои Созмон ва бо халқҳои онҳо, ки умумияти таърихиву фарҳангӣ дорад, ривоҷ хоҳад дод.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ ва муассисаҳои вижаи он, САҲА, СҲИ ва СКИ, танҳо дар иштироки онҳо дар раванди сулҳ ва барқарорсозии иқтисоди баъдинизоӣ маҳдуд намебошад. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба мубориза алайҳи терроризми байнал-

1 Нит.: Т.Н. Назаров. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. – Д., 2004, с.174.

милалӣ, ифротгароии динӣ, бунёдгарой, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории фавқулмиллии муташаккилона, интишори ғайриқонунии аслиҳаи қатли ом ва қисмҳои таркибии он, ки ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳдид мекунад, ҳамеша таваҷҷӯҳи хоса медиҳад ва дар ин заминаҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои наздик дорад. Соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии ҳамаи 12 Конвенсияи СММ гардида, се шартномаи байналмилалиро барои интишор нагардидани аслиҳаи қатли ом ба тасвиб расонид.

Вазорати корҳои хориҷӣ якҷо бо Комиссия оид ба татбиқи ҳуқуқи байналмилалии ҳукумати Тоҷикистон кӯшиш намуданд, ки ӯҳдадориҳои ҷумҳуриро дар қолаби Конвенсияи Оттава оид ба манъи минаҳои зидди пиёданизом (пехота) ба иҷро расонад. Чун натиҷа ба Тоҷикистон ба андозаи 500000 евро барои ҳалли мушкилоти вобаста ба мина ҷудо карда шуд. Барномаи рушди СММ лоиҳаи бунёди Маркази тоҷикистонии масъалаҳои марбут ба минаҳоро таҳия намуд. Лоиҳаро ҳукумати Тоҷикистон пазируфт ва татбиқи он оғоз гардидааст ва он аз тарафи Британияи Кабир аз ҷиҳати моллӣ ба маблағи 250000 $ амрикой дастгирӣ ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимод бар он дорад, ки имрӯз танҳо тавассути саъю кӯшишҳои якҷоя метавон дар баробари хатарҳои замони муосир истодагарӣ намуд. Ташаббуси Тоҷикистон дар бораи ташкили иттиҳоди байналмиллалии зидди маводи мухаддир, ки созмон додани низоми ягонаи мубориза бо маводи мухаддирро на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми дунё дар назар дорад, аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад ва он ҳарчӣ бештар аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ меёбад.

Ташаббуси бисёр муҳимми дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи 58-уми Маҷмаи умумии СММ эълон гардид, танзими ҳамкории фарогир дар мубориза бо хатари маводи мухаддир мебошад, ки ба рӯйхати номгӯи «Ташаббусҳои бағоят муҳимми соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» дохил шуд. Ба ҳайати яке аз мақомоти Комиссияи СММ оид ба маводи мухаддир пешниҳод гардидани намояндаи Тоҷикистон баёнгари эътирофи саҳми ҷумҳурӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи

мухаддир дар миқёси ҷаҳон мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон агарчи узви нави СММ мебошад ва аз узвияти он ҳамагӣ 14 сол сипарӣ шудааст, дар ҳамкорӣ бо ин Созмони бонуфузи байналмилалӣ дастовардҳои назаррас дорад. Маҳз ба шарофати кишвари мо мавзӯи «об» ба рӯзномаи байналмилалии масъалаҳои ҳалталаб ба таври доимӣ дохил гардид. Маҷмаи умумии СММ пас аз натиҷагирӣ аз Соли байналмилалии оби тоза, ки он ҳам бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буд, бар асоси иттифоқи назар бо тарафдории 141 кишвар, яъне аз се ду ҳиссаи аъзои СММ Қатънома дар бораи «Даҳсолаи байналмилалии фаъолият «Об барои ҳаёт» (2005 - 2015)»-ро бидуни баррасӣ қабул намуд. Ба хотири амалӣ гардонидани он бо пешниҳади ҷумҳурии мо моҳи майи соли 2005 дар ш. Душанбе Конфронси байналмилалии «ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар» гузаронида шуд.

Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ва муассисаҳои хориҷии он аз имкониятҳои СММ барои дастгирӣ ва татбиқи босамари ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов оид ба таҳияи Стратегияи фарогири миллии тараққиёт барои солҳои 2006 – 2015, ки бар ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва Стратегияи коҳиш додани камбизоатӣ дар кишвар дар солҳои 2006 – 2008 асос ёфтааст, ҳадафмандона фаъолият кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳкими нақши баҳаморандаи СММ мебошад, ки он воситаи нодири пайдо намудани таносуби манфиатҳо ва ягона мақомест, ки ҳаққи гирифтани тасмим барои амалҳои муштарак ба хотири ҳифзи сулҳ ва тартиботи байналмилалиро дорад.

Эътибори ҷиддӣ ва хоссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ва муассисаҳои вижаи он аз ин ҳам пайдост, ки Сардори Давлат ва ҳукумат Э.Ш. Раҳмонов аз соли 1993 сар карда то ба ҳол қариб дар ҳамаи иҷлосияҳои Маҷмаи умумӣ ширкат варзидааст ва дар яке аз ҷаласаҳои Иҷлосияи 54-ум раисӣ ҳам намудааст.

Пас аз ба охир расидани фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МН СММТ) бо пешниҳоди Дабири кулли СММ Кофе Аннан ба ҷои он Бюрои СММ оид ба мусоидат ба сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон (БСММ МСТ) таъ-

сис дода шуд. Бюрои мазкур кӯшишҳои ҳукумати Тоҷикистонро дар роҳи амалӣ кардани маҷмӯи барномаҳои барқарорсозии баъдинизоӣ, эҳёи иқтисоди миллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардонидани низоми идорӣ дастгирӣ менамояд. Бо назардошти он ки БСММ МСТ дар ҳалли масъалаҳои мазкур саҳми муассир мегузорад, ҳукумати Тоҷикистон мӯҳлати фаъолияти онро то имрӯз се маротиба тамдид намуд. Яке аз корҳои назаррасе, ки Бюрои мазкур анҷом дод, омодагӣ ва гузаронидани Форуми «ҳамкориҳои минтақавӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккилона дар Осиёи Марказӣ» буд, ки 14 – 15 декабри с.2005 дар Душанбе гузашт.

Баррасии мухтасар ва гузарои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ва муассисаҳои вижаи он ва ҳамкориҳои онҳо дар соҳаҳои гуногун дурустии суханони Дабири кулли ин созмон Кофе Аннанро дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон (21 октябри 2002) тасдиқ мекунад. Ӯ таъкид намудааст, ки «Тоҷикистон ва СММ таҷрибаи тӯлонии ҳамкориҳои наздик ва босамарро доранд, ки аз он ҳардуи тараф ҳақ доранд, ки фахр намоянд».[11]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви САҲА ва сарҳади ҷанубии он ба мисли ҳамаи кишварҳои минтақа ба кафолати воқеии амният эҳтиёҷ дорад. Барои ҳамин ҳам ҷониби тоҷикӣ пешниҳод карда буд, ки дар чаҳорчӯбаи САҲА масъалаи таъмини амнияти давлатҳои наздисарҳадии қаламрави созмони мазкур мавриди баррасӣ қарор гирад. Зеро Тоҷикистон бар он бовар дорад, ки амният тақсимнопазир аст, аз ин рӯ ташаккули фазои ягонаи амниятӣ, оромӣ ва ҳамкорӣ дар қаламрави САҲА зарур мебошад. Фазое, ки ҳамагуна нобаробарӣ дар байни кишварҳои аъзои ин созмонро рад мекунад, аз ҷумла ба ин ва ё он давлати аъзо додани ваколати махсус ё имтиёзи масъулият барои ҳифзи оромӣ дар минтақаро. ҳеҷ як давлат ҳақ надорад, ки ягон бахш, хосса мамлакати дигари минтақаро дар доираи манфиатҳои хеш қарор диҳад. ҳар кишвар бояд худро ба таъмини амнияти умумии қаламрави САҲА масъул шуморад. Аз ин ҷиҳат лозим меояд, ки механизми мавҷудаи хушлори пешакии хавфу хатарҳо дар қаламрави САҲА ба

1 Ниг. : В. Сотиров. ООН и Таджикистан: плодотворное взаимодействие и сотрудничество// Таджикистан и современный мир, №1, 2004, с.13.

таври ҷиддӣ такмил дода шавад. Бояд чунин механизмеро пайдо намуд, ки зуҳури ҳамагуна ноамниро номумкин гардонад.

Тоҷикистон ба иҷрои масъулиятҳое, ки аз Хартияи амнияти аврупоӣ ва Эъломияи Истамбул бармеояд, аҳамияти махсус медиҳад.

Самти дигари ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА-ро мубориза бар зидди терроризм ташкил медиҳад. ҳукумати ҷумҳурӣ ба хотири татбиқи санадҳои Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои САҲА дар Бухарест ва Конфронси байналмилалии Бишкек тамоми тадбирҳои амалиро барои мубориза ба ҳамаи зуҳуроти терроризм ва маблағгузорӣ ба он андешидааст. Мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳукумат кӯшиши тамом дорад, ки ҳамкории байналмилалиро барои мубориза бо терроризм ва ифротгароии динӣ густариш ва тақвият диҳанд. Бо ҳамин мақсад ҳанӯз дар апрели 1997 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвияти мубориза бо терроризм» содир шуд. 16 ноябри 1999 дар Иҷлосияи Маҷлиси Олӣ санади бунёдии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» қабул гардид. Тоҷикистон ба 8 Конвентсияи байналмилалии мубориза бо терроризм ҳамроҳ аст.

Мушкили дигаре, ки ҳалли он ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ, мисли СММ ва САҲА тақозо мекунад, мубориза бо интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддира аз Афғонистон ба воситаи хоки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ ба мамлакатҳои дигари аъзои Созмон мебошад. Тоҷикистон соли 2002 ташаббускори даъвати Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба ҳайси шарики САҲА дар ҳамкорӣ буд.

Ба хотири иҷрои масъулиятҳои байналмилалие оид ба ҳуқуқи инсон дар чаҳорчӯбаи САҲА ҳукумати Тоҷикистон дар соли 2002 Комиссияи махсусеро таъсис дод, ки ба ҳайати он соҳибмансабони кишвар ва намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ шомил гардиданд. Ғайр аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори ҳукумат дар бораи ислоҳоти низоми пенитентсиарӣ ва таъсиси Комиссия оид ба ислоҳоти низоми ислоҳотӣ қабул шуд. Ва дар асоси ин қарор салоҳияти назорат бар низоми ислоҳотӣ ба Вазорати адлия гузошта

шуд. Тоҷикистон раводиди хуруҷиро бекор кард ва расмиёти дарёфти раводидро барои шаҳрвандони худ сода намуд. Кишвари мо мисли пешина ба масъалаи убури озод ва бемамонияти мол ва одамон дар хоки ҳамаи мамлакатҳои САҲА, пеш аз ҳама, дар Осиёи Марказӣ диққати ҷиддӣ медиҳад.

Тоҷикистон дар марҳилаи тараққиёти хеш умед ба ёрӣ ва дастгирии фаъолонаи САҲА дар таҳкими институтҳои демократӣ, такмили қонунгузорӣ, бунёди асоси ҷомеаи дунявӣ дар заминаи меъёрҳои олии байналмилалӣ мебандад. Ва ташаббуси БДИПЧ-ро барои мусоидат намудан ба мутахассисони тоҷик дар танзими баъзе лоиҳаҳо ва санадҳои бунёдии қонунгузорӣ, ки ба демократикунонии минбаъдаи ҷомеа боис гардидааст, механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон, гузаронидани интихоботи озод ва мустақилро дар бар дорад, дастгирӣ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи ҳамкории ҳамаҷонибаи босамар бо САҲА ва муассисаҳои он дар дурнамо манфиатдор аст. Бо такя бар асосҳои Санади ниҳоии Хелсинки ва дигар ҳуҷҷатҳои бунёдии ин созмон Тоҷикистон аз таҷрибаи фаровони САҲА дар соҳаи демократӣ кардани ҷомеа, эҷоди ниҳодҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд бо иқтисоди бозорӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва экологӣ ба таври густурда истифода хоҳад кард.

Оғози ҳазораи сеюм на танҳо оғози ба марҳилаи сифатан нави инкишофи худ гузаштани робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, балки оғози давраи нави рушди муносибатҳои мо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ буд.

Таваҷҷӯҳи СММ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ба маротиб бештар мегардад. Ин созмони бонуфузи байналмилалӣ дар ҷавоб ба пешниҳод ва дархости роҳбарони ҷумҳурӣ аз раванди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва эҷоди иқтисоди бозорӣ ба фаъолона дастгирӣ кардан оғоз менамояд. Фароҳам овардани шароити мусоиди дастёбӣ ба бозор, захираҳои молиявӣ ва технологӣ ва афзоиши миқдори лоиҳа ва барномаҳое, ки ин созмон дар Тоҷикистон амалӣ мегардонад, гувоҳӣ аз он медиҳад. Сафари нахустини Дабири кулли СММ Кофе Аннан дар

раъси ҳайати расмӣ ба Душанбе дар 21 – 22 октябри 2002 ва вохӯрию сӯҳбатҳои ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ М.Убайдуллоев ва вазири корҳои хориҷӣ Т. Назаров имконияти нодиреро барои оид ба масъалаҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ ва арзёбии равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар он фароҳам овард.

Ҳамкориҳои гуманитарӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи СММ бобарор буданд. Гузаронидани рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар рӯзҳои баргузории ҷаласаи 33-уми Конфронси умумии ЮНЕСКО ва иштироки Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар он гувоҳи возеҳи рушди ҳамкориҳо бо ин созмон мебошад.

Аз фаъол гардидани САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифи ҳайатҳои баландпояи ин созмон дар ин солҳо шаҳодат медиҳад. Соли 2001 ба Душанбе ҳайатҳои САҲА бо сарпарастии Раиси Маҷмаи парлумонии САҲА Андреан Северин, Раиси феълии САҲА Мирчу Ҷоана ва Фиристодаи вижаи Раиси САҲА оид ба Осиёи Марказӣ Сафир В. Хойнк ва дигарон ташриф оварданд. Дар моҳҳои октябр ва декабри 2001 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори Шӯрои доимии САҲА мутаносибан аввал дар Вена ва баъд дар Бухарест иштирок кард ва дар суханронии муфассали худ масъалаҳои зарурати таъмини дастаҷамъии амнияти минтақа ва ҳамкориҳо дар шароити нави Афғонистонро баъд аз шурӯи амалиёти зидди-террористӣ ба миён гузошт. Боиси хурсандист, ки ҳамаи кишварҳои ин созмон нақши муҳимми Тоҷикистонро дар танзими қазияи Афғонистон таъкид намуданд ва омодагии худро ба дастгирӣ аз кӯшишҳои роҳбарони кишвар дар ин самт изҳор карданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо намояндагони ҳамоҳангсози доимии СММ дар Душанбе, Дафтари СММ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои гуманитарӣ, Барномаи байналмилалии озуқа дар ҳалли масъалаҳои гуманитарии Афғонистон ва бозсозии иқтисодии он фаъолона саҳм гирифт. Дар натиҷа дар соли 2001 ба воситаи хоки Тоҷикистон ба минтақаҳои Шимоли ин кишвар миқдори зиёди хӯрокворӣ, дорувориӣ ва ғ. ба аҳолии мӯҳтоҷи он расонида шуд.

Бо дигаргун шудани вазъи сиёсӣ дар Афғонистон баъд аз суқути режими Толибон ва ташкили ҳукумати интиқолӣ имкони ҳамкории созанда ва судманд дар заминаи таъмини амният дар сарҳадот ба вуҷуд омад.

Соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси даъвати Афғонистон ба САҲА ба ҳайси шарики ҳамкорро ба миён гузошт ва бо ин бори дигар он нуктаро таъкид намуд, ки амнияти минтақа масъулияти дастаҷамъиро тақозо дорад.

6 – 7 декабри 2002 ҳайати тоҷикӣ бо сарпарастии вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров дар Ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии САҲА дар ш. Порто (Португалия) мавқеи ҳукумати кишвараш дар бораи амнияти минтақавӣ ва ҷанбаҳои асосии ҳамкории муштарак дар соҳаи мубориза бо терроризми байналмилалиро шарҳ дод.

Соли 2003 давраи инкишофи ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Боздидҳои Сафири махсуси Раиси феълии САҲА оид ба Осиёи Марказӣ Марти Ахтисари (март, май), сафирҳои давлатҳои аъзои САҲА (Фаронса, Булғория, Шветсия, Ирландия ва Норвегия (май), Раиси феълии САҲА Яап де Хуп Шеффер (июл) ва Комиссари олии САҲА оид ба умури ақаллиятҳои миллӣ Ролф Экеус (июл) ба Тоҷикистон аз диққати ҷиддии САҲА ба масъалаҳои ҳалталаби ҷумҳурӣ ва иштироки он дар ҳалли онҳо далолат медоданд. Баҳсе, ки онҳо ба сатҳ ва самараи муносибати САҲА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон доданд, нуфузи давлати моро ҳамчун шарики боэътимод дар ҳамкорӣ мустаҳкам намуд. Онҳо ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА-ро барои кишварҳои дигари минтақа намуна ҳисобиданд.

Моҳи декабри соли 2003 вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Т.Назаров дар ҷаласаи 11-уми вазирони корҳои хориҷии САҲА дар Маастрихт мавқеи мамлакаташро оид ба санади асосии Созмон – Стратегияи САҲА дар мубориза бар зидди таҳдид ба амният ва пойдории вазъ дар асри XXI иброз дошт.

Иқдоми муҳимми САҲА дар соли 2003 қарори Шӯрои доимӣ дар бораи ба Афғонистон додани мақоми кишвари шарик буд, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов қабул карда шуд. Ва қарори мазкур ба гуфтушуниди мунтазами сиёсӣ миёни Афғонистон ва

САҲА роҳ кушод.

Моҳи марти 2003 сафари ҳайати тоҷикӣ дар сатҳи олӣ бо сарварии Сардори Давлат ва ҳукумат Э.Ш. Раҳмонов ба қароргоҳи НАТО дар Брюссел баргузор гардид, ки он аз оғози ҳамкории босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо НАТО дар доираи Шӯрои ҳамкории Аврупо ва Атлантик (ШҲАА – СЕАП) ва ҳамкорӣ баҳри сулҳ (ҲБС–ПРМ) дарак медод. Дар ҷараёни ин сафар масъалаҳои марбут ба ҳамкорӣ бо ин созмон, зарурати дар доираи фаъолияти он тақвият бахшидан ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини амният дар Осиёи Марказӣ ва ҳамкорӣ бо Афғонистон ва ғ. баррасӣ гардиданд. Идомаи баррасии ин масъалаҳо дар вақти сафари Дабири кулли НАТО Ҷ.Робертсон ба Душанбе низ, ки дар моҳи сентябри ҳамон сол ба вуқӯъ пайваст, сурат гирифт. Раҳбари НАТО ҳамчунин масъалаи танзими ҳамкории мутақобилаи миёни Тоҷикистон ва НАТО-ро дар доираи Қувваҳои байналмилалии кӯмак ба амният дар Афғонистон (ҚБКАА–ИСАФ) ба миён гузошт.

Тоҷикистон бо пайвастан ба Барномаи Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) «ҳамкорӣ ба хотири сулҳ» умед бар он дорад, ки ин ҳамкорӣ ба манфиати ҳифзи амният, оромӣ ва таҳкими боварӣ дар тамоми қаламрави аврупоосиёӣ хоҳад шуд.

Солҳои охир дипломатияи тоҷик фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии дигар низ, монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ ва ғ. фаъолтар гардонид. Дар Душанбе бомуваффақият ва босамар баргузор гардидани ҷаласаҳои Сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ (14 сентябри 2004) ва Созмони ҳамкории Осиёи Маркази (17–18 октябри 2004) далели равшани комёбиҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мулоқоти VIII-уми Сарони кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ бо иштироки 10 давлати аъзо ва намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гузашт. Густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар сатҳи олӣ баргузор гардидани ин чорабиниҳо, аз як

тараф, агар аз алоқамандӣ ва рағбати кишварҳои аъзо ба ҳамкорию шарикӣ дар доираи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар, далели возеҳи дастгирии ҳаматарафа аз сиёсати роҳбарияти Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи иқтисод ва амният ба шумор меравад.

Дар рафти мулоқоти Сарони кишварҳои аъзои СКИ, ки 16–18 октябри 2003 дар пойтахти Малайзия ш. Куала Лумпур баргузор гардид ва дар он Президенти Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов иштирок дошт, қарори №27/0-Е «Дар бораи расонидани ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон» қабул шуд. Мувофиқи он СКИ аз давлатҳои иштироккунанда ва Бонки исломии рушд даъват кард, ки аз кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рафъи мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва амалӣ гардонидани барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дастгирӣ намоянд. Яке аз он иқдомоти ҷавобие, ки ба ин даъват карда шуданд, гузаронидани Конфронс оид ба ҷалби сармоягузорӣ дар Душанбе рӯзҳои 28-29 сентябри 2003 буд, ки ташаббускори он Бонки исломии рушд аст. Натиҷаи ниҳоии конфронси мазкур мувофиқатнома дар бораи таъсиси сармоягузории холдингӣ дар Душанбе бо сармояи оинномавӣ ба маблағи 200 млн. $ амрикой буд.

Дар бораи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ, хосса онҳое, ки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд ва ё бо иштироки ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ ва давлатҳои ҳамсоя ташкил ёфтаанд, монанди Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ–СНГ), Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (США–ОДКБ), Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ (СҲОМ–ОЦАС), Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ (ИИОМ–ЦАЭС), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ–ШОС), Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё (МҲТЭО–СВМДА), ҳамчунин Иттиҳоди Аврупо (ИА–ЕС) ва ғ. дар фаслҳои пешина дар мавридҳои муносибтаре сухан рафта буд, аз ҳамин сабаб аз такрори онҳо худдорӣ мешавад.

Аммо дар замина як нуктаро бояд зикр кард, ки аз таъсиси аксарияти ин созмонҳо, махсусан онҳое, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омаданд, беш аз 10 сол гузашта бошад ҳам, онҳо ҳанӯз марҳилаи ташаккули

худро сипарӣ накардаанд ва асосан бо ба расмият даровардани сохторҳои худ ва қабули санадҳо машғул мебошанд. Аз ин сабаб ҳанӯз фаъолиятҳои онҳо дар раванди ҳамоиши кишварҳои минтақа самараи дилхоҳ надодаанд. Аз ин ҷиҳат баррасии кӯшишҳо ва тадбирҳое, ки кишварҳои аъзои ин созмонҳо мекунанд ва меҷӯянд, дар мисоли сарнавишти созмони Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ–СНГ) басо омӯзанда ва ибратбахш мебошад ва натиҷаҳое ҳам, ки аз чунин баррасӣ ҳосил мешавад, бидуни истисно, ба ҳамаи онҳо дахл дорад.

Вазъияти воқеии созмони Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар марҳилаи ҳозира ва дар қаламрави давлатҳои аъзои он чунон аст, ки сарнавишти он ва дурнамои инкишофаш кайҳост, ки зери савол аст ва мавриди баҳсу талошҳои тӯлонӣ дар байни сиёсатмадорон, сиёсатшиносон, коршиносон ва намояндагони воситаҳои ахбори умум қарор гирифтааст.[1]

Ҳангоми арзёбии танқидии мақом ва нақши ИДМ набояд аз он чашм пӯшид, ки, ба ҳар ҳол, ин созмон ҳамчун воқеияти геополитикӣ вуҷуд дорад ва ташшаккул ҳам ёфтааст. Ин созмон, бидуни шак, дар ташаккули давлатҳои нави соҳибистиқлол дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ нақши мусбат бозид ва онро ба ҳеҷ ваҷҳ инкор наметавон кард.

Дар баробари ин, дар шароити босуръати тамом ҷаҳонӣ шудани муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши ҳамбастагии давлатҳо бо якдигар дар низоми феълии хоҷагидории ҷаҳонӣ ИДМ ба ҳайси як созмон вақте тавфиқ меёбад, ки агар дар қолаби он равандҳои ҳамоишии мутақобилан судманд шакл гиранд. Вале бо таассуфи зиёд бояд иқрор шуд, ки ИДМ ин гуна равандҳои ҳамоиширо дар миёни давлатҳои аъзои худ ташаккул дода натавонист. Зикр намудан кофист, ки дар тӯли 15 соли фаъолияти он дар ҳудуди 1500 санад ба имзо расидааст, ки аксарияти мутлақи онҳо амалӣ нагардидаанд. Ҷаласаҳои Шӯрои Сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва вазоратҳои гуногуне, ки дар чаҳорчӯбаи

1 Нит.: Т.Н. Назаров. СНГ: время нового переосмысления // Т.Н. Назаров. Таджикистан: экономичекий рост, интеграция и региональное сотрудничество. – Д., 2004, с.87-99; О совершенствовании и реформировании Содружества Независимых Государств // Дипломатия Таджикистана, №11, 2005, с.108-119.

ИДМ баргузор мегардиданд ва имрӯз ҳам идома доранд, ба клубҳои мубоҳисавӣ шабоҳат дошта, тасмимҳое, ки дар онҳо гирифта мешуданд ва мешаванд, чун қоида, хусусияти машваратӣ доштанд ва иҷрояшон ҳатмӣ нест.

Оғози баҳси ошкороро дар бораи сарнавишти ИДМ ва нақши он мулоқоти Сарони кишварҳои ИДМ дар моҳи марти 1997 гузошт. Баъдан ин баҳсҳо дар вохӯрии Кишенеу дар октябри ҳамон сол идома ёфтанд ва таконе ба раванди ислоҳоти ИДМ доданд. Сарфи назар аз ин Иттиҳоди мазкур боз вақти зиёде дар ҳамин ҳолати ҳасту нест қарор дошт. То замоне, ки дар мулоқоти Сарони давлатҳои Иттиҳод дар Остона рӯзи 16 сентябри 2004 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н.Назарбоев аз нав масъалаи такмил ва ислоҳоти мақомоти ИДМ бардошта шуд ва дар Шӯрои Сарони давлатҳо Қарори махсусе дар ин бора қабул гардид.

Вохӯриҳои бисёрҷонибаи намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷии давлатҳои иштироккунандаи ИДМ ба хотири иҷрои Қарори Шӯрои Сарони кишварҳои ИДМ аз 16 сентябри 2004 оид ба такмил ва ислоҳоти мақомоти Иттиҳод, ҳамчунин ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ дар таърихи 18 марти 2005 дар ш. Минск, «Пешниҳодҳои» дар ин ҷамъомадҳо омода гардида бори дигар муҳим ва саривақтӣ будани гузориши ин масъаларо тасдиқ намуда, дар баробари он ба таври возеҳ мавҷуд будани ихтилофоти ҷиддиро дар байни давлатҳои иштироккунандаи алоҳида ва ё гурӯҳе аз онҳо оид ба ин ва ё он масъала ошкор сохтанд. Барои мисол, ҳайатҳои Гурҷистон, Украина, Озарбойҷон ва Молдово дар бисёр мавридҳо ё зид буданд ё баёни мавқеашонро ба таъхир меандохтанд ва ё назари хоси худро доштанд. Ёдовар мешавем, ки ин давлатҳо ҳамзамон аъзои созмони Гурҷистон – Украина – Ӯзбекистон – Озарбойҷон ва Молдово (ГУӮОМ–ГУУАМ) мебошанд ва мавқеашон аз кишварҳои дигари ИДМ фарқ мекунад.

ИДМ ҳоло дар марҳилаи чархиш қарор дошта, санадҳои асосии он бо назардошти воқеиятҳои нав зарурат ба таҷдиди назари фаврӣ дорад. Ё давлатҳои шомили Иттиҳод бо кӯшишҳои дастаҷамъӣ ба такмил ва ислоҳоти куллии мақомоти ИДМ муваффақ мешаванд ё он мисли пешина дар

ҳамон ҳолате, ки дошт, яъне ҳасту нест, боқӣ хоҳад монд. Сухан аз будан ё набудани ИДМ меравад. Н.А. Назарбоев дар мулоқоти ғайрирасмии Сарони давлатҳо 1 марти с 2002 дар ш. Олмати айнан чунин гуфта буд: «Ё бояд ИДМ-ро бубаст ва ба ҳамкориҳои дуҷониба гузашт, ё чунон ки ҳаст, боқӣ гузошт дар ҳолати ҳасту нест, ё ба равандҳои ҳамоишии омутом, монанди аврупоиҳо гузашт». В.В. Путин дар ин хусус 19 июли 2004 дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Федератсияи Русия ибрози назар карда буд: «Ё мо ба тақвияти сифатии ИДМ муваффақ мешавем, дар асоси он сохтори воқеии амалкунанда ва бонуфуз дар дунё месозем, ё моро ҳатман маҳви ин фазои геополитикӣ мунтазир аст ва чун натиҷа таваҷҷӯҳи давлатҳои иштироккунанда ба кори Иттиҳод ба тамомӣ коста мегардад».

Барои чӣ қисме аз давлатҳои аъзои ИДМ ба инкишофи равандҳои ҳамоишӣ дар доираи Иттиҳод чандон таваҷҷӯҳ надоранд ва ҷиддӣ нестанд? Ба назари мо иллати он инҳоянд:

1. Ҳар яке аз кишварҳо дар чаҳорчӯбаи Иттиҳод аз авval манфиат ва ҳадафҳои худро дошт. Баргузории бисёр гуфтушунидҳои ҷудо-ҷудо ва дарёфти мувофиқатҳои пасипардагӣ ҳамзамон бо қабули санадҳои расмии анъанавӣ ва изҳори ният карданҳои аъзои ИДМ, ки ба онҳо худи иштироккунандагонаш чандон бовар надоштанд, гувоҳи он буданд, ки Иттиҳоди мазкур ба клуби манфиатҳо табдил ёфтааст. Баъзе аз давлатҳои иштироккунандаи ИДМ аз худхоҳӣ хоҳиши ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамиттиҳодҳои худро надоранд ва кӯшиш ҳам намекунанд. Дар чунин ҳолат инкишофи ҳамоиши воқеӣ ва фаъолро дар доираи ин созмони минтақавӣ ва созмонҳои дигар бовар кардан душвор мебошад. Маҳз ҳамин чиз сабаб шудааст, ки бисёре аз кишварҳои ИДМ ҳамкориҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои дури хориҷӣ ва ҳамоиши гуногунсуръат ва гуногунқолаб дар қаламрави ИДМ ва таъсиси иттиҳодияҳои ҳамоишии гуногуни субрегионалӣ (Иттиҳоди Русия ва Белорус, СШАД, ЕврАзЭС, Фазои ягонаи иқтисодӣ (ФЯИ–ЕЭП), СҲОМ, ГУЎОМ) афзал мешуморанд, ки дар навбати худ асосҳои ҳамкориҳои байнидавлатиро дар қаламрави ИДМ халалдор месозад. Фикри ҳамоиши гуногунсуръат ва гуногунқолаб камбудии баръало дорад. Дар он чанд пешрави

ҳамоиш (ду, се, чор ё панҷ давлат) ҷудо мешаваду дигарон, ба гумони онҳо ҳанӯз «ба дараҷаи баланди ҳамоиш нарасидаанд», вале дар оянда ҳатман аз ҳамоиш манфиате хоҳанд дид ва он вақт зери созишномаҳои амалкунанда имзо хоҳанд монд. Давлатҳое, ки аз доираи баъзе аз ин гуна иттиҳодияҳо берун мемонанд, худро таҳқиршуда мешуморанд. Онҳое, ки дар бораи афзалияти ҳамоиши гуногунсуръат сухан меронанд, гумони худро воқеият менамоянд. Чунин бармеояд, ки як қатор кишварҳои ИДМ дар сиёсати хориҷии хеш ҷонибдори ҳамоиш нестанд. Зимнан, бинобар шаҳодати мутахассиси иқтисоди байналмилалӣ дар Озарбойҷон Магомед Ҷамилов созмони ГУӮОМ гӯё аз аввал аз тарафи ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар муқобили ИДМ таъсис дода шуда будааст. Бесабаб нест, ки роҳбарони нави Украина ва Гурҷистон аз аввалин қадамҳое, ки бардоштанд, зинда гардонидани ин Иттиҳоди нав дар шароити нав буд.

2. Сабаби дигари беэътиноии кишварҳо ба равандҳои ҳамоишӣ дар доираи ИДМ он буд, ки масъалаҳои ҳалталаб ҳам дар дохили ин кишварҳо ва ҳам дар байни худи онҳо мавҷуд аст. Набаромадани ИДМ аз ӯҳдаи ҳалли қазияҳои арманиҳою озарбойҷониҳо, гурҷиҳою абхазиҳо, гурҷиҳою осетинҳо, приднестровиҳо ва чеченҳо дар қаламрави пасошуравӣ ва ҳам бефаъолиятии сохторҳои ин Иттиҳод дар давраи ҳамлаҳои террористон ба хоки Ӯзбекистон ва Қирғизистон кишварҳои аъзои онро ноумед гардонд.

3. Давлатҳои ИДМ ҳамчунин сабабро дар он дидаанд, ки аз ибтидо ин кишварҳои аъзо сатҳи рушди иқтисодии гуногун доранд, баъзе аз онҳо дучори бӯҳронҳои молиявӣ ва иқтисодиянд, заминаҳои ҳуқуқии ҳамкорию ҳамоиш миёни онҳо ҳамоҳанг карда нашудааст.

Роҳбарони ИДМ, пеш аз ҳама, аз гуногунии дараҷаи рушди иқтисодӣ ва ислоҳот дар давлатҳои Иттиҳод нороҳатанд. Гӯиё ба гумони онҳо дар ин вазъият ҳамкориҳои наздик дар доираи ИДМ бефоида мебошад. ҳол он ки «таҷрибаи ҷаҳонӣ кайҳо ба исбот расонидааст, ки ҳамагуна иқтисоди ҳамоишӣ қодир аст, ки имкониятҳои мавҷударо агар чандинкарата набошад ҳам, ба ҳар ҳол, ба маротиб бештар афзояд. Иқтисоди ҳамоишии якчанд мамлакатҳо барои он ки қисми таркибии робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ шаванд,

бояд ба ҳодисаҳои манфие, ки натиҷаи ҷаҳонӣ шудан мебошад ва, ғолибан, рақобати ғайриоқилона дар бозори мол ва сармоя муқобилият нишон диҳанд. Алалхусус ҳамоиши минтақавие мисли ИДМ, ки аз 12 давлат дар як қаламрави фарох ташаккул ёфтааст ва бозори бағоят пурғунҷоиш, фазои барои ҳаракати озоди сармоя ва имкони дастрасии он ба кашф ва истифодаи захираҳои бойтарини маъданию ашёи хом ва қувваи кории арзонро доро мебошад. Аз ин ҳақиқат бисёре аз мамлакатҳои дунё барвақт огоҳӣ доранд. Исботи он Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки бозори умумӣ, валютаи ягона, фазои ягонаи гумрукӣ ва ғ. дорад».[11]

4. Иллати асосии заиф будани равандҳои ҳамоишӣ дар доираи ИДМ дар чизи дигар аст. Роҳбарони ин Созмон, пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама, маълум аст, ки аз таъсиси ҳамагуна мақомоти фавқулмиллӣ меҳаросанд. Онҳо гумон доранд, ки он ба манфиатҳои миллии онҳо халал ворид месозад. Агарчи дар замина таҷрибаи бобарори Иттиҳоди Аврупо бо мақомоти фавқулмиллии худ, мисли парламони муштарак ва ғ. барои ҳамаи онҳо маълум аст. Сарфи назар аз ин бисёре аз давлатҳои аъзои ИДМ аз бархӯрдҳои Федератсияи Русия нисбат ба Белорус, Гурҷистон, Украина ва Молдово нигаронӣ доранд. Мутаассифона, роҳбарони Русия ҳанӯз ҳам дар муносибатҳои давлатӣ аз усули кӯҳна – фишору таҳдид даст накашидаанд.

5. Ҳамчунин набояд аз амбитсияҳои шахсии роҳбарони баъзе аз давлатҳои Иттиҳод барои лидери минтақаи худ ва ё тамоми ИДМ шудан сарфи назар намуд. Тахмин меравад, ки Президенти Русия В.В. Путин бо назардошти чунин як падидаи номатлуб дар форуми «ҳамоиши евроосиёӣ: анъанаҳои рушди муосир ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ шудан» 18 июли 2004 дар Остона ба ҳайси яке аз сабабҳои бесамарии равандҳои ҳамоишӣ дар чаҳорчӯбаи ИДМ гуфта буд: «Ин шовинизми бузургдавлатист. Ин миллатгароист. Ин амбитсияҳои шахсии онҳоест, ки ба онҳо тасмимгириҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Ва, дар ниҳоят, ин аблаҳии гузаро, аблаҳии содаи давраи ғорнишиниҳост».

6. Ба ақидаи мо, иллати асосии бесамарии мақомоти ИДМ дар набудани механизми татбиқи қарорҳои қабулшуда мебошад. Аз ин ҷиҳат коре бояд кард, ки он қарорҳо

1 Т.Н. Назаров. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество, с.96.

иҷро шаванд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо исрор мекунанд, ки Созмони Иттиҳоди давлатҳои муттаҳида мисли дигар созмонҳои минтақавии пасошӯравӣ ба ислоҳоти куллии бидуни таъхир мӯҳтоҷ аст. Барои ин зарур аст, ки дар навбати аввал, модели консептсиалии ин созмон, стратегияи инкишофи баъдинаи он, самтҳои афзалиятноки фаъолияти он мушаххас карда шавад ва баъд механизмҳои аниқу дақиқи татбиқи онҳо ва тадбирҳои ташкилиро муайян намуд. Мо аз ИДМ чиро мунтазирем, чӣ мехоҳем, кадом масъалаҳоро мо бояд ҳал намоем дар доираи ин Иттиҳод? Ба ин саволҳо ҷавоб нагуфта, ба ислоҳоти куллии Иттиҳод сар кардан номумкин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори фаъолияти созмонҳои минтақавие монанди ИДМ, ЕврАзЭС, ШАД ва ғ. мебошад. Ба шарти он ки ин созмонҳо фаъолияти худро тавре кунанд, ки ба равандҳои ҳамоишӣ дар минтақа ва ҳамкориҳои судманд миёни давлатҳои аъзои он сабаб шаванд. Кӯшишҳои ҷоннок кардани ИДМ, ислоҳ ва такмил додани сохторҳои он ба шарте барор хоҳанд гирифт ва натиҷа хоҳанд дод, ки давлатҳои аъзои он ба ҳамоиши беқайду шарт ва чунучарои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғ. омода бошанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба монанди СММ ва муассисаҳои махсуси он, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, НАТО, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, ЕврАзЭС, Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, муассисаҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва ғ. ба фароҳам овардани шароити мусоид барои тақвияти минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти арзӣ, таҳкими мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иштироки он дар равандҳои умумиҷаҳонӣ равона шудааст.

ХУЛОСА

Агарчи аввалин кӯшишҳои додани истиқлоли бештар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта дар замони Гармои хурушёвӣ оғоз гардида, дар даврони Бозсозии горбачёвӣ идома ёфта буд, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо пас аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ мустақил шуд.

Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 сентябри 1991 чанд санади тақдирсозеро қабул намуд, аз ҷумла Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Эъломия дар бораи истиқлоли ҶСС Тоҷикистонро, ки онҳо асоси ҳуқуқии истиқлолияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи сиёсати хориҷии онро гузошта буданд.

Марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар ш. Хуҷанд сар шуд. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт.

Таҷрибаи бобарори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар расидани он, бидуни шубҳа, дастоварди бузурги дипломатияи муосири тоҷик ба шумор меравад. Дабири кулли СММ Кофе Аннан таҷрибаи сулҳи тоҷиконро намунаи ибрат барои оламиён дониста, гуфта буд: «Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод».

Бо дарёфти сулҳу оштӣ ва барқарор гардидани оромӣ дар ҷумҳурӣ шароит барои фаъолияти густурда дар соҳаи сиёсати хориҷӣ муҳайё гардид.

Дар зарфи 15 соли даврони истиқлолият, ки дар назди таърих муддати кӯтоҳе мебошад, заминаи густурдаи ҳуқуқию шартномавии робитаҳои давлатӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ба вуҷуд

омад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи 128 кишвари ҷаҳон эътироф гардида, бо 111-тои он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви комилҳуқуқи қариб тамоми созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба монанди СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Конфронси исломӣ, Бунёди байналмилалии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, ИДМ, ЕврАзЭС, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ ва ғ. мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло расман ба 171 конвентсияи асосии байналмилалӣ шарик гардидааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳои пешрафтаи дунё, давлатҳои минтақа бештар аз пештар дар симои ҶТ шарики боэътимод, устувор ва дилпурро мебинанд.

Феълан дар шаҳри Душанбе 17 сафорат ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ва зиёда аз 20 дафтари созмонҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд. Миқдори сафоратхона, намояндагӣ ва консулгариҳои Тоҷикистон, сарфи назар аз мушкилоти зиёди молиявӣ ва кадрӣ, дар хориҷ ба 18-то расидааст.

Дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ, дар зарфи 15 соли истиқлолият, дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ нуфуз ва эътибори қобили мулоҳиза пайдо намудани кишвари хурде, мисли Тоҷикистон ва он ҳам пас аз ҷанги шаҳрвандӣ ғайричашмдошт ва ҳайратовар менамояд. Вале агар дуруст мулоҳиза шавад, дар он ягон чизи ғайричашмдошт ва ҳайратовар нест. Омилҳои асосии комёбиҳои фавқулодаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз дуруст муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ аз аввал ва ҳам аз оғоз то ба ҳол собит, устувор ва боэътимод боқӣ мондани он мебошад.

Дар Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 сентябри 2002 тасдиқ шудааст, самтҳои асосии сиёсати хориҷии он дар дурнамо мушаххас гардидааст. **Ҳадафҳои аслии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарозмуддат** иборат аст аз омода ва ҳифз намудани шароити берунаи мусоид барои идомаи муваффақонаи ислоҳот дар дохили кишвар, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳайси давлати мустақил, пайдо намудани заминаҳои мувофиқати манфиатҳо бо кишварҳои хориҷӣ

ва созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ дар раванди ҳалли вазифаҳое, ки ба сифати афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ муайян шудааст. **Ҳадафҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кӯтоҳмуддат** барои таъмин ва тақвияти ҷои муносиби кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бунёди иқтисоди бозоргонии босамаре, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини амнияти миллӣ, суръат бахшидан ба равандҳои ҳамоишӣ дар минтақа ва ҷаҳон, ташаккули низоми муносибатҳои шарикӣ ва иттифоқӣ, ки ба такмили шаклҳо ва усули ҳамкории Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд, нигаронда шудааст.

Густариши ҳарчӣ бештари доираи робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Амрико, Аврупо, Эрон, Чин, Ҷопон, Туркия, Афғонистон ва ғайра бори дигар дурустии сиёсати «дарҳои кушоди» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмоновро дар муносибатҳои байналмилалӣ тасдиқ кард. Обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ торафт бештар ба сифати давлате, ки мехоҳад бо ҳамаи мамлакатҳои дуру наздики хориҷӣ робитаи ҳасана ва ҳамкориҳои наздик дошта бошад, афзоиш ёфт.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар се-чор соли охир бо оғози ҳазорсолаи сеюм ба дастовардҳои фавқулодае мушарраф гардид. Дар ин муддат ҷаҳиши бузурге дар самти муносибат бо давлатҳои Ғарб ва Ҷанубу Шарқи Осиё кард. Сафарҳои Президенти мамлакат ба Фаронса, Олмон, Утриш, Шоҳигарии Белгия, Ҷумҳурии Лаҳистон, Ҷопон, Индонезия, Малайзия, Чин гувоҳи бар ин аст. Дар навбати худ таваҷҷӯҳи кишварҳои Ғарб ва Ҷанубу Шарқи Осиё ба Тоҷикистон ба таври назаррас афзуд. Ба ин ба маротиб афзудани сафарҳои ҳайатҳои ин кишварҳо ба Тоҷикистон ва ба имзо расидани миқдори зиёди шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба шаҳодат медиҳад.

Ташаббуси бисёр муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи 58-уми Маҷмаи умумии СММ эълон гардид, танзими ҳамкории фарогир дар мубориза бо хатари маводи мухаддир мебошад, ки ба рӯйхати номгӯи «Ташаббусҳои

бағоят муҳимми соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» дохил шуд. Ба ҳайати яке аз мақомоти Комиссияи СММ оид ба маводи мухаддир пешниҳод гардидани намояндаи Тоҷикистон баёнгари эътирофи саҳми ҷумҳурӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар миқёси ҷаҳон мебошад.

Ба шарофати кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи «об» ба рӯзномаи байналмилалии масъалаҳои ҳалталаб ба таври доимӣ дохил гардид. Маҷмаи умумии СММ пас аз натиҷагирӣ аз Соли байналмилалии оби тоза, ки он ҳам бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буд, бар асоси иттифоқи назар бо тарафдории 141 кишвар, яъне аз се ду ҳиссаи аъзои СММ, Қатънома дар бораи «Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти «Об барои ҳаёт (2005-2015)»-ро бидуни баррасӣ қабул намуд.

Сабаби чунин дастоварди нодир ва фавқулодаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дарки саривақтӣ ва дурусти тақозои давру замон, мушкилиҳои он, аз ҷумла масъалаи таъмини мардум бо оби тоза ва ҳам дар мавридаш ба миён гузоштани он мебошад.

Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ва муассисаҳои хориҷии он аз имкониятҳои СММ барои дастгирӣ ва татбиқи босамари ташаббуси Сардори давлат оид ба таҳияи Стратегияи фарогири миллии тараққиёт барои солҳои 2006 – 2015, ки бар ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва Стратегияи коҳиш додани камбизоатӣ дар кишвар дар солҳои 2006 – 2008 асос ёфтааст, ҳадафмандона фаъолият кард.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалию минтақавӣ, ба монанди СММ ва муассисаҳои махсуси он, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, НАТО, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ, ЕврАзЭС, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва ғ. ба фароҳам овардани шароити мусоид барои тақвияти минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти арзӣ, таҳкими мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иштироки он дар равандҳои умумиҷаҳонӣ равона шудааст.

Дар тӯли 15 соли истиқлолияти давлатӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои пайдоиш, ташаккул ва

таҳаввулро аз сар гузаронида, марҳила ба марҳила фаъол, мутавозин, воқеъбинона, ҳадафмандона, босамар, фарогир ва бисёрсамтӣ шудааст. Ин сифатҳо аз фаро расидани марҳилаи сифатан нав дар сиёсати хориҷии мо, аз марҳилаи такомули он дарак медиҳанд ва эътимодро ба он зиёд мекунанд, ки дипломатияи тоҷик имрӯз ба иҷрои вазифаҳои муҳимтар ва бузурттар омода аст.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 4

БОБИ АВВАЛ

Дипломатияи тоҷик дар замони шӯравӣ

Фасли якум. Мақоми дипломатия дар низоми давлатдории Ҷумҳурии советии сотсиалистии Тоҷикистон. Вазифа ва салоҳиятҳои он. 15

Фасли дуюм. Таърихи бунёди вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтор, вазифа ва салоҳиятҳои он. 28

БОБИ СОНӢ

Ташаккули дипломатияи миллии тоҷик

Фасли якум. Ташаккули сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. 41

Фасли дуюм. Дипломатияи тоҷик дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ. 48

Фасли сеюм. Э.Ш.Раҳмонов - поягузори дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол. 63

Фасли чаҳорум. Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои он дар даврони истиқлолияти давлатӣ. 88

БОБИ СЕЮМ

Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира 106

Фасли якум. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ. 110

Фасли дуюм. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия. 143

Фасли сеюм. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ғарбӣ. 156

Фасли чаҳорум. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Ҷанубу Шарқи Осиё. 173

Фасли панҷум. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳони ислом. 182

Фасли шашум. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ. 190

ХУЛОСА 216

Т.Назаров, А.Сатторзода
Дипломатияи муосири тоҷик

Муҳаррири ороиш - А.Исоев
Муҳаррири техникӣ - М.Шарипов
БИ №3455

Ба матбаа 07.09.2006 супурида шуд.
Ба чоп 06.09.2006 имзо шуд.
Андозаи 60х80 1/16 Коғази офсет.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Чузъи чопии шартӣ -18.0.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ - 12.0. Адаби нашр 1000.
Супориш № 54 Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии "ИРФОН"-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17

ISBN 5-667-01492-9

Бесплатно



Талбак Назаров,

вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафири Фавқулода ва Мухтор, академик, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Сино, муаллифи беш аз 150 китобу рисолаҳои илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ, чинӣ, олмонӣ ва г. мебошад.

Муҳимтарин таълифоти ӯ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ инҳоянд: «Сиёсати мо сиёсати ошкорост» (1996), «Сиёсати мо созанда аст» (1996), «Тоҷикистон ва мақоми он дар ҷомеаи байналмилалӣ» (1997), «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ» (2001), «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амният» (2003), «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамоиш ва ҳамкориҳои минтақавӣ» (2004).



Абдунабӣ Сатторзода,

профессор, доктори илмҳои филологӣ, мудири шӯъбаи сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи С. Айнӣ.
Ӯ аз 17 марти соли 1999 то 30 январи соли 2006 муовини вазири корҳои хориҷии ҶТ буд ва рутбаи дипломатии Кордори Фавқулода ва Мухтори дараҷаи аввалро дорад.
Вай муаллифи мақолаву рисолаҳои илмию адабии зиёде буда, муҳимтарин асарҳои ӯ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ инҳоянд: «Омилҳои дохилӣ ва хориҷии сулҳи тоҷикон» (2000), «Гуфтугӯи тамаддунҳо омили муассири рушди робитаҳои байналмилалӣ» (2000), «Ғарб ва Шарқ: муамои ҳамзистии фарҳангҳо» (2001), «Муносибатҳои Русия ва Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира ва дурнамои инкишофи онҳо» (2002, бо ҳамроҳии З.О. Саидов), «Вазъият дар Афғонистон ва масъалаи оромӣ дар Осиёи Марказӣ» (2002), «Кишвари хурдро сиёсати бузург мебояд» (2003), «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ» (2004), «Омилҳои минтақавии масъалаи амният дар Осиёи Марказӣ» (2005) ва г.

"ИРФОН"